*Нарзулло Тиллозода*

# ХОКИ ВАТАН

***Қисса иборат аз ду қисм***

**ҶОНБОЗӢ ВА ҶИНОЯТ**

**ҚОТИЛИ ЗАРХАРИД**

Душанбе
«Адиб»
2008

ББК 84 Тоҷик 7-4
Т-29

Муҳаррир *Гурез Сафар*

Т-29 **Нарзулло Тиллозода. Хоки Ватан** (қисса).
– Душанбе, «Адиб», 2008, 272 саҳ.

Н. Тиллозода худ ҳуқуқшинос аст. Ин қисса аз ду қисм иборат буда, аз корубори мушкилу тоқатфарсои кормандони ҳифзи ҳуқуқ дар пайвастагӣ бо рӯзгори пуршебу фароз ва заҳмати софдилонаи мардум дар солҳои 1934-77 ҳикоят мекунад.

ISBN 978-99947-57-79-4

© Нарзулло Тиллозода, 2008

*Қисми якум*

# ҶОНБОЗӢ ВА ҶИНОЯТ

Роҳи асфалтпӯш тамом шуду автомобили «Газик» ба роҳи пурчангу хок баромада тақар-туқуркунон чангу хокро ба ҳаво бардошт.

Чангу хоки аз қафои мошин ба ҳаво хеста чун гирдбод печутоб хӯрда гоҳо аз мошин қафо мемонд ва гоҳо гӯё ба он ҳуҷум мекарда бошад, расидан мегирифт ва онро бо абри чанг мепӯшонд. Сару рӯи мусофири дар машина нишаста аз гарди роҳ пур шуда, вай шахси аз осиё баромадаро мемонд. Чанг ба даҳону бинӣ даромада нафаскаширо душвор мекард. Мусофир сулфакунон бо рӯймолчааш даҳону биниашро дошта, роҳи чангро гирифтанӣ мешуд ва ба зӯр нафас мекашид. Вале чанг ба ҳаво хеста, ба ӯ маҷоли чашм кушодан намедод. Ҳар замон ба чашмони ба сӯзиш даромадааш даст бурда, онҳоро мемолид. Ба болои ин чарххҳои мошин ба чуқурию пастиҳои роҳ бархӯрда онро ба ин тарафу он тараф таккон медод. Болои мошин пур аз асбобҳои хониш аз ҷумла, пур аз парта буд.

Мусофир дар партаи охир менишаст. Ҳангоми таккон хӯрдани мошин сари мусофир борҳо ба партаҳо зада, ҷойҳои зарбхӯрдааш ба дард медаромад. Барои он, ки сараш ба партаҳои пешу қафо барнахӯрад, ӯ сарашро ба пеш хам намуда, ба тахтаи паси парта маҳкам часпида буд. Чангу ғубор чунон гирду атрофро печонида буд, ки атрофро дида намешуд.

Ба болои ин ҳама офтоб баланд шуда, ҳаво метасфид. Сару рӯи мусофир арақшор буд. Ҷуйчаҳои лойолуди арақ аз сару рӯй ба пасу пеши гиребони куртааш мешорид. Чашмонаш аз араќи шӯру лойолуд ба сӯзиш даромада буд.

Ӯ хомӯш буд. Афту андомаш як намуди ғайриодӣ гирифта буд. Мошин ҳамоно тақар-туқуркунон пеш мерафт.

Мошин ба деҳаи Лоҳур расид. Дар канори роҳ истод. Ронанда, ки марди қоматбаланди газгӯште буд, бо як чолокӣ аз кабина фаромада, ҳолати бори болои мошинро диданӣ шуд, ки чашмаш ба мусофири сару рӯяш пур аз чангу хок афтод.

– Ваҳ-ваҳ, афту андомро бинеду – гӯён досташро дароз карда ба фаромадани ӯ ёрӣ доданӣ шуд. – Агар ягон кас шуморо дар хоб бинад, аз тарс заҳракаф мешавад.

Дар ин вақт дари дигари кабина кушода шуда зани зебои ҷингиламӯй, ки куртаи сурхчаи гулдор пӯшида буд, духтарчаи 3-4 солаашро гирифта поён фаромад. Ӯ ба сӯи мусофиру ронанда нигариста:

– Ин чӣ бало буд, – гӯён ба замин нишаст.

Духтарча бошад андоми мусофирро дида, аз тарс ба гиря даромад.

– Ана нагуфтам?! Деви таппа тайёр, кӯдакро тарсондӣ, – гӯён ронанда ба тоза кардани либосҳои мусофир, ки дар зери чангу хок танҳо чашмонаш милт – милт мекарданд, шурӯъ намуд. Мусофир зуд камзулашро кашида чангу хокашро такондан гирифт. Ронанда ноилоҷ ба тарафи кабина рафта, як камераи пуробро бардошта омад.

– Биё, тезтар сару рӯятро бишӯй, ки боз касеро гурдакаф накунӣ, – гӯён ба дасти мусофир об рехт. Баъди шустушӯи дурудароз мусофир сабукиро ҳис намуда, ба сӯи зану духтарча нигариста буд, ки зан оҳи сабуке кашиду духтарча «дадаҷон» – гӯён аз дасти модараш халос шуда ба сӯи мусофир давид.

Мусофир, ки аз чангу гард озод шуда буд, духтарчаашро ба рӯи даст гирифта, чанд бор ӯро боло партофт :

– Эляҷон, чӣ ту тарсидӣ? – гуфта, ӯро бӯсид.

Духтарча дастчаҳои фарбеҳакашро ба гардани падараш ҳалқа карда, рӯяшро ба рӯи ӯ часпонда:

– Вай амаки бадвоҳима куҷо шуд? – гӯён пурсон шуд. Мусофир аз суоли духтарчааш хандида:

– Ман ӯро пеш кардам , ки туро дигар натарсонад, – гӯён духтарчаашро бӯсаборон кард. Дар ин вақт ҷавонзан низ ба онҳо наздик омада.

– Ин чӣ афту андом буд, Егорҷон? Ба худо, ки ман туро нашинохтам, тарсидам – гӯён меҳрубонона мӯйҳои малларанги ҷингилаи шавҳарашро сила карда табассум намуд.

– Ҷои шумо нағз буд. Ба кабина ин аҷинабодак намедарояд, вале ман то ин дам онро нафас кашидам, – гуфта ба чангу гарди роҳ ишора кард.

Ронанда ба гапи онҳо ҳамроҳ шуд:

– Ҳе, ин ҳеҷ гап не. Ман дар ин чанд моҳи ронандагиам аз ин бадтарашро дидаам. Роҳҳое ҳаст, ки дар он мошин

базӯр ҳаракат мекунад. Дар мавсими боронгарӣ дар он ҷойҳо агар шутур ҳам афтад, хеста наметавонад. Хайр, ҳеҷ гап не, ин тарафи роҳ нисбатан хуб аст. Роҳсозон то ин деҳа ба роҳ сангу қум рехтаанд, – гуфт ронанда ва сипас ба Егор рӯ овард.

– Биёед, Шумо ҳам ба кабина шинед. Дил кушод бошад, меғунҷем. Дар ин самти роҳ нозирони роҳ камтаранд, як бало карда ҷой мегирем, – гӯён онҳоро ба кабина таклиф кард.

Давоми роҳ дар ҳақиқат беҳтар буд. Сангу қуми дар роҳ рехта пасту баландиҳо дошта бошад ҳам, нисбатан бечангу ҳамвортар буд. Кабина танг ҳам бошад, Егор худро дар курсии мулоими он хуб ҳис мекард ва дар вақти алвонҷхӯрии мошин ҷойҳои зарбхӯрдаашро оҳиста – оҳиста молида табассум мекард.

Баъди каме ҳазлу шӯхӣ ҳама якбора хомӯш шуда, чашм аз роҳи дуру дароз намекананд. Еляро баъди каме инҷиқӣ дар зонуи модараш хоб бурд. Егору завҷааш бошад ба талу теппа ва даштҳои бедолу дарахти атроф нигоҳ карда, ҳар кадом дар бораи ояндаашон дар ин мулки барояшон бегона ба тарзи худ фикр мекарданд.

Ронанда бошад. паст-паст ким-кадом оҳангеро замзама мекард.

Баъди хомӯшии дарози риққатовар ронанда ба гап даромад:

– Бародарон, ин коратон намешавад. Бо ин дамдузию хомӯшӣ корамон пеш намеравад. Медонед, тоҷикон бисёр меҳмоннавозанд. Ин анъанаи хуби онҳо аз қадимулайём идома дорад. Ман ба шумо аз таърих ваъз хонданӣ нестам. Ба фикрам, шумо ба ин ҷо ба кор омадаед, – гӯён ронанда ба ҳамсафаронаш саволомез нигарист. Вақте ки ҳамсафаронаш ба сарҷунбонӣ гуфтаи ӯро тасдиқ карданд, ӯ гапашро давом дод:

– Ин тавр бошад, худи шумо ба таъриху расму оини ин мардум шинос мешаведу ба маданияту илму санъаташон аз наздик ошно мегардед. Барои исботи фикр ман нисбати вазъияти ҳозираамон як қиссаи ба ин мардум марбутро ба шумо нақл мекунам.

«Марди пире бо як ҷавонмарди ҷаҳонгаштае ҳамсафар шуд. Роҳ дуру дароз буд. Ҳарду хомӯш мерафтанд. Ҷавонмард аз ин дилгир шуда ба пирамард рӯй овард.

– Падар, биёед ё шумо маро бардоред ё ман шуморо . Пирамард ба гапи ӯ сарфаҳм нарафта бад-бад ба ӯ нигаристу «Ин мард девона аст, мани пир чӣ хел ӯро бардорам, низ ба гумон аст, ки ӯ маро бардошта гардад», аз дил гузаронд ӯ ва дар ҷавоб чизе нагуфт. Онҳо боз хомӯш монданд. Аз пешашон гандумзор баромад, ҷавонмард ба пирамард рӯй оварда, ин гандумзор соҳиб дошта бошад ё на? – гӯён пурсид.

Пирамард бо ҳайрат ба ӯ нигариста чизе нагуфт, «Аниқ. ин мард девона аст. Магар гандуми кошта шуда бесоҳиб мемонад?» – гӯён боз аз дилаш гузашт.

Онҳо боз роҳро давом доданд. Баъди чанде аз назди онҳо тобут гузарониданд. Ҷавонмард маҳзунона ба тобут нигаристу ба пирамард рӯй овард:

– Ин майит зинда бошад ё мурда? – гӯён пурсид.

Ин мард алҳақ девона аст, – гӯён пирамард, ки ба хонааш расида буд, қадаммонияшро тезонд. Ҳатто бо ҳамсафараш хайру хуш накарда, бо ғазаб ба ҳавлиаш даромаду дарро пӯшид.

Пирамард духтари ниҳоят доною зебое дошт. Ӯ ба пешвози падар баромада борашро аз китфаш гирифт. Падарро ошуфтаю парешонҳол дида пурсид:

– Падарҷон, чаро ин қадар парешону ошуфтаед?

Мӯйсафед боалам гуфт:

– Бо девонае ҳамсафар шудам, ки чанд саволи ноҷо дода, асабҳоямро беҷо кард.

– Падарҷон, агар малолатон наояд, бигӯед, ки чӣ суолҳо дод?

Падар суолҳои он марди ҳамсафарашро такрор кард.

Духтар каме ба хаёл рафту баъд ба падар рӯй овард:

– Падарҷон, ҳамсафаратон девона не, балки марде оқилу доно будааст. Вақте ки ӯ биё, ман шуморо ё ки шумо маро бардоред гуфт, маънояш он буд, ки шумо нақле кунед, ки роҳамон кӯтоҳ шавад. Гандумзори серҳосилро дида «ин соҳиб дорад ва ё на» пурсиданаш чунин мазмун дошт, ки ин гандум ба соҳибаш насиб мекарда бошад ё не? Ва сеюм суолаш маънои онро дорад, ки шахси мурда ягон ворисе дошта бошад. ки баъди маргаш дар ҳақаш дуою фотиҳа карда чароғи хонадонашро фурӯзон дорад?

Пирамард ин суханонро шунида, дар ҳайрат монд ва би-

сёр афсӯс хурд, ки чунин марди донишмандро бо беақлии худ ранҷондааст. Ӯ зуд ба кӯча тохта баъди масофае ба мусофир расид ва ӯро нигоҳ дошта, аввал аз ӯ узр пурсиду, баъд ба хонааш таклиф кард.

Мусофир аз дигаргун гаштани авзои пирамард ҳайрон шуда аз ӯ сабаб пурсид, пирамард дурӯғ гуфт:

– Ба хона омадаму баъди фикри зиёде ба суолҳои шумо сарфаҳм рафтам ва инак, пеши шумо омадам.

Мусофир дурӯғро пай бурда гуфт: – Агар асли воқеаро нақл кунед, меҳмонатон мешавам. Пирамард ба ӯ нақл кард.

Мусофир ба хотири бо духтарак ҳамсӯҳбат шудан розӣ шуд. Марди мусофир ҳангоми сӯҳбат бо духтарак ба ақлу идроки ӯ қоил гашта, дар ҳайрат монд ва аз пирамард дасти ӯро пурсид. Ҳамин тавр бо розигии падар ду ҷавон хушбахт шуданд…»

Тамараю Егор бо диққати том ба ронанда нигариста ҳайрон буданд, ки дар асл ӯ кист. Ронанда нақлашро ба охир расонида хандакунон:

– Ана ҳамин тавр, ҳамсафарони азизу меҳрубон . Мақсад аз нақли ин қисса ҳамин, ки шумо низ хомӯш наистед. Охир, ҳоло 3-4-соата роҳ дар пеш аст. Агар ҳамин тавр хомӯш истем, дар ин гармии ҳавою вазнинии роҳ хобам мебараду ба ягон дара парида меравем, – гуфта суръати мошинро тезонд. Ниҳоят Егор ба гап даромад:

– Мо ба ту чӣ ҳам мегуфтем?! Ман агрономаму Тамара бошад ҳуқуқшинос. Баъди хатми донишгоҳ аз вилояти Қрим барои кор ба Тоҷикистон фиристоданд. Ман бояд мудири хоҷагии МТС шаваму Тамара муфатиши НКВД-и вилоят.

Ронанда Егорро шунида:

– Ана ин гапи дигар, шинос ҳам шудем, ман бошам Валентин Павлович Бурлитский! Имсол факултети бостоншиносии университети Ленинградро хатм мекунам. Ҳоло бошад, ҳам таътилу ҳам кори пеш аз дипломиамро истифода бурда, ба Тоҷикистон омадам. Мавзӯи кори дипломиам «Ёдгориҳои таърихии Тоҷикистон» аст. Аз ин рӯ, ба сифати ронанда ба кор дохил шудам, ба тамоми ноҳияҳои ҷумҳурӣ лавозимоти мактабӣ мекашонам ва ба қадри ҳол вақт ёфта ба мардуми ин ҷо ва ба воситаи онҳо ба ёдгориҳои таърихие, ки ҳанӯз аз чашми таърихчиёну бостоншиносон дур

афтодаанд, аз наздик шинос мешавам, ба қадри имкон онҳоро меомӯзам ва дар кори дипломиям истифода мебарам.

Тамараю Егор ба якдигар нигариста, бо чашм гӯё «Ана, гап дар куҷо, ана чӣ тавр ту ронанда. Мо беҳуда ба ту шак набурдаем», – мегуфтанд маънидорона.

Ҳамсафарон ба гап дода шуда, ҳатто надонистанд, ки чи тавр дашти Эсанбойро ба қафо монда, бо роҳи морпечи талу теппаҳои Фахробод гузашта, ба Даҳанакиик расиданд. Вақте ки аз купрӯки Сои Даҳанакиик мегузаштанд, аз он тарафи сой диданд, ки поезди хурдакак чи тавр мисли корвони мӯрчагон ба танаи кӯҳ гӯё часпида, вагонҳои дуру дарозро базӯр кашида ба сӯи Қӯрғонтеппа ҳаракат мекунад.

Валентин ба онҳо дар бораи сохтмони роҳи оҳани камбари Сталинободу Қӯрғонтеппа ва аҳамияти он нақл кард.

– Мо дохили маркази ноҳияи Даҳанакиик гаштем, – гӯён эълон кард ӯ. Ин деҳа 200-250 ҳавлӣ дошта, хонаҳои он мисли дигар деҳаҳо аз гил сохта шуда, болоҳояшон бо лой андова шуда буданд. Баъзе хонаҳо бошад, аз қамиш чӯбтора доштанд, ки одамон дар он ҷо коҳу алаф нигоҳ медоштанд. Дар гӯшаи роҳ ду-се хонаи типи аврупоӣ низ ба назар мерасид, ки дар он ҷо ҳукумати ноҳияю дигар идораҳои давлатӣ ҷойгир шуда буданд. Онҳо бо тирезаҳои калон ва болояшон, ки бо сафоли сурх пӯшида шуда буданд, аз дигар хонаҳо фарқ мекарданд.

Нақлиёти асосии дар маркази ноҳия ба назар мерасидагӣ аспу ароба ва маркабҳои корӣ буд. Дар кӯчаҳои он бемалол хару хингилаи мардум чаро дошт. Ба Тамараю Егор, ки дар шаҳрҳои калон ба воя расида буданд, маркази ноҳия будани ин деҳача тааҷҷубовар буд.

Тааҷҷуби онҳоро дида, Валентин:

– Ҳа, боварӣ надоред, ки ин маркази ноҳия аст? Ман дар бисёр ноҳияҳо гаштаам, ин деҳа ҳоло бузург аст. Дар дигар ҷойҳо аз ин ҳам деҳаҳои хурд марказанд. Вале ҳамаи онҳо дар оянда мувофиқи нақша ба шаҳрҳо табдил меёбанд. Барои ин албатта, вақт ва маблағи зиёд лозим аст, – гӯён онҳоро аз андешаҳои ноҷояшон бароварда, боз гапашро идома дод. – Медонед, аз рӯи иқлим ин ноҳия, ки дар дараи Ғозималик ҷойгир аст, қисми шимолияш ба водии Ҳисору қисми ҷанубиаш ба водии Вахш дохил мешавад. Қисми шимолияш дар мавзеи Уялӣ тамом шуда, қисми ҷанубияш

қариб 75 км тӯл кашида, дар сарҳади Ҷиликӯлу Қубодиён ба охир мерасад. Ин ноҳия 35 ҳазор аҳолӣ дорад, аз 50 деҳаи хурду калон иборат аст.

Чунин ахбори муфассал мусофиронро ба ҳайрат овард. Онҳо ба даҳони Валентин менигаристанду вай бошад, ба онҳо аҳамият надода, ба пеш менигарист ва нақлашро давом медод.

– Медонед, барои чӣ ин мавзеъро Ғозималик меноманд? Ривояте ҳаст, ки гӯё дар замонҳои қадим Ғозӣ ном ҷавонмарди камбағале ба духтари ҳокими ин сарзамин ошиқ мешавад. Ҳоким аз қиссаи ошиқии онҳо огаҳ шуда хостааст, ки Ғозиро ба қатл расонад. Малика Ғозиро аз ин қасди падар огоҳ мегардонад ва онҳо аҳд баста ба ин дара, ки аз зодгоҳашон фарсаххо дур буд, фирор мекунанд. Дар он замон ин мавзеъ як биёбони хушку холиро мемондааст. Онҳо дар ин ҷо маскан гирифта, барои ободии ин маҳал камар мебанданд. Боғу роғ бунёд мекунанд, фарзандҳо ба воя мерасонанд. Оҳиста-оҳиста мардум ба ин ҷо кӯчида омаданд ва ҳамроҳи онҳо ин чулистонро ободу хуррам намуда, Ғозиро ҳокими худ эълон мекунанд. Маҳалро бошад ба номи Ғозию Малика «Ғозималик» меноманд. Баъди ин Ғозӣ ба падарарӯсаш тӯҳфаҳои зиёд фиристода ӯро ба меҳмонӣ таклиф мекунад.

Ҳокими пир тӯҳфаҳои зиёдро дида хурсанд мешавад ва таклифи Ғозиро қабул мекунад.

Хонаи домод омада, аз гуноҳи домоду духтараш мегузарад ва онҳо бо хурсандӣ умр ба сар бурда, ин мулкро обод мекунанд.

Валентин нақлашро ба охир расонд. Тамара ӯро таъриф карда, – о, шумо тоза афсонагӯи моҳир будаед – ку! Бостоншиносӣ ба ривояту афсонаҳо чӣ дахле дорад? Шумо фолклоршинос шаведу монед, – гуфт.

Валентин каме аз таърифи Тамара сурх шуда, баъд андешамандона гуфт:

– Дар кофтуковҳои бостоншиносӣ дар Тоҷикистон, ба андешаи ман, ба афсонаю ривоятҳо диққати ҷиддӣ додан зарур аст. Он гоҳ шояд асрори зиёди таърихи ҳанӯз дар миёни мардум вуҷуд доштаро пурра аз худ кунем.

Валентин ба андеша рафта, хомӯш монд. Мошин суръаташро дигар накарда якмаром пеш мерафт. Аз теппаи Уялӣ нишеб шудан баробар, аз тирезаҳои кушодаи он чун қураи

оташдон ҳавои гарм дохил шуда, аҳволи мусофиронро бад кард. Онҳо базӯр нафас гирифта, тамоми баданашонро арақ пахш кард. Ташнагӣ онҳоро ва, махсусан, Эляи хурдакакро азоб медод. Валентини пухтакор мошинро нигоҳ дошта, зуд аз сумкааш ду термосро бароварда ба онҳо дароз кард. Дар якеаш чойи гарм буду дар дигараш оби хунук. Егор ба Эля об дод. Худашу Тамара низ обро нӯши ҷон карда, аз хунуку пок будани он ҳаловат бурданд.

– Ҳа, оби дарёи Душанбе ҳаловатбахш аст. Барои ҳамин ба куҷое, ки равам, аз он дарё албатта термосҳоямро пур мекунам, – гӯён табассум кард Валентин. То оби мошинро иваз кардани Валентин Егору Тамара баъзе либосҳои зиёдатиашонро кашида, Эляи хурдакакро таги як эзорча нишонданд.

Валентин мошинро ба ҳаракат даровардa гуфт:

– Аз ин теппа ноҳияи Арал оғоз ёфта, то дарёи Вахш доман паҳн кардааст. Арал паҳнои дарё ё ҷои пастиро мегӯянд. Ана, ба атроф нигаред, ҳамвориҳо то ба теппаҳо рафта мерасонад. Дар замонҳои қадим гӯё дарёи Вахш аз ин ҷойҳо ҷорӣ будааст. Ана, нигаред, ҳама ҷо қамишзор, одамон заҳбӯрҳо канда оби онҳоро хушк намуда, барои кишт замин кушодаанд. Ҳозир ин кор дар тамоми водии Вахш муташаккилона идома дорад. Дар ин водӣ қитъаҳои замини киштбоб ҳоло ҳам хеле кам аст. Ҳама ҷо пури обу қамиш.

Ҷангалҳои касногузарро дида, Егору Тамара ба гуфтаҳои Валентин бештар боварӣ ҳосил мекарданд. Дар ду тарафи роҳ қамишзорҳои беохир доман паҳн намуда, дар қитъаҳои начандон калони боғот трактору одамон машғули кор буданд. Дар қитъаҳои аз қамиш тоза шуда ҳар хел зироатҳо кошта буданд. Дар ин қитъаҳо ягон-ягон хонаҳои аз қамиш сохташуда ба назар мерасид.

Валентин мошинро эҳтиёткорона аз болои кӯпруки чӯбин, ки бо симғӯлаҳо ба ду тарафи соҳили дарёи Вахш мустаҳкам карда шуда буд, гузаронида оҳи сабуке кашид. Аз кӯпрук поёнтар сохтмони кӯпруки нави оҳану бетонӣ босуръат давом дошт.

– Эҳ, тезтар ин кӯпрук ба кор медаромад, чӣ хуб мешуд. Кори мардум осон мегашт. Гӯё ки аз пули Сирот мегузашта бошӣ, – гуфт Валентин бад-бад ба кӯпрук нигоҳ карда.

Каме дуртар аз кӯпруки нав хоначаи чӯбине меистод, ки

ба он беди калоне соя меафканд. Дар сояи бед чанд мизу курсӣ гузошта шуда буд. Дар он ҷо ба ғайр аз ду-се марди хилъати сафедпӯш касе наменамуд. Валентин мошинро ба он тараф ронда:

– Ба фикрам, агар шикамҳоямонро каме сер кунем, зарар намекардагист, – гӯён ба Егору Тамара рӯй овард.

– Мо розӣ, – ҳарду якбора ҷавоб доданд.

Хоначаи таги бед ошхонаи сайёри кӯпруксозон буд. Дар вақти набудани коргарон он ба меҳмонону мусофирон низ хизмат мекард.

Пешхизматҳо Валентину ҳамроҳонашро бо чеҳраи кушод пешвоз гирифтанд. Сарошпаз марди шоффбурути фарбеҳ ба пешвози онҳо баромада, бо Валентин оғӯш кушода вохӯрдӣ кард.

– Ҳа қиссачин, куҷо гум шуда рафтӣ? Дер боз наменамоӣ?! – гӯён пас бо Егору Тамара саломуалек кард. Сонӣ онҳоро ба мизи дар зери сояи ғафси бед буда таклиф кард. Ба шогирдонаш «ба меҳмонон шӯрбою кабоб биёред» – гуфту худаш як курсиро гирифта, аз миз дуртар нишаст. Аз сӯҳбати ӯ бо Валентин маълум шуд, ки онҳо шиносони деринанду якдигарро бисёр эҳтиром мекунанд.

Баъди аҳволпурсӣ Валентин Егору Тамараро ба дӯсташ шиносонд.

– Инҳо барои кор ба вилоят омадаанд. Дар ин ҷо кору зиндагӣ мекунанд.

– Бисёр хуб, бисёр хуб. Вилояти мо мӯҳтоҷи мутахассисони соҳибмаълумот аст. Ана бинед, кӯпруки нав сохта истодаанд. Эҳе-е, дарёи Вахш дарёе буд, ки ба он нухта занӣ? Лекин қудрати дасти инсон маҷрои ин дарёи азимро баста, ГЭС-и Сарбандро сохта истодааст. Кӯпруки поездгузар низ сохтанд ва имрӯз бинед, боз аз болои он чи хел кӯпруки оҳану бетонии мошингузар месозанд. Мо ин гапу корҳоро дар хоби шабамон ҳам надида будем. Канали калони ба номи Сталинро сохта, оби Вахшро ба заминҳои як умр об надида баровардем. Аз ин рӯ, мо мутахассисони ҳар миллатеро, ки ба мо ёрӣ доданиянд, ба мулки тоҷикон хайра мақдам мегӯем.

Ба суханронии ин марди оддӣ нигариста Егору Тамара ҳайрон монданд. Ӯ инро ҳис карда:

– Ҳайрон нашавед, ҷигаргӯшаҳо. Ман дар ҷанги якуми ҷаҳон будам. Револютсияи Октябрро дар Петроград пешвоз

гирифтам. Забони русиро ҳам дар он ҷо омӯхтам. Ҳатто хондану навиштан ҳам метавонам, – гӯён онҳоро боз ҳам ҳайронтар намуд.

– Ҳа-а, Салом-амаки мо шахси дунёдидаю аҷибанд. Аз илми кӯҳна низ хабардор буда, ғазалҳои Саъдию Ҳофиз, Ҷомию Ҳилолиро аз ёд медонанд ва рубоиҳои Хайёмро аз ҳад зиёд дӯст медоранд, – гӯён Валентин ӯро таъриф кард.

Барои пурқувват кардани суханони Валентин буд, ки Салом-амак як рубоии Хайёмро қироат кард:

*Ин қофилаи умр аҷаб мегузарад,*
*Дарёб даме, ки бо тараб мегузарад.*
*Соқӣ ғами фардои қиёмат чӣ хӯрӣ,*
*Пеш ор пиёларо, ки шаб мегузарад.*

Вақте ки Салом-амак мазмуни рубоиро ба забони русӣ баён кард, ҳозирон ба ӯ аҳсан хонданд.

Салом-амак аз ин рӯҳ гирифта ду мисраъ шеъри Ҳофизро хонд:

*Дар замири мо намеғунҷад ба ғайр аз дӯст кас,*
*Ҳарду оламро ба душман деҳ, ки моро дӯст бас.*

Ин байтро низ тарҷума карда буд, ки ҳозирон ҳама аз ҷо хеста қарсак заданд. Валентин бошад:

– Офарин амак, шумо баринҳо ҳастед, ки дӯстӣ пойдору зиндагӣ ширин мегардад, – гӯён ӯро ба оғӯш кашида давом дод:

– Ҳа-а, сабаби махзани бисёр воқеаҳои таърихии ин маконро донистани ман ҳам Салом-амак аст. Ин кас дар бораи таърихи маҳал, мавзеъҳои қимати таърихӣ доштаи он афсонаю қиссаҳои зиёдро медонанд. – Ба Салом-амак рӯ оварда:

– Амак, ба инҳо таърихи Қизилқалъа ном гирифтани маҳалатонро мегуфтед, – гуфт.

Салом-амак низ нею нестон накарда, меҳмононро ба хӯрокхӯрӣ таклиф карду сипас ба нақли қисса шурӯъ намуд.

– Ин қиссаро ман аз бобоям ва бобоям аз бобою бобокалонаш ва онҳо аз бобою бобокалонашон шунидаанд. Ин водӣ як вақтҳо Бохтар ном доштаасту он дорои шаҳрҳои калону обод, боғҳои сарсабзу хуррам ва марғзорҳои дилфиреб будааст.

Қизилқалъа ҳам бисёр шаҳри ободу зебо буда, ана, аз он тарафи дарёи Вахш, – Салом-амак соҳили дигари дарёро, ки дар он ҷо як деҳаи начандон калоне воқеъ буд, нишон дода, – то таги кӯҳҳои Ғозималикро дар бар мегирифтааст. Мактабу ибодатгоҳҳо, бозору корвонсаройҳои зиёд доштааст. Дар соҳили дарё қасри калони шоҳ, ки Қизилшоҳ ном дошт, бино ёфта, атрофаш бо девори баланд иҳота шуда, тирхонаҳо доштааст. Ҳамаи саркардаҳо ва ашрофон дар гирди ҳамон қаср дар хонаҳои пурдабдабаашон зиндагӣ мекардаанд. Қасри шоҳ ниҳоят калон буда, навкарони зиёде онро посбонӣ мекардаанд.

Мардуми оддӣ бошад, ба ғаллакорию чорводорӣ, кулолгарӣ (дар атрофи маҳал хоки кулол мавҷуд аст, ки мардум ҳоло ҳам онро барои сохтани асбобҳои рӯзгор истифода мебаранд, шарҳ дод Салом-амак), торбофӣ ва ғайра машғул буданд. Аз дигар шаҳру мамлакатҳо ва хусусан аз Ҳиндустон, Хитою Афғонистон бозаргонҳо омада хариду фурӯш мекардаанд.

Рӯзе ба сари ин мардум бадбахтии калоне меояд. Искандари Мақдунӣ аз мулки дур бо аскари бешуморе лашкар кашида, дар ин диёр ба қатли ом сар кардааст. Онҳо пиру барноро найзаборон намуда, занҳоро таҳқир мекарданд. Қизилшоҳ бо сарбозони на он қадар зиёдаш ба муҳофизати халқ бархоста чанд шабу рӯз бо қушуни беҳисоби Искандар ҷанг мекунад. Оқибат ба ҳуҷуми сахти онҳо тоб наоварда дар қасри шоҳ паноҳ мебарад.

Искандар қариб як моҳ ҷангида, қасри Қизилшоҳро гирифта наметавонад. Вале озуқаи аскарони Қизилшоҳ тамом шуда, як қисмашон аз гуруснагӣ талаф меёбанд. Қисми ками лашкар бошад бо Қизилшоҳи баҳодур бо мақсади ба дасти душман асир наафтидан худро ба оби Вахш мепартоянд. Қушуни Искандар қасру шаҳрро оташ зада, ба замин яксон мекунанд, мардумро ба қатл расонда, молу ҳолашонро ба яғмо мебаранд. Аз ҳамон вақт сар карда ин мавзеъро Қизилқалъа ном мебаранд, – гӯён Салом-амак оҳе кашида хомӯш шуд.

Валентину Егор, Тамара ва чанд нафари дигаре, ки лаҳзаи нақли Салом-амак омада, ин қиссаи пурдаҳшатро мешуниданд, ба хаёл фурӯ рафта буданд. Банохост гиряи Эляҷон ҳамаро ба худ овард, ки аз хоб бедор шуда модарашро меҷуст.

Тамара духтарчаи хоболудашро ба оғӯш кашиду ба қафаси синааш сахт зер кард. Ин лаҳзаро дида кас гумон мекард, ки вай кӯдакашро аз касе муҳофизат мекунад, шояд ҳоло ҳам аз зери таассуроти қиссаи шунидааш набаромада буд ва гӯё ҷигарбандашро аз аскарони Искандар эмин нигоҳ доштан мехост…

Ҳикояи Салом-амак тазйиқовар ва дуру дароз буд. Ҳозирон чи тавр гузаштани вақтро ҳам надонистанд. Рӯз бегоҳ мешуд. Валентину рафиқонаш инро дида саросема шуданд. Охир Валентин борашро насупурда буду меҳмононаш бошанд, бе ҷои хоб буданд. Мушкили онҳоро Салом-амак осон кард.

– Рӯз бегоҳ шудааст, на маориф кор мекунаду на идораи дигар, меҳмонхона нест. Барои ҳамин ҳам як шаб меҳмони мани мӯйсафед шавед, зарар надорад. Валинтинҷон, ту маро хуб медонӣ. Хонаи маро дидаӣ, дари меҳмонхонаи ман ҳама вақт барои ту ва меҳмононат кушода. Агар маро каме ҳурмат кунед,ба гапам не нагуфта, мошинро гардонед. Пагоҳӣ ҳама коратонро буд мекунед.

Меҳмонон пас аз ин гуфтугузор илоҷи дигар наёфта, ба илтиҷои ин марди меҳрубон розӣ шуданд. Пас аз ҷобаҷо кардани меҳмонон Салом-амак як гӯсфандашро сар зада, ба меҳмондорӣ сар кард. Латифаҳои ширин гуфта, онҳоро механдонд, аз Ҳофизу Саъдию Хайём пораҳои шеърӣ мехонд.

Хонаи Салом-амак дар тарафи чапи роҳи калон ва тарафи рости дарёи Вахш, дар қисми шимолии деҳаи Қизилқалъа ҷойгир буд. Хонааш се ҳуҷраи калон ва пешайвони баланди барҳаво дошт, пеши хонаро чойлоби баланди ангур пӯшонида, ҳавлии калон пур аз дарахтони мевадор буд. Аз меҳмонхонааш тамоми гирду атроф ва дарёи пуртуғён менамуд. Меҳмонҳоро ӯ дар болохонааш, ки шамоли дарё салқинаш мекард, ҷой кард. Вале аз ҳама аҷоибаш барои меҳмонҳо қиссаҳои дилошӯби ӯ буд.

Валентин Салом-амакро ҳамчун донандаи таърихи ин мавзеъ хуб медонист ва ҳар замон ба қиссагӯӣ маҷбур мекард.

– Оббое, ҳеҷ намондӣ-дия, худро ширин мекард Салом-амак. Меҳмонони азиз «хуб мӯйсафеди лаққӣ будааст», нагӯянд?

Егору Тамара, ки аз нақли аввалаи Салом-амак ба ваҷд омада буданд, бисёр мехостанд, ки бо мардуми ҳоло ба-

рояшон ношинос ва таърихи ин макон аз наздик шинос шаванд. Бинобар ин аз мӯйсафед хоҳиш карданд, ки чизеро боз дар бораи мардумашон нақл кунад.

Мӯйсафед ба андеша фӯру рафт, баъди чанде сар бардошт ва гуфт:

– Мехоҳед, дар бораи Қӯрғонтеппа нақл кунам? Ин давоми қиссаи Қизилқалъа аст.

– Бо ҷону дил, – гуфтанд хушҳолона ҳозирон.

– Шояд ин қиссаи ман афсона бошад, вале онро ман аз гузаштагонам шунидаам, гарчанде ягон асоси таърихие надорад, лекин ба он аз чи бошад, ки бовар мекунам.Охир касе ҳаққу ноҳақ будани онро рӯзе шояд ошкор намояд. – Баъди каме хомӯшӣ Салом-амак ба қиссагӯӣ сар кард.

– Ривояте ҳаст, ки гӯё шаҳри Қӯрғонтеппа дар замонҳои қадим Хонумобод ном доштааст. Ин номро ҳокими шаҳр ба номи духтари яккаву ягонааш Хонум гузошта будааст. Баъд аз сари падараш, ки вориси дигар надоштааст, Хонум ба тахт нишастааст. Шаҳр дар давраи ҳукмронии ин зан бисёр калон ва зебо мегардад. Мардуми ин шаҳр аз нарасидани об бисёр танқисӣ мекашидаанд. Хонум аз гирду атроф мардуми ҳунармандро ҷамъ оварда, ҷӯи калоне канда, аз дарёи Вахш ба шаҳр об овардааст ва ин ҷӯй то ҳоло ҳам бо номи Хонум машҳур аст. Хонумобод маркази илмиву фарҳангӣ буда, дар он ҳунармандону донишмандон, олимону шоирон гирд омада буданд.

Дар он ҷое, ки ҳоло теппаи баланд аст, қалъаи Хонум воқеъ будааст. Атрофи онро ҷӯи Хонум аз чор тараф иҳота карда, сипас ба дигар гӯшаҳои шаҳр ҷорӣ мешудааст. Ба қалъа ба воситаи кӯпруки калоне дохил мешудаанд. Кӯпрукро шабона ба воситаи чархҳои азим аз болои ҷӯй бардошта, роҳи даромади қалъаро мебастаанд. Хонум зани бисёр оқилаю доно будааст. Ба мардум шафқати бисёр мекардааст. Ӯро ҳамаи мардум дӯст медоштаанд. Фармонашро аз ҷону дил иҷро мекардаанд.

Лекин пас аз Қизилқалъа Искандар ба сӯи Хонумобод лашкар мекашад. Хонуми доно, ки аз ҷанги Қизилқалъа ва қаҳрамонии Қизилшоҳ бохабар буд, аз шикастхӯрию несту нобуд шудани мардуми он бисёр афсӯс мехӯрд. Ӯ ба тамоми мардуми аз дасти Искандар амон ёфта, ки ба шаҳри ӯ гуреза шуда омада буданд, сарпаноҳ дод ва баробари ин, ба мудофиаи шаҳраш камар мебандад. Мардум бо хитоби ӯ

ҳама барои истеҳкомсозӣ баромада, дар як вақти кӯтоҳ гирди шаҳрро ҳисор мегиранд. Сарбозони зиёде аз байни мардум ба дифои шаҳри азизу наздиконашон баромада ба лашкари Хонум ҳамроҳ мешаванд. Искандар ба шаҳр наздик шуда ба ҳокими шаҳр – Хонум номаи таҳқиромезе навишта, ӯро ба таслимшавӣ ҳидоят мекунад. Вале Хонум розӣ намешавад ва худаш либоси ҷангӣ пӯшида, ҳамроҳи лашкараш ба ҷанг медарояд. Аз ҳарду тараф сарбози бисёре қурбон мешаванд. Ҷӯйборҳо аз хуни қурбоншудагон пур мегарданд, вале мардуми диловари Хонумобод ба талафоти зиёд нигоҳ накарда, қариб як моҳ ҳуҷуми душманонро зада мегардонанд. Оқибат Искандар муваффақ мешавад, ки сафи сарбозони Хонумро шикаста ба шаҳр зада дарояд.

Дар ин ҷанг бисёр сарбозони Хонум ҳалок мешаванд. Худи ӯ бо як қисми ками сарбозон дар қалъааш паноҳ мебарад.

Чандин ҳуҷуми душман барабас меравад. Онҳо ба қалъа дохил шуда наметавонанд. Дар яке аз задухӯрдҳо тири дайдуе ба синаи Хонум мезанад ва ҳалок мегардад. Сарбозонаш ҷангро ба муқобили душман давом медиҳанд. Вақте ки Искандар бо навкаронаш вориди қалъа мегарданд, як шахси зиндаро наёфта аз қаҳрамонии мардуми ин шаҳр дар ҳайрат мемонанд ва қалъаро тамоман валангор карда, шаҳрро оташ мезананд.

Баъди рафтани Искандар мардуми зинда монда ҷасади сарбозон ва Хонумро дар бинои қалъа дафн мекунанд. Хок кашонда тамоми қалъаи ба харобазор мубаддал гаштаро бо қаҳромононаш гӯр мекунанд ва қалъа ба теппаи баланде табдил мегардад. Ин қалъаро то ҳоло мардум ҳамчун мазор зиёрат мекунанд.

Салом-амак пас аз анҷоми қисса оҳи сӯзоне кашида:

– Ана фарзандонам, ин буд қиссаи ғамангези Хонумобод, ки ҳоло ба шарафи ҳамон қалъаи ба мазор табдил ёфта Қӯрғонтеппа ном гирифтааст.

Оби дарёи Вахш туғён дошт, вай сангҳои калонро ғелонида бо якдигар мезад ва садои ваҳмангези ба ҳам бархӯрдани сангҳо гӯё ҷанги шадиди дар ин ҷойҳо рӯйдодаро тасдиқ мекард.

Пагоҳии барвақт меҳмононро хониши булбулони гулбуттаи назди меҳмонхона бедор кард. Аз берун садои ғурриши пасти дарё меомад. Шамоли серун вазида

пардаҳои тирезаи кушодаро албонҷ медод. Дар ҳавлӣ зани Салом-амак говҳоро медӯшиду худаш ба ниҳолҳо об медод. Ӯ берун баромадани меҳмононро дида, белашро ба як сӯ гузошту наздашон омада:

– Субҳ ба хайр, фарзандонам! Ҳоло ҷудо барвақт, каме хоб мекардед, мешуд – ку?! Лекин саҳархезӣ савоб аст. Хуб кардед, – гӯён кӯзачаи пуробро бардошта ба дасти Валентин доду худаш бошад сачоқи гулдореро рафта овард, ки дар мехи сутуни айвон овезон буд.

Егору Валентин бо оби хунуки ҷонбахш дасту рӯяшонро шустанд. Ба Тамара бошад, зани Салом – амак оби ширгарм овард.

– Занҳои урус бисёр нозуканд. Бо оби хунук дасту рӯй шуста зуком нашавед, – гуфт Салом – амак бо меҳрубонӣ.

– Не, ман аз он хелҳояш нестам, ман обутоб ёфтагӣ, – гуфт Тамара худро сафед карда.

Баъди ношто меҳмонон рахти сафар бастанӣ шуданд. Салом – амак пеш аз он ки ба онҳо иҷозати рафтан диҳад, Валентину Егорро ба як гӯшаи ҳавлиаш бурд, ки дар он ҷо хоначаи хурдакаке буда, дараш қулфи калоне дошт. Салом – амак аз киссааш калидро бароварда, қулфро кушод ва меҳмононро ба хонача таклиф кард. Ба даруни хонача даромада меҳмонон пораҳои сафолу оҳани бисёреро дида ҳайрон шуданд. Валентин аз рӯи одат зуд як пораи калони сафолро гирифта аз назар гузаронид.

– Ба фикрам, ин як лаби табақи сафолист, а?! – суоломезона ба Салом-амак чашм дӯхт меҳмон.

– Бале писарам, ин лаби табақ, инаш пораи коса, чахдег. Ана ин палокаи пораи хум. Инаш бошад, дастаи ханҷар аст, – гӯён оҳанпораи зангзадаеро аз замин бардошта ба Валентин дароз кард Салом-амак.

Чашмони Валентин барқ мезад, ӯ гаштаю баргашта оҳанпораи ба дастаи ханҷар шабоҳат доштаро ин тарафу он тараф гардонида, тамошо карду баъд пурсид:

– Амак, ин чизҳои қадимаву нодирро Шумо аз куҷо ёфтед?

– Аз ҳамин ҳавлӣ писарам. Охир аз рӯи тахмин ин ҳавлӣ як парчаи ҳамон қалъаи афсонавист. Ин асбобҳоро бошад дар вақти лойхона кофтан ва ханҷарро дар вақти кофтани чуқурии чор – панҷ метраи ҳалоҷо ёфт карда, дар ин хонача руст кардам. Шояд ба касе рӯзе даркор шавад.

Валентин аз шодӣ мешукуфт.

– Амак! Охир ин бозёфт – ку! Аз рӯи онҳо метавон таърихи пайдоиши мавзеъҳо ва бисёр воқеаҳоро муайян кард.

– Ман ҳам ҳамин хел фикр мекунам, писарам, – гуфт Салом – амак. Баъди баҳсу мулоҳиза Валентин Салом-амакро розӣ кунонд, ки дар бозгашт ӯ баъзе аз ин бозёфтҳоро ҳамроҳаш барои санҷиш хоҳад гирифт. Салом – амак розӣ шуд.

* * *

Мошин аз кӯпруки ларзон гузашта буд, ки Валентин суръатро баланд кард. Баъди каме роҳро тай кардан Тамара хомӯширо вайрон карда.

– Инро бинед – а, мардуми аҷиб будаанд ин тоҷикон. Шинос набошем ҳам, моро хуш қабул карданд. Ҳатто ба хотири мо гӯсфанд куштанд ва то як ҳиссаи шаб давутоз карданд, – гуфт.

– Ҳа-а, ин мардум ҳамин хел. Ман дар чанд моҳ ба куҷое рафта бошам, мусофиру худиро чунин пешвоз мегиранд, чизи дар бисоташон доштаро назди меҳмон мегузоранд, – гуфт Валентин гуфтаи Тамараро тасдиқ карда.

– Дар Ӯзбекистон ҳам мардум қариб ҳамин тавр меҳмоннавозӣ мекунанд, – хотирнишон кард Егор, ки дар Самарқанд тавлид шуда, ба воя расида буд.

– Ҳа-а, ин ду халқро аз якдигар фарқ кардан душвор аст, – боз ба суханаш идома дод Валентин. – Тоҷику ӯзбек ба гуфтае, дар як дег ҷӯшида аст. Дар асрҳои пурошӯби тохтутозҳои аҷнабиёни юнону араб ва муғул ин халқҳо зери азобу шиканҷа монда, талафоти бисёр дидаанд.Мардуми зиёди Тоҷикистон низ дар натиҷаи тохтутозҳои ин аҷнабиён аз зодгоҳашон Бухорою Самарқанд, Тошканду Фарғона гуреза шуда, барои наҷоти худ рӯ ба кӯҳистон овардаанд.

Ҳамин тавр, онҳо ба сӯҳбат дода шуда, чӣ тавр ба Қӯрғонтеппа расиданашонро надонистанд.

– Ана, Қӯрғонтеппа! Ана, он теппаи баланд, ҳамон қалъаи Хонуми Салим – амак гуфта, ҳоло бошад, ҷӯи Хонумро гузашта истодаем, – гуфт Валентин ва ҷӯи аз зери теппа ҷорирo ба Егору Тамара нишон дода, онҳоро бо он ҷойҳои таърихии шаб шунидаашон шинос кард.

Валентин ба соати дастиаш нигариста.

– Эҳе – ҳе. Ҳоло то оғози кор қариб якуним соат вақт, агар шумо зид набошед ба ин ҷойҳои таърихӣ аз наздик шинос мешавем, – гуфта, интизори ҷавоб нашуда, мошинро дар канори роҳ нигоҳ дошт.

Егор аз кабин парида фаромаду барои фаромадани духтарчаю завҷааш ёрӣ дод. Валентин бошад ба лаби ҷӯи пуроб фаромада онро тамошо мекард. Ҷӯй акнун аз тарафи рости теппа ҷорӣ буд ва ба қисми дигари теппа омада то канали нав мерасид. Маълум буд, ки барои ин канал шуда як қисми теппаро канда ҳамвор кардаанд. Дар ҷо – ҷои канда тӯдаи хиштҳои чоркунҷаи калон – калон ба чашм мерасид. Ин хиштҳо ба хиштҳои замони ҳозира монандие надоштанд. Онҳо тақрибан якметрӣ бар доштанд. Егору Тамара чашмонашонро аз мавҷҳои ҷӯи пуроб, ки дар он оби ниҳоят софи дарёи Вахш ҷорӣ буд, канда ба Валентин, ки аллакай дар назди хиштпораҳо нишаста, онҳоро аз назар мегузаронд, чашм дӯхтанд. Валентин боэҳтиёт ҳар як хиштро ба даст гирифта, гӯё онро мехонда бошад, ба чашмонаш наздик бурда, бодиққат назар мекард. Ҳангоме ки Егору Тамара ба назди ӯ омаданд, баданаш аз ғазаб меларзид.

– Аблаҳҳо! Нобакорҳо! Худоё, ин чӣ ваҳшоният аст? Наход ба ёдгориҳои бебаҳои таърих чунин муносибат кунанд? – гӯён гиря гулӯгираш мекард.

Ӯ Егору Тамараро дида ба худ омад.

– Медонед, ду-се бор ба ин мавзеъ омада будаму ҳеҷ вақти ин теппаро аз наздик дидан надоштам, – гуфт ва ба суханаш идома дод. – Ростӣ дар бораи он дирӯзакак аз Салом – амак шунида, ба он мароқ зоҳир кардам. Ин хиштҳоро бинед! Инҳо баҳо надоранд, инҳо гуфтаҳои Салим – амакро агар ба Искандари Мақдунӣ нисбат надиҳем ҳам, пурра мекунанд. Ин ганҷҳои таърихиро омӯхтан даркор аст. Хиштҳо шоҳиди зиндаи ин диёранд. Ана бинед, девори аз ин хишт сохташуда аз лаби ҷӯй ба теппа мебарад. Ғафсии деворро бинед. Маълум аст, ки дар зери ин хок бинои азимест. Онро танҳо боэҳтиёт кофта баровардан даркор ва ин ҷо як зиёратгоҳи мардуми ин диёр ва шояд, ки тамоми олам гардад. Инҳо бошанд, ин ҷои таърихиро ба таври ваҳшиёна кофта, канал гузаронидаанд. Магар ҷои дигар набуд? – гӯён дастонашро болою поён карда ба рафиқонаш дарди дил мекард бостоншиноси оянда.

Валентин Егору Тамараро бо роҳи морпеч ба рӯи теппа баровард. Теппа 60-70 метр аз ҷӯй баланд буд. Масоҳати он қариб як гектарро ташкил мекард.

Аз болои теппа тамоми гирду атроф чун кафи даст намудор буд. Шаҳри Қӯрғонтеппа аз ҳамин теппа сар шуда, ба тарафи ҷанубу шарқу ғарб доман паҳн мекард. Хонаҳои шаҳр аксаран похсагин буда, бо боғу роғи сарсабз иҳота шуда буд. Он як навъ деҳаи калонро мемонд. Дар баъзе – баъзе ҷойҳо хонаҳои якошёнаю дуошёна ба чашм мерасид, ки аз рӯи шарҳи Валентин дар онҳо идораҳои давлатӣ ва дигар муассисаҳо ҷо гирифта буданд. Шаҳр ба Егору Тамара маъқул афтод. Дар гирду атрофи шаҳр танҳо ҷангалҳои касногузару қамишзор менамуду халос, ҳарҷо – ҳарҷо биноҳои навсохт аз қамишзор баландтар менамуд. Инҳо биноҳои шаҳрчаи навбунёд буданд. Оре, Қӯрғонтеппа ва тамоми водии Вахш соли 1935 чунин намуд дошт.

* * *

Қариб ҳамаи идораҳои шаҳр дар кӯчаи Ленин воқеъ буданд. Кӯчаи сангфарш аз назди теппа сар шуда, дар назди таҳкурсии бинои кинотеатр ба охир мерасид. Аз ду тарафи он дарахтони акатсияю сафедор қомат рост карда буданд.

Валентин мошинашро дар назди бинои якошёнаи зебое нигоҳ дошт.

– Ана, мо расидем, ин бинои маорифи шаҳр аст. Шумо идораҳои лозимиро зуд меёбед. Охир ҳамаи онҳо дар ин кӯча воқеанд, – гуфт ба Егору Тамара хайрухушкунон. Егору Тамара ба Валентин миннатдорӣ изҳор карда, аз ӯ хоҳиш намуданд, ки ҳар гоҳе ба Қӯрғонтеппа ояд, ҳатман меҳмони онҳо шавад. Ӯ таклифи онҳоро бо мамнуният қабул карда, ваъда дод, ки албатта, меҳмонашон мешавад.

– Охир, бо як дидан шиносу бо ду дидан хеш, мегӯянд тоҷикон.

– Ман ҳам дар ин ҷойҳо касе надорам. Шумо бародару хоҳари ман мешавед, – дар охир илова намуд Валентин ва аз паи кори худ рафт. Егору Тамара дар ҷустуҷӯи идораи комиссариати хоҷагии халқи вилоят шуданд.

Бинои идора қариб ба бинои идораи маориф монанд сохта шуда буд. Дар мобайни бино дари дутабақаи даромад ҷой дошт. Бино аз ду тарафи дари даромад тирезаҳои калон

дошт. Даҳлези васеъ, ки аз ду тарафи он утоқҳои корӣ ҷойгир буданд, онҳоро ба ду тараф ҷудо мекард.

Егор утоқи сардорро аз як коргаре, ки дар айвон тамоку мекашид пурсид, пас ба қабулгоҳи сардор ворид гашт. Котиба арзи Егорро шунида.

– Ман ҳозир – гӯён ба утоқи сардор, ки дари он аз берун бо чарми сиёҳ пӯшида шуда буд, даромад. Дере нагузашта, баромада:

– Дароед. Он кас шуморо интизор – гӯён ӯро ба назди сардор таклиф кард.

Дар утоқи равшани калон, дар паси мизи корӣ шахси фарбеҳи тоссаре менишаст. Ӯ ба истиқболи Егор аз ҷояш хеста.

– Ҳа, рафиқ Светозаров, омадед? Хуш омадед! Мо шуморо интизор, – гӯён ба ӯ даст дода вохӯрӣ карду дар паси мизи хурдакаки ба мизи калон пайваста ҷой нишон дод.

Егор нишаста ба сардор чашм дӯхт.

– Ҳа, дирӯз аз комиссариати ҷумҳурӣ дар бораи шумо занг зада буданд. Шуморо ҳамчун мутахассиси маълумотдор таъриф карда, хоҳиш карданд, ки ба шумо ёрӣ диҳем. Ҳеҷ гап не. Душвор бошад ҳам, якҷоя кор мекунем. Исми ман Соҳибов Икром Исломович. Дар оянда коратон афтад, шарм надошта ба худи ман муроҷиат кунед.

Егор аз ин илтифоти сардор ба ваҷд омада.

– Ташаккур барои меҳрубонӣ, – гуфт ва ба Соҳибов ҳуҷҷатҳояшро дароз кард. Соҳибов ба онҳо шинос шуд.

– Ҳа, шумо бо зану духтарчаатон омадед-а?

– Ҳа, ҳамин тавр.

– Ҳозир ҳамаашро ҳал мекунем, – гӯён Соҳибов телефони сиёҳи дар наздаш бударо пештар кашид.

– Алло, ман Соҳибов. Хоҳишмандам аз ҳисоби идораи мо як ҷои алоҳидаро барои ду шахс ва кӯдакашон ҷудо кунед. Ҳаракат кунед, ки ҷой мувофиқи таъбашон бошад, – сипас ба ҷавоби шахси дигар гӯш карда:

– Майлаш, ташаккур, – гӯён гӯшаки телефонро монда боз бардошт.

– Алло, ман Соҳибов, барои як кӯдак дар боғчаатон ҷой лозим. Ҳа, бале! Бисёр хуб. Пагоҳ меоянд, – гӯён гӯшакро дар ҷояш монд. Пас ба Егор рӯй оварда: – Ана, ду масъалаи асосӣ ҳал шуд. Дар меҳмонхона ба шумо ҷой медиҳанд.

Пагоҳ духтарчаатонро метавонед бурда ба боғча супоред, – гӯён табассум кард.

Егор, ки ин гуна пазироиро чашмдор набуд, саросема шуду аз ҷой хеста.

– Миннатдорам. Бисёр илтифоти калоне кардед. Инро ҳеҷ фаромӯш намекунам, – гӯён ба Соҳибов миннатдорӣ изҳор кард.

Соҳибов аз рафтори ҷавон хурсанд шуда:

– Ҳеҷ гап не. Мо бояд ба якдигар ёрӣ диҳем. Дигар ин, ки вазифаи ман аст, – гӯён Егорро имои нишастан кард. Аз муносибати Соҳибов Егор шарм карда, даст ба киса бурд ва рӯймолчаашро гирифта араҷи рӯяшро пок кард.

Соҳибов бошад, боз гӯшаки телефонро ба даст гирифта ба куҷое занг зад.

– Алло! Рафиқ Шамсов! Ман Соҳибов. Ҳа, ҳамон мутахассиси нав дар назди ман. Ҷавони хуб менамояд. Комиссия ташкил карда, ҳамаи техникаро ба ӯ супоред. Ба корҳояш ҳаматарафа ёрӣ диҳед. Корро, ки ёд гирифт, он вақт роҳашро ёфта кор мекунад. Фаҳмо? Хуб, нағз монед, – гӯён гӯшаки телефонро ба ҷояш гузошт. – Ана бародар, ба сардори коргоҳат низ занг задам. Пагоҳ ба кор мебарой. Имрӯз бошад, ҷои хобу дигар корҳоятро тахт кун. Мо ҳаммоми хуб сохтаем. Албатта, шумо чанги роҳро тоза карданиед, – гуфта Соҳибов аз ҷой хест. Егор низ аз ҷой хеста бори дигар миннатдорӣ намуд ва ба табъи болида аз утоқи сардор баромад. Хурсандии ӯро дида, Тамара фаҳмид, ки шавҳарашро хуб қабул кардаанд ва табассум дар лабонаш шукуфт.

Ҳарду бо котиба хайрухуш карда ба берун баромаданд. Ва ҳангоме, ки Тамара ба хубӣ ҳал шудани ҷои хобу боғча ва ҷои корро аз Егор фаҳмид, ба риққат омада:

– Чӣ хел одамони хуб будаанд, ин мардум. Ман бо тарсу ҳарос ба як кунҷи дунё рафта чӣ кор мекунем, гуфта фикр мекардам. Инҳо бошанд, моро чи гуна пешвоз мегиранд, меҳмондорӣ мекунанд. Эҳ, кошкӣ доим ҳамин хел шавад, – изҳор кард хандакунон Тамара. Егор ба гуфтаҳои завҷааш гӯш дода, аз хурсандӣ ӯро ба оғӯш кашид.

* * *

Меҳмонхона дар охири ҳамон кӯча дар бинои хурдакаки яққабата воқеъ буд. Он дорои 30 ҷои хоб буда, дар ҳар

ҳуҷра 4-5 кат ҷойгир шуда буд. Вале бо илтимоси Соҳибов як ҳуҷраи хурдакаки онро ба Светозаровҳо ҷудо карда, дар он ҷо танҳо се кати хоб, як мизу се курсӣ гузоштанд. Дар фарши хона қолинчаи фарсудае партофта шуда буд. Дар болои миз бошад, як обзарф ва се зарфи обнӯшӣ меистод. Дар ҳуҷра дигар чизе набуд. Барои дастурӯшӯӣ меҳмонон ба ҳавлии меҳмонхона мебаромаданд. Вале дар рӯзҳои аввал ин барои оилаи ҷавони Светозаровҳо як бозёфт буд. Пас аз ҷобаҷо кардани асбобу анҷомашон, ки аз ду ҷомадон иборат буд, Егору Тамара бо Эляи хурдакак ба ҳаммом рафтанд. Дар ҳақиқат буғхонаи ҳаммом оличаноб буду ба одам қувваи нав мебахшид. Чун ба ҷои хобашон омаданд, Егор дар худ қувваи тозае ҳис карда хост, ки Тамараро ба оғӯш кашад. Тамара бо як меҳрубонӣ ӯро тела дод.

– Беқарорӣ накун. Хоби Эляҷон, ки бурд, баъд ҳар коре бошад, ман розӣ. Худам ҳам навозишҳоятро ёд кардам. Охир мо як ҳафта боз дар роҳем, – гӯён ишвакунон ба бинии шавҳараш оҳистакак даст расонд.

Егор Светозаров бо Тамара Орлова дар Қрим вохӯрда буд.

Егор дар Институти хоҷагии халқи Одесса, Тамара бошад, дар факултаи ҳуқуқшиносии дорулфунуни он ҷо таҳсил мекард. Дар он ҷо шинос шуда, якдигарро дӯст доштанд ва хонадор шуданд. Падару модари Егор дар Самарқанд, волидайни Тамара бошад, дар шаҳраки Хрусталний Гуси вилояти Маскав зиндагӣ мекарданд ва дар тӯи арӯсии онҳо иштирок надоштанд. Танҳо дар таътили тобистона ба аёдати ҳарду тараф рафтанд. Егори қадбаланду кулчарӯй, шонавасеи паҳлавонҷусса ва ниҳоят шармгину хоксор ба оилаи Орловҳо писанд омад. Тамараи химчамиёни чашму абрӯсиёҳи ҷингиламӯй ва шармгину қобил низ ба Светозаровҳо маъқул шуд. Хуллас, ба кучое раванд, тӯй болои тӯй буд. Баъди як соли хонадориашон Эляҷони дӯстрӯяк ба дунё омаду зиндагии навҷавонон ва волидони онҳо рангинтар гашт. Ҳар яки аз волидон мехостанд, ки Эляҷон дар хонаи онҳо тарбия ёбаду ҷавонон бихонанд. Вале Тамараю Егор Эляҷонро бо худ ба Одесса бурданд. Солҳои таҳсил ҳам сипарӣ шуд. Онҳоро барои кор ба Тоҷикистон роҳӣ карданд. Дар он солҳо чунин мутахассисон барои ҷумҳурии ҷавони Тоҷикистон чун обу ҳаво зарур буд.

Падари Егор Иван Матвеевич Светозаров челонгар шуда кор мекард. Ӯ дар сохтмони роҳи оҳани Когони Бухоро ҳамчун механик ба кор омаду дигар ба ватанаш Петроград барнагашт. Дар вақти дар Когон буданаш бо як коргари роҳи оҳан, ки аз Самарқанд буд, шинос шуда бо тавсияи ӯ ба он ҷо кӯчид. Соли 1905 дар оилаи онҳо Егор ба дунё омад. Завҷааш Елена Макаровна бисёр зани ҳалиму меҳрубон буд ва ба тарбияи фарзандон мекӯшид.

Дар оилаи онҳо ба ғайр аз Егор боз духтари калониаш Лиза, писаронаш Константин ва Евгений тарбия меёфтанд.

Тамара бошад, дар оилаи Орловҳо духтари яккаву ягона буд. Онҳо ӯро бисёр дӯст медоштанд. Мехостанд, ки дар Москав монад, вале тақдир ӯро аз онҳо ҷудо кард ва ниҳоят ба ҷойҳои дур овард. Вале онҳо ба тақдир тан дода, аз хушбахтии духтарашон хурсанд буданд.

Падари Тамара Орлов Сергей Иванович ҳуқуқшиноси номдор буд. Дар яке аз маслиҳатхонаҳои ҳуқуқии Маскав кор мекард. Занаш Орлова Танисия Александровна бошад, духтури дандон шуда буд. Ва инак, ин ду навҷавон дар мулки тамоман ба онҳо ношинос ва макони ноободи ба кор омаданд. Хаёл ҳам намекарданд, ки барои онҳо дар ин мулки бегона ва ноободи чӣ рӯзҳое дар пеш аст.

* * *

Пагоҳии рӯзи дигар Егору Тамара барвақт аз хоб хеста дар ҳавлии меҳмонхона дастурӯй шуста, сипас хостанд, ки то аз хоб хестани духтарчаашон каме сайругашт карда, барои тановул чизе пайдо кунанд. Ҳоло офтоб набаромада буд. Ҳавои шаҳр салқин, насими фораме вазида баданро навозиш мекард. Онҳо сӯҳбаткунон ба боғи истироҳат ва маданияти шаҳр омаданд, ки на он қадар дуртар аз теппаи таърихӣ воқеъ буд. Дарахтони гуногун ва буттагулҳои зебое боғро оро медоданд. Дар мобайни боғ кинотеатри тобистона қад афрохта буд, ки онро шабона барои намоиши кинофилмҳо истифода мебурданд. Рӯзона бошад, дар он дастаи худфаъолияти санъаткорон машғулият мегузаронд. Дар гӯшаи дигари боғ барои кӯдакон ҳар гуна воситаҳои дилхушӣ, дар шакли аспаку гавазну дигар намуди ҳайвонҳо ҷой дода шуда буд. Дар як гӯшаи боғ толори биллиардбозӣ ва тир ҷой гирифта, дар наздикии кинотеатр, дар лаби ҷӯи об ошхонаи калоне ҷой дошт.

Даруни боғ пайраҳаҳои зиёде дошт. Ҳар пагоҳӣ пайраҳаҳои боғро об зада мерӯфтанд. Дар ҳар пайраҳа чандин курсии чӯбин барои дамгирии истироҳаткунандагон гузошта шуда буд.

– Ба фикрам бад не, зиндагӣ кардан мумкин, – гуён табассум кард Тамара.

– Ҳа, чӣ гумон кардӣ, ки туро бурда ба ҷангали хирсу хукҳо посбон мегузоранд? Охир ин ҷо маркази вилоят аст ва бояд ба шаҳр монанд бошад. Ба атрофат нигар, дар ҳама ҷо сохтмон дар авҷ аст. Албатта, шаҳри зебое мешавад.

– Бале, ҷонакам, ман бовар мекунам, – гӯён Тамара шавҳарашро навозиш кард. Аз боғ ба кӯчаи дигар гузашта буданд, ки бинои якошёнаи хокистарранги калоне аз пешашон баромад. Деворҳои он бино ду қабат симхор дошт.

– Ана, ин коргоҳи ту барин, – гуфт шӯхиомез Егор ба бино ишора карда.

– Ҳа, ҳамин тавр, – тасдиқ кард Тамара ва наздиктар рафта чорчӯбаи дар паси дарҳои дутабақаи бино овезонро хонданд: «НКВД-и вилояти Қӯрғонтеппа».

– Ана, дигар кофта намегардӣ, – гӯён Егор боз шӯхӣ кард.

Тамара низ «он қадар дур набудааст, хайрият», – гӯён аз дасти шавҳараш дошта ишораи аз он ҷо дур шуданро кард. Дар охири ҳамон кӯча бозори калоне буд. Харидорон ҳоло кам бошанд ҳам, вале растаҳои пур аз меваю сабзавот, харбузаю тарбуз диққати онҳоро ба худ кашид.

– Бозори Самарқанд барин-а? – бо тааҷҷуб гуфт Егор.

– Ин қадар калон ва обод. Марказ бояд ҳамин хел бозор дошта бошад, – гапи дар боғ дар бораи сохтмони шаҳр гуфтаи Егорро Тамара ба ӯ шӯхикунон такрор кард. Ҳар ду баланд хандиданд.

Онҳо Эляи хурдакакро ба ёд оварда, зуд ангуру нони гарм ва баъзе чизҳои заруриро харида, ба меҳмонхона баргаштанд. Эляҷон ҳоло ҳам масти хоб буд. Пешхизмати меҳмонхона бо илтимоси онҳо чой дам карда оварда буд, ки Эляҷон бедор шуд. Онҳо ношто карданд. Баъд Егор ба ҷои корашу Тамара бошад, барои ҳуҷҷатҳоро тахт кардану Эляҷонро ба боғча супоридан аз меҳмонхона баромаданд.

* * *

МТС-и вилоят аз меҳмонхона дуртар, дар баромадгоҳи шаҳр, дар қарибии роҳи оҳани камбар воқеъ буд. Масоҳати он васеъ буда, барои ҷойгир кардани миқдори зиёди мошинҳои хоҷагии қишлоқ пешбинӣ шуда буд. Дар он ҷо се анбори қисмҳои эҳтиётӣ низ вуҷуд дошт. Дар мобайн ва гирдогирди ҳавлӣ шипангҳои васею дарози болояшон пӯшонида буданд. Даруни онҳо трактору тухмпошак, плугу сихмолак ва дигар асбобҳои хоҷагии қишлоқ нигоҳ дошта мешуд. Дар гӯшаи рости ҳавлӣ сехи таъмиру челонгарӣ қомат афрохта буд.Утоқи кории директори МТС Шамсов дар тарафи рости бино воқеъ буд. Егорро котибаи мавзунқомати чашму абрӯсиёҳ пешвоз гирифт.

– Марҳамат, дароед. Он кас ҳам навакак омаданд, – гуфт.

Егор дарро тақ-тақ зада, баъди шунидани овози «дароед», дохили он шуд.

– Ассалому алейкум.

– Валейкум ассалом. Марҳамат, дароед, – гӯён Шамсов ба саломи Егор ҷавоб доду ба пешвозаш аз ҷо хеста вохӯрӣ кард. Баъд ҷои нишаст дод.

– Шумо рафиқ Светозаров будагистед – а? Дирӯз ба ман рафиқ Соҳибов занг зада дар бораатон супориш дода буданд. Рафиқон, ки ба кор омаданд, ҳамроҳи комиссияи имрӯз ташкил кардаамон хоҷагиатонро қабул мекунед. Сипас ман шуморо бо рафти корҳо шинос мекунам. Ҳоло бошад, то омадани коргарон, бо якдигар наздиктар шинос мешавем. – Шамсов инро гуфту баъд тугмачаи зангро пахш кард. Котиба даромад.

– Гулчеҳраҷон, як чойи талх дам кун. Мо бо Егор Иванович каме сӯҳбат кунем.

– Хуб шудааст, – гӯён котиба аз дар баромаду оби ҷӯшидагӣ дошт магар, ки баъди чанде дар як даст тақсимчаи печению конфет ва дар дасти дигараш чойники чой даромада, дар болои миз гузошт.

Шамсов чойро гардонду баъд болояшро бо болопӯши махсус пӯшонида, «каме дам хӯрад, бисёр хуштаъм мешавад», – гуфт ба Егор рӯ оварда. Шамсов аз куҷоию чикора будани Егорро пурсида буд, ки ӯ ҳуҷҷатҳояшро бароварда рӯи миз гузошт.

– Ҳамааш дар ин ҷо навишта шудааст, як аз назар гуза-

ронед, – гуфт Егор. Шамсов бодиққат ҳуҷҷатҳоро аз назар гузаронида:

– Оҳо – ҳо, донишгоҳи хоҷагии халқи Одессаро хатм кардаед. Ин аной не. Боз нигаред, ихтисосатон низ айни муддао, агроном – механик, шахсони соҳибмаълумот дар мо ниҳоят каманд. Ман ҳам дар факултаи механикаи Институти хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ таҳсил мекунам. Аз ҳама коргари босаводамон синфи ҳаштро тамом кардааст, – маълумот дод Шамсов. «Ҳа, бо ин тариқ кормандон кор кардан душвор мешавад, – аз дил гузаронд Егор», хайр чӣ илоҷ, кор мекунем. Коргарону хизматчиён аллакай ба кор омада буданд. Гулчеҳра дари идораи сардорро кушода:

– Умед Шамсович, аъзои комиссия дар қабулгоҳ ҷамъ шудаанд. Онҳоро қабул мекунед? – гӯён пурсид.

Шамсов ба соати дасташ нигаристу:

– Ҳа, гӯй дароянд, – гуфт.

Се ҷавонмард иҷозат пурсида аз дар даромаданд. Баъди салому алейк Шамсов Егорро ба онҳо шинос карда, вазифаҳои онҳоро боз як бори дигар фаҳмонд. Баъд Егорро ба онҳо ҳамроҳ кард. Ин ҷавонон забони русиро медонистанд ва кор тез пеш рафт. Мувофиқи қоида Егор бояд тамоми техникаи мавҷударо қабул карда, сипас онро ба хоҷагиҳо тақсим менамуд. Илова ба ин, вай ба кори анборҳои қисмҳои эҳтиётӣ ва сехи таъмиркунӣ масъул буд.

Бегоҳӣ, вақте ки Шамсов аъзои комиссияро қабул карда ахбор гирифт ва ба Егор вазифаҳояшро гуфт, Егор каме фикр карда, ба ӯ рӯ оварда.

– Маро мебахшед. Охир ман чӣ хел ба кори мудирони анборҳо ҷавоб мегӯям, ки онҳо борро худашон қабул мекунанд ва боз худашон ба миҷозон медиҳанд. Бигузор, ба ин худи онҳо ҷавоб диҳанд! – гуфт.

Шамсов зуд ҷавоб дод:

– Оре, онҳо барои камбудиҳояшон худашон ҷавоб медиҳанд. Вале шумо аз болои онҳо назорат бурда бояд барои дуруст ба роҳ мондани кори онҳо, сари вақт таъмин кардани анборҳо аз қисмҳои эҳтиётӣ ва тақсими он ба хоҷагиҳо назорат баред. Охир пӯшида нест, ки ҳозир ҳар як қисми эҳтиётӣ барои мо ба зар баробар аст. Агар назорат набаред, як хоҷагӣ омада ҳамаи қисмҳои эҳтиётиро ҳақу ноҳақ мебарад. Дигараш бошад, техникааш вайрон хоб меравад.

Егор ба гуфтаҳои директори МТС гӯш дода, сипас гуфт:

– Ин тавр бошад, ман бояд ҳамаи қисмҳои эҳтиётии дар анборҳо бударо донам, ҳамин тавр не?

– Албатта, – ҷавоб дод Шамсов

– Дар он сурат ман аз шумо хоҳиш мекунам, ки дар анборҳо тафтиш гузаронем.

Ин масъалаи гузоштаи Егор ба Шамсов нафорид, ки вай абрӯвонашро чин карда ба дигар сӯ рӯ тофт. Вале баъди каме фикр кардан хост, ки Светозаровро аз ин фикраш гардонад.

– Охир медонед, ки ин вақти зиёдеро мегирад. Анборҳо аз кор мемонанд. Вақти авҷи долу зарби кор, агар кори саҳро ақиб монад, ман ба идораҳои боло чӣ мегӯям?

Светозаров каме фикр карда баъд пурсид:

– Он гоҳ ман чӣ тавр мефаҳмам, ки дар анборҳо чӣ ҳасту чӣ нест?

– Ман ба мудирони анбор мегӯям, ки рӯйхати борҳои дар амборашон бударо диҳанд.

Светозаров паст наомада:

– Агар онҳо як қисми борҳоро нишон надиҳанд – чӣ?

Шамсов хуб дарк кард, ки Светозаров ҳақ аст, вале ӯ аз дигар чиз метарсид. Раваду дар анборҳо камбудӣ ёбанд. Охир як мудири анбор ҷияни Раиси кумитаи иҷроияи вилоят Холматов, дигараш бошад, ҷияни Соҳибову сеюмаш – бародарзодаи худаш буд. Вай ба фикр фурӯ рафта, чорае наёфт.

– Хайр, Егор Иванович, ҳоло дер шуд, – ниҳоят ба гап даромад ӯ. – Дар ин бора пагоҳ маслиҳат мекунем. Шумо монда шудед. Ҳозир рафта дам гиред.

Баъди баромадани Егор ӯ ба котиба , ки тараддуди хонаравӣ дошт, супориш дод, ки зуд мудирони анборҳоро ба наздаш ҷеғ занад.

Ҳамин ки онҳо ҳозир шуданд, ӯ талаби ҷонишини нави сардорро ба онҳо гуфта, маслиҳат пурсид.

Мансур Холматов, ки мудири анбори асосии қисмҳои эҳтиётӣ буд, инро шунида бетоқат шуд. Ранг аз рӯяш парид.

– Акои Умед, о ин чӣ хел мешавад? Охир дар анбори ман як гала чиз намерасад – ку? – гӯён овоз баровард.

Шамсов ба тарафи ӯ чашм ало карда.

– Чӣ хел як гала чиз намерасидааст? Ту онҳоро чӣ кор кардӣ? – гӯён дӯғ зад.

Мансур, ки директор ҳама вақт ӯро Мансурҷон мегуфт, овоз баланд кардани ӯро дида, саросема шуд.

– Охир чор чархи резиниро барои мошини раис (Холматови тағояшро дар назар дошт ӯ) бо иҷозати худатон дода будам. Баъд, боз ба машинаи он кас акамулятор, бензанасосу радиатор часпонда, дарҳои мошинашро дигар карда будем – ку, – имдодталабона гуфт Мансур.

Ҳоло гапи Мансур тамом нашуда, Акбар Ҳомидов – ҷияни Соҳибов ба гап даромад.

– Акаи Умед, дар анбори ман ҳам ду акамулятору як матори трактор, ки ба супориши Шумо ба раиси колхози «Намуна» дода будем, намерасад.

Сафари ҷиянаш бошад, гапи Акбарро бурид:

– Дар анбори ман чанд бензанасосу фалону беҳмадон намерасад, – гуфта буд, ки Шамсов даргирифт:

– Ҳе, мудири анбор нашуда муред – е! Наход, ки то ҳол роҳи ҳал кардани ҳамин майда – чуйдаҳоро наёфта бошед? Чаро то ҳол дар даҳонатон об гирифта гаштед? Чӣ мумкин набуд, ки то имрӯз қисмҳои эҳтиётиро ҳуҷҷат сохта, ба номи ягон колхоз ё совхоз гузаронида, аз гардан соқит мекардед? Акнун чӣ кор мекунем, канӣ гӯед? – гӯён дод зад.

Баъди коҳиши бисёр Шамсов каме ба худ омада, бо сари хам дар обу арақ мондани коргаронашро дида, ба онҳо дилаш сӯхт. Охир онҳо он қадар гуноҳ надоштанд. Қисмҳои эҳтиётие, ки дар анбори Мансур намерасид, ба мошини хизматии Раиси комиҷроияи вилоят Холматов, ки худаш ба паси рул нишаста мошинро чаппа карда буд, бо илтимоси раис дар як шаб дар сехи таъмири МТС барқарор карда шуда буду қисмҳои эҳтиётиро аз анбори Мансур барои мошини раис гирифта буданд.

Дигар қисмҳои дар анборҳо намерасидагиро ҳам ба Соҳибов ва дигар дӯстони Шамсов, ки ба ӯ бо илтимос муроҷиат карда буданд, дода буданду бо гузашти вақт Шамсов фаромӯш карда буд. Акнун бошад, чӣ кор карданашро надониста, аввал ба Соҳибову сипас ба Холматов занг зада, аз онҳо маслиҳат пурсид.

Онҳо бошанд, «ту директори МТС ҳастӣ, худат илоҷашро ёб», – гӯён ба ӯ ҷавоб доданд. Шамсов ночор монд ва аламашро аз коргаронаш гирифт.

– Муттаҳамҳо! Бекорхӯҷаҳо, нодонҳо. Дидед, касе ҷавобгариро ба худ намегирад? Ба ҳамааш ман ҷавобгар

будаам. «Илоҷашро худат ёб», – будааст. – Гуфтаҳои Холматову Соҳибовро такрор карда, ба рӯи мизаш муште фаровард. Хуб алами онҳоро аз коргарон гирифту каме ором шуд ва баъд ба онҳо рӯй овард.

– Аз ин ҷо баромада худатон илоҷи корро ёбед. Рафта аз ёру ошноҳоятон қисмҳои намерасидагиро ёфта оварда муваққатан ҳам, ки бошад, дар анбор гузоред. Санҷиш, ки гузашт, баъд чизҳояшонро мегардонему аз паси илоҷи кор мешавем. Чизҳои ба колхози «Намуна» додагиро бошад,худи пагоҳ бо ягон санаи кӯҳна борхат нависед. Раисро даъват карда, имзояшро гиред ва ба ҳисоботатон ҳамроҳ кунед, – гуфт раис ва баъд мудирони анборро ҷавоб дод.

* * *

Хонаи раиси кумитаи иҷроияи вилоят дар як гӯшаи хилвати сердолу дарахти шаҳр воқеъ буд. Он бо тариқи шарқиёна зебо ва пурдабдаба сохта шуда буд. Аз миёни ҳавлӣ як наҳри об шилдиросзанон ҷорӣ буд. Ҳавлӣ аз долу дарахти мевадор пур буд. Дар лаби ҷӯйбор як айвони бисёр зебои кандакорӣ шуда ба ҳусни ҳавлӣ ҳусн зам мекард.

Айвон аз сатҳи ҷӯйбор як метр баланд буд. Дар болои кат, рӯи чанд қабат курпачаи бахмал раиси комиҷроя истироҳат мекард. Дар назди ӯ табақи кабоб, газак ва як шишаи нима коняки арманӣ меистод. Ҳангоме ки раис аз хушҳолӣ ҳаловат мебурд ва пинак мерафт, овози Мансур хоби ӯро паронд. Раис ҷиянашро дида, зуд сӯҳбати телефониаш бо директори МТС ба ёдаш омаду чеҳрааш тира гашт.Вай нимғурма:

– Ҳа, ҷиян, тинҷӣ? Биё, канӣ, аз ин ҷо гузашта шин, – гӯён Мансурро ба наздаш таклиф кард.

Мансур аз поёни пои тағояш ҷо гирифта, саросема ба гап даромад.

– Тағоҷон, корҳо расво. Як уруса ба мо муовини сардор таъин карданд. Ӯ аз директори мо талаб кардааст, ки агар дар анборҳо санҷиш гузаронида, як ба як асбобу анҷомҳои онро ҳисоб карда ба ман надиҳед, корро қабул намекунам. Дар анбори ман бошад, ҳамон чизҳои худатон медонистагӣ намерасад. Директор аз тарсаша дар эзораш тар кардагӣ барин, мемуреду чизҳои намерасидагиро ёфта, оварда ба ҷояш мегузоред, мегӯяд.

Абдулло Холматов каме ба фикр фурӯ рафту сипас ба гап даромад.

– Шумо, ношудҳо, андакак корро, ки аз ӯҳдааш намебароед, дар он ҷо номаъқул мекунед? Дар ин чанд моҳ ду чарху ду оҳанчаро, ки аз ҳисобатон набароварда бошед, чӣ кор мекунед? – гӯён Мансуру Шамсовро таги ҳақорат гирифт.

Баъд пиёлаи холиро аз коняк пур карда, бо як дам фурӯ бурд. Лабонашро бурма карда, як бурида гӯштро аз табақ гирифту ба даҳонаш партофт. Онро хоида истода пурсид:

– Ин урусатон аз кадом гӯр пайдо шуд, ки рӯзи аввал устухони гулӯ шуд?

– Намедонам, тағо. Мегӯянд, ки аз худи Сталинобод таъин шудагӣ. Маълумоташ олӣ будааст. Бисёр доно, мегӯяд, Шамсов.

– Маълумоташ олӣ, ки бошад, доно мешавад-дия?! Ту ҳам хонӣ, ҳамон хел доно мешавӣ. Фоида мекунам, гуфта гайкаю пайка тофта гаштӣ. Аз ӯҳдаи ҳамон ҳам намебароӣ, – таъна кард ӯро Холматов.

– Хайр тағоҷон, ягон роҳаша ёбед. Набошад, мумкин маро суд кунанд. Вай чизҳо пули калон меистанд, – илтиҷо кард Мансур ва фиқ-фиққунон ба гиря даромад.

Инро дида қаҳри Холматов омад.

– Ҳа, фиқ-фиқ накарда бинита пок кун, ношуд. Зани нозук барин ба гиря даромадӣ, – ба ҷиянаш дӯғ зад. Баъд каме фикр карда. – Хез, назди Каримбой, ронандаи ман рав. Дар идораи мо як УАЗИК-и нав барои муовини ман фиристодаанд, муваққатан чархҳо ва акамуляторашро гирифта ба анборат бар. Ҳамин, ки санҷиш тамом шуд, баъд оварда дар ҷояш мегузорӣ. Ун тарафи коратро бо Шамсов буд мекунӣ. Фаҳмо?

– Ҳа, тағоҷон. Раҳмат. Шумо набошед, ҳоли ман чӣ мешуда бошад-а? – гӯён Мансур аз ҷояш шодикунон хеста ҷониби дарвоза давид.

Холматов бошад, боз як пиёла конякро ба ҳалқаш рехту «Ношудҳо!» – гӯён боз пинак рафт.

* * *

Егор Светозаров ним соат пеш ба кор омад.

Шамсов аллакай дар ҷои кораш буд. Ӯ гӯё чизе нашуда бошад, хушҳолона Егорро пешвоз гирифта ба ӯ як пиёла

чой дароз кард.

– Егор Иванович, имрӯз шумо ба коргарони корхона наздиктар шинос шавед. Кори сехи челонгариро бисанчед. Ман дирӯз баъди шумо мудирони анборро чеғ зада, супориш додам, ки то як – ду рӯз корашонро ба тартиб оварда, ҳисоботашонро ба бухгалтерия супоранду ба тафтиш тайёр шаванд. Ҳамин, ки онҳо ҳисоботашонро супориданд, ба тафтиш сар мекунем. То он рӯз ман шахсони тафтиш мегузаронидагиро аз ҳисоби бухгалтерияю дигар коргарон муайян карда,фармон мебарорам.

– Ман розӣ, – хурсандона гуфт Егор, – лекин хоҳишмандам, ки маро низ ба аъзоёни тафтишот дар фармонатон ҳамроҳ кунед.

– Боз инаш барои чӣ? – худро ҳайрон нишон дода пурсид Шамсов. – Чӣ, шумо магар ба комиссияи ман ташкил мекардагӣ боварӣ надоред? – абрӯ чин карда гуфт Шамсов.

– Не, ин тавр не. Шумо хафа нашавед, Умед Шамсович. Ман чӣ ҳақ дорам, ки ҳоло як рӯз бо шумо кор накарда, нисбати шумо шубҳа барам? Танҳо мехоҳам, ки аз наздик ба мудирони анбор шинос шуда, худам бубинам, ки чи асбобу анчоме дар мо мерасаду кадомаш не. Дар оянда будагиашро дуруст тақсим кунему набудагиашро ёфта биёрем, – гуфт Егор.

Умед Шамсович самимӣ будани суханони Егорро ҳис карда, гарчанде ки дар таги дил ӯро дашном медод, барои иштирок карданаш розигӣ дода, илова кард:

– Ман ба иштироки шумо зид нестам, лекин вақти худатонро беҳуда мегиред. Хубаш, дар муддати тафтиш гузаронидан ба баъзе ноҳияҳо мерафтед. Рафти корҳои МТС-ҳои он чойҳоро месанчидед. Ба корашон кӯмак мекардед. Агар асбобу анчомашон нарасад, омада ба онҳо чизҳои норасидаашонро роҳӣ мекардед, ба фикри ман, нуран алонур мешуд, укачон.

Егор ба гуфтаҳои Шамсов гӯш дода, гуфт:

– Умед Шамсович, маро бубахшед, ба фикрам ҳоло корро сар накарда, онро дуруст дарк накарда, ба ноҳияҳо бароям, хандаовар мешавад. Аввалаш ин, ки маро на дар ин чо мешиносанду на дар чои дигар. Ҳоло корро дуруст дарк намекунам. Охир ман ба ғайр аз тачрибаомӯзӣ кори дигарро накардаам. Барои ҳамин ҳам аз шумо хоҳиш мекунам, ки то ба кор сарфаҳм рафтанам маро ба чое нафиристед. Илова

ба ин, дар тафтиш иштирок намуда, тартиби даромаду баромади қисмҳои эҳтиётиро дар анборҳо ёд мегирам ва дар оянда агар лозим шавад, онро бемалол дар дигар ҷойҳо низ бо иҷозати шумо мегузаронам.

«Ҳо, лаънатие, аноӣ не. Маълумотдораш ҳамин хел мешудааст-дия. Беҳуда нахондааст. Маккор, доно, ҳоло корро намедонам, мегӯяду аз гулӯям гирифтааст. Агар корро ёд гирад, вазифа аз даст рафт, гуфтан гир», дар дил гуфт Шамсов ва вуҷудашро як ҳиссиёти нохуш фаро гирифту боз ба хаёл фурӯ рафт. Нохост занги телефон садо баровард ва Шамсовро яккад парронд.

– Лаббай, гӯш мекунам. Ҳа, омадагӣ, гапам нагузашт, майлаш, ҳозир меоям, – гӯён гӯшаки телефонро гашта ба ҷояш монд. – Маро таъҷилӣ рафиқ Соҳибов ба наздашон даъват карданд. Шумо ба сехи челонгарӣ гузашта, бо коргарон шинос шавед. Ман, ки омадам, шуморо кофта меёбам, – гуфту аз ҷояш хест.

Егор низ аз ҷояш хеста, ҷониби дар рафт. Шамсов чойи дар пиёла хунук шударо дам кашиду: – Уфф, – гӯён овоз баровард. «Ин лаънатӣ аз кадом гӯр ба сари ман бало шуд? 4-5 сол гапи ман гап буд. Акнун ин малламӯй омада ҳамаро чапаю роста мекунад», – гуфт худ ба худ ва баъд кулоҳашро аз либосовезак гирифта ба ҳавлӣ баромад. Ба мошини хизматӣ савор шуда, «ба назди Соҳибов» – гуфт ба ронанда.

Ташвиши Шамсов ҷой дошт. Вай синфи 7-умро хатм карда буду халос. Чанде курси механизаторӣ хонда, чандин сол тракторчӣ шуда, дар совхози навбунёди «Намуна»-и ноҳияи Қӯрғонтеппа кор кард. Шабона базӯр мактаби миёнаро хатм кард. Аввал бригадири тракторчиҳо, сипас мудири МТС-и ноҳия таъин шуд. Ба ин вазифа ҳам ӯро амакбачааш Соҳибов таъин карда буд. Баъди як соли кор дар МТС-и ноҳия Соҳибов ӯро маҷбур кард, ки ба Донишкадаи хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ дохил шавад. Ҳамин тавр ҳам кард, вале дар ду сол имтиҳонро супурда натавониста шарманда шуда ба ноҳия баргашт. Барои ин аз Соҳибов гапи бисёре шунид. Дар соли сеюм бо роҳномаи Соҳибов ӯро илоҷе карда ба донишкада қабул карданд. Ҳоло ӯ дар курси 4-уми ин факултаи механизатсияи хоҷагии қишлоқ таҳсил мекард. Дурусттараш,дар он ҷо низ бо мадади писарамакашу шиносҳои ӯ ва кисаи пураш мехонд, вале майнааш бо-

шад, пуч буд. Бе сабаб пас аз пайдошавии Светозарови соҳибмаълумот дар пӯстинаш кайк надорамада буд. Вай марде буд, 30-35-сола, қоматбаланд, шонавасеъ, сергӯшт, сиёҳчеҳра, аспрӯ, чашмкалон. Лабҳои ғафсашро бурути шофаш як навъ панаҳ мекарданд.

Вақте ки мошин ба назди идораи Соҳибов омада истод, вай аз дарёи хаёл худро раҳо карда:

– Ҳе бало ба пасаш, то омадани табар, кунда меосояд, мегӯянд тоҷикон. Соҳибов зинда бошад, илоҷи ин Светозаровро меёбад, – гӯён Шамсов худро тасалло дода ба идора даромад.

Котибаи Соҳибов ӯро бо чеҳраи кушод пешвоз гирифта.

– Дароед, раис шуморо мунтазиранд, – гӯён дарро ба рӯи Шамсов кушод. Вай вориди утоқи кории Соҳибов шуда, мудири анбор Акбар Ҳомидовро дид, ки ба Соҳибов чизеро мефаҳмонд. Бо даромадани Шамсов ӯ гапашро бурида барои иззати сардораш аз ҷо хест. Шамсов ба ӯ аҳамият надода, назди мизи кории Соҳибов омад ва дудаста бо ӯ зиёрат карда:

– Акои ҷон, нағз ҳастед? Хонаю дар тинҷ, келину бачаҳо сиҳату саломатанд? – гӯён ба ӯ пичинг зад Соҳибов.

Аз ин муносибати хунуки хешаш ба бадани Шамсов мурғак дамид.

– Ҳа, ака, камакак бачаҳо хунукназарӣ кардаанд, ман бошам онҳоро беназорат мондам. Ана оқибаташ.

Ва аз тарси он ки ҳозир Соҳибов ӯро дар назди коргараш танбеҳ дода шарманда мекунад, дигар ба ӯ имконияти гап намедиҳад, тутивор ба сафедкунӣ даромад.

– Ман вай лаънатиро имрӯз ҳам ба гап даровардanӣ шудам, вале ба гап надаромад. Ба болои ин мехоҳад, ки дар вақти тафтиш ҳамчун узви комиссия иштирок кунад, – гӯён Шамсов тамоми гуфтугузорашро бо Светозаров бо чанд гапи дурӯғу ҳангомаи зиёд ба Соҳибов нақл кард. Ин гапҳоро шунида ранги рӯи Акбар чун пахта сафед шуд. Аз гиребонаш дошта, ё тавба гуфта монд.

Соҳибов гапи Шамсовро набурида, бодиққат шуниду баъди каме андеша гуфт:

– Каллаварамҳо! Охир як корро, ки карда наметавонед, накунед. Наход, ки муддати чанд моҳ ду – се чархи мошину се – чор қисми эҳтиётиро аз ҳисобатон баровара натавонистед. Магар дар вилоят колхозу совхозҳо каманд, ки барои

як қисми эҳтиётӣ сад бор наздатон меоянд? Ана, ба ҳамунҳо як-то заруриашонро дода, дутои худатонро зам мекардед, ҷон-ҷон гуфта, розӣ мешуданд. Ҳам кори онҳо буду ҳам шумо аз гуноҳ пок…

– Ман ҳам дирӯз ба ин сакалтуҳо ҳаминро гуфтам, – худнамоӣ кард Шамсов, гапи Соҳибоврo бурида.

Соҳибов ба ӯ чашм ало кард.

– Пештар гуфтан лозим буд. Нашунидӣ, ки баъди тӯй нақора намезананд?! Худи ҳозир рафта корро як-ду рӯз кашола диҳеду раисони колхози дилпурро ёфта, ин норасогиҳоятонро бо онҳо ҳал кунед. Барои ин ягон чизро дареғ надоред. Лозим шавад, барои ҳалли ин кор трактор, мошин ё чизи дигарро сарфи назар кунед. Набошад, Холматов ба Мансур супориш додааст, ки чархҳои мошини нав гирифтаашро канда, бурда ба анбор супорида, баъди тафтиш гардонанд. Шармандагии гӯшношунид. Фикр намекунед? – гӯён ба сӯи Шамсову Акбар чунон бо қаҳр нигоҳ кард, ки онҳо аз тарс ларзиданд.

– Ба вай малламӯй бошад, ҳафту ҳашти бисёр накунед. Боз ягон гумони бад набарад. Охир ӯро идораҳои боло аз мо напурсида таъин кардаанд. Кӣ медонад, мумкин аз пасаш ягон «тағо» дорад, монед, дар комиссия иштирок кунад. Камбудӣ ки наёфт, дамаш ба дарун мезанад. Аз афташ, ӯ «консултатсияи» болоро гирифтагӣ, ин тавр набошад, ин бачаи дирӯза тафтишро аз куҷо медонад? – гуфт ва баъд Шамсову Акбарро таъкидкунон гусел кард.

* * *

Падари Қамар Соҳибов аз як диёри кӯҳистон буд. Ӯ марде буд бо ақлу фаҳм. Ба деҳқонӣ машғул буду дар вақтҳои холигиаш ба фарзандонаш забони арабӣ меомӯхт, ки онро чанд сол худаш дар назди муллои деҳаашон азбар карда буд. Вай деҳқони миёнаҳол буд. Чанд таноб замини корам ва боғи меваи калоне аз падараш мерос монда буд. Баъдтар асп харида, ҷувозхона сохт. Ду барзагови ҷуфтӣ ва чанд сар модагову бузу гӯсфанди зиёде дошт. Вақте шунид, ки ҳукумати советӣ одамони бойро «кулак» гуфта, суд ва ё бадарға мекунад, зуд аспу барзагов ва миқдори зиёди молҳояшро фурӯхта, замину боғашро ба хешу табораш тақсим карда дод. Баъд ба лаб кулӯх молида нишаст.

Хешу табор бошад аз ӯ бисёр миннатдор шуда, аз «сахо-

ваташ» хурсанд буданд ва «дар таги коса нимкоса» буданашро намедонистанд. Вале, вақте ки кормандони ҳукумат барои мусодираи молу мулки одамони бою сарватманд омаданд, дар деҳа аз Соҳиби Нусрат дида, «камбағалтар» касе набуд. Ин найранг ӯро аз бадарға халос кард. Хешу табор баъди кофтукову суросур ба ҳиллаи Соҳиб сарфаҳм рафта бошанд ҳам, ба касе чизе нагуфта «сари кафида зери тӯппӣ,» – гӯён хомӯш гаштанд.

Онҳо гумон доштанд, ки баъди пасандашавии кашмакашҳо Соҳиб боз даъвои замину боғ мекунад. Ин ташвиши онҳо беҳуда баромад.

Соҳиби маккору доно аз касе даъвои чизе накард. Лекин вақте, ки хешу табор ба замину боғ чӣ кунем, гуфта пурсиданд, ӯ муғамбирона «Замину боғ насибатон кунаду Худо худатонро инсоф диҳад» – гуфт. Хешу табори рамузфаҳм донистанд, ки Соҳиб агарчанде аз давлат тарсида, замину обашро аз онҳо нагирифт, лекин аз ҳосилаш тамаъ дорад. Аз ин рӯ, ҳар кадомашон дар вақти ҷамъоварии ҳосил «насибаи» ӯро оварда, ба хонааш медоданд. Ҳамин тавр, Соҳиби доно меҳнат накарда, аз дигарон дида зиёдтар соҳиби ғаллаю мева мешуд. Вақте ки як қисми мардуми кӯҳистонро ба водии Вахш барои обод кардани заминҳои солҳои сол бекор хобида муҳоҷир карданд, яке аз аввалинҳо шуда, бо аҳли оилааш ба ин водӣ омад ва аз тарси «кулакшавӣ» озод шуд. Тақдир ӯро ба хоҷагии навбунёди дар мавзеи Уртабуз таъсисёфта овард, Соҳибро ҳамчун марди саводнок ба қавми деҳааш сардори бригада таъин карданд. Вай дар қатори дигарон барои обод кардани заминҳои шӯразору қамишзор камар баст. Марди ҳалиму пухтакор, ки буд, байни ҳамдеҳагону роҳбарон соҳиби эҳтирому обрӯ гашта буд.

Ӯ пешравии давлату пуриқтидоршавии онро дида, дарк кард, ки замони пештара боз намеояд, аз ин рӯ аз рӯи талаби замона амал мекард. Дид, ки давлат муллоҳоро низ аз паси кулакҳо мефиристад, намозҳояшро пинҳонӣ дар хонааш мехонду ба масҷид танҳо рӯзи ҷумъа мерафт.

Дар тӯю маъракаҳо танҳо сифати давлатро мекард. Аз Худою Расули акрам кам ҳарф мезад. Агар рафту шахсони ҳолдон аз ӯ «аз гузашта ягон нақл кунед» гуфта ба ҷонаш мерасонданд, ӯ аз достони Амир Ҳамзаю, Амир Арслон ё ки аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ нақлҳои шуниданбоб мекард

ва бо ҳамин аз одамони «хира» халос мешуд. Ҳа, вай марди замонасоз буд. Фарзандонашро дар ҳамин рӯҳия тарбия мекард.

Фарзанди калониаш Қамар баъди хатми синфи ҳафт ба техникуми педагогӣ дохил шуд. Баъди як соли муаллимӣ, котиби комсомоли ноҳия шуд ва аз он ҷо ба Тошканд, ба мактаби Олии Ҳизби Коммунист дохил шуд. Ҳоло бошад, раиси комиссариати хоҷагии халқи вилоят. Писарони дигараш Ҳомиду Назар бошанд, яке агроному дигаре муфаттиши прокуратураи шаҳр буд.

Ӯ ба писари калониаш, ки ба қавли худаш «калладор» баромад, бисёртар таваҷҷӯҳ зоҳир мекард.

Қамар аллакай дар даҳсолагиаш бо ёрии падар Ҳофизхон шуда буду саводи хубе дошт. Дар мактаби шӯравӣ низ хуб мехонд. Аз рӯи гуфти падар мувофиқи замона рафтор мекард. Соҳиб Назир ҳар замон ба Қамар таъкид мекард, «Писарам бел ба равиши об, гуфтаанд. Ҳеҷ гоҳ муқобили ҷараён шино карда намешавад. Замона бо ту насозад, ту бо замона соз» – гуфтаанд бузургонамон. Дар куҷое бошӣ, дар кадом коре бошӣ, сабру таҳаммулро пеша кун. Ҳаргиз ба рӯи касоне, ки аз ту вазифаи калон доранд, натоз. Ин амалдор оқибат туро бо баҳонае гирифта мепартояд, охир беҳуда «шӯхӣ макун ба арбоб, арбоб занад ба ҳар боб» нагуфтаанд.

*«Бе пир марав, ки дар бимонӣ,*
*Ҳар чанд Сикандари замонӣ».*

Ва ин пандро худи Қамар низ дар бисёр ҳолатҳо истифода мебурд. Вале имрӯз бошад, аз як бэҳтиётии кардааш сараш дар назди амакбачааш Шамсову ҷиянаш Акбар хам шуда буд. Ӯ чанд моҳ пеш ба мошини давлатиаш, ки чанд вақт аз беакамуляторӣ хоб буд, аз анбори МТС як акамулятор ва боз чанд қисми эҳтиётӣ гирифта часпонда буд. Хешовандонаш, ки дар зери сояи давлати ӯ соҳиби мансаб шуда буданд, худашон ин қисмҳои эҳтиётиро ба ӯ пешкаш карда буданд. Имрӯз бошад, боз барои ёрӣ назди ӯ омадаанд. «Ҳе ношудҳое,» – мегуфт худ ба худ Соҳибов, дар кабинети васею барҳавояш, дар болои қолинҳои мулоим қадам зада. «Ана, падар як гуфтаатон он қадар ба ман маъқул не, «Аввал хешу баъд дарвеш». Хешу табору ёру

дӯстонро дар гирдат ҷамъ кун. Дар вақти зарурӣ ба кор меоянд». Ана, ҷамъ кардаму боз ғами онҳоро мехӯрам. «Ҳе ношудҳо!» – гӯён даст афшонду рафта дар паси мизи кориаш нишаст. Баъд ба коғазҳои пагоҳӣ даровардаи котиба назар андохт.

* * *

Тамара Орлова рӯзи дуюм духтарчаашро ба боғча бурда, дид, ки Эляҷон ба кӯдакон одат карда, дигар гиря намекунад. Ҳуҷҷатҳояшро гирифта ба ҷои роҳхат гирифтааш, идораи НКВД-и вилоят омад. Дар назди дари даромад ӯро афсари посбон нигоҳ дошта.

– Шумо ба куҷо? – пурсид посбон.

– Ман ба сардори ҳамин идора кор дорам, – гуфт Тамара.

– Мебахшед, шумо ба ӯ чӣ кор доред? – зани зебою ҷавони ба сардори НКВД «кор дорам» гуфта барои посбон бисёр аҷиб намуд. Охир ба ин идора, то маҷбурӣ наоранд, аз пеши худ касе ғайрати наздикшавӣ надорад. Ин зан бошад боз ба андак – мундак не, ба худи сардор кор доштаанд, аз дил гузаронд афсар.

– Ҳа, ман ба он кас кори таъҷилӣ дорам. Маро барои кор ба ин ҷо равон кардаанд, – гуфт Тамара ноилоҷ чун дид, ки афсар ӯро шунидан ҳам намехоҳад.

– Ҳа – а, ин тавр гӯед. Ба шумо сардори калон нею сардори шӯъбаи кадрҳо лозим, масъалаи кадрҳоро аввал он кас ҳал карда, баъд назди сардори комиссариат мебарад, – кордониашро нишон доданӣ шуд афсар.

– Хайр, майлаш маро ба шӯъбаи кадрҳо гусел кунед, – илтимос кард Тамара.

– Не, ман аз ҷо ҷунбида наметавонам. Ҳо, аз он тирезача рафта иҷозатнома гиред, баъд роҳро ба шумо нишон медиҳам, – гуфт афсар ва тирезачаеро, ки ба тарафи кӯча кушода буд, нишон дод. Дар шӯъбаи рухсатномаҳо ҳуҷҷатҳояшро дида, ба Тамара духтараки ситорагарме рухсатнома навишта.

– Шӯъбаи кадрҳо дар охири роҳрав, тарафи чап, ҳуҷраи 15-ум, – гӯён табассум кард духтарак.

– Ташаккур, меёбам, – гӯён Тамара ба ӯ миннатдорӣ изҳор кард.

Сардори шӯъбаи кадрҳо марди миёнасоли чутур будааст. Ӯ дар бар либоси афсарӣ дошт ва машғули кадом коре

буд. Тамараро дида, аз ҷо хест.

– Шумо, духтари нағз, ба ман кор доред?

– Ҳа, агар шумо сардори шӯъбаи кадрҳо бошед.

– Ҳа, ин ман, капитан Ҳаитов.

– Бисёр хуб. Ман Орлова Тамара Сергеевна – хатмкунандаи факултаи ҳуқуқшиносии Дорулфунуни давлатии шаҳри Одесса. Ба назди шумо бо роҳхати Комиссариати халқии корҳои дохилаи ҷумҳурӣ барои кор омадам. Ана, ин ҳуҷҷатҳои ман, – бо ҷиддият гуфт Тамара. Ҳаитов низ «зани ҷиддӣ менамояд». Гапзаниаш «афсарона», гӯён аз дил гузаронду хомӯшона ҳуҷҷатҳои Тамараро гирифта бодиққат аз назар гузаронд.

Ҳа, ҳамааш дуруст, гуфтаатон барин, лекин барои шуморо ба кор қабул кардан ҳатман иҷозати сардори комиссариати вилоят рафиқ Танасейчук Василий Иванович зарур аст. Ҳозир ман бо телефон бо он кас гапзанон мекунам. Агар қабул кунад, ба наздаш медароем.

Ҳаитов гӯшаки телефонии дохилиро бардошта то овоз омадан хомӯш монд. Пас аз фурсате:

– Алло, рафиқ полковник, иҷозат диҳед арз кунам…Барои кор бо рухсатномаи НКВД рафиқ Орлова Тамара Сергеевна омадааст. Агар иҷозат диҳед,он касро ба назди шумо биёрам. Хуб шудааст, ташаккур, – гӯён Ҳаитов гӯшаки телефонро гузошт. Баъд ба Тамара рӯ оварда: – Рафтем Тамара Сергеевна, – гӯён аз ҷояш хест. Утоқи кории Танасейчук аз шӯъбаи кадрҳо он қадар дур набуд. Ба қабулгоҳи хурдакак, ки базӯр як мизу чанд курсӣ ҷой мегирифт, дохил шуданд. Котиба, ки духтараки қоматбаланди рӯяш доғи кунҷитакдор буд, онҳоро дида, «сардор шуморо интизор», – гуфта ишораи даромадан кард.

Аввал Ҳаитов, сипас Тамара иҷозат пурсида, вориди утоқи кории Танасейчук шуданд. Марди қадбаланди харобаи чашмонаш дар косахонаи сар чӯкида, ки либосҳои ҳарбӣ дар бар паси мизи сиёҳи калон менишаст, онҳоро дида, аз ҷо хесту ба пешвозашон омад.

Вай ба Ҳаитов даст дода вохӯрдӣ карду баъд ба Тамара рӯй овард.

– Аз рӯи ахбори мо, шумо рӯзи сеюм аст, ки дар шаҳри мо меҳмонеду лекин аз чӣ бошад, ки танҳо имрӯз ба назди мо омадед? – шӯхиомезона муроҷиат кард ӯ ба Тамара. Тамара аз ин зудогоҳии сардори НКВД ҳайрон шуда худро

гум карда.

– Чӣ шумо аз паи ман мепоед магар? – гуфт ва худаш аз гапи задааш пушаймон шуда суп-сурх шуда рафт.

– Не, намепоему лекин хизмати мо ҳамин аст. Мо ҳама чизи бароямон зарурро сари вақт бояд донем. Набошад, чӣ тавр пеши роҳи бадкорону ҷинояткоронро мегирем?

Тамара аз шунидани ин ҳарфҳо боз бисёртар сурх шуда, вуҷудашро аз шарм арақ зер кард.

Ин аҳволи духтарро дида, сардор хост, ки ӯро аз хиҷолат барорад.

– Ҳеҷ гап не. Духтарчаатонро ба боғча бурда ҷойгир кардед. Ин хуб аст. Кори моро осон кардед. Акнун биёед ба сари мақсади асосӣ меоем, – гуфту ба Тамара нигоҳ накарда, – марҳамат шинед, – гӯён ба курсиҳо ишора карда, худаш паси мизи кориаш гузашта нишаст. Тамара: «Инро бинед-а ҳатто духтарчаамро ҳам дидасту ба боғча бурданашро медонад» – гӯён ба курсӣ нишаста ба хаёл рафт.

– Тамара Сергеевна, ба мо мутахассисони ҳуқуқшинос ва илова ба ин маълумоти олидор чун обу ҳаво заруранд. Ман аллакай бо ҳамаи ҳуҷҷатҳои шумо, ки аз комиссариати ҷумҳурӣ ба мо омада расид, шинос шудам. Лекин огоҳ мекунам, ки кори мо ниҳоят вазнин ва миёншикан аст. Дар вақтҳои зарурӣ на шаб хоб дорему на рӯз. Дар ҳар боду ҳаво хоҳ, барф бораду хоҳ санг, мо бояд ба ҷои воқеа равему он ҷоро аз назар гузаронида, барои кушодани ҷиноятҳо амалиёт гузаронем. Ин барои шумо душвор нест, шавҳаратон ба ин чӣ мегӯяд?

Тамара, ки ба худ омада буд, худро ба даст гирифта:

– Ҳа, ман розӣ. Шавҳарам низ ба кори ман дахолат намекунад ва кори моро хуб мефаҳмад. Вале агар шабу рӯз кор бошад, духтарчаамро чӣ кор мекунам?

– Шумо розӣ бошед, баъзан духтарчаатонро метавонед дар хонаи мо монда равед. Ман ҳам Светлана гуфтанӣ духтарчаи чорсола дорам. Онҳоро зани ман Олга Серафимовна нигоҳубин мекунад.

Тамара баъди ин гапҳо ба рӯи сардори наваш диққат дода тахмин кард, ки вай 35-36-сола аст ва шояд пас аз беморӣ чунин харобу лоғар шуда бошад.

– Хайр, инашро баъд мебинем, – гуфт Тамара табассум карда.

– Ҳо, бале. Ин гапи дигар. Медонед, Тамара Сергеевна,

мо чандто ҷойи холӣ дорем, вале барои шумо беҳтаринаш ва хубтараш муфаттишӣ рост меояд. Кор аслан дар ҳуҷраи корӣ, агар воқеае нашавад, кори худатонро карда мешинед. Шумо чӣ мегӯед?

– Худам ҳам ҳаминро мехостам. Охир он ба ихтисоси ман бештар мувофиқ аст.

– Ин тавр бошад, рафиқ Ҳаитов фармонро дар бораи таъини Орлова тайёр карда назди ман дароред. Шумо бошед, – ба Тамара рӯ оварда гуфт Танасейчук, – имрӯз рафта ба корҳои шахсиатон машғул шавед. Пагоҳ ба кор оед, шуморо ба ҳамкоронатон шинос мекунем.

– Ташаккур, – гӯён Тамара аз ҷой хеста, хайрухуш карда аз дар баромад.

* * *

Мудирони анбори МТС чанд рӯзи охир дар давутоз буданд. Ба назди онҳо аз хоҷагиҳои дуру наздик чанд раису роҳбарони МТС-ҳо омада, қисмҳои эҳтиётии заруриро пайдо карда, бо табъи хуш изҳори миннатдорӣ мекарданд. Светозаров ба кори онҳо диққат медоду ба чизе сарфаҳм нарафта, «ин кори ҳаррӯзаашон будааст»-гӯён аз дил мегузаронд. Чанд рӯз боз ӯ дар сехи челонгарӣ бо коргарон ҷунбуҷӯл мекард.

Шамсов бошад, бо ҳар баҳонае аз ӯ канорҷӯӣ мекард ва кореро баҳона карда, аз корхона баромада мерафт. Баъзан то охири рӯзи корӣ ғайб мезад. Гӯё, ки кори давлатӣ ба ӯ дахл надошт. Баъзе вақтҳо Светозаров худ ба худ суол медод. «Охир ин маҷлисравии директор кай тамом мешуда бошад? Наход ҳар рӯз то бевақтӣ маҷлис гузарад? Агар ҳама маҷлисбозӣ кунад, корро кӣ мекарда бошад?» Бегоҳии рӯзи чоруми корӣ Шамсов аз куҷое ширакайф пайдо шуда ба идорааш даромад. Светозаров ӯро дида, коргарони сехи челонгариро ҷавоб доду ба назди сардор даромад.

Шамсов тақ-тақи дарро шунида:

– Оббое, намемонанд як дами беғам занӣ. Ҳамин ки омадӣ, аз ҳар гӯру лаҳад пайдо шуда калаатро гаранг мекунанд, – гӯён ғурунгос зад. Ӯ Светозаровро дида, ба худ печид. «Ин лаънатӣ маро поида мегардад-чӣ?» – гӯён аз дил гузаронид.

– Ҳа, Егор Иванович, марҳамат, марҳамат биёед, аз ин сӯ гузашта шинед, – гӯён ба ӯ ҷои шишт нишон дод. –

Аҳвол чӣ тавр? Бачаю келин чӣ тур? Зиқ нашудаед?

– Ҳа, шукр. Тинҷӣ, – ҷавоб дод Егор ва чун талаби маъмурияти меҳмонхона, ки ҷойро холӣ кунед, мо интизори меҳмонҳои зиёдем, гуфта буд, ба ёдаш омад, чеҳрааш тира гашт.

– Ҳа, чӣ шуд? Якбора ба хаёл рафта мондед? – ба хаёл рафтани Егорро дида пурсид Шамсов.

– Ҳа, ҳамин хел. Як проблемача баромаду, – гап хоид Егор, ки намехост дар ин бора ба Шамсов чизе гӯяд. «охир вай ба ман хона ёфта намедиҳад-ку», аз дил гузаронд ӯ.

– Чӣ хел проблема будааст? – мароқ зоҳир кард Шамсов.

Егор дид, ки Шамсов мунтазири ҷавоб аст, аз гапи гуфтааш пушаймон шуда бошад ҳам, ноилоҷ асли воқеаро ба ӯ гуфт.

Вай аз куҷо медонист, ки сабаби аз меҳмонхона рондани онҳо ҳамин Шамсову Соҳибовҳо буданд. Ду рӯз пеш аллакай онҳо маслиҳат карда, Соҳибов ба мудири меҳмонхона, ки вай ҳам ким-чи хел авлодаш мешуд, супориш дода буд, ки баҳонае ёфта оилаи Светозаровҳоро аз меҳмонхона бадар кунад. Мудири меҳмонхона зуд баҳонаро ёфт. Дастаи футболбозони пойтахт барои вохӯрии рафиқона бо командаи вилоят бояд ба Қӯрғонтеппа оянд. Ана ҳамонро баҳона карда:

– Агар малолатон наояд, ба ягон ҷои дигар кӯчед. Спортсменҳо меоянд, – гуфта онҳоро огоҳ карда буд. Светозаровҳо бояд пагоҳ ҳуҷраро холӣ мекарданд.

– Ҳа-а, чатоқ шудааст-ку, – мад кашида гуфт Шамсов, ки аслан аз ноилоҷ мондани Егор бисёр хурсанд буд, лекин инро вонамуд намекард. – Хайр, чӣ илоҷ. Роҳи дур, ҷои танг, шароит нест. То ба рӯзҳои нек расидан чунин проблемаҳо ҳоло бисёр мебароянд. Хайр, шумо чӣ чора ҷустед? – пурсид Шамсов.

– Намедонем ба куҷо равем. Ба болои ин духтарчаи хурдсол дорем, – гуфт Егор ноумедона.

– Ҳа, гапатон дуруст, лекин охир шумо дар кӯча хоб намеравед-ку?! Ягон илоҷашро ёфтан лозим. Дар шаҳр шояд ягон кас хонаашро ба иҷора диҳад. Кофтан лозим. Шумо бошед, аланг-саланг дар ин ҷо гаштед, – гуфт Шамсов худро дилсӯзона нишон доданӣ шуда.

– Ҳа, оилаам ба ин кор машғул, лекин аз Шумо напурсида аз кор рафтанро ба худам раво надидам.

– Гапро бинеду «раво надидам будааст». Охир бе кор чӣ хоҷати нишастан? Аз рӯи вазифаатон шумо ҷонишини ман ҳисоб меёбед. Дурусттараш шумо ҳам сардоред. Наход Шумо рафта барои оилаатон сарпаноҳ ҷӯеду ман аз Шумо хафа шавам? Ман ҳамчун сардори идора бояд Шуморо бо манзилгоҳ таъмин кунам. Шумо бошед «раво надидам», мегӯед. Хезед, аз паси коратон шавед! Ҳоло рӯз барвақт, рӯзҳои тобистон дароз. Шояд омад карда, дар ягон ҷо сарпаноҳе ёбед. Ман ҳам баъзе ёру дӯстҳоро ба ин кор ҷалб мекунам. Шояд онҳо ба мо ёрӣ расонанд.

Шамсов ба сӯҳбат хотима доданӣ шуд. Вале Егор аз ҷояш наҷунбида, барои чӣ ба назди ӯ омаданашро гуфт.

– Оббое, Шумо тоза ҳам гаранг будаед, бачаю качаатон бе сарпаноҳу Шумо тафтиш-тафтиш гуфта нишастаед. Охир ин тафтиши сабилмонда гурехта намеравад. Шумо аввал бояд ҷои хоб дошта бошед. Метавонед пагоҳ ба кор наомада, проблемаатонро ҳал кунед. Ҳамин ки ҳал шуд, баъд ба кор меоеду ҳамон замон ба тафтиши анборҳо сар мекунем.

Егор чизе нагуфту аз ҷояш хест ва «то боздид», гӯён бо сари хам аз дар баромад.

Ҳамин ки ӯ дарро пӯшид, Шамсов дастонашро ба ҳам соида, бо хурсандӣ:

– Ҳа, лаънатие, моро ба ташвиш мононда, хостӣ, ки худат бе ташвиш гардӣ? Не, ҳоло ист, ба ту чиҳо кунем, – гӯён беихтиёр хандид. Мақсади аз меҳмонхона рондани Светозаровҳо низ ҳамин буд, ки Егор ба хонакобӣ машғул шуда, чанд рӯз саргардон мешавад. Дар ин муддат онҳо ҳама шикасту рехти анборҳоро буд карда, баъд бо хотири ҷамъ ба тафтиш сар мекунанд. Дар меҳмонхона бошад, нохушии дигар Егорро интизор буд. Вақте ки ӯ ба он ҷо омад, дид, ки Тамара дар назди тиреза истода ғарқи фикру хаёл аст.

– Ҳа, Тамараҷон, чӣ шуд? Ин қадар андешамандӣ? – суол дод Егор ба завҷааш ва аз рухсорааш бӯсид.

– Ҳа, омадӣ? Биё, нишинем, ман ба ту хӯрок оварам, – гӯён Тамара дастархон кушод. Вале хаёлаш парешон буд.

– Ҳа,чӣ гап шуд? Чаро ту ин қадар маъюсӣ? Чӣ, дар корат ягон воқеаи нохуш рӯй дод? – пурсид Егор.

– Не. Корҳоям нағз. Вале намедонам бо Эляҷон чӣ кор кунам.

– Ба Эляҷон чӣ шудааст? Касал шудааст?

– Не, касал нашудааст. Ором шав. Дар боғча ба ман гуфтанд, ки ӯро то аз назди духтурон нагузаронам, дигар наорам.

– Охир, чаро дар рӯзи аввали қабулашон талаб накарданд? Ё хоб буданду акнун бедор шуданд? – бо тааҷҷуб пурсид Егор.

– Инашро намедонам. Акнун ман маҷбурам, ки як – ду рӯз ба кор нарафта, аз паи духтарам давам. Худаш чӣ гап, Егорҷон, аз меҳмонхона меронанд, дар боғча ин тавр муносибат карданд. Охир ҳамааш нағз буд-ку? Чӣ гап шуд ба ин одамон? Хаёлам, ягон рафтори мо ба онҳо нафорид. Охир аввал моро чун ёру бародар қабул карданд. Ҳоло бошад, ба мо дигар хел муносибат карда истодаанд. – Вале ҳарду ба ин муаммо сарфаҳм нарафта, ба хаёл рафтанд. Баъди чанде Тамара аз ҷо хест.

– Вақти Эляҷонро аз боғча гирифтан шуд.

Егор ҳам ба таом даст назада, болояшро бо саҷок пӯшиду:

– Ман ҳам бо ту меравам, – гуфт. Ҳарду аз меҳмонхона баромаданд.

Онҳо дар хаёл ҳам намеоварданд, ки Соҳибови ҳалиму меҳрубон «мушкилкушои» онҳо шуда, имрӯз дандонашро нишон медиҳад.

Эҳ, одамон, одамон, Шумо кай ба қадри якдигар мерасед? Наход дасти бечораеро гирифта, ба ӯ ёрӣ додан пешаи Шумо набошад? Охир то ба кай Шумо ба якдигар душманӣ мекунед? Якдигарро бо ҳар як кори ночиз меранҷонед? Зиндагии ширинатонро талх мегардонед. Магар ин ноодамӣ нест?

* * *

Тамара ва Егор чанд рӯзро барои пайдо кардани хона ва духтурдавӣ гузаронданд. Оқибат Егор дар як кунҷи шаҳр кампиреро пайдо кард, ки писари яккаю ягонаашро ба аскарӣ гирифта буданд ва дар як ҳавлии калоне бесаробон, танҳо монда буд. Кампири Сайрам Егорро бо хурсандӣ пешвоз гирифт. Сайрам-хола, ки то нафақа баромаданаш дар мактаб муаллима шуда кор мекард, забони русиро каму беш медонист. Шавҳараш ба қарибӣ аз ҳаёт гузашта буд.

Хонаи Сайрам-хола чор ҳуҷра дошт, ду ҳуҷраашро ӯ ба Егору Тамара ҷудо карда дод. Вай кати дуҷояи хобашро низ

ба онҳо дод, кати писараш Анварро барои Эляҷон.

Ҳавлӣ сердолу дарахт буд. Аз мобайни он ҷӯи оби зулоле ҷорӣ буд. Дар назди беди калони лаби об кати чӯбини калоне меистод, ки дар болояш гилему кӯрпачаҳо густурда шуда буд.

Ҷои ёфтаи Егор ва хусусан Сайрам-холаи ҳалиму меҳрубон ба Тамара ниҳоят маъқул шуд. Аз ҳама муҳимаш он, ки Сайрам-хола ба дили Эляҷон зуд роҳ ёфт.

Сайрам-хола, ки дер боз азоби ҷудоию танҳоӣ кашида, дилгир шуда буд, аз омадани оилаи Егор хурсанд шуд ва бо ҳар роҳ кӯшиш мекард, ки онҳо худро дар хонаи ӯ нороҳат ҳис накунанд.

– Хонаи маро хонаи худатон донед, фарзандонам. Барои ман як гӯшачае кифоя аст. Шумо ғами маро нахӯред. Зиндагиатонро пеш баред.

Чӣ тавре, ки дар урфият мегӯянд: «Мард бояд, ки ҳаросон нашавад, мушкиле нест, ки осон нашавад» гуфтаанд, мушкили оилаи Светозаровҳо ҳалли худро ёфт.

Сайрам-хола оҳиста-оҳиста ба иҷоранишинонаш чунон одат кард, ки агар онҳо аз кор дертар биёянд, ташвиш кашида ба кӯча мебаромад.

Вақтҳои охир вай ба нею нестони Тамара нигоҳ накарда, пухтупаз ва ҳатто ба ҷои Тамара ҷомашӯӣ карданро низ ба ӯҳда гирифт.

Эляҷон, ки ниҳоят ба Сайрам-хола унс гирифта буд, аз ӯ дур намешуд. Сайрам-хола бошад, куҷое ки равад, барои ӯ конфет, печене ва ё ягон чизи дигар меовард.

Аз боғаш мева оварда ба ӯ медод. Ҳамин тавр кор ба ҷое расид, ки Светозаровҳо дигар барои Эляҷон ташвиш намекашиданд. Ӯро Сайрам-хола ба боғча мебурду меовард, рӯзҳои истироҳату нигоҳубин мекард.

Сайрам-хола Тамараю Егорро фарзанд хонда буду духтарчаи онҳоро набераи худ мешуморид.

Егору Тамара низ меҳрубонии ин зани меҳубонро дида ӯро «модар» ном мебурданд. Дар яке аз мактубҳояш ба номи волидон Тамара навишта буд: «Ҳеҷ гумон намекардам, ки ба ин мулки дур сафар карда, ба онҳо унс мегираму дӯсташон медорам. Мо ҳоло дар хонаи тоҷикзане зиндагӣ мекунем, ки ҳамсоли Шумост ва нисбати мо чун шумо меҳрубонӣ зоҳир мекунад.

Кор ба ҷое расидааст, ки ӯ худаш Эляҷонро ба боғча бурда меорад. Пухтупаз мекунад ва ҳатто ба нею нестони ман нигоҳ накарда барои мо ҷомашӯӣ ҳам мекунад.

Хуллас, аз мо ташвиш накашед, волидони азиз, ману Егор модару Эляҷон бибии тоҷик дорем. Шумо метавонед аз ин ҳатто рашк баред. Тамараи шумо».

* * *

Тафтиш тамом шуд. Дар анборҳо камбудие ошкор нагардид ва мудирони анбору директори МТС Шамсов нафаси озод кашиданд. Светозаров, ки дигар хел шуданашро фикр ҳам намекард, ба кор часпид. Вай рӯзҳои дароз барои пайдо кардани механизм ва қисмҳои эҳтиётӣ овора шуда ба чор тараф медавид. Чизҳои камёфтро пайдо мекард ва ба анбори МТС мекашонд. Ӯ ҳам вазифаи таъинотчиро иҷро мекарду ҳам мудири хоҷагиро.

Сехи челонгарӣ низ барои тайёр кардани бисёр қисмҳои эҳтиётӣ истифода бурда мешуд. Аксари вақтҳо худи Егор барои тайёр кардани ягон асбоб ва ё қисми эҳтиётии лозим шуда дар паси дастгоҳи челонгарӣ истода, кор мекард ва ба челонгарон чи тавр тайёр кардани ин қисмҳоро аз рӯи нақша ёд медод. Ӯ ин касбро аз падараш омӯхта буд.

Падараш ӯро баъди хатми мактаб дар сехе, ки худаш сардорӣ мекард, ба кор гирифта ба ӯ нозукиҳои ин касбро ёд медод. Вале тақдир дигар чизро барои Егор тайёр карда буд. Вай мақсади хонданро дошт.

Ӯ имтиҳонҳои қабулро хубу аъло супорида, донишҷӯи Донишгоҳи хоҷагии халқи Одесса гардид ва инак, баъди хатми он дар ин ҷост. Вале ӯ касби падарро фаромӯш накарда, имрӯз ба дигарон меомӯзонд.

Роҳбарони хоҷагиҳо қариб қисмҳои эҳтиётии камёфтро намеҷустанд. Он чизеро, ки дар анборҳо ёфт намешуд, дар сехи челонгарии МТС-и вилоят пайдо кардан мумкин буд.

Шамсов бо омадани Светозаров аз азоби нарасидани қисмҳои эҳтиётӣ халос шуда, аз кори ӯ қаноатманд бошад ҳам, як гӯшаи дилаш ба ин коргари ҳама дасташ пури ҳунар бо шубҳа менигаристу тарси онро дошт, ки ин тирмизаки ҳамакора рӯзе ҷои ӯро мегирад. Аз ин рӯ,ӯ Егорро ором намегузошт. Бо ҳар баҳона ӯро сарзаниш мекард ё ба сафарҳои хизматии чандрӯза мефиристод, то ки камтар бо ӯ вохӯрад.

Светозаров бошад, кори худро хуб аз бар намуда, ба

ҳамаи ноҳияҳои вилоят сафар карда, бо кори МТС-ҳо шинос шуд, ҷилави корро рӯз то рӯз ба даст мегирифт. Ӯ ором надошт, кӯшиш мекард, ки дар кораш камбудие набошад ва аз ӯ касе шикоят накунад.

Коргарони МТС ҳурмату эҳтиромаш мекарданд ва дӯсташ медоштанд. Ба яке корро мефаҳмонд, ба каси дигар бошад ёрӣ медод.

Тамоми техникаи дар МТС буда ҳама вақт дар ҳолати корӣ буд. Дар як муддати кӯтоҳ кормандони МТС чандин мошинҳои аз кор баромадаи хоҷагиҳоро таъмир карда ба онҳо пас гардониданд.

Дар ҷамъомадҳо «ин натиҷаи дуруст истифода бурдани қувваи корӣ ва ҷо ба ҷогузории кадрҳо» – гуфта, директори МТС Шамсовро таърифу тавсиф мекарданд, дар асл бошад, ин муваффақиятҳои корхона натиҷаи меҳнатдӯстию кордонии Светозаров буд. Инро Шамсову Соҳибов ва дигар роҳбарони идораҳои болоӣ хуб медонистанд ва ин ба табъи баъзеҳояш, алалхусус, ба Шамсову Соҳибов намефорид ва онҳо пайт мепоиданд, ки чи тавр ба кори Светозаров халал расонанд. Ӯро беобрӯ кунанд. Онҳо дуру дароз мунтазир нашуданд. Масъала худ ба худ барояшон ҳал шуд.

* * *

Аввалҳои баҳори соли 1936 буд. Дар тамоми хоҷагиҳои вилоят маъракаи шудгори баҳорӣ босуръат идома дошт. Дар хоҷагиҳо плуг, трактор ва амсоли онҳо намерасид. Раисони хоҷагиҳо дари МТС-ро охурча карда буданд. Ба КМ СКХ (СНК) шикоятҳо менавиштанд, техника талаб мекарданд.

Қарибиҳои тамомшавии шудгори баҳорӣ ба МТС бист дона трактори ХТЗ омад. Як рӯз баъди омадани тракторҳо Соҳибов Шамсовро ба наздаш даъват карда, ба ӯ супориши Совнаркоми ҷумҳуриро дод, ки дар он гуфта мешуд. «Ин тракторҳо танҳо ба хоҷагиҳои пешқадами вилоят, ки заминҳои корамашон зиёд аст, дода шавад». Дар нома номи ин хоҷагиҳо ва миқдори тракторҳои ба онҳо ҷудошуда қайд шуда буд.

– Ана вақташ ҳам расид, – мулоимхунукона табассум карда гуфт Соҳибов, баъди номаро хонда ба ӯ баргардондани Шамсов.

Шамсов гӯшу ҳуш шуда ба Соҳибов менигаристу мунта-

зири чӣ гуфтани вай буд.

Соҳибов чизе нагуфта ба Шамсов боз як номаи дигарро дароз кард, ки дар он Шамсов барои давом додани хониш ба сессияи зимистона даъват шуда буд. Шамсов ин хатро ҳам хонду суоломез ба Соҳибов нигарист.

– Ҳа, чӣ нигоҳ мекунӣ? Нафаҳмидӣ?

– Не, ака. Ба сессия рафтанам зарур.

– Ҳе, каллаварам. Ҳеҷ чизро намефаҳмӣ. Ту ба сессия меравӣ, Светозаров бошад, ба ҷои ту иҷрокунандаи директор таъин мешавад, ана ин фармон барои туро ба сессия роҳӣ кардану ӯро ба ҷои ту иҷрокунанда таъин кардан, фаҳмидӣ?

Шамсов боз аз гапҳои Соҳибов чизеро нафаҳмида, ҳайрон монда, ба ӯ чӣ ҷавоб доданашро надонист.

– Мебахшед, чизеро намефаҳмам, – гуфт.

– Кай ту ягон чизро фаҳмида будӣ, ки акнун фаҳмӣ? – гӯён Соҳибов ба ӯ таъна заду баъд гапашро давом дод.

–Гап дар сари он, ки ту аз имрӯз дар ҳисоби сессия. Худи ҳамин рӯз иҷрои ин супориши Совнаркомро ба Светозаров ҳавола мекунӣ. Хатро ба котибат медиҳӣ, ки дар ягон ҷой руст кунад. Светозаров ин хатро нахонда, тракторҳоро ба ҳамаи ноҳияҳои вилоят тақсим мекунад. Баъди як ҳафта мебинӣ, ки қиёмат гардон мешаваду кӣ гунаҳкор? Светозаров! Фаҳмидӣ?

– Ҳа, акаҷон. Ман қоил. Охир ман куҷою ба фаҳми ин корҳо расидан куҷо?!

– Ҳа, ту дар хушомадзанӣ устухон надорӣ. Ҳамин – гӯён Соҳибов бо рӯймолча арақи сари тосашро тоза кард. – Ана акнун бираву аз паи корат шав. Баъди ним рӯз туро дар идора касе набинад. Фаҳмо?

– Фаҳмидам, чун соя дар торикӣ ғоиб мешавам. Худи ҳамин рӯз ба Сталинобод меравам, – гуфт аз ҷояш хеста ва аз паи фармони хӯҷаин шуд.

Гӯё, ки Соҳибов ба об нигоҳ карда гап зада бошад, кор айнан ҳамон тариқе, ки ба Шамсов гуфта буд, рух дод.

Светозаров аз супориши Совнарком бехабар тракторҳоро баробар ба ҳамаи ноҳияҳо тақсим кард.

Баъди як ҳафта занг болои занг шуда, дар хонаи мӯрча об даромад. Ба куҷоҳое Светозаровро даъват намекарданд. Чӣ дӯғу пӯписаҳое намезаданд. Касе ба гапи ӯ «ман аз номаи Совнарком хабаре надорам», бовар намекард ва шуни-

дан ҳам намехост.

Алалхусус, Соҳибов, ки аз ҳама зиёдтар ба сари Светозаров дод зада ӯро кӯтоҳандеш, гарданшах мегуфт,

– Акнун барои ин густохиат ҷавоб медиҳӣ, – гӯён ба ӯ дӯғ мезад.

Замонаи душвор буд. Барои андак кор ва тӯҳмат одамонро ба суд мекашиданд, бадарға мекарданд.

Тамара Орлова аз кор қариб ними шаб бармегашт. Рӯзҳои истироҳат ҳам ба кор мерафт. Аз истироҳату дамгирӣ ҳоҷати гап ҳам набуд. Ӯ ба Егор нақл мекард, ки даста-даста хатҳои беимзо меоянд, ки одамонро ба корҳои ақлношунид айбдор мекунанд. Душмани халқашон мехонанд, кулаку муллою эшон ва босмачӣ мебароранд.

Ин гапҳоро шунида, Егори ба кори худ овора ҳайрон мемонд.

– Ин, ҷонакам, кори шумо. Шумо бояд мӯйро аз хамир ҷудо кунед, ба кори шумо ман сарфаҳм намеравам. Ин корҳо мегузаштагист. Тоқат кун, ҷонакам, – гӯён занашро дилбардорӣ мекард.

Вале вақте ки комиссияи махсуси вилоят ӯро ба кори ба хоҷагиҳо додани техникаи хоҷагии қишлоқ ва иҷро накардани супориши Совнарком гунаҳкор дониста маводҳои санҷишиашонро ба Бюрои ҳизбӣ ва НКВД пешниҳод карданд, ҳуш аз сари Светозаров парид.

Дар хулосаи санҷиш навишта буданд, ки вай дидаю дониста техникаи хоҷагии қишлокро худсарона тақсим карда, кишти баҳориро қафо монond ва ба давлат зарари зиёде овард.

Ин аллакай ҷиноят ҳисоб мешуд ва ӯ ин доғро якумрӣ шуста наметавонист. Лекин боз тақдираш омад кард. Як рӯз пеш аз Бюрои Обком ВКП (б)-и вилоят, ки дар он кори Светозаров дида баромада мешуд, ӯро сардори НКВД-и вилоят Танасейчук ба наздаш ҷеғ зад. Албатта, ин бе ёрии Тамара намешуд. Тамара аз шавҳараш зиёдтар азоб мекашид. Ӯ медонист, ки ба шавҳараш гуноҳро бор кардаанд ва хуб мефаҳмид, ки ин ба чӣ анҷом

меёбад. Бинобар ин ба назди сардораш даромаду асли воқеаро чи тавре, ки Егор ба ӯ нақл карда буд, баён карда аз ӯ ёрӣ пурсид. Танасейчук, ки бисёр марди пухтаю кордон буд ва ба воқеаҳои шуда истода аз рӯи ақл ва виҷдон баҳо медод, Тамараро гӯш кард.

– Хайр гиря накун. Агар бегунох бошад, дастгирӣ мекунем, – гуфту баъди баромадан ба МТС занг зада Светозаровро ба наздаш даъват кард.

Дили Егорро сагҳо тала мекард. «Наход, ки ӯро ҳабс кунанд, Тамараю Эляҷон бе ӯ чӣ кор мекарда бошанд», – гӯён роҳравон фикр мекард.

Танасейчук Егорро хуш қабул кард.

– Ман гумон накарда будам, ки бо Шумо ба ин тартиб дар ҳуҷраи кориам шинос мешавам. Дар бораи корҳои неки шумо бисёр шунида мехостам, шинос шаваму Шуморо ба хона таклиф кунам. Вале чи тавре тоҷикон мегӯянд: «ман дар чи хаёлу фалак дар чи хаёл», – гӯён каме Егорро осуда кард, баъд сабаби ба наздаш даъват карданро гуфт.

Егор воқеаи чӣ тавр тақсим кардани техникаро ба хоҷагиҳо айнан чӣ тавре, ки Тамара ба Танасейчук пештар нақл карда буд, баён кард. Пас боз илова намуд .

– Бадии кор дар он аст, ки ман то ҳол ҳамон супориши Совнаркомро надидаам ва касе ҳам онро ба ман нишон надодааст. Дар китоби қайди ҳуҷҷатҳои идора ин нома қайд шудааст, ки Шамсов пеш аз ба хондан рафтанаш онро ба ман ҳавола кардааст, вале онро ман надидаам. Котиба бошад, мегӯяд, ки гӯё онро ба ман додааст. Ман ҳайронам, ки чӣ тавр агар ин коғаз ба дастам меафтид, онро намехондаам. Ҳамон рӯз ба идораи мо ҳамагӣ ду коғаз дохил шуда буд. Яктоашро ман гирифта хонда, барои иҷро ба мутахассисон равона кардам. Ин коғазро бошад, ман надидаам. Рости гап, чизеро намефаҳмам. Ин ҷо дар зери коса нимкосае ҳаст, – гуфта Егор гапашро тамом кард.

– Агар Шамсов дар саросемагӣ ин номаро дар идорааш фаромӯш карда бошад чӣ? – пурсид Танасейчук.

– Ман инашро намедонам. Дар утоқи котиба онро кофта наёфтам. Калиди кабинети Шамсов ба фикрам дар дасти котиба аст, вале ба ин ақлам нарасид, ки ба он ҷо дароям.

– Бисёр хуб, бисёр хуб, – гӯён Танасейчук каме фикр карду сипас бо селектор:

– Рафиқ Ҳотамов, як ба ин ҷо дароед, – гуфта кадом як кормандашро ба наздаш ҷеғ зад. Фурсате нагузашта, марди қоқи дарози айнакдор иҷозат пурсида ба идораи сардор даромад.

Танасейчук ба ӯ як даста коғазҳоро дода:

– Ба ин мактуб ва хулосаи комиссияи ҳизбию ҳукуматӣ

бодиққат шинос шавед. Баёноти рафиқ Светозаровро бо пуррагӣ навишта, сипас ҳамроҳи ду шахси холис рафта дар ҳуҷраи кории ӯ, директори МТС ва котиба кофтуков гузаронед ва аз натиҷааш маро огоҳ кунед, – гуфту онҳоро аз кабинеташ гуселонд.

* * *

Баъди кофтукови утоқҳои Светозарову котиба, ба талаби Ҳотамов котиба хеле нею нестон карда, баъд аз куҷое калиди утоқи Шамсовро бароварда ба ӯ дод.

– Шамсов маро мекушад. Охир бе иҷозати ӯ чӣ хел дарашро мекушоед? Вай бисёр таъкид карда буд, ки калидашро ба касе надиҳам, – гирякунон мегуфт котиба. Номаи Совнарком аз даруни ғалладони мизи кории Шамсов пайдо шуд. Инро дида ранги рӯи котиба канда, пахта барин сап – сафед шуд, дар ҷояш калавида ба рӯи фарш афтид. Ӯро ба ҳавои кушод бароварда ба рӯяш об пошиданд, ба ҳуш омад. Ва дар атрофаш одамони бисёреро дида, зуд аз ҷояш хест ва боз ба гиря даромад.

Кормандони НКВД Светозарову котибаро ба мошин бор карда, ба идораашон бурданд. Инро дида мудирони анбор Акбар Ҳомидову Сафар Назаров анборҳояшонро қулф карда, зуд роҳи идораи Соҳибовро пеш гирифтанд.

Соҳибов дар идорааш кадом ҷамъомаде дошт, ки котиба онҳоро даромадан намонд. Бо илтимосу истодагарии онҳо котиба назди Соҳибов даромада ба гӯши ӯ чизе гуфт, ки:

– Баъди 5-10 дақиқа тамом мекунам, онҳоро рафтан намон, – гӯён котибаро ҷавоб дод.

Ӯ ҳам ҷамъомадро зуд ҷамъбаст кард. Баъд коргаронашро ҷавоб дода, хешбачаҳои ранги рӯяшон паридаро қабул кард.

– Ҳа, чӣ гап, дар рӯятон хун намондааст.

– Идораи акаи Умедро НКВД кофта, ким – кадом коғазро ёфт, котибаро бо Светозаров бор карда бурданд, – гуфт Акбар.

Инро шунида, ранг аз рӯи Соҳибов парид, сап – сафед шуд.

– Хонам сӯхт-ку, – гӯён пиёларо пури об карда ба ҳалқаш рехт.

– О вай хонасӯхта, наход коғазҳояшро насупорида рафта бошад – а? Хезед, мошини маро гиреду аз кадом гӯру

лаҳаде, ки набошад Умедро кофта ба хонаи ман биёред, – гуфт ба қаҳр. Худаш низ дигар дар идорааш нишаста натавониста ба хонааш рафт.

* * *

Нисфи шаб Сафару Акбар Шамсови аз тарсу ларз дир – дир ларзида истодаро аз Сталинобод рост ба хонаи Соҳибов оварданд. Соҳибов ширакайф буд. Вай Шамсовро дида, парида аз ҷояш хест.

– Ҳа, ҳаромзода! Ин чӣ кори кардагият буд? – гуфта ба рӯяш як мушт фароварда буд, ки Шамсов мувозинаташро гум карда, болои фарши хона дароз кашид. Аз биниаш хун фаввора зад. Соҳибов боз ӯро заданӣ шуд, лекин «астағфуруллоҳ» – гӯён дасташро поён кард.

– Ма, фисатро тоза кун, аблаҳ, – гӯён сачоқи рӯи дастархонро гирифта ба тарафаш ҳаво дод.

Шамсов бо сачоқ хуни биниашро поккунон:

– Акоҷон, Худо занад, ки ман гуноҳе надорам. Ҳама корро аз рӯи гуфтаи Шумо иҷро карда будам, – гуфт бо овози гиряолуд.

Соҳибов Акбару Сафарро «ба берун бароед» гуфту асли корро аз Шамсов пурсид.

– Ако, Худо занад, ман хатро ба Гулчеҳраи ҷиянатон додам, ки пинҳон кунад. Баъди чанд вақте бо ягон баҳонае онро ба мизи кории Светозаров гузорад. Вай бошад, аз афташ тарсида, коғазро дар кабинети ман руст кардааст.

– Хайр, занак барин ҳиқ – ҳиқ накуну ба гапи ман гӯш деҳ. Аз ӯҳдаи кор – ку набаромадӣ, акнун аз худат гила кун. Як чизро фаромӯш накун, ки дар бораи ман ту дар ҷое даҳонатро кушоӣ, бо аҳли оилаат нобуд мешавӣ, фаҳмидӣ?!

– Ҳа, фаҳмидам, ако, лекин ман чӣ кор кунам?

– Ту? – гуфт Соҳибов ва каме фикр карда:

– Агар вай қанчиқ тарсида сирро бой надиҳад, лаққида намонад, ту мегӯӣ, ки дар саросемагӣ додани хатро фаромӯш кардам. Ин гуноҳи туро сабук, аз ҳабсхона ҷонатро халос мекунад. Агар ӯ тарсида, иқрор шавад, Худо зад, – гуфтан гир.

Шамсов аз тарсу ҳарос дарақ – дарақ меларзид, забонаш гапро намегирифт, ранги рӯяш мисли дока сафед буд.

Баъди вақти зиёде гузаштан ӯ худро ба даст гирифту забонаш тутала шуда: а-акаҷон ма-ман чӣ-чӣ ко-кор к-кунам?

– гуфта пурсид.

Соҳибов чанд намуд ҳалли масъаларо андешида буд. Зеро медонист, ки дар натиҷаи ба гапдароии Гулчеҳраю Шамсов худи ӯ аз вазифа чун тӯб мепараду дар ҳабсхона мепӯсад, маккориро аз даст надода:

– Аз як авлод якташ бояд, ки дар ин ҳолат дар озодӣ бошад. Аз дасти ту коре намеояд, вале ман ба ту илоҷе ёфта ёрӣ медиҳам, дар ҳолате, ки Гулчеҳраи манҷалақ туро фурӯшад, ту маҷбурӣ гуноҳро ба гарданат гирию гӯӣ, кӣ оқибати корро фикр накарда, хостам Светозаровро, аз кор дур кунам. Лекин ин гапро танҳо дар он вақте мегӯӣ, ки аниқ донӣ, ки Гулчеҳра туро фурӯхтааст. Набошад зинҳор ин гапро ошкор накун. Ҳозир бошад, худатро ба касе нишон надода, боз гашта ба Сталинобод рав. То туро даъват накунанд, ба касе худатро нишон надеҳ. Ба хонаат нарав, ки ба дасти НКВД меафтӣ, гӯён ба тахтапушти Шамсов тап-тап зада:

– Мард бош! Сабр кун, аз ғура ҳавло мепазад, гуфтаанд. Ту худатро зинда ба зинда гӯр накун. Худо карим аст. Раҳми бандагони мӯъмину мусулмонашро мехӯрад, – гӯён Шамсови карахтшударо ба сӯи дар тела дод. Сафару Акбарро таъин кард, ки ӯро ба касе нишон надода, боз аз ҷое, ки овардаанд, ба ҳамон ҷо гирифта баранд. Баъди рафтани онҳо ӯ оҳи бадарде кашиду «Худоҷон, ба мо бандагони пургуноҳи рӯйсиёҳат раҳм кун», гуфта як пиёла арақ рехта ба як дам фурӯ бурду худро ба рӯи кӯрпачаҳо ҳаво дод.

Котибаи Шамсов – Гулчеҳра Аҳмадова «чормағзаки сахт» баромад. Вай дар вақти истинтоқ «ман чизеро намедонам, аз ҳеҷ чиз хабар надорам», – мегуфт.

– Чӣ тавр ҳеҷ чизро намедонед?! Аз ҳеҷ чиз хабар надорам, мегӯед? Охир ҳуҷҷатро Шумо бо дасти худатон ба қайд гирифтед… «Ҳуҷҷат барои иҷро ба Светозаров супорида шуд», навиштаед. Боз «ҳеҷ чизро намедонам» гуфта аз иқрори ҳақиқати ҳол саркашӣ мекунед?

Гулчеҳра ба хаёл рафта, чӣ гуфтанашро фикр мекард. Охир ӯ чӣ хел ҳам фикр накунад. Аввалан ӯ ба Шамсову Соҳибов хешу табор буд. Аз тарафи дигар ӯ зани дуюми пинҳонии Шамсов ҳисоб мерафт. Вақте ки бо хоҳиши тағояш Соҳибов ба идораи МТС ба сифати котиба ба кор омад, ҳатто либоси дурусти пӯшидан надошт. Куртаи атласи обшуста, рӯймоли нимдошти шоҳии сафед ва туфлии

пошнакандае ҳамаи боигарии ӯ буд. Шамсов дар аввал «меҳрубонӣ» карда, барои ӯ сарупои нав гирифт. Ҳар моҳ ба болои маошаш боз аз кисааш чанд пули дигар дода:

– Ту духтари зебоӣ. Бояд нағз хӯрию нағз пӯшӣ, ки дигарон ҳасад баранд, – гуфта ӯро ба худ моил мекард.

Гулчеҳра он вақт дар омӯзишгоҳи педагогии Қӯрғонтеппа дар шӯъбаи ғоибона дохил шуда, мӯҳтоҷи ёрӣ буд. Оилаашон калон буд. Падару модараш базӯр зиндагиашонро мегузарониданд. Рӯзе модари Гулчеҳра аз бародараш Қамар Соҳибов хоҳиш кард:

– Қамарҷон, садқат шавам, ҳамин ҷиянатро бурда дар ягон ҷо ба кор мон, ки худаш худашро хӯронаду пӯшонад. Мо додару хоҳаронашро як илоҷ карда мепоем.

Соҳибов дилаш ба хоҳараш сӯхта, ӯро аввал ба омӯзишгоҳи педагогӣ дохил кард. Сипас барои кор ба МТС роҳӣ кард.

Ҳамин тавр моҳҳо мегузашту Умед Шамсов меҳрубонтар мешуд. Ба ӯ хушомад мезад, шӯхикунон «ба ту шавҳари муносиб ёфта медиҳам», – мегуфт.

Рӯзе Умед баъди кор ронандаашро барвақт ҷавоб доду ӯро ба мошин шинонда:

– Имрӯз туро ба ҷое барам, ки дар умрат он ҷойро фаромӯш накунӣ, – гӯён ба несту нестони ӯ нигоҳ накарда мошинро босуръат ронда, дар як гӯшаи қишлоқи Баҳор, ки аз шаҳр он қадар дур набуд, дар назди дарвозаи калоне истод.

– Ҳоло ту нафаро. Ман ҳозир, – гӯён ба ҳавлӣ даромад. Дере нагузашта, ӯ дарвозаро кушода, мошинро ба даруни ҳавлӣ даровард. Баъд фаромада дарвозаро аз дарун қулф кард. Гашта ба назди мошин омада.

– Акнун, арӯс, аз мошин фароӣ ҳам мешавад. Дигар туро дар ин ҷо касе намебинад, – гуфта буд, ки бо шунидани калимаи «арӯс» бадани Гулчеҳра ваҷаррос зада рафт, дилаш таҳ зад.

– Не, не, акаҷон. Ман намефароям. Маро ба хонаамон баред, – илтиҷо мекард духтар.

– Акнун ин хонаю ҳавлӣ азони туст. Ту дар ин ҷо маликаи хонаӣ, – гӯён Гулчеҳраро ба оғӯш кашид.

– Ако, шӯхӣ накунед. Айб аст. Охир одамон бинанд, чӣ мегӯянд? –дасту по мезад Гулчеҳра. Вале Шамсов ба ин

нигоҳ накарда ӯро озод бардошта ба пешайвони хонаи пешаш шиша гирифтаи зебое даровварда, аз рухсораи лолагунаш бори дигар бӯсид.

– Ана, ҳамин тавр, маликаам. Акнун ҳокими ману ин хона туӣ, – гӯён ӯро беозор ба замин гузошт. Баъд аз кисаатш калидеро бароварда дарро кушоду Гулчеҳраи гурехта ба ҳавлӣ баромадаро бо як ҳаллосзанӣ дошт.

– Не, не, азизакам. Ин корат хуб нест. Охир худат як фикр кун. Наход аз ман дида, ҳамсари беҳтаре ёбӣ? Худоба шукр, ман соҳиби вазифа, пул, обрӯ, маълумот ҳастам. Хаёлам дар ҳусн ҳам кам нестам. Боз ба ту чӣ даркор? Ана, ин ҷою маконро ба номи ту харидаам. Ана ҳуҷҷаташ, – гӯён бароварда ба Гулчеҳра нишон дод. Дар ҳақиқат дар яке аз онҳо соҳибхона Гулчеҳра Аҳмадова навишта шуда буд. Гулчеҳра, ки инро чашмдор набуд, гаранг шуда монд. Аз саросемагӣ, шарму ҳаё чӣ кор карданашро намедонист. Вақте ки Умед аз дасташ дошта:

– «Биё ҷонакам, бисёр фикр накун, ба хонаат маро таклиф кун, охир ман туро дӯст медорам, хушбахтиатро мехоҳам» гуфт, Гулчеҳра дигар чизе нагуфта, аз қафояш ба хона даромад.

Хона аз се ҳуҷраи қолинпӯш иборат буд. Тамоми асбобу анҷоми рӯзгор дар он ҷо муҳайё. Дар хонаи дарун кати калони дуҷоя дошт.

Дар девор, дар меххо куртаю рӯймолҳои занонаи қимматбаҳое овезон буд. Дар як кунҷак, дар болои сандуқи зебое кӯрпаю болиштҳо ботартиб чида шуда буданд.

Умед Гулчеҳраро аз як ҳуҷра ба ҳуҷраи дигар гузаронида:

– Ана, ҳамаи инҳо аз они ту, кадом духтар якбора соҳиби хонаи алоҳидаю ин қадар молу мулк мешавад? – гуфта ӯро ба оғӯш кашида боз бӯсид.

Гулчеҳра, ки дар умраш ин қадар чизҳои зеборо надида буд, дилаш мулоим шуда, шармгинона:

– Апаи Шамсияро чӣ мекунед? – гӯён пурсид.

– Оббое. Хуб гаранг будай-дия. Чӣ кор мекардам? Бо бачаҳояш дар хонааш зиндагӣ кардан мегирад. Охир ману ту баромада дар кӯча ҷор намезанем-ку. Ту дар ин ҷо мемонӣ. Ман ба назди ту омада меравам. Ягон хоҳар ё додаратро ба ин ҷо меорӣ. Ба ғайри падару модарат дар ин бора касе чизе набояд донад. Фаҳмо? – гӯён ҳамаи нақшаи

пеш кашидаашро ба Гулчеҳра баён кард.

– Охир ин чӣ хел заношӯӣ, ки касе инро надонад, – ҳайрон шуда пурсид Гулчеҳра.

– Ана ҳамин хел! – сахт омад Умед. – Хоҳӣ ҳам ҳамин хел мешавад, нахоҳӣ ҳам. Чӣ хаёлат ин қадар вақт ман туро беҳуда хӯрондаву пӯшондаам? – таъна зад Умед.

Гулчеҳра ҳар моҳ пулдиҳии Умедро ба ёд овард. Ба хотираш омад, ки ӯро дар назди падару модараш низ таъриф карда буд.

Ҳамон вақт модараш «Э духтарам, аз дасти писари Шамси пойлучак ҳам ҳамин хел кор меомадааст?» – гӯён тааҷҷуб карда буд.

– Духтарам, ҳушёр бош, мардҳо бисёр ҳиллагар, боз «таги коса нимкоса» набошад, – гӯён таъкид карда буд модар. Он вақт ӯ Умедро ҳимоя карда.

– Очаҷон, вай аз он хелҳояш не. Ба ман нигоҳ ҳам намекунад, гуфта буд.

Ана имрӯз бошад, гуфтаи модараш фол дидагӣ барин рост баромад.

– Охир Умед-ака, ман чӣ хел бе розигии падару модар бо шумо меравам? О қавму ҷамъ, хешу табор, апаам Шамсия чӣ мегӯяд?

– Ту ба онҳо чӣ кор дорӣ? Ба падару модарат қалинашонро тайёр кардам. Хизмати тӯяшонро ҳам бурда медиҳам. Боз ба онҳо чӣ даркор? Танҳо ту розӣ бошӣ, ба дигараш корат набошад. Ман худам ҳамаашро тахт мекунам.

Гулчеҳра дигар ягон илоҷе наёфта «хайр худатон медонед», – гуфта буд, ки Умед аз шодӣ шукуфт. Ӯ Гулчеҳраро ба оғӯш гирифта, ба чархзанӣ даромад. Баъди чанде сараш калавида мувозинаташро гум кард. Гулчеҳраро аз оғӯшаш раҳо карда буд, ки ӯ калавида ба болои кат афтод. Мӯйҳои сиёҳи майдабофиаш ба чор тараф паҳн гашт. Умед инро дида, худашро ба болои ӯ ҳаво доду лабҳояшро ба лабҳои ӯ часпонд. Ҳарорати бадани духтарак, ки аз тарс чун мурғаки ба дом афтода меларзид, ӯро девона карда буд...

Худи ҳамон бегоҳ Умед як муллою ду гувоҳро аз куҷое оварда, Гулчеҳраро ба худаш никоҳ кард.

Оши пухтаи Гулчеҳра ба ҳама писанд омад. Меҳмонон ошро хӯрда, ҷомаҳои барояшон тайёр кардаи Умедро пӯшида хайрухушкунон баромада рафтанд.

Умед, ки кайҳо бесаброна рафтани меҳмононашро нига-

рон буд, ба хонаи хоб даромада:

– Ана ҷонакам, ту зани никоҳии ман шудӣ. Биё, акнун маро азоб надеҳ, – гӯён ӯро болои кат хобонд.

Ҳамин тавр, онҳо зану шӯ шуданд. Баъди чанд вақт Умед падару модари Гулчеҳраро фиреб кард, ки духтарашон бемор асту онҳоро ба назди ӯ мебарад, ба мошин савор карда ба хонаи Гулчеҳра овард.

Падару модар Гулчеҳраи шукуфону хандонро дида ҳайрон монданд.

Баъди ошу нони тайёрро хӯрдани падару модар Умед тамоми воқеаи шудагиро гуфта аз онҳо узр пурсид.

– Хафа нашавед, ишқ чизи зӯр будааст. Одамро ба чӣ корҳое намебурдааст, на аз ҷони ширинат метарсию на аз билети ҳизбӣ. Акнун ягона роҳ мондааст, ки шумо маро ё ба ҳабсхона бурда духтаратонро бадбахт мекунед, ё ки ба мо дуо медиҳед, ки хушбахт шавем. Ана, ин ҳаққи шир. Ана, ҳамаи ин молу ҳоли дар кунҷи хона будагӣ ҳам аз они шумо, – гӯён як даста пулро бароварда дар назди падару модари Гулчеҳра гузошт.

Падару модари моту мабҳутшуда дигар илоҷе наёфта, ба онҳо дуои «қӯша пир шавед»-ро доданд.

Умед ҳамаи чизу чораро бор карда, онҳоро ба хонаашон бурда монд ва писари калонашон Собирро барои ба Гулчеҳра ҳамроҳӣ кардан гирифта овард.

* * *

Гулчеҳраро аз китфаш ҷунбонда ба худ оварданд.

– Ҳой занак! Чӣ ҳушат рафт? Як соат боз чаро дам нишастаӣ? Чӣ, хаёл мекунӣ, ки мо ғайри бо ту чашмаки ман чашмаки ту карда нишастан дигар коре надорем?

Гулчеҳра, ки ҳоло ҳам дар банди хаёлот буд, оҳистаоҳиста ба худ омада дар куҷо буданашро ба ёд овард.

Вуҷудаш як ларзиду баъд:

– Маро мебахшед. Ба ман баъзе вақтҳо ҳамин хел воқеа рӯй медиҳад, аз худ бехуд мешавам. Касеро намебинам ва намешунавам, – гуфт ба саволи Ҳотамов.

– Чаро ҳуҷҷатро ба қайд гирифтеду ба Светозаров надодед? – гуфта пурсид.

– Ба ёдам нест, хаёлам, ки ин ҳуҷҷатро ё Шамсов ё Светозаров аз дасти ман гирифта буд, – гуфт ӯ муғамбирона. Ӯ ҳеҷ намехост, ки Умеди меҳрубонашро, ки барои ӯ ин

қадар некиҳо карда буд, фурӯшад. Лекин, вақте ки Ҳотамов «хоҳарам, хубаш ба ёд оред, набошад Шумо низ шарики ҷиноят шуда суд мешавед», ӯро тарсонд, тарбуз аз бағалаш афтида бошад ҳам, паст наомада:

– Чӣ, маро суд мекунед? Охир барои кадом гуноҳам? Магар ман ҳуҷҷатро ба қайд гирифта гунаҳкор шудам? Ин тавр бошад, маро барои ба қайд гирифтани ҳамаи ҳуҷҷатҳо суд кунед! – гӯён Гулчеҳра ба гиря даромад.

Вале Ҳотамов паст наомада ба ӯ дӯғ зад:

– Ҳа, агар рости гапро нагӯӣ, барои қайди ҳамин ҳуҷҷату иҷро нашудани супориши дар он нишон дода шуда суд мешавӣ.

Гулчеҳра дид, ки дигар илоҷе надораду ҳозир дар бораи дигарон нею дар бораи худаш фикр карданаш зарур аст, хост, ки дурӯғи ростомезе бигӯяд.

– Ҳа, маро мебахшед, нахостам, ки Шамсовро дар ин кор шарик кунам. Вай ин коғазро ба ман барои қайд гирифтан доду баъд худам ба Светозаров дода мефаҳмонам», – гуфта боз пас гирифт, вале баъд ӯ ба ин коғаз чӣ кор кард, ман намедонам. Ин коғазро имрӯз ман ҳамроҳи Шумо ба идорааш даромада, бори дуюм дидам, – гуфту боз ба гиря даромад.

Ҳотамов ба хулоса омад, ки Гулчеҳра ба ҳақиқат монанд чизе гуфт ва дигар ӯро истинтоқ накарда, ба посбон супориш дод, ки ӯро ба камераи ҳабси пешакӣ (КПЗ) барад.

Ба Гулчеҳраи гирёну нолоне, ки «Акаҷон, ба ман раҳм кунед, гуноҳе надорам», гӯён нола мекард, дигар касе аҳамият намедод.

* * *

Се рӯз боз Шамсовро ҳам дар хона ва ҳам дар ҷои таҳсилаш меҷустанд, вале аз ӯ дараке набуд. Вай ғайб зада буд. Ин кормандони НКВД-ро ба андеша мебурд.

Кофтуковро пурзӯр карданд ва дар бегоҳии рӯзи сеюм ӯро дар яке аз бемористонҳои шаҳри Сталинобод пайдо карданд, ки бо бинии шикаста мехобид. Шамсовро ба Қӯрғонтеппа оварда ба истинтоқ гирифтанд. Вале ӯ худро мӯсичаи бегуноҳ гирифта:

– Ҳа, супориши Совнаркомро ман барои қайд ба котиба додаму «ба Светозаров деҳ», гуфтам. Шитоб доштам. Ба мошини рафиқам, ки ӯ ба Сталинобод мерафт, савор шуда

ба роҳ баромадам. Дигар чизеро намедонам.

– Дар ин ҳолат Шумо дар кабинетатон пайдо кардани ин ҳуҷҷатро чӣ тавр маънидод мекунед? – пурсид Ҳотамов.

Шамсов ба фикр рафту баъди каме оромона:

– Шояд ин кори котиба бошад. Охир ман калидро ба ӯ монда рафта будам, шояд ки вай баъди ман ба ягон коре ба кабинет даромада, коғазро фаромӯш карда бошад, – гуфта ҷавоб дод.

Ҳотамов ба Шамсов, ки гоҳо биниашро дошта, нолиш мекард, бодиққат нигариста «Ҳа, аноӣ не, лаънатӣ худро бой намедиҳад, аз афташ ба Гулчеҳра боварии калон дорад, ки ӯро намефурӯшад, набошад ин хел ором дар ин ҷо наменишаст» – гӯён аз дил гузаронда баъд ба ӯ саволи охиринро дод:

– Котибаи шумо, Гулчеҳра Аҳмадова дар вақти пурсиш гуфт, ки шумо ин номаро барои қайд ба ӯ дода, худи ҳамон замон гирифта, ба ӯ гуфтед, ки ҳуҷҷати таъҷилист ва бояд худам ба Светозаров дода, баъзе чизҳоро ба ӯ фаҳмонам. Шумо ба ин чӣ мегӯед?

Шамсов дар ҷояш ҷунбида ранги рӯяш дигар шуд, каме бо сари хам ба фикр рафту баъд сар бардошта:

– Ин гапи дурӯғ. Вай ба ман тӯҳмат мекунад, то ки ҷони худашро халос кунад, – гуфт.

Ҳотамов, ки «ҳамин гапро мегӯяд», гуфта аз дилаш гузаронида буд, гуфтаҳои Шамсовро ба протокол навишт.

– Хайр майлаш, дар вақти рӯ ба рӯкунӣ ки тӯҳмат мекунаду кӣ не, маълум мешавад, – гӯён протоколро барои хондану имзо кардан ба назди Шамсов гузошт.

* * *

Бечора Ҳотамов аз куҷо медонист, ки Шамсов Соҳибовҳо барин пуштибону маслиҳатчиҳо дорад.

Баъди гусел кардани Шамсов Соҳибов арақхӯриро бас карда, бародараш Назар Соҳибовро, ки дар прокуратураи шаҳр муфаттиш шуда кор мекард, бо телефон ба хонааш даъват кард. Ӯ дар бораи чӣ тавр сурат гирифтани пурсиш, дар навбати аввал чиҳоро пурсиданашону чиро гуфтану чиро нагуфтани Шамсов ба бародараш маслиҳатҳо дода гуфт:

– Ака, зуд Шамсовро як-ду рӯз дар ягон ҷой руст кардан лозим. Шояд бинии шикастаашро баҳона карда, дар ягон

бемористон хобонанд. Ӯро ман ё худатон барои пурсиш тайёр мекунем. Агар Гулчеҳраро ҷавоб медоданд, корамон ниҳоят осон мешуд, лекин ба гумонам Ҳотамов одами анойӣ нест. Ӯ корашро хуб медонад, то аз Шамсов гап нагирад, Гулчеҳраро ҷавоб намедиҳад. Аз ин рӯ, мо ба касе умед баста наметавонем. Бояд худамон ба пурсиши оянда Шамсовро тайёр кунем. Ба ғайр аз он чизҳое, ки ман аз шумо пурсиданашон мумкин гуфтагиям, боз як варианти дигар ба ёдам омад.

Гулчеҳра одами боақл аст, вай ба осонӣ ҷон намедиҳад, вале агар зӯраш ояд, метавонад, ки ягон гапи номаъқул гӯяд. Масалан, вай метавонад гӯяд, ки «Шамсов ҳуҷҷатро баъди ба қайд гирифтан пас гирифту худам ба Светозаров медиҳам, гӯяд». Ин гап барои ӯ осонтар ва бехавфтар аст. Аввалан ӯ Шамсовро нафурӯхта, дуюмаш худат, ки ошро пухтӣ, худат хӯр», гуфтанӣ маъно дорад. Барои ҳамин ҳам, мо бояд ба ин савол ҷавоб гуфтани Шамсовро тайёр кунем. Шамсов дар ҳолати ин гап баромадан, аввал бояд ҳамаро инкор кунад, чунки Ҳотамов ҳамаи воситаҳояшро истифода бурда, ҳамаи далелҳояшро маҷбур аст, ки истифода барад.

Шамсов аз чӣ далел доштану надоштанаш огоҳ мешавад. Ва дар охир Ҳотамов маҷбур мешавад, ки ба Шамсов гуфтаҳои Гулчеҳраро айнан дар бораи Светозаров додани хатро суол диҳад. Ана, дар он ҳолат баъди инкори Шамсов онҳоро рӯ ба рӯ мекунаду Шамсов дар вақти рӯ ба рӯкунӣ нохост ба ёд меорад, ки дар ҳақиқат хатро гирифта, дар ғалладони мизаш гузошта, аз саросемагӣ фаромӯш кардааст.

Як чизи дигар боз барои Шамсов «козир» мешавад. Вай дар мошини худаш нею дар мошини Абдусаломи рафиқаш ба Сталинобод рафта будаст. Агар ин дуруст бошад, Абдусаломро низ огоҳ кардан лозим аст, ки вай саросема буду Шамсовро саросема мекард, ки зудтар аз корхона бароянд. Ҳатто чанд бор сигнал додааст ва инро Шамсов ҳатман дар пурсиш гуфтанаш зарур. Дигар тарафи кор ҳал мешавад.

– Ҳе, намур, пуркурор, каллаат каллаи профессор барин кор мекунад-а. Қанд зан ука, анча ҳоламро сабук кардӣ. Ин тарафаш «ҳилла дар дасти нақорачӣ». Албатта, айни муддао мешавад, – гӯён Соҳибов ба бародараш ҳангоми гусел миннатдорӣ изҳор кард.

Ва ҳоло субҳ надамида Соҳибов роҳи Сталинободро пеш

гирифт.

Бо як дӯсти наздикаш, ки духтури калони бемористон буд, маслиҳат карда Шамсовро бо бинии шикаста он ҷо хоб кунонда, ба ӯ дар вақти тафтиш саросема нашуда, худашро гум накарда, фикр карда чӣ гуфтанашро ёд доду нисфирӯзӣ бо димоғи чоқ ба кор омад.

* * *

Дар кабинети на он қадар калони Ҳотамов коргари фаврӣ Мирончук Василий, Гулчеҳра ва Ҳотамов мунтазири аз КПЗ овардани Шамсов буданд. Хомӯшии ин кабинетро танҳо хишир-хишири хатнависии Ҳотамов халалдор мекард, ки барои гузаронидани рӯбарӯкунии Гулчеҳраю Шамсов тайёрӣ медид.

Дари кабинетро се бор тақ-тақ зада, навбатдори КПЗ иҷозат пурсида Шамсовро ба пеш даровардy вориди кабинет шуд. Ҳотамов ба хатчаи навбатдор «маҳбусро гирифтам» навишта, онро пас гардонд.

– Шумо озод, – гуфт. Сипас дар рӯ ба рӯи Гулчеҳра курсиро нишон дода:

– Ана, дар ин ҷо нишинед, – гӯён Шамсовро таклифи нишастан кард.

Шамсов дар курсӣ нишаста, оҳе кашиду ба Гулчеҳра нигарист, ки ранги рӯяш коҳида заб-зард гашта буд. Чашмони шаҳлои зебояш аз камхобӣ ба косахонаи сараш даромада, суп-сурх шуда буданд. Чашмони Гулчеҳра якбора лиққи об шуда қатраи ашке ба рухи зебою коҳидааш шорида фаромад. Лабони сергӯшту парсинбастааш пир-пир мепаридандy гиря гулӯгираш карда буд. Гулчеҳра бинии ба қафои сараш докапечи Умед Шамсовро дида: «Бечора Умед барои ким-кадом коғаз шуда ин қадар азоб мекашад, хаёлам, ӯро то нимҷон шуданаш заданду биниашро шикастаанд», – гӯён аз дил мегузаронд ӯ.

Шамсов низ дилаш ба зани зебою ҷавонаш сӯхта: «аз рӯи маслиҳатҳои ин амакбачаи хонасӯхтаам ҳамин хел нозанинро ба чунин ҷойҳо расонда, худамро низ ба бало гирифтор кардам», – гӯён афсӯс мехӯрд.

Ҳотамов протоколи рӯ ба рӯкуниро пур карда, аввал ба онҳо саволҳои расмиро, ки онҳо якдигарро мешиносанд ва ба якдигар чӣ муносибат доранд»-ро дода, ҷавобҳои онҳоро

навишту сипас ба Гулчеҳра рӯ оварда савол дод:

– Оё шумо баёноти дар вақти тафтишот додаатонро доири номаи Совнарком тасдиқ мекунед?

– Ҳа, тасдиқ мекунам, – ба рӯи Шамсов дигар нигоҳ накарда суп-сурх шуда, ҷавоб дод Гулчеҳра. Вай азоби рӯҳӣ мекашид, ки ба шавҳараш чунин хизмати хирсона кардааст. Ба ёд овард, ки чӣ тавр: «баъде хатро ба қайд гирифтӣ дар ягон ҷой пинҳон куну баъди чанд рӯз гузаштан ба Светозаров бидеҳ», – таъкид карда буд ба ӯ Шамсов, вале ӯ инро аз ёд баровард. Онро аз тарс дар утоқи кории Шамсов руст карда буду ҳоло бошад аз ноилоҷӣ маҷбур буд, ки ба ӯ тӯҳмат занад, то ҷони худашро халос кунад. Охир беҳуда нагуфтаанд, ки: «гӯри ҳар кас ҷудо» ё ки «Рӯзи навмедӣ чу ояд, ошно душман шавад». Ҳотамов ҷавоби Гулчеҳраро навишта, ӯро аз олами хаёлоташ баровард.

– Ин тавр, ки бошад, Шумо марҳамат карда бигӯед, ки ин чӣ гуна хат буд, аз куҷо дохил шуд ва оқибат ин хатро Шумо ба қайд гирифта чӣ кор кардед?

Гулчеҳра дар ҳолати бисёр ҳам табоҳ монда бошад ҳам, маҷбур шуда, гапҳои пештараашро такрор кард.

– Ин хатро Шамсов оварда ба ман доданд, ки ба қайд гирам. Хат аз Совнарком буд. Дар бораи тақсими тракторҳои ба МТС омада. Ман онро ба қайд гирифтаму Шамсов дар болояш «Светозаров, иҷро кунед» гуфта навишт. Сипас хатро аз дасти ман гирифта «ман худам онро ба Светозаров медиҳам» – гӯён ба утоқи кориаш даромаду саросема кимчи хел коғазҳояшро титу пит карда кадом коғазро ёфту сипас онҳоро пас гардонида ба ғалладони мизаш гузошт, баъд дари сейфу утоқи кориашро қулф карду калидҳоро ба ман дода:

– Ба Светозаров гӯш кунед, – гуфту саросема баромада рафт. Ӯро дар беруни МТС интизор буданд. Дигарашро намедонам, – гӯён Гулчеҳра худро базӯр аз гиря боздошта, гапашро ба охир расонду ба касе нигоҳ накарда сарашро хам кард.

Ҳотамов бошад аз гуфтаҳои охирини Гулчеҳра, ки «ба ҳуҷраи кориаш даромад, коғазҳояшро титу пит кард, баъд онҳоро ҷамъ карда ба ғалладонаш монд» гуфтани ӯ ҳайрон монд, ки ин зан кай ин гапҳоро ёфта фикр карда баровард, ки то ин дам чизе дар ин бора нагуфт, охир ӯ ба забони Шамсов гап хоида монд-ку, аз дил гузаронд ӯ ва бисёр

афсӯс хӯрд, ки чаро пеш аз рӯ ба рӯ кардан бо ӯ вохӯрда ин гапҳоро дониста нагирифту ба Гулчеҳра имкон дод, ки ба Шамсов ёрӣ диҳад. Лекин аллакай дер шуда буд. Оби рехтаро бардошта намешуд. Бинобар ин маҷбур шуд, ки ба Гулчеҳра саволи иловагӣ диҳад.

– Чаро Шумо дар пурсиши аввал дар бораи коғазҳоро титу парешон кардани Шамсов ва ба ғалладони мизи кориаш гузоштани ӯ ҳарфе назадед?

– Дар вақти пурсиши аввал тарсида, бисёр чизҳоро фаромӯш карда будам, вале дар ин се рӯз ман осуда шуда, ҳамаи воқеаро ба ёд овардам. Инак, ба Шумо асли воқеаро нақл кардам, – гуфта аввал ба Шамсов баъд ба Ҳотамов нигарист.

Шамсов ҷавоби ӯро шунида, қаноатмандона сар ҷунбонид, вале Ҳотамов ноилоҷ ба навиштани ҷавоби ӯ сар кард. Баъди навиштани баёноти Гулчеҳра ӯ ба Шамсов рӯй овард:

– Оё шумо нишондодҳои Аҳмадоваро тасдиқ мекунед?

– Ҳа, тасдиқ мекунам, – андешамандона ҷавоб дод Шамсов ва ба гапаш давом дод. – Ин хатро ба ман дар раёсати хоҷагии халқи вилоят котибаи раис дода буд. Ман хатро оварда, аввал Светозаровро кофта наёфтам, пас ба котиба, яъне рафиқа Аҳмадова додам, ки ба қайд гирад. Дар хат супориши ҷиддӣ буд. Мо бояд тракторҳои ба МТС омадаро ба хоҷагиҳое, ки замини кишти бисёр доштанд, медодем. Аз ин рӯ, Светозаровро ман бояд дида, таъкид мекардам, ки ҳатман ин корро иҷро кунад, зеро ман шитоб доштам. Дар донишкада имтиҳонҳо сар шуда буд. Даъватномаи онҳоро бошад ҳамон пагоҳӣ ба ман ҳамроҳи ин хат котибаи раис дода буд. Ман хостам ба донишгоҳ рафта худро нишон дода, як рӯз ҷавоб гираму боз гашта ҳамон рӯз баргардам. Дар роҳ ба раиси колхози «Намуна» Абдусалом Каримов вохӯрдам, ки он кас барои аёдати модарашон, ки дар беморхона буд, ба Сталинобод рафтанӣ буду шаб пас мегашт. Аз ин ман истифода бурданӣ шудам. Хатро аз котиба гирифта, аз саросемагӣ бо дигар коғазҳо ба даруни ғалладон монда дарҳоро қулф карда ҳамроҳи Каримов ба Сталинобод рафтам. Каримов бисёр шитоб дошт. Касе бу ӯ гуфтааст, ки аҳволи модараш бад шудааст. Боз мурда намонад, гуфта маро ҳам саросема карда буд. Ба донишкада омада аз муаллимону донишҷӯёнамон касеро наёфта, маҷбур шудам, ки шаб

дар он ҷо монам. Рӯзи дигар ҳам дар кофтукови одамони зарурӣ аз нисф гузашт. Пас омаданӣ шудам, вале нақлиёт наёфтам, ки биёям. Рӯзи дигараш бачаҳо имтиҳон месупориданд. Ман муҷбур шудам, ки истода ҳарҷӣ бодо бод гуфта имтиҳон супорам. Имтиҳонҳоро як бало карда супоридам. Рӯзи дигараш боз имтиҳон будааст. Ҳамин тавр, коре шуд, ки ман ин мактубро фаромӯш кардам. Ба болои ин дар торикӣ ба ду-се авбош рӯ ба рӯ шудам. Онҳо пулҳоямро кашида гирифта биниамро зада шикастанд ва ман ба бемористон афтодам. Аз ин ҷо бошад, маро гирифта ба назди Шумо оварданд, – гӯён Шамсов оҳе кашида хомӯш монд.

Ҳотамов дид, ки гапҳои Аҳмадоваю Шамсов як хел мебароянд, баъзе саволҳои иловагӣ дода,аз Шамсов баъзе ҷойҳои баёноташро аниқ карду сипас протоколи пурсишро пур карда, онро бо овози баланд хонд. Баъд барои имзо кардан ба наздашон гузошт. Ва баъди имзояшонро гирифтан онҳоро боз ба КПЗ фиристод.

Раиси колхози «Намуна» Каримов низ гуфтаҳои Шамсовро тасдиқ карда.

– Ба ман як шиносам аз Сталинобод занг зада, хабари касали сахт будани модарамро, ки он ҷо зиндагӣ мекунанд, расонд. Ман корро партофта хостам, ки он касро хабар бигирам. Дар роҳ аз пеши мошинам Шамсов баромад. Вай имтиҳонсупорӣ мерафтааст. Ман саросема буданамро гӯям ҳам, бисёр илтимос кард, ноилоҷ розӣ шудам. Шамсов сари роҳ ба идорааш даромада, тахминан 10-15 дақиқа маро интизор кард. Ман борҳо сигнал дода, ӯро саросема мекардам. Оқибат аз корхонааш баромаду мо ба роҳ баромадем. Ӯро дар назди Институти хоҷагии қишлоқ фароварда, худам ба аёдати модарам рафтам. Хайрият, бемориашон сабук шуда будааст у худи ҳамон шаб баргашта омадам. Пас аз ин Шамсовро надидам, – гӯён гапашро ба охир расонд Каримов.

Баъди пурсиши Каримов, Ҳотамов коғазҳояшро ҷо ба ҷо гузошта, ба назди сардори идорашон Танасейчук даромад. Танасейчук гузориши Ҳотамовро дар бораи кори бурда истодааш бодиққат шунид.

– Ҳа, рафиқ капитан, моҳии ба даст омадаро аз даст додед. Дар кори мо каме беэҳтиётӣ кунем, кори будшударо ҳам барбод медиҳем. Хайр, кори шудагӣ шуд. Шамсову Аҳмадоваро аз КПЗ озод кунед. Дар масъалаиояндаи кори

ҷиноӣ бошад, ман худам бо прокурор маслиҳат карда ба ягон хулосае меоем, – гӯён Ҳотамовро аз наздаш ҷавоб дод.

Бечораи Ҳотамову Танасейчук аз куҷо медонистанд, ки дар ин кор аллакай дасти корманди прокуратура Назар Соҳибов ва корманди НКВД Достиев Умар, ки посбони КПЗ буд, расидааст.

Гап дар сари он буд, ки кормандони НКВД як сол пеш ба КПЗ-и НКВД-и вилоят зани ниҳоят зебоеро, ки барои куштани тифли навзодаш гумонбар шуда буд, оварда буданд. КПЗ-ро ду кас навбатдорӣ мекарданд: милисаи қаторӣ Соатов ва старшина Достиев Умар. Дар КПЗ ба ғайр аз ин зан касе ҳамон рӯз нигоҳ дошта намешуд. Бегоҳӣ Достиев Соатовро барои овардани хӯроки шом роҳӣ карду худаш нав ба ҳуҷраи кориаш даромада буд, ки тақ – тақи дари камераи маҳбус баланд шуд.

Достиев бо дили нохоҳам ба назди дари ҳуҷраи маҳбус омада.

– Чӣ гап, чӣ мехоҳед? – гӯён пурсид.

– Акаҷон, илоҳи барака ёбед. Аз гармӣ ҳалқам хушку баданам дар гирифта истодааст. Аз барои Худо ба ман раҳм карда, маро ба гардиш барореду як қулт оби хунукам диҳед, – гуфт имдодталабона маҳбус, ки Зулайхо ном дошт.

«Хайр чӣ?! Ҳеҷ кас нест, ки ин корро бинад, биё хоҳиши ин бечораро иҷро кунам», – гӯён аз дил гузаронид Достиев.

– Майлаш, танҳо 10 дақиқа гардиш мекунӣ, – гӯён дари ҳуҷраро кушода буд, ки Зулайхо дастонашро бо як ҳаракати барқвор ба гардани Умар ҳалқа карда лабонашро ба лабони ӯ часпонида ҳарисона ба макидан даромад.

Умар чӣ кор карданашро надониста, саросема шуд.

Зулайхо бошад, торафт бадани нарму гармашро ба ӯ часпонида, ҳарисона ӯро бӯсаборон мекард.

– Ҷонакам, меҳрубонакам. Маро ба оғӯшат гир. Ҳар чӣ мехоҳӣ, биситон. Ман азони ту, – мегуфт дар гӯши ӯ пичирросзанон.

Умар ба азобе дастони Зулайхоро аз гарданаш ҷудо карда, ӯро тела дода, аз худ дур карда буд, ки вай дар як мижазанӣ куртаашро кашиду танаи булӯрини сапсафедашро бо синаҳои сахтакаки нӯгтезаш намоён карда:

– Биё, натарс. Ман туро намехӯрам. Ту ба ман маъқулӣ. Туро мехоҳам, – гӯён боз ба ӯ ҳуҷум карда дастонашро ба гарданаш анбӯрвор ҳалқа намуда, пойҳояшро байни пойҳои

Умар ҷо карда худро ба ӯ ҷафс намуд. – Беақлакам, натарс. Бе ин ҳам маро ҳабс мекунанд. Бубин ин бадану тани зебои маро, тӯъмаи кайку шабӯшкон мегардад. Ҳоло ки олуда нашудааст, биё аз ман ком биситон.

Умар тоқат накарда ӯро «Фоҳиша», гӯён аз худ дур карда буд, ки Зулайхои навакак ҳалиму меҳрубон, чун бабр ба ӯ ҳамла кард.

– Ҳе, рӯсиёҳ! Очаат фоҳиша, – гӯён рӯи ӯро бо нохунҳои тезаш ханҷол кард. Хост, ки боз бо дандонҳояш ӯро бигазад, Умар чолокона ӯро сахт тела дода буд, ки Зулайхо калавида сараш ба девори ҳуҷра заду вой «мурдам» – гӯён сарашро дошта ба додгӯӣ даромад.

– Вой дод! Ёрӣ диҳед! Маро таҷовуз мекунанд. Вой доде, лаънатиҳои ҳаромхиштак маро мекушанд! – гӯён чунон доду фарёд баровард, ки чанд кас, аз ҷумла Соатов низ тохта дари КПЗ-ро кушода бо шаст зада даромаданд.

Умар куртаи Зулайхоро ба наздаш ҳаво дода.

– Ма, пӯш. Худату маро шарманда накун.

Зулайхо ба ӯ эътиборе надода, доду фарёдашро давом медод. Аз ҷой хеста синаҳои зебояшро албонҷ дода ба сӯи Умар роҳӣ шуда буд, ки вай тозон аз ҳуҷра баромада, ҷониби дари даромади КПЗ тохт. Онро кушода буд, ки Соатов бо чанд кас ба он ҷо даромада, Зулайхои бараҳнаро диданд, ки беибо синаҳояшро ларзонда-ларзонда бадани зебои сергушташро намоиш медод.

– Ҳа, хонасӯхтае! Зани зеборо дида, аз худ рафтӣ-а? Боз дар куҷо! Дар ҳабсхона, афтат хушк шавад, – гӯён Зулайхо кафшашро кашида чунон ба сари Умар фаровард, ки вай «ваҳ», гуфта ба замин нишаст.

Аз рӯи бо нохунҳо кандагӣ ва аз сари зарби кафш хӯрда хун мешорид. Зулайхо бошад, беҳаёёна бо тани урёнаш дар гирди ҳозирон гашта шаттоҳӣ мекард.

Соатов базӯр бо ёрии дигарон ӯро каме ором карда, курташро пӯшонд. Баъд Умарро ба ҳуҷраи кориаш даровaрда, дарро аз болояш қулф кард.

– Прокурорро ҷеғ занед. Ман ин корро ин тавр намемонам, – гӯён аррос мезад Зулайхо.

Аз воқеа Соатов сардори идораи НКВД-ро огоҳ карда буд, ки дере нагузашта ба он ҷо сардори раёсати НКВД ва муфаттиши прокуратура Соҳибов бо эксперти тиббӣ расида омаданд.

Ҷои воқеаро аз назар гузаронида, Зулайхоро муоина карда, баёноти ӯ ва шахсони шоҳиди воқеаро гирифтанд.

Соҳибов Умарро пеш андохта ба идораи прокуратура бурд. Умар ҳарчанде ки асли воқеаро ба Соҳибов нақл кунад, вай ба ӯ бовар намекард.

Дере нагузашта, Зулайхоро барои пурсиш ба назди Соҳибов оварданд. Зулайхо воқеаро чаппа кард.

– Ин хонасӯхта рафиқашро барои овардани хӯрок роҳӣ карда, баъд дари ҳуҷраро кушода ба ман изҳори муҳаббат кард. Ман дашномаш дода, аз наздам пеш кардам, вале ӯ ба ман хирсвор часпид. Ба зӯрӣ куртаамро кашид, ман рӯяшро харошида доду вой карда будам, ки одамон ҷамъ гашта ба кӯфтани дари КПЗ сар карданд. Вай тарсида, дарро кушод. Ҳамаи одамон тани бараҳнаи маро тамошо карданд – гӯён фиқ-фиқ ба гиря даромад.

Дар вақти тафтиш Соҳибов дид, ки зан бо баҳонае гиребони куртаашро бардошта синаҳои сергӯшти зебояшро ба ӯ нишон медиҳад. Аз ин рӯ, Соҳибов каме ҳам бошад ба гуфтаҳои Зулайхо шубҳа пайдо кард.

«Ин зан аноӣ не. Бешармона воқеаро нақл мекунад, ин ба духтари маҳаллӣ хос нест. Аз афташ ӯ чанд гӯрро оташ зада, аз байни обу оташи зиёде гузаштагӣ барин» – гӯён, аз дил гузаронда, ӯро боз ба КПЗ роҳӣ карду муваққатан Умарро ҷавоб дод. Худи ҳамон бегоҳ Умар падари пирашро пеш-пеш карда, як гӯсфанди бурдоқӣ ва як сатил асалро бардошта ба хонаи Соҳибов овард. Соҳибов аввал ба ӯ дӯғ заду баъд мулоим шуда.

– Майлаш. Хотири мӯйсафеди падарат ягон илоҷе мекунем. Коратро сабуктар мекунем, – гӯён онҳоро ҷавоб дод.

Рӯзи дигар бошад, Соҳибов ҷиддан ба кор машғул шуда, падару модар ва ҳамкорони Зулайхоро ёфта пурсида буд, ки кор худ ба худ ҳал шуд. Аз рӯи гуфтаи падару модараш Зулайхо нисфи умрашро дар назди бобою бибияш дар Тотористон гузаронида будааст у расму русуми европоиро аз он ҷо ёд гирифтааст. Падараш Анвархӯҷа дар вақти ҷанги шаҳрвандӣ дар Тотористон зиста, ба Холида ном духтар хонадор мешавад. Зулайхо дар он ҷо таввалуд ёфта будааст. Бо сабаби касалмандии модар дар назди бобою бибияш калон шудааст, чанд сол пеш ба Тоҷикистон омада аллакай ба ҷавониаш нигоҳ накарда, се бор шавҳар кардааст. Ҳоло дар боғчаи бачагонаи шаҳри Қӯрғонтеппа кор мекардааст. Ба

қарибӣ падару модар дучон будани ӯро фаҳмида, ӯро аз хона пеш кардаанд. Чанд вақт боз ӯро надида будаанд. Ҳамкорон низ дучон будани ӯро тасдиқ карданду духтурон бошанд, чанд рӯз пеш таваллуд кардани Зулайхоро исбот намуданд. Ҳамин тавр худ ба худ кӯдаки аз кӯча буғӣ карда кушташуда соҳиб баровард. Зулайхо бошад, зери далелҳои шайъӣ иқрор шуд, ки вай аз бе падар таваллудшавии кӯдакаш тарсида, ӯро буғӣ карда ба кӯча партофтааст. Вақте ки Соҳибов рӯирост аз ӯ «Чаро ба Достиев тӯҳмат карда, ӯро бадном кардани шудӣ?» – гӯён пурсид, ӯ чунин ҷавоб дод:

– Ман хостам, ки Достиевро ба худ ром карда илоҷе карда аз КПЗ барояму аз ин ҷойҳо ғайб занам. Вале ӯ ба доми ман наафтоду илова бар ин маро «фоҳиша» – гӯён сахт тела дод, ки сарам ба девор зад. Аз ин рӯ, ман ӯро тӯҳмат кардам, – гӯён ба гиря даромад.

Парвардаи ҷиноятии Зулайхоро барои тифли навзодашро буғӣ карда куштанаш ба суд роҳӣ карданду нисбати Достиев бошад, Ҳотамов «дар ҳаракатҳои ӯ ҷиноят дида намешавад», – гӯён корро қатъ кард.

Вақте ки Ҳотамов қатъ шудани корро ба ӯ хабар дод, Достиев бв риққат омада:

– Акаҷон, ман аз Шумо як умр қарздор. Чизе, ки аз дастам ояд, бароятон дареғ намедорам, – гуфт.

Ва инак, Достиев вақте ки Гулчеҳраю Шамсовро ба КПЗ ҷойгир карданд, ваъдаи додаашро адо карда он чизе, ки ба ӯ Соҳибов гуфта буд, омада ба Шамсову Гулчеҳра айнан расонида, ҷони онҳоро аз ҳабсшавӣ наҷот дод.

* * *

Бюрои обком ВКП(б)-и вилоят, ки бояд масъалаи бемасъулиятона рафтор кардан ба супориши Совнарком ва аз мансаб суиистеъмол кардан аз тарафи ҷонишини директори МТС-и вилоятӣ оид ба корҳои хоҷагӣ Светозаровро дида мебаромад ва бо талаби сардори комиссариати корҳои дохилии вилоят масъаларо то санҷида баромадани онҳо муваққатан боз дошта буд, боз ба сари ин масъала омад. Дар Бюро аввал хулосаи комиссияро хонда баромаданд. Дар ҳамаи корҳо Светозаровро гунаҳкор ҳисобида буданд. Вале вақте ки сардори комиссариати корҳои дохила бо ху-

лосаи муфассали тафтишот аъзои Бюроро шинос кард, масъала ранги дигар гирифт.

Аъзоёни Бюро хулосаи комиссияи пештарро нодуруст ҳисобида, хулосаи комисариати халқии корҳои дохиларо дастури кори худ намуданд. Онҳо сабабҳои объективию субъективии иҷро нашудани супориши Совнаркомро боз рӯи маводи кори ҷиноятӣ ба назар гирифта, директори МТС-и вилоят Шамсовро барои бемасъулиятиаш ба супориши давлатӣ аз ҳизб хориҷ намуда, ба ҳукумати вилоят тавсия доданд, ки масъалаи аз кор сабукдӯш кардани ӯро бечунучаро ҳал намояд.

Ба раиси комиссариати хоҷагии халқ Соҳибов барои назорати сусташ аз болои роҳбарони МТС-и вилоят огоҳии қатъӣ эълон карда шуд. Дар бораи Светозаров бошад, дар Бюрои обком дигар гапе нашуд ва ӯро тамоман бегуноҳ шумориданд. Аз чунин сурат гирифтани ҳол Светозаров хурсанд шуда, Соҳибову Шамсов ва дигар тарафдорони онҳо аз шодӣ дар курта намеғунҷиданд. Охир шӯхӣ не, ки аз дасти НКВД дар чунин солҳои пурошӯб аз об хушк бароӣ, худи ҳамон бегоҳӣ дар хонаи Қамар Соҳибов бародаронаш Назар, Ҳомид, Шамсов ва Абдусалом Каримов ҷамъ омада, дар гирди дастархони шоҳона қадаҳ бардошта шодбошӣ мегуфтанд. Онҳо Шамсови каме хиҷилро дилбардорӣ карда:

– Ҳе, Умедҷон, ту ба куртаат таваллуд ёфтагӣ. Туро ба об партоянд, об намебараду дар оташ партоянд, намесӯзӣ. Масъалаи кор бошад ин гапи беҳуда, як-ду сол, ки дар ягон ҷои хилват худатро ба чашми калонҳо нишон надода гаштӣ, онҳо туро аз ёд мебароранд. Баъд боз дӯстон, ки зинда бошанд, иншооллоҳ донишкадаро хатм мекунӣ, боз забонат дароз мешавад, – мегуфтанд.

Каримов бошад ширакайф шуда:

– Ҳе дӯстам, ғам нахӯр. Ҳамроҳи худам кор мекунӣ. Бароят вазифаи мудири гаражро холӣ карда медиҳам. Назар ба кори пештараат пасттар бошад ҳам, иншооллоҳ нонатро ёфта мехӯрӣ.

Ҳама ба Каримов офарин гуфтанд.

– Ана дӯст ин хел мешавад. Барои Умедҷон аз ин кори хуб ҳозир ёфтан душвор аст. Биёед, барои дӯстӣ як қадаҳ бардорем, – гӯён пиёлаҳоро аз арақ пур карда дам кашиданд.

Ҳамин тавр, Шамсов аз ҳабсхона халос шуд, аз вазифа рафта бошад ҳам, бо ёрии дӯстон боз соҳиби вазифа шуд.

Светозаров аз Бюрои обком ВКП(б)-и вилоят баромада, бори аввал ба дӯкони шаробфурӯшӣ даромада як шиша коняк хариду онро дар кисаи костюмаш панoҳ карда, рост ба хонаи Сайрам-хола омад.

Имрӯз Тамара низ, ки барои оқибати кори Егори азизаш чӣ мешавад гуфта ғам хӯрда мегашт, аз ҳарвақта дида барвақттар ба хона омада буд. Ҳама аҳли хонадон мунтазири омадани Егор буданд. Вай бо чеҳраи хандону шукуфон аз дарвозаи ҳавлӣ даромада буд, ки Сайрам-холаю Тамара ба пешвозаш давида ҳарду якбора:

– Егорҷон, чӣ шуд? – гуфта ба як овоз натиҷаи бюроро пурсиданд.

– Ҳеҷ чиз нашуд, маро таъриф карданд, – шӯхикунон гуфт Егор ва Тамарaро аз миёнаш оғӯш гирифта бӯсид.

– Ту боз шӯхӣ мекунӣ? – қаҳр кард Тамара ва гуфт:

– Ману Сайрам-хола ҷои нишаст наёфта ғами туро мехӯрем. Ту бошӣ, шӯхӣ мекунӣ.

Егор дид, ки ба ростӣ, Тамара ранҷидааст, аз ӯ узр пурсид.

– Охир гап ин хел не-дия! Наход, ки ин хел гапро дар таги дарвоза гӯянд? Монед, ки ба хона дароям, нафасамро рост кунам, ана баъд гап пурсед, мешавад, – гила кард Егор табассумкунон.

Сайрам-хола тарафи Егорро гирифта.

– Тамараҷон, писарам рост мегӯяд. Биё, обу сачоқро биёр. Дасту рӯяшро шӯяд. Ман дастархон паҳн мекунам. Охир вай рӯзи дароз дар маҷлис чизе нахӯрдагист, – гӯён сӯи хона роҳӣ шуда буд, ки Егор:

– Ҳа, дар он ҷо аз гулӯят аз тарс асал ҳам намегузарад, – гуфта хандид.

– Ана духтарам, дидӣ боз бечорaро танқид карда меранҷӣ. Ғами вайро бояд хӯрд. Агар вай набошад, бе мардина чӣ кор мекунем? – гӯён ба хона даромад.

Егор бошад костюмашро кашида ба мех овехту ба дасту рӯшӯӣ даромад. Ӯ дуру дароз ба рӯю мӯяш об пошида, баъд дасту рӯяшро бо сачоқи нарм пок карда.

-Ана, ин гапи дигар. Ҳама чирку чаканаи имрӯз ба рӯям задаро пок карда, бегуноҳ шудам,-гӯён ба завҷааш, ки ҳоло ҳам қаҳраш нафаромада буд, нигариста, баъд аз кисааш

шишаи конякро бароварда дароз кард.

– Имрӯз дуямон ин чизакро барои хурсандӣ ва ғалабаамон менӯшем, – гуфта буд, ки Тамара аз хурсандӣ шукуфт.

– Хайр, охир ҳамин гапро зуд мегуфтӣ, чӣ мешуд? Одамро маҷбур мекунӣ, ки азоб кашад.

– Охир ҳамон замон ба суолатон «маро таъриф карданд» гуфтам-ку?! Боз чӣ ҳам мегуфтам, – гӯён занашро ба оғӯш гирифт.

– Хайр ту бо муаммо гап занӣ, ман аз куҷо донам? – Худро сафед кардани шуда, ба шавҳараш наздик карда, мӯяшро силакунон ӯро бӯсида буд, ки Сайрам-хола даромад.

– Ҳа-а, ана ин гапи дигар, Тамараҷон. Зан бояд дар ҳар ҳолат пуртоқат ва меҳрубон бошад. Охир беҳуда халқ нагуфтааст «Ёр аҳл бошад, кор саҳл бошад», – гуфта буд, ки Тамара шарм дошта суп-сурх шуд.

Дар вақти хӯрокхӯрӣ Егор воқеаи дар обком шуда гузаштаро нақл карда, – ана ҳамин тавр «чоҳкан зери чоҳ шудагӣ» барин, – гуфта гапашро тамом карда буд, ки аз ҳавлӣ: «Егор, Егор Иванович!» гӯён овози касе баланд шуд.

Егор зуд лабони равғаниашро бо сачоқ пок карда, ба ҳавлӣ баромада дид, ки дар мобайни ҳавлӣ директори совхози «Киров»-и ноҳияи Қӯрғонтеппа рост истодааст. Егор ин марди қоматбаланди чорпаҳлӯи босаводу ташкилотчиро, ки қариб дар ҳар маҷлиси ноҳиявию вилоятӣ ва рӯзномаҳо таърифаш мекарданд, хуб медонист. Худи ҳамин рӯз ҳам вай дар Бюрои обком баромад карда, ӯро дастгирӣ намуд.

– «Рафиқон биёед як фикр кунем, Светозаров чӣ гуноҳ дорад, ки ӯро ҷазо диҳем? Вай аз рӯи виҷдон техникаи омадаро ба тамоми ноҳияҳо аз рӯи эҳтиёҷоташон тақсим мекунад. Агар аҳамият дода бошед, қариб супориши Совнаркомро аниқ иҷро кардааст. Ба ноҳияҳое, ки замини зиёди корам доранд, ду тракторӣ ва ба дигаронашон яктогӣ тақсим кардааст. Агар ӯ аз нома хабар медошт, албатта, онро ҳатман иҷро мекард, ки ман ба ақлу виҷдони ҳизбии ӯ бовар дорам» – гӯён луқма дода буд, ки қариб ҳамаи аъзои Бюро гапи ӯро тарафдорӣ карда, ба Шамсов часпиданд. Ва инак ин мард дар рӯи ҳавлии онҳо. Егор ӯро дида ҳайрон шуд.

– Ҳа, Ӯктам Эргашович, марҳамат, марҳамат, биёед, – гӯён ба назди ӯ рафта самимона вохӯрӣ намуда, ба хона

таклиф кард.

Ӯктам Эргашович ба таклифи ӯ:

– Имрӯз не, ягон рӯзи дигар ба фурсат омада, насиб карда бошад, чақ-чақ мекунем. Ҳоло дер шудааст, ука, – гӯён узрхоҳӣ карда гапашро давом дод:

– Егор Иванович, ба Шумо як таклиф дорам, агар қабул кунед, бисёр хурсанд мешудам.

Егор ба гапи ӯ ҷавоб надода:

– Биёед, ана дар таги ин бед нишинем, – ӯро ба рӯи кати таги бед, ки болояш гилему кӯрпача партофта шуда буд, таклиф кард. – «Гӯшам ба шумо Ӯктам-ака» – гӯён хост, ки мақсади омадани Эргашевро бифаҳмад.

– Медонед, ука, ба фикрам корат дар МТС бисёр душвор мешавад. Охир аз рӯи фаҳмиши баъзеҳо «бо гуноҳи» ту имрӯз директори он ҷоро гирифтаву раиси комиссариати хоҷагии халқи вилоятро ҷазо доданд. Онҳо инро ба фаҳмиши ман, ҳеҷ гоҳ намебахшанд. Туро коркунӣ намонда, ба ҳар роҳ беобрӯ карда метавонанд. Ман борҳо бо ту вохӯрда, чӣ тавр дар МТС ташкил кардани коратро дидаам. Таърифатро аз кормандонат, ки бисёр ҳурмату эҳтиромат мекунанд, шунидаам. Аз рӯи шуниди ман, асосан ихтисосат агрономист, ҳамту не?

– Ҳа, ихтисоси ман агроном-механик.

– Ин тавр бошад, ука, агар гапи маро гирӣ, биё ман туро ба совхозамон сарагроном таъин кунам. Ту маълумоти олӣ дорӣ, чӣ тавр бо замин кор карданро мефаҳмӣ, техникаро хуб медонӣ, ба фикрам корамон «нуран алонур» мешавад.

Егор ба хаёл рафта, хеле фикр карда гуфтаҳои Эргашевро бо вазъияти дар МТС ҳукмронбуда ва муносибатҳои роҳбаронро нисбати худаш ба ёд оварда, таҳлил карду ба дуруст будани ақидаи Эргашев боварӣ ҳосил намуд. Сипас ба гап даромад:

– Гапи шумо дуруст-куя, лекин кӣ маро аз он ҷо озод мекунад? МТС бо рафтани ману Шамсов бе роҳбар мемонад-ку, – гӯён Егор ба Эргашев муроҷиат кард.

– Хуб сода будаӣ ту, Егор. Ҳеҷ вақт ҷои гармакаку нармакак холӣ намондааст. Аллакай даҳҳо одам мӯзаҳояшро ранг карда, нияти курсиҳои шуморо гирифтан дорад. Танҳо ту розӣ бошӣ, он тарафашро ман худам ҳал мекунам. Имрӯз баъди Бюро аллакай бо котиби обком ВКП(б) рафиқ Нозиров маслиҳат карда, розигии он касро гирифтам. Аз он ҷо

рост ба назди ту омадам, акнун худат ҳал кун, – гуфт Эргашев.

– Майлаш, ман розӣ.

– Ин тавр бошад, худи пагоҳ « бо ихтиёри худам», – гӯён ариза навису фармон, ки шуд ба он тарафаш корат набошад, – гӯён аз ҷояш хест. Дар ин вақт Тамара, ки аз дуру дароз гум шуда рафтани шавҳараш хавотир шуда ба берун баромада буд, ба назди онҳо омад.

Егор занашро дида:

– Тамараҷон, шинос шав. Ин кас Ӯктам Эргашев, директори совхози «Киров». Тамара – завҷаи ман, – гӯён Егор онҳоро шинос кард.

– Ҳа, Тамараҷон, мо бо рафиқ Эргашев як масъалаи муҳимро ҳал кардем, баъд ман ба ту мегӯям. Ҳозир вай рафтанӣ, – гуфта буд, ки Тамара:

– Не, ин чӣ хел мешавад Егор? Меҳмонро аз ҳавлӣ гусел кардан айб аст. Ӯктам Эргашевич, марҳамат, биёед даромада меҳмон шавед, хӯрок тайёр аст. – Эргашевро ба хона таклиф кард. Вале ӯ кори зарур доштану тангии вақтро баҳона карда, хайрухуш карда баромада рафт.

Вақте ки Егор ба Тамара дар бораи таклифи Эргашев нақл кард, Тамара хурсанд шуда.

– Умуман дунё бе одамони нек намешавад, гуфтани русҳо ҷон дорад, инро бинед-а, бечора ғами туро хӯрда, ҳатто то котиби обком даромадааст, ки ҷонатро халос кунад. Ба фикрам, бо ин мард «шавла пухта мешавад», гӯён мақоли русҳоро истифода бурда хандид Тамара. Егор ӯро аз китфонаш оғӯш карда, ба сӯи хона бурд.

Светозаров бо Тамара маслиҳат карда ба хулосае омад, ки то таъин шудани директори МТС бояд дар он ҷо ҷунбуҷӯл карда, корҳояшро тахт намояду баъди таъин шудани сардори нав барои аз кор рафтанаш ариза нависад.

Албатта, ӯ метавонист, ки ин корро дар рӯзи дигар ҳал намояд, вале виҷдонаш ба ин роҳ намедод. Аз тарафи дигар боз «тарсида гурехт», гуфтанашон мумкин буд. Егор рӯзи дигар дар ин бора ба Эргашев занг зада розигиашро гирифта аз паи иҷрои корҳои нотамомаш шуд.

Баъди се рӯзи Шамсовро аз кор гирифтан, директори МТС-и ноҳияи Қӯрғонтеппа Ислом Каримовро, ки яке аз нону намакхӯрҳои хонадони Соҳибовҳо буд, ба ҷои ӯ таъин карданд. Светозаров баъди корро қабул кардани Каримов

як ҳафта бо ӯ кор карду сипас ариза навишта ба назди Соҳибов даромад.

Соҳибов сир бой надода, ӯро хуш қабул карду ҳолу аҳвол пурсид ва сабаби омаданашро низ. Егор ба ӯ аризаашро дароз карда хоҳиш кард, ки ба он имзо гузорад. Соҳибов ба матни ариза шинос шуда, дар таги дил чунон хурсанд шуд, ки ба навиштан рост намеояд. Охир вай чӣ қадар ҳаракат карда буд, ки Светозаровро шармсор карда, аз кор гирад, зӯраш нарасид, имрӯз бошад худи ӯ ба наздаш омада илтимоси аз кор рафтанро дорад.

Вале ӯ хурсандиашро дар назди Светозаров ошкор карда наметавонист. Аз ин рӯ, худро базӯр нигоҳ дошта:

– Ин худаш чӣ гап? Коркуниятонро як сол нашудаасту шумо бошед ман аз кор меравам, мегӯед? Охир шумо мутахассиси ҷавон. Шуморо аз идораҳои боло таъин кардаанд, ин чӣ хел мешавад? – худро дилсӯз нишон дода гуфт Соҳибов.

– Қамар Соҳибович, рости гап, баъди аз кор рафтани Шамсов ман худамро ноҳинҷор ҳис мекунам, охир дар ин воқеаҳо камбудии ман ҳам аст. Ба рӯи коргароне, ки чизеро намедонанду ба ман бо шубҳа нигоҳ мекунанд, нигоҳ карда наметавонам. Хубаш, ба ман иҷозат диҳед, ки бо ихтиёри худам аз кор равам. Ин барои пешравии кори корхона ба фикрам, бояд ёрӣ диҳад. Коргарон дар ҷое самимӣ кор мекунанд, ки агар ба роҳбаронашон боварӣ дошта бошанду онҳоро ҳурмату эҳтиром кунанд. Вале баъди воқеаҳои охир муносибати баъзеҳо чи хеле, ки гуфтам, бо ман дигар шудааст, – гӯён Светозаров баҳонаҷӯӣ мекард.

Соҳибов ба ин рафтори Светозаров худро норозӣ нишон доданӣ шуда, гапро кашола медод. Ӯро тасаллӣ доданӣ шуда:

– Ин гапҳоро монед, Егор Иванович, бачагӣ накунед, вазнин шавед. Санги вазнинро об набурдааст, – гӯён ташвиқи аз кор нарафтан мекард.

Егор бошад ба гапаш истода:

– Қамар Соҳибович, илтимос мекунам, хурсандии маро хоҳед, ҷавобам диҳед, – мегуфт.

Баъди найрангбозиҳои зиёде Соҳибов:

– Об-бое, ба ҷонам намондед-дия. Хайр чӣ илоҷ, «бо зӯрӣ кор буд намешавад» – мегӯянд дар урфият. Худатон,

ки талаб карда истодаед, ман дигар ҳақи шуморо нигоҳ доштан надорам, – гӯён ба аризаи Егор имзо кард.

Егор аризаро гирифта, «раҳмат Қамар Соҳибович» гӯён рафтанӣ буд, ки ӯро Соҳибов аз роҳ дошт.

– Истед, ки шумо ба куҷо ба кор рафтаниед? Шояд, ки дар ягон ҷои дигар ба шумо кор ёбем?

– Ҳоло намедонам, лекин агар илоҷаш бошад ба ягон колхоз ё совхоз рафта агроном мешавам, – сирро бой надода ҷавоб гуфт Егор.

– Гуфта намешавад, агар кор наёбед, ҳатман ба наздам дароед, дар ягон ҷои дуруст шуморо ба кор мемонам,охир шумо барин мутахассиси кордон ба мо зарур аст, – гӯён дасти Егорро фишурда то таги дар гусел кард. Баъди баромадани Егор ӯ хурсандона дастҳояшро ба ҳам соида.

– Худоро шукр, кор худ ба худ ҳал шуд. Аз ин балои азим халос шудам, набошад ин сагбача ба сари ман боз чӣ балоҳоеро намеовард, – аз дил гузаронд Соҳибов.

Лекин вай барвақт шодӣ мекард. Пагоҳии рӯзи дигар, вақте ки бародараш Ҳомид бо лабу лунҷи овезон ба наздаш даромада: «Светозаровро дар совхози мо сарагроном таъин карданд» гуфт, ранг аз рӯяш парид. Вай ғазабашро пинҳон накарда дод зад:

– Охир чӣ хел Эргашев бо ман маслиҳат накарда ӯро сарагроном таъин кардааст. О, ман ба ӯ дар бораи сарагроном таъин кардани ту маслиҳат карда будам-ку, – гӯён бо қаҳру ғазаб, бо дастони ларзон гӯшаки телефонро гирифта ба Эргашев занг зад. Эргашев дар идорааш будаасту зуд телефонро гирифта буд, ки Соҳибов бе саломуалейк ба ӯ дӯғ зад.

– Чаро бе иҷозати ман сарагроном таъин кардӣ? Охир ман ба ту Ҳомидро ба ин вазифа таъин кун, нагуфта будам? Чӣ? Чӣ гуфтӣ? Супориши котиби обком Назиров? Чӣ вай ба ту занг зад? Не? Ба наздаш ҷеғ зад? Набошад чаро ин гапро ба ман нагуфтӣ? Ин тавр бошад, гапи дигар. Лекин, ука, ту ҳам аз ҳад нагузарон-дия, о мо дар ин ҷо хӯса нестем-ку. Барои кори шумо аз ман ҳам мепурсанд – гӯён вай мулоим шуда ба масте монанд буд, ки ба сараш оби хунук рехта ҳушёр карда бошанд.

Вай хайрухуш накарда, оҳистаяк гӯшаки телефонро ба ҷояш гузошту: У-уф! – гӯён рӯймолчаашро бароварда арақи сарди сару рӯяшро пок кард.

Ранги рӯяш канда буд. Таги гапро нафаҳмида, барои додараш бо Эргашев, ин роҳбари хоҷагии баобрӯи вилоят, ки роҳбарон дар бисёр ҳолатҳо аз ӯ маслиҳат мепурсиданд, ману ту кард, ӯро ранҷонд. Соҳибови хиҷил аз ҷояш хеста дастонашро ба пасаш гирифт, дар утоқи кориаш ба қадамзанӣ даромада худро ором мекард.

Баъди чанде худро ба даст гирифта ба додараш рӯй овард: «Аз рӯи ту касофат шуда қариб буд, ки дар назди сарвари хоҷагӣ шарманда шавам. Ин лаънатии Светозаров ба ман як устухони гулӯ шуда мондааст. Дирӯз аз МТС рафтанаш маро хурсанд карду имрӯз ин лаънатӣ маро гирифта бар замин зад. Инро бинед-а, барои вай шуда худи котиби обком Назиров супориш додааст. Аз ин маълум мешавад, ки Светозаров ягон таға-калоншавандае дар боло дорад. Котиби обком ба сардори хоҷагӣ гап намезанад. Бадии кор дар он ки Назиров ҳатто ба ман як даҳон гап назада, ё ки ман аз назарҳо афтида бошам, аллакай ӯ Ҳомидро фаромӯш карда худ ба худ гап мезад. Ҳомид дид, ки бародараш ба фикри худаш саргардон асту дар он ҷо будани ӯро фаромӯш кардааст, оҳистаак аз ҷояш хесту бе овоз аз утоқ баромад.

Соҳибов оҳиста-оҳиста ба худ омада, ҳа-а, бо анча – манча гап ин Светозаровро пешпо дода намешавад. Вай чун мурғобӣ аз об хушк баромад. Ҳатто кормандони НКВД ҳам ӯро тарафдорӣ карданду барояш обком ғамхорӣ мекунад. Қамар, Қамар, эҳтиёт шав, ки боз сари худатро нахӯрӣ, гӯён аз дил гузаронду ба сӯи графини пуроб даст бурда як дӯлчаро аз об пур карда нӯшиду, «у-фф», гӯён дар ҷояш нишаст. Сандуқи дилашро, ки аз чӣ бошад ба дард омада буд, ба молидан сар кард.

* * *

Аввалин задухурди ҷиддии Светозаров дар совхози ба номи Киров бо оилаи Соҳибовҳо дар вақти киштукори баҳорӣ рӯй дод. Ҳамон сол бояд совхоз дар 200 гектар замин пахта мекошт. Вале аз сабаби нарасидани трактор киштукор кашол меёфт. Ду трактори совхоз шабу рӯз кор кунанд ҳам, кор он қадар пеш намерафт.

Светозаров Эргашевро розӣ кунонда буд, ки имсол заминҳоро танҳо бо трактор ҷуфт кунанду баъд пахта коранд.

– Охир барои ҳосили хуби пахта рӯёнидан ин зарур аст, – мегуфт ӯ. – Бо ҷуфти гов ҳамагӣ 15-20 см заминро рӯйгардон кардан мумкин аст. Барои решаи пахта камаш 30-35 см ҷои нарм зарур аст, ин корро танҳо бо истифодаи пурраи тракторҳо кардан мумкин аст, – исбот мекард Егор. Вале вақт мегузашт. Агроном Соҳибов бошад, қатъиян ба гуфтаи Светозаров зид баромада, талаб мекард, ки як қисми заминҳоро бо ҷуфти гов чаппагардон карда, ҳарчӣ зудтар пахта коранд. Ӯро падараш Соҳиби Назар ва деҳқонони бригадаи ӯ тарафдорӣ мекарданд. Онҳо чандин бор ба назди Эргашев даромада гапи худро гузарониданӣ мешуданд. Махсусан Соҳиби Назар «аз куртааш» баромада исбот мекард.

– Мо то ин дам бо ҳамин ҷуфти гов дар чандин сари сол пахта коштему ҳосили хуб гирифтем. Имрӯз ин урус аз куҷое омада ба мо деҳқониро ёд медиҳад. Ин айб аст, рафиқ директор. Вай бача шояд маро хуб нафаҳмад. Магар мо на ҳамон одамонем, ки қамишзорҳоро оташ зада, решаҳояшонро канда, оби ботлоқҳои ин заминҳое, ки ҳозир ин урусбача соҳибӣ карда истодааст, хушконида будем? Магар мо на он одамонем, тайи чанд сол дар барфу борон, офтоби сӯзон, аз хунукӣ ларзидаю аз гармӣ сӯхта, ин ҷойҳоро обод кардем? Барои ҳамин ҳам, писарам Эргашев, ба гапи ман ҳам каме аҳамият деҳ, набошад имсол ба умеди ин Светозарат шуда, плани пахтаро пур намекунему шарманда мешавем.

Эргашев ба ҳуҷуми сахти мӯйсафедон тоб наоварда розӣ шуд, ки як қисми заминҳоро, алалхусус замини бригадаи Соҳиби Назирро бо ҷуфти гов шудгор карда пахта коранд.

– Мӯйсафед, лекин агар аз пахтаи бо трактор мекоридагӣ камтар ҳосил гирӣ, баъд аз худат гила кун, – гӯён Соҳибовро нимшӯхию нимҷиддӣ огоҳ кард Эргашев.

– Ҳеҷ гап не, раис, «чӯҷаро тирамоҳ мешуморанд», мегӯянд. Ин Светозаратон ба Шумо ваъдаҳои набударо медиҳаду ман кори чандин бор кардагию санҷидаамро мегӯям. Монанди ин урус доманатонро аз чормағзи пуч пур накарда, кори мешудагиро мегӯям. Вақти ҳосилбардорӣ маълум мешавад, – гуфта мӯйсафеди Соҳиби Назир бо чанд аъзои бригадааш, ки дар утоқи кории Эргашев қариб ду соат боз нишаста буданд, хайрухушкунон баромада рафт.

Баъди онҳо Эргашев ба Светозарову Воҳид Соҳибов, ки ҳанӯз дар он ҷо менишастанд, хандакунон гуфт:

– Ҳа, пирони кор аной не. Гапашонро нагирӣ, ба бало мемонӣ. Хубаш, ки шумо, рафиқ Светозаров, фикратонро дар амал ҷорӣ кунеду ба онҳо исбот намоед, ки ҳақ ҳастед. Ана баъд онҳо ба гапатон бовар карда, аз пасатон мераванд. Набошад, бо гап онҳоро бовар кунонидан душвор. Онҳо ба гуфтаи ману шумо бовар ҳам намекунанд.

Светозаров, ки дар Самарқанд таваллуд шуда, забони ӯзбекию тоҷикиро хуб медонист, ҳамаи гапи шуда гузаштаро фаҳмида буд. Ба ҳар ҳол, бо сарҷунбонӣ гапи Эргашевро тасдиқ кард.

Агроном Соҳибов, ки дар ин сӯҳбат иштирок дошт, аз ҷояш хеста:

– Хайр, ман ба сари замин рафтам, – гӯён баромада рафт.

Баъди рафтани ӯ Светозаров афсӯс хӯрд, ки техника намерасад, набошад мо ба чӣ қодир буданамонро ба ин мӯйсафедон нишон медодем ва аз паси кораш шуд. Баъди як ҳафта совхози Киров яке аз аввалинҳо шуда ба ташкилотҳои лозимӣ аз бомуваффақият гузаштани кишти пахта гузориш дод.

* * *

Тирамоҳ. Дар саҳро ҳосили фаровони пахта ба назар мерасид. Махсусан ниҳолҳои пахтаи бо механизатсия кор карда баромада серҳосил буданд. Ниҳолҳои пахтаи ин қитъаҳо 20-25-кӯракӣ доштанду бригадаҳое, ки заминашон бо ҷуфти гов шудгор шуда буд, 10-15-тогӣ. Қади ниҳолҳо низ яз якдигар фарқи калон дошт. Пахта шукуфта, чун барф дар майдонҳо сафедӣ карда, диққати ҳар бинандаро ба худ мекашид.

Пахтачинӣ сар шуд. Деҳқонони савхози Киров рӯзе ба хирмани совхоз 3-4 тоннагӣ пахта чида месупориданд.

Охири моҳи октябр совхоз нақшаи пахтасупориро иҷро кард. Аз ҳар гектар замини бо трактор шудгор шуда 20-25 сентнерӣ ва аз бригадаҳои бо ҷуфти гов шудгоршуда 12-15 сентнерӣ пахта рӯёниданд.

Аз ин ҳосили ба дастомада Светозаров ниҳоят хурсанд буд. Вале рақибонаш бо сари хам мегаштанд.

Соҳиби Назир дар яке аз ҷамъомадҳои аҳли оилааш:

– Ин кофирбачаи Светозар худодод барин менамояд. Ба кадом коре, ки даст занад, кораш пешрав. Инро бинед-а, аз ҳар гектар 20-25 сентнер ҳосил гирифту мо бошем ҳар

қадаре, ки ҷон кандем, аз 15 сентнерӣ зиёд гирифта натавонистем. Аз афташ, ӯ ягон сирро медонад. Набошад, ин урус кучҷою пахта куҷо! Дар ватанаш пахтаро дар шаби хобаш ҳам надидааст, – гӯён тааҷҷуб мекард мӯйсафед.

Вай дигар ба чашми Эргашеву Светозаров нигоҳ карда наметавонист. Лекин Эргашеву Светозаров бо сари баланд мегаштанд. Ҳатто боре директор ба Соҳиби Назир расонида гуфт:

– Агар баъзеи дар ин маҷлис нишастагон якравӣ накарда мегузоштанд, ки мо ҳамаи заминро бо трактор ҷуфт карда пахта корем, ҳосили мо дучанд мешуд.

Баъди ҷамъоварии пахта заминро аз ғӯзапоя тоза карда, бо талаби Светозаров ҳамаи заминҳоро бо трактор шудгор карданд. Светозаров такрор ба такрор мегуфт: шудгори тирамоҳӣ фоидаи зиёде дорад. Замин дар хунукӣ дам гирифта, кирмҳои зарарнокаш мемуранд. Заминро хунук зада, хокаш нарму серҳосил мешавад. Шабу рӯз дар заминҳои пахта тракторҳо кор мекарданд. Махсусан дар ин кор ҳиссаи писари Сайрам-хола Анвар, ки аз аскарӣ омада бо хоҳиши Светозаров тракторчӣ шуда дар совхоз кор мекард, аз ҳад зиёд буд.

Ӯ дар як шабонарӯз 10-12 гектар заминро шудгор карда, ду-се соат хоб мерафту халос. Ба хонаашон кам мерафт.

Сайрам-хола чашмони аз бехобӣ сурх шуда варамидаи ӯро дида:

– Писарам, кори давлат гуфта боз аз пой наафтӣ. Охир, каме ба худат раҳм кун. Як худатро дар оина бин, ба кӣ монанд шудӣ. Чӯби қоқ шудаӣ. Гӯё, ки хона надошта бошӣ, дар шипангу ким-куҷоҳо хоб меравам, мегӯӣ. Охир ин хуб нест. Одам аз хоб баҳра набарад, ба ҳар касал дучор мешавад, писарам, – гуфта ба ӯ ғамхорӣ мекард.

Анвар бошад хандакунон:

– Оча, ғам нахӯр. Ин кор як-ду ҳафта давом мекунад. Агар ҳамин рӯзҳои хуби боду ҳаворо истифода набарем, боронгарӣ сар шуда, дигар шудгор карда наметавонем. Илова ба ин, акои Егор низ шабу рӯз бо мост. Ҳатто баъзе вақтҳо ману шарикамро иваз карда, маҷбур мекунад, ки истироҳат кунем. Худаш бошад, шаби дароз трактор ронда, замин шудгор мекунад.

Кампири Сайрам-хола номи Егорро шунида:

– Ҳа, писарам, вай доим ҳамин хел аст. Кори давлат гуфта хобу хӯр надорад. Бечораи занаш Тамара ҳафтаҳои дароз дар хона нишаста, бо Элячон роҳи ӯро мепоянд, – гӯён тугунчаи пур аз озуқаро баста ба дасти Анвар дод.

– Егор – акоятро ҳам зиёфат кун, – гуфт ӯро гусел карда.

Егор Светозаров бошад, шабу рӯз аз паи кори совхоз буд. Бо коргарони совхоз заминҳоро аз қамишзор тоза мекард. Оби ботлоқҳоро захбӯр канонда хушк мекунонд ва барои оянда заминҳоро тайёр карда, дар он ҷойҳо пахтаю боғу токзор карданӣ буд. Дар давоми як соли кораш қариб 50 гектар замини бекор хобидаро барои киштукор тайёр кард.

Ин тариқ, пешрафти кор бисёриҳоро хурсанд кунад ҳам, вале дили Соҳиби Назир ва амсоли ӯро воҳима зер карда буд.

Соҳиби Назир, ки дар ин муддат аз писаронаш Қамару Ҳомиду Назар сабаби аз кор рафтани ҷиянаш Шамсову ҷазо гирифтани Қамару сараграном нашудани Ҳомидро дониста буд, бо тамоми ҳастияш Светозаровро бад медид ва намедонист, ки аз ӯ чӣ хел қасос гирад. Кушодашавии заминҳои нав, пайдошавии боғу токзорҳои навро дида, ҳамаи онро кори Светозаров медонист ва доим роҳи чи тавр ба кори ӯ халал расонданро меҷуст. Хобу хӯр барояш ҳаром гашта буд.

– Лаънатиро дар сараш агон халта кашида ба об партоям гӯям, зӯрам намерасад. Бо ягон калтак аз қафояш зада кушам, хуни бе ғайри ҳақ мешавад, дар гуноҳи азим гирифтор мешавам. Охир чӣ кор кунам? Худоё! Ба ман мадад кун. Ману фарзандонамро аз ин кофирбача бираҳон, – гӯён дуо мекард мӯйсафед.

Як ними шаб кори мӯйсафед омад кард. Вай субҳ надамида бедор шуду барои таҳорат кардан ба лаби ҷӯ фаромад. Нохост чашмаш ба трактори дар лаби ҷарӣ истода афтид. Мӯйсафед оҳиста-оҳиста ба назди трактор омад. Дар гирду атроф касе наменамуд. Трактор дар нишебӣ меистоду дар зери чархаш як санг монда шуда буд. Аввал мӯйсафед ба гирду атроф нигаристу сипас санги пеши чархро гирифта аз қафояш зӯр зада тела кард, ки аз ҷояш наҷунбид. Ба кабини трактор баромада дастакҳои онро пасу пеш карда буд, ки трактор ба ҳаракат даромада ба сӯи нишебӣ рафт, ки поёнаш ботлоқзор буд. Вай худро аз болои трактор ба замин

партофт. Китфаш сахт лат хӯрд. Ба дарди ҷонкоҳи китфаш нигоҳ накарда, аз ҷояш хесту сӯи хонааш давид. Вақте ки мӯйсафед сӯи хонааш медавид, талаппоси ба об афтидани тракторро шунида, хурсандона «аҷаб шуд», – гӯён дарди китфашро ҳам фаромӯш кард.

* * *

Субҳи барвақт овози ғалоғӯлаи одамон Егору Анварро аз хоб бедор кард. Онҳо баъди замини бригадаи Соҳиби Назирро то нисфи шаб шудгор кардан бисёр хастаю бемадор гашта, ба шипанги колхоз рафта буданд, ки аз қишлоқ дуртар воқеъ буд.

Овози одамонро шунида, аз ҷояшон хеста дар ҷое, ки шабона тракторро монда буданд, одамони зиёдеро диданд.

Трактори сечархаи ЧТЗ-ро акумулятораш кор намекард, онро дар нишебии теппачаи сари замини шудгоршуда монда буданд, ки рӯзи дигар бо осонӣ ба кор дароранд, вале аз вай на пай буду на ҳайдар.

Светозаров китф дарҳам кашида, ба Анвар нигаристу Анвар ба ӯ. Ҳар ду ҳайрон монданд.

– Ягон бало шудагӣ барин, тракторамон наменамояд. Беҳуда ин қадар одам дар он ҷо ғалоғӯла надоранд. Биё, зудтар ба он ҷо равем, – гӯён Светозаров Анварро саросема мекард.

Тозон ба ҷои ғалоғӯла омада, диданд, ки санги калони дар пеши чархи трактор мондаашон истодаасту худи трактор нест. Онҳо ба гирду атроф нигариста, ғайри одами бисёр чизе надиданд. Светозаров бо ҳаяҷон аз ҷамъомадагон пурсид:

– Чӣ гап шуд? Чаро ин ҷо ҷамъ шудаед? Трактор канӣ?

Соҳиб Назир, ки аз ҳама баландтар доду фарёд мекард, ба онҳо наздик шуда:

– Чӣ ҳам мешуд, совхози бечора пули бисёри мардумро харҷ карда трактор мехараду тракторчии хиёнаткори шумо аз афташ маст шуда, ба ҷои киштукор ба ботлоқ ҳай кардааст, – гӯён пичинг зад.

– Кӣ хиёнаткор? Чӣ хел ботлоқ? Охир мо тракторро ана дар ин теппача монда будем. Чӣ хел вай ба ботлоқ меафтидааст, – гӯён Светозарову Анвари ранги рӯяшон канда ба поёни теппача, ба сӯи ботлоқи қамишзор тохтанд. Онҳо ба он ҷо наздик шуда диданд, ки дар 5-10 метр аз теппа дур-

тар, дар даруни ботлоқ дӯдбарои трактор намуда истодааст. Инро дида, ҳуш аз сари онҳо парид, саросема шуда Анвар ба сӯи трактораш давида, то миён ба оби ботлоқ ғӯтида, дигар ин тараф он тараф ҷунбида наметавонист. Лойи ботлоқ оҳиста-оҳиста ӯро ба комаш мекашид.

Ӯро чандкаса кашида баровароанд, сарулибосаш аз обу лой шип-шилтиқ шуда буд. Аз куҷое директори совхоз Эргашев низ расида омад. Дар назди ӯ Соҳиби Назир боз ба айбдоркунии тракторчӣ сар кард.

– Раис, намедонам шумо аз куҷо ҳар хел одамро насанҷидаю нафаҳмида ба кор мегиред. Ана аҳволро бинед, аз дасти тракторчии бадмастатон ҳазорҳо сӯми совхоз дар даруни обу лойи ботлоқ ғӯтида нобуд мешавад, – гуфта дастак мезад.

Эргашев хомӯшона ба гапи Соҳиб Назиру дигар одамони ҳангомахоҳ гӯш дода, омада бо Светозарови дар назди ботлоқ гаранг истода саломалайк карду шарҳи ҳолро пурсид.

Светозаров ба худ омада, оҳе кашид.

– Соатҳои тахминан 2-3-и шаб ману Анвар шудгори ана ин қитъаи заминро (ба замини шудгор карда шуда ишора кард) тамом карда, бисёр монда шудем. Тракторро пагоҳ зудтар ба кор дарорем гуфта, онро ана, дар ин нишебии теппача гузошта, – Светозаров ба теппаю сангҳои бари он ишора кард, – сипас ба шипанг рафта хоб кардем. Овози мардумро шунида омадем, ки трактор дар даруни ботлоқ ғӯтида хоб аст, – гӯён нӯги лӯлаи дудбарои дар байни қамишҳо намоёнро нишон дод.

Эргашев Светозаровро шунида ба андеша рафт.

– Ин худаш чӣ гап? Аз рӯи гуфтаи сарагроном тракторро аз ҷояш ҷунбонидан душвор аст. Пас чӣ гап шудааст? Наход, ки касе онро махсус ба ботлоқ тела додааст? Ё ки Светозаров тракторчиро ҳимоя карданӣ шуда чунин мегуфта бошад, – гӯён ба хаёл рафт.

Дере нагузашта, ба ҷои воқеа кормандони НКВД-и вилоят низ расида омаданд, ба пурсуҷӯи одамон сар карданд.

Дар байни онҳо муфаттиш Ҳотамов низ буд, ки Светозаровро дар он ҷо дида шинохту ба назди ӯ омада, салом кард.

Светозаров ӯро бо Эргашев шиносонд. Баъди расмиятро ба ҷо овардан Ҳотамов гуфт, ки ба идораи онҳо шахси но-

маълуме занг зада, дар борои нобуд кардани таракторӣ хоҷагиатон хабар доду худашро шинос накарда, гӯшаки телефонро овехт. Ва моро субҳи барвақт сардорамон аз хонаҳоямон ба ин ҷо роҳӣ кард.

Ва баъд аз онҳо узр пурсида: – Ман бояд ба рафти кори кормандонамон роҳбарӣ карда, ҷои воқеаро аз назар гузаронам, – гуфта аз онҳо дур шуд.

* * *

Ҳотамов одамони ҳамроҳаш омадаро тақсим карда, худаш ҳамроҳи корманди НКВД-и вилоят Василий Мирончук, ки шахси бисёр кордон буд, ба дида баромадани ҷои воқеа сар кард.

Кормандони дигар дар байни ҷамъомадагон шахсони ба ҷои воқеа аввалин шуда омада ва аз воқеа чизе шунидаю дидаро маълум карда, аз дигар одамони бекорхӯҷае, ки он ҷо ҷамъ омада буданд, хоҳиш карданд, ки пароканда шуда ба кори онҳо халал нарасонанд.

Дар вақти бо диққат дида баромадани ҷои воқеа каме дуртар аз ҷое, ки трактор истода буд, як тугмаи на он қадар калони садафин ёфт шуду халос. Дигар ягон чизи ҷолиби диққат пайдо нашуд. Қарибиҳои нисфи рӯз як автомошини борбардорро кормандони НКВД ёфта оварда, бо азобе трактори даруни об бударо кашида бароварданд. Дар вақти дида баромадани трактор аз даруни кабини он як туппии чоргули гирдак ёфт шуда, дар дастқапаки дари трактор бошад, порчаи матои карбоси сафед пайдо карданд. Аз рӯи гуфтаи Анвари тракторчӣ ин чизҳо ба ӯ тааллуқ надошт. Бо супориши Ҳотамов аввал ин тӯппиро ба Светозарову Эргашев пешниҳод карда буданд, ки онҳо бо як овоз:

– Охир ин тӯпии Соҳиби Назир-ку, – гӯён тӯппиро шинохтанд.

Ҳотамов зуд баёноти Эргашеву Светозарову Анварро гирифт, барои шинохтани тӯппии ёфт шуда протоколи пешниҳод кардани ашёҳо барои шинохтанро тартиб доду худи ҳамон замон ба Мирончуку ду корманди дигар супориш дод, ки фаврӣ дар хонаи Соҳиби Назир кофтуков гузаронанд.

Ба ду коргари дигар супориш дод, ки Соҳиби Назиру Светозарову Анварро бо ду-се шоҳиди дигар ба мошин савор карда, фавран ба идораи корҳои дохилии вилоят бурда

то омадани онҳо шоҳидонро дар утоқҳо алоҳида шинонда, баёноташонро гиранд ва ҳамон ҷо нигоҳ доранд.

Мирончук бо дигар коргарони расмӣ дар ҳузури шахсони холис хонаи Соҳиби Назирро кофтуков карда, аз даруни тағораи ҷомашӯӣ куртаи хунолуди як тугмааш кандагӣ ва эзори тики сафеди як почааш кандагиро ёфта, баъди он ба мошини директори совхоз савор шуда, ҳамроҳи Эргашев ба раёсати корҳои дохилӣ раҳсипор шуд.

* * *

Баъди пурсиши муфассал Светозарову Анвар ва чанде дигар шоҳидонро Ҳотамов ҷавоб дода, аз онҳо хоҳиш кард, ки ба касе дар бораи пурсишашон дар тафтишот забон накушоянд. Баъд ба пурсиши Соҳиби Назир сар кард.

Соҳиби Назир, ки чизеро дар бораи ёфт шудани тӯппӣ, тугма ва ёфта гирифтани либосҳои даридаю хунолудаш намедонист, бо исрор аз Ҳотамов талаб мекард, ки барои чӣ ӯро то ин бевақтии шаб нигоҳ доштаанду гунаҳкорони асосӣ Светозарову Анварро ҷавоб додаанд.

– Охир, онҳо масти бехабар шуда тракторро ба ботлоқ ғӯтонидаанд, ҳоло бошад худро мӯсичаи бегуноҳ мешуморанд. Шумо онҳоро ба ҳабс гиред. Одамони бегуноҳро ҷавоб диҳед. Ман аввалин шуда ин тракторро ёфтам. Ман ба шумою Эргашев дар бораи ин воқеа хабар додам. Ҷаро шумо маро дар ин ҷо нигоҳ медоред? – гӯён дӯғу пӯписа мекард.

Ҳотамов хуб ба гапҳои ӯ гӯш карда дид, ки мӯйсафед аз ҳад гузаронида истодааст, аз ӯ пурсид:

– Шумо аз куҷо медонед, ки Светозарову Анвар дар ҳолати мастӣ тракторро ба ботлоқ чаппа кардаанд?

Соҳиби Назир, ки чунин ранг гирифтани пурсишро интизор набуд, забон хоида:

– Ростӣ, арақхӯрии онҳоро надидаам, лекин онҳо дуяшон арақхӯранд, – гуфт.

– Охир шумо ҳақ надоред, ки онҳоро барои оне, ки арақхӯранд, гунаҳкор шуморед. Шумо чаппа кардани тракторро дидед, касе дидааст?

– Ман, рости гап, надидаам. Дигаронро намедонам. Лекин яқин медонам, ки онҳо ҳамон шаб якҷоя дар трактор нишаста, замин шудгор мекарданд. Ба фикрам, онҳо тракторро дар нишебӣ монданду трактор сангҳоро тела дода, аз

беназоратии онҳо ба ботлоқ афтидааст.

– Ҳа-а, бобо, мебинам, ки фантазияатон зӯр будааст, – дигар тоқат карда натавониста гуфт Ҳотамов. –Намедонам, ки шумо барои чӣ Светозарову Анварро ниҳоят бад мебинед. Мехоҳед, ки онҳоро аз сари роҳатон дур кунед? Ҳамин хел?

Забони Соҳиби Назир каме гирифт.

– Ч-чӣ гуфтед? Ман онҳоро бад мебинам? Ин чӣ гуфтаатон? Онҳо ба ман чӣ бадӣ кардаанд, ки ман онҳоро бад медидаам? Ошу нони худашонро хӯранд, ба ман зараре нарасонда бошанд, ман ба онҳо чӣ кор дорам? – ба савол бо савол ҷавоб дод ӯ.

– Ман ҳам, мӯйсафед, ана ҳамин суолҳоро ба худи шумо доданиям. Ба шумо чӣ бадӣ кардаанд, ки бе ягон асос онҳоро гунаҳкор мешуморед? Онҳоро ҳабс кунед, мегӯед.

– Онҳо гунаҳкор набошанд, пас кӣ гунаҳкор аст? – боз ба ҷавоб савол дод Соҳиби Назир.

– Ана инашро шумо аз мо дида хубтар медонед. Аз ин рӯ, хоҳишмандам, ки гапро кашола надода бигӯед, ки тракторро кӣ ба ботлоқ тела дод?

Соҳиби Назир каме саросема шуд.

– Чӣ хел ман медонистаам? Магар тракторчию Светозарови урус гунаҳкор нестанд? Тракторро дар теппа бе назорат монда, худашон ба хоби роҳат рафтаанд.

– Ҳа-а, мӯйсафед, шумо аноӣ не. Ба фикрам, ҳамаи гапҳоро аллакай фикр карда баромадаед, майлаш хайр, худатон, ки нагӯед мо ба шумо ёрӣ медиҳем, – гӯён Ҳотамов тӯппии гулдӯзии ҳанӯз ҳам пурнамро аз ғалладони мизаш баровара дар болои он монд.

Бо дидани тӯппӣ ранги рӯи мӯсафед парид.

– Ҳа, мӯйсафед, ин қадар рангатон канд. Чӣ, ягон чизи шиносатонро дидед? – гуфт Ҳотамов.

Соҳиби Назир ба овози ларзон:

– Мебахшед, тӯппиро шумо аз куҷо гирифтед? Ман онро ду-се рӯз гум кардам. Вай чӣ хел ба дасти шумо афтод? – Ҳотамовро ҳайрон кард.

«Ҳа, бо ин мӯйсафед бисёр эҳтиёткорона бояд рафтор кард. Ӯ содда набудааст» – гӯён Ҳотамов аз дилаш гузарониду баъд аз ӯ пурсид:

– Шумо афтодани тӯппиатонро ба даруни трактори ба об рафта чӣ хел шарҳ медиҳед?

– Тӯппии ман дар трактор ёфт шуд? Не-не! Ин ҳеҷ мумкин нест. Охир онро ман дар хонаам гум кардааму чӣ хел ба трактори ғарқ шуда меафтодааст? Эҳтимол тракторчӣ ё Светозараш онро дуздида, барои гуноҳашонро ба ман бор кардан дар трактор монда бошанд. – ҷавоб дод Соҳиби Назир.

Ҷавобҳои саволмонанди Соҳиби Назир Ҳотамови пуртаҷрибаро низ моту маҳбут карда буд. Ӯ фикр мекард, ки чӣ гуна як мӯйсафеди бесавод чунин ҷавобҳои пурраро барои худсафедкунӣ мегӯяд. Агар ягон далели дигар надошта бошӣ, сару калобаатро гум мекунию тӯппидузд кофта, ба як роҳи сарбаста даромада мемонӣ.

Мӯйсафед дид, ки Ҳотамов ба хаёл рафтааст, дар дилаш шӯълаи умед пайдо шуда «хайрият ин лаънатиро ҳам фиреб додам» – гӯён хурсанд шуд. Лекин ҳоло ҳам як гӯшаи дилаш сиёҳ буд. «Ин гӯрсӯхта боз куртаю эзорамро наёфта бошад? Охир вақти аз трактор паридан эзорпочаам кандаю куртаам хунолуд шуда буд. Эҳ, агар занак боақлӣ карда онҳоро руст карда бошад, хуб-а» – аз дил гузаронд мӯйсафед.

Ҳотамов ҳис кард, ки ранги рӯи мӯйсафед ба ҷояш омаду вай худро ғолиб ҳисоб карда истодааст. Аз ин рӯ, каме дар ғазаб шуда.

– Ҳа мӯйсафед, мебинам, ки ранги рӯятон ба ҷояш омад. Хаёл кардед, ки ман ба гапатон бовар кардам?

Соҳиби Назир боз саросема шуда: – и... и..., – писарам, ман дурӯғ намегӯям. Охир дурӯғ торикии имон аст. Наход мани мӯъмини мусулмон ба шумо дурӯғ гӯям?

– Агар гапҳоятон самимӣ бошанду «дурӯғ гуноҳ», пас ба ин тугма, ки аз ҷои воқеа ёфт шудааст, чӣ мегӯед? – гӯён Ҳотамов ба ӯ тугмаро дароз кард.

Соҳиби Назир тугмаро ба даст гирифта, бо диққат аз назар гузаронида ҷавоб дод:

– Писарам, охир дар дунё аз тугма дида, чизи бисёр нест. Ман аз куҷо донам, ки ин тугма дар ҷои воқеа аз куҷо пайдо шудааст?

– Ин тавр, ки бошад Шумо ба ин чӣ мегӯед? – гӯён куртаи тари ҳоло ҳам дар он доғи хун мондаро, ки тугмааш афтида буд, ба Соҳиби Назир пешниҳод кард.

Боз ранги рӯи Соҳиби Назир дигаргун шуд. Ӯ чӣ гуфтанашро надониста, ба фикр рафту баъди чанде сар бардошта:

– Дуруст аст, ки ин курта азони ман аст, вале тугмаи он

дар куҷо афтидааст, ман намедонам. Охир трактор дар бригадаи ман кор мекард. Ман дар як рӯз сад бор дар он ҷойҳо гузар мекардам. Шояд дар он ҷо афтидаасту ман бехабар мондам, – гӯён ҷавоб дод.

Ҳотамов дид, ки мӯйсафед гарданшахӣ мекунад. Аз ғалладони мизаш охирин далели шайъӣ, эзори почааш даридагии мӯйсафедро бо пораи ҳамин эзор, ки дар дастаи трактор ёфт шуда буд, бароварда:

– Набошад, Шумо дар бораи эзори даридаатон чӣ мегӯед?

Соҳиби Назир дид, ки дигар ҷои гурез нест.

– Сагбачаҳо, хонасӯхтаҳо, Шуморо бад мебинам, – гӯён аз ноумедӣ фиғон баровард.

Вай андаке хомӯш монд, баъд иқрор шуд, ки барои аз Светозаров қасос гирифтан ин корро кардааст.

Ҳотамов батафсил баёноти Соҳиби Назирро навишту ӯро ба КПЗ ҷой кард.

Рӯзи дигар бошад, дасти зарб хӯрдаи мӯйсафед варамида исботи гуноҳашро боз ҳам пурратар кард. Эксперти тиббӣ муайян кард, ки ҷароҳати дасташро Соҳиби Назир дар натиҷаи афтидан аз болои предмети баланди ҳаракаткунанда гирифтааст.

* * *

Сардори раёсати корҳои дохилӣ Танасейчук ахбори Ҳотамовро нисбати Соҳиби Назир шунида, ба фикр фурӯ рафту баъди чанде худро аз банди хаёлот бароварда ба Ҳотамов чунин гуфт:

– Медонӣ, капитан? Ба фикрам сабаби ҷиноят содир кардани Соҳиби Назир чизи дигар аст. Охир дар совхоз чанд бригада ҳаст, ки соли гузашта ҳосили паст гирифтаанд, вале ягонтаи онҳо қасди ба Светозаров зараррасониро накардаанд. Баръакс, ба ӯ ҳусни таваҷҷӯҳ доранду ҳатто ҳурмату эҳтиром карда дӯсташ медоранд. Ба фикрам, шумо ба ман ҳозир айнан ҳамин гапро гуфтед, доири саволи ман нисбати муносибати дигар бригадирон ба Светозаров, ҳамту не?

– Ҳа, рафиқ полковник, айнан ҳамин тавр, – ҷавоб дод Ҳотамов.

– Бинобар ин, ман фикр мекунам, Соҳиби Назирро чизи дигаре ба ин кор водор кардааст. Шумо аз шоҳидон, мар-

думи ҳамдеҳаи Соҳиби Назир оё напурсидед, ки фикру ақидаи ӯ нисбати Ҳукумати Советӣ чӣ гуна аст?

– Пурсидам, рафиқ полковник. Қариб бист шоҳид бо як овоз мегӯянд, ки Соҳиби Назир нисбати Ҳукумати Советӣ ягон норозигӣ накарда, баръакс дуо мекардааст, ки он устувору поянда бошад. Охир фарзандони ӯро бепул хононда соҳиби кору ҷою макон кардааст. Рафиқ полковник, Қамар Соҳибович – сардори раёсати хоҷагии халқи вилоят, Назар Соҳибов – муфаттиши прокуратураи шаҳр ва Ҳомид Соҳибов – агрономи совхози Киров писарони ӯянд, гуфт Ҳотамов.

– Инро ман медонам-куя, – гуфт Танасейчук, – лекин ана ҳамин ҳам маро дар андеша мондааст, ки чаро падари чунин одамони баобрӯи вилояту ноҳия ба чунин кори паст даст зада, ҷиноят содир кардааст. Ба фикрам, дар ин ҷо ягон гапи дигар ҳаст. Аз ин рӯ, ман хоҳиш мекунам, ки ба тақозои талаботи замони ҳозираи Партия ва Ҳукумат ин корро ба таврӣ ҷиддӣ тафтиш кунед. То ба водии Вахш омаданаш дар куҷо мезист ва чикора буд? Ҳамаи инро ҷиддан бисанҷед. Баъди санҷиши пурра корро ба ман пешниҳод кунед. Баъд ягон хулоса мебарорем. Ба хаёли ман чи тавре, ки русҳо мегӯянд: «Дар ин ҷо гӯрбае гӯр кардагӣ барин».

-Итоат, рафиқ полковник, агар иҷозат диҳед, равам.

– Ҳа, аз паи коратон шавед, – гуфт сардор.

* * *

Деҳаи Дараи Оҳугузар дар гӯшаи кӯҳистони қариб касногузар, дар анбӯҳи кӯҳҳои осмонбӯс воқеъ буд. Рӯзи сеюм буд, ки Ҳотамов ҳамроҳи Василий Мирончук дар ин ҷо одамони аз муҳоҷират гурехта, боз ба қишлоқашон омадаро бо ҳамроҳии коргарони хоҷагии ҷангал, ки ин деҳа низ тобеи онҳо буд, пурсуҷӯ мекарданд.

Аз ҷавонони деҳа ва хоҷагии ҷангал касе Соҳиби Назиру фарзандонашро намешинохт. Танҳо як мӯйсафеди тахминан 80-сола, ки Ҳасани Лучакаш меномиданд, Соҳиби Назирро ба ёд оварда:

– Ҳа, вай писари Назирбойи ҷӯйбаландиро мегуфтагистед, – гӯён нақл кард, ки Назирбой аз деҳи Ҷӯйи баланд, ки аз ин қишлоқ хеле поёнтар воқеъ будааст, ба Нозанин ном духтари Дараи Оҳугузар ошиқ шуда, ба хотири ҳамин

духтар хонаю дарашро партофта, омада дар ин деҳа макон гирифта будааст. Вай соҳиби замини бисёр ва боғу токзори калоне будааст. Аз ҳамон Каримбою Нозанин ду писар – якеаш Соҳибу дигараш Шамс боқӣ монда будааст. Соҳиб, писари калонии Каримбой, бисёр бачаи зираку доно баромада, дар пеши чандин мударрисон хонда, соҳиби саводи хубе шуда будааст. Баъди сари падараш ҳамаи замину об, молу ҳоли ӯ ба фарзандаш Соҳиб монда будааст, чунки Шамси додараш ҳанӯз бе зану дар тарбияи ӯ будааст. Вақте ки давлат замину оби бойҳоро гирифта онҳоро бадарға мекардааст, Соҳиб ҳамаи молҳояшро фурӯхта замину обашро ба хешу табораш тақсим карда дода, ҷонашро аз давлат халос кардааст. Баъди муҳоҷиркунӣ ӯ Соҳибу дигар одамони деҳаро надидааст.

– Онҳо дар ҷои дур, ки водии Вахшаш мегуфтаанд, зиндагӣ доранд, – гӯён мӯйсафеди Ҳасан гапашро тамом кард.

– Бобо, чаро Соҳибро Соҳиби Назир мегӯянд, охир падараш Каримбой ном доштааст-ку? – гӯён пурсид Ҳотамов аз бобои Ҳасан.

Мӯйсафед каме фикр кард. – Инро ман намедонам, лекин бобояш – падари Каримбой Назир ном дошт, шояд ба номи вай гузашта бошад, – гуфт мӯйсафеди Ҳасан дар ҷавоб.

Гуфтаҳои бобои Ҳасани Лучакро дар зери таҳдиди «агар нагӯед, барои пинҳон кардани кулак суд мешавед» – гӯии Ҳотамов қариб тамоми ҳамдеҳагони калонсоли Соҳиби Назир, ки ҳамроҳи ӯ муҳоҷир шуда, ба совхози Киров кӯчида омада буданд, тасдиқ карданд. Худи Соҳиби Назир низ баъди нею нестони зиёдею бо чанд ҳамдеҳааш ӯро рӯ ба рӯ кардан, иқрор шуд, ки ӯ писари Каримбой асту дар вақти ҳуҷҷатгирӣ аз «тройка» тарсида, ба ҷои номи падараш номи бобояшро гирифтааст.

Ҳамин тавр, ба гуфти Танасейчук «гурбаи кушта гӯр кардагӣ», ёфт шуд.

* * *

Баъди ба деҳаи Оҳугузар рафта омадани Ҳотамов ва ҳамдеҳагони Соҳиби Назирро пурсидан «пӯстини кайк даромадаи» Қамар Соҳибов якбора сӯхта аланга гирифт. Вай, ки остонаи идораҳои болоро охурча карда: «Падари ман

гуноҳ надорад, ӯро бо тӯҳмат ба ҳабс гирифтаанд», – гӯён исбот карданӣ мешуд, ҳис кард, ки ба болои гуноҳи падараш гуноҳи азим «кулак» буданаш исбот шудааст. Акнун ҳамроҳи бародаронаш ва тамоми оилаи Соҳибовҳо на ин, ки аз мансаб, балки аз ҷою макон ҳам монда бадарға мешаванд. Ин буд, ки дар майнаи ӯ фикри аҷибе пайдо шуду хост ба он ҷомаи амал бипӯшонад. Дар он вақтҳо фарзандони кулакҳое, ки аз падарашон рӯй мегардонанд, аз бадарғаю гирудор озод мегаштанд. Аз ин рӯ, ӯ бародаронаш Ҳомиду Назарро ба хонааш таклиф карда бо онҳо маслиҳат карданӣ шуд. Вай дар вақти сӯҳбати дуру дароз ба сари оилаи онҳо чӣ кулфат овардани падарашонро муфассал гуфта, оқибат ба сари мақсад омад.

– Бародарони азизам, боз нагӯед, ки акоямон ақлашро хӯрдаасту дар ин рӯзи сахти ба сари падарамон омада аз ӯ рӯй гардониданист. Не, ин маъниро надорад. Ин танҳо барои давлату партия зарур аст. Ё пӯсткандаи гапро гӯям, агар ҳар кадоми мо аз пушти камари Соҳиби Назир омаданамонро дар назди мардум ва давлат инкор кунем ҳам, медонем-ку падари мо кист?! Ва ҳеҷ вақту ҳеҷ гоҳ каси дигаре падари мо нахоҳад шуд! Мо дар дилу дидаамон меҳри падари бузургворамонро нигоҳ медорем. Он касро то ҳастем, эҳтиром мекунем, танҳо инро набояд ба касе ошкор кунем. Бо ин корамон мо пойдории худамон ва оилаҳоямонро нигоҳ медорем. Набошад, Ватану хонаю ҷой ва вазифаҳои бо азобу машаққат ба даст омадаамонро аз даст дода, дар мулки бегона беному нишон мешавем. Дар ҳолате, ки мо «аз падар рӯй мегардонем». – гуфта ариза нависем, аз ин балоҳо эмин монда метавонем ва дар даруни давлати ин партияи одамкуш истода, аз онҳо қасоси падару худамонро метавонем бигирем, – гӯён қатраҳои ашкашро, ки аз чашмонаш шорида мефаромад, пок кард.

Назару Ҳомид низ ба риққат омада зор-зор мегиристанд. Баъди бухси дилашон баромадан, додари хурдӣ – Ҳомид ба гап даромад.

– Акаҳои азизу меҳрубон, ман ба гапҳои акаи Қамар розияму лекин як фикр кунед. Охир мо чӣ хел падару модари пирамонро мепартоем? Ман аз ҳардуи шумо хурдаму бачаю качаи зиёде ҳам надорам. Ун қадар вазифае надорам, ки ба касе фоидаам расад. Аз ин рӯ, шумо чизе, ки мехоҳед, ҳамонро кунед, вале ман аз падар рӯ намегардонам ва агар

лозим бошад, ҳамроҳи падару модарам ба кучое, ки онҳоро роҳӣ кунанд, меравам, – гӯён аз ҷояш хеста дари бародарашро сахт пӯшида, ба «Ҳомид, Ҳомидҷон баргард» – гӯии Қамару Назар диққат надода, аз хонаи Қамар баромада рафт. Рӯзи дигар бо илтимоси Қамар Танасейчук супориш дод, ки падарашро ба ӯ нишон диҳанду онҳо каме дидор бинанд.

Бегоҳии ҳамон рӯз дар хоначаи танги «вохӯрӣ бо маҳбусон» падару писар дар ҳузури посбон ҳамсӯҳбат шуданд. Падару писар ҳамдигарро ба оғӯш гирифта, об аз ду дидаашон мерехт. «Дада, дадаҷон» мегуфт паст-паст Қамар, то ин ки посбон нафаҳмад.

Соҳиби Назир баъди вохӯрӣ худро ба даст гирифту «Писарам, мард бош!» – гӯён ӯро тасаллӣ дод.

– «Гар зиндагист, дида ба дидор мерасад», гуфтаанд бузургон, хафа нашав, зинда монам, боз якдигарро мебинем, набошад дидорҳо ба қиёмат, – гӯён аз чашмаш як қатра ашки сӯзон ба замин рехт. Қамар низ сарашро миёни дастон гирифта мегирист. Баъди чанде осуда шуда онҳо ба сухан даромаданд. Посбон ҳамон милисае буд, ки як вақтҳо ба писари Соҳиби Назир, Назар Соҳибов ёрӣ дода буд. Аз ин рӯ, вай оҳиста ба онҳо наздик шуда, гуфт:

– Акаи Қамар аз ман натарсида ҳамаи гапатонро гӯед. Ман дӯстони Назарам. Агар дар ёдатон бошад, дар кори Шамсову Гулчеҳра ман ба он кас ёрӣ дода будам. Ҳақиқатан вақт кам аст, метарсам, ки гапатон ногуфта намонад.

Қамар ҳамаи фикру андешаҳояшро ба падараш гуфт, боз гирён шуд.

Соҳиби Назир оҳи сӯзоне кашид.

– Писарам, ғам нахӯр, бо оне ки шумоён дар коғаз аз ман рӯй мегардонед, замину замон чаппа намешавад. Охир дили шуморо касе канда намегирад-ку?! Ман ба ҳамаи фикру хаёлоти ту розиям, Қамарҷон. Агар Ҳомидро ҳам ба гап дароред, бисёр кори олидараҷа мешавад, гапатонро, ки нагирифт, ҳаволаашро ба Худо кунед. Насиб бошад, боз дидор мебинем, – гӯён ба писараш бо чашмони гирён хайрухуш кард.

Падару писар ашкрезон ҷудо шуданд.

Баъди чанд рӯзи ин воқеа Ҳотамов дар бораи ба итмом расидани тафтишот ба Соҳиби Назир эълон кард. Ва дар

вақти бо маводи кор шинос шуданаш ба ӯ аризаи фарзандонаш Қамару Назарро хонд, ки онҳо аз падарашон рӯ гардонидаанд. Аризаи Ҳомид ку? – бо заҳрханд пурсид мӯсафед.

Ҳотамов дар байни Қамару падараш чӣ гап гузаштанашро намедонист, чунки посбон, агарчанде супориш гирифта буд, ягон чизи аниқро нагуфт.

– Ҳомид ариза нанавиштааст, – гӯён ҷавоб дод Соҳиб. Дар ин ду моҳи тафтиш монда шуда буд, ки оҳи вазнине кашида, «об-бое!» гӯён садо бароварду баъди чанде фикр кардан хандакунон ба Ҳотамов нақли аҷиберо кард.

– Дар вақтҳои ҷавониам, – нақлашро сар кард ӯ, ман шикорро ниҳоят дӯст медоштам. Милтиқи аз падарам мондаро гирифта бо чанд ёру дӯст кабк шикор мерафтему чанд рӯз дар кӯҳу пуштаҳо гашта, баъд ба хона бармегаштем.

Як рӯзи тобистон мо чанд нафар ба шикор баромада, сари теппае ба рамаи калоне дучор шудем. Рамаро як чӯпон бонӣ мекард. Дигар рафиқонаш барои овардани хӯрока фаромада будаанд. Вай моро хуш пазируфта, як барраи калонеро ҷудо карда доду:

– Шумо истироҳат карда нишинед,ман рамаро ба чаро мебарам, – гуфта рамаашро ронда аз мо дур ва дар паси теппае пинҳон шуд.

Чӯпон се саги калони бадҳайбате дошт, ки баъди каме ёрӣ ба қафо гашта, дар назди мо ҳалқа зада ба пинак рафтанд. Дутои ин сагҳо сип-сиёҳ буданду яке аз онҳо ало.Саги ало аз ин ду саг се-чор қадам дуртар сари калони бадвоҳимаашро болои ду дасташ монда, аз мо чашм намеканд. Ба чӣ кор кардани мо диққат медод. Он ду саги сиёҳ бепарво буданд.

Мо гӯсфандро сар зада пӯст кандему хостем, ки гӯштро шуста ба дег андозем. Вале об тамом шуда будааст. Чашмаи об аз хаймаи чӯпонон дар сад қадам воқеъ буд. Ман хостам, ки рафта об гирифта биёрам, вале ин се саг ба ман аккосзанон ҳуҷум карданду ману рафиқонам аз тарси онҳо худро ба хайма зада, ҳайрон будем, ки чӣ кор кунем. Сагҳо каме дар даромади хайма истода ба мо аккос заданду боз рафта дар ҳамон ҷойҳое, ки хоб буданд, 10-15 қадам аз мо дуртар, ба ҳамон тариқи пештара ҳалқа заданд. Саги ало боз сарашро рӯи панҷаҳояш монда пинак рафт.

Ман ин тараф – он тарафи хаймаро кофта 10-15 лӯндача

қанди сафед ёфта, таваккалкунон аз хайма берун баромадам. Сагҳо маро дида, аз замин сар бардоштанд. Ман ба назди ҳар кадомашон яктоӣ қанд партофтам, ду саги сиёҳ ҳамон замон қандҳояшонро хӯрда лаб лесида, ба думҷунбонӣ даромаданду саги ало бошад ба тарафи қанд нигоҳ ҳам накард. Ман боз се-чор бори дигар ҳамон корамро такрор кардаму сагҳои сиёҳ қандҳоро хӯрданду саги ало бошад, аз ҷояш наҷунбид.

Баъди чанд дақиқа ҳарчӣ бодо бод, гӯён таваккал карда, ду сатилро гирифта ба сӯи чашма роҳӣ шуда будам, ки саги ало аккосзанон ба сӯям давид, вале ин ду саги сиёҳ пешашро гирифта, ӯро ба ман наздикшавӣ намемонданд. Онҳо ҳамин тавр, саги алоро то рафта омадани ман аз ду тараф гирд карда намемонданд, ки аз ҷояш ҷунбад. Ҳамин тавр, ман ду бор рафта об овардаму рафиқонам, ки аз тарсашон аз хайма намебаромаданд, дар тааҷҷуб монданд.

– Ту чӣ хел об овардӣ, о сагҳо туро ҳеҷ чиз нагуфтанд? – гӯён саволборон мекарданд. Ман ба онҳо воқеаро нақл кардам, вале ба ман бовар накарданд. Бовар накунед, ана худатон бинед, гӯён ба берун баромада будам, ки боз саги ало ба ман ҳуҷум карду сагҳои сиёҳ пеши роҳашро гирифта, маро муҳофизат карданд. Рафиқонам ҳайрон буданд.

– Ту Соҳиб, забони ҷумла мурғонро медонӣ, боз дар ҳамин ҷо ҳам ин сагҳоро ягон кӯрхат кардаӣ – гӯён шӯхикунон маро мазоқ мекарданд. Обу авқотро хӯрда тамом карда будем, ки соҳиби хайма рамаашро оварда дар «қутан» ҷой кард. Баъд ба назди мо даромад. Бо омадани соҳибашон сагҳо дум ҷунбонда, ба сӯи қутани гӯсфандон рафтанд. Чӯпон даромада, аз мо ҳолу аҳвол пурсид.

– О, чаро шумо дар ҳавои гарм дар хайма нишастед? – гуфт.

Мо воқеаи шуда гузаштаро ба ӯ нақл кардем».

Баъди анҷоми нақл як хандиду ба фикр фурӯ рафт. Баъди чанде хулоса баровард.

– Об-бое, ҳоло ҳам дар мо каси ба пора одат накардагии поквиҷдон монда будааст-дия – гӯён оҳи вазнине кашид. Он вақт ману рафиқонам ба гуфтаи он мард сарфаҳм нарафта, ӯро масхара карда будем.

Имрӯз бошад, ба маънои он пурра сарфаҳм рафтам.

– Бинед, ки ду сагбачаи ман барои мансабу обрӯяшон аз даст нарафтан аз ман рӯй гардониданд. Як сагбачаи ман

марди ҳалолу поквиҷдон баромада, маро нафурӯхт,-гӯён мӯйсафеди Соҳиб ба риққат омада, ашк рехт.

Дили Ҳотамов ба мӯйсафед сӯхт.

«Бечора мӯйсафед! Чӣ азоби рӯҳие мекашад?! Агарчи ҷиноят содир кардааст, вале одам аст-ку?!» – мегуфт ӯ дар дил.

* * *

Дере нагузашта, аз рӯи кори Соҳиби Назир дар суд мурофиа сар шуд. Ӯро ба айбҳое, ки муфаттиш ба ӯ эълон карда буд, гунаҳкор дониста, ба муддати 25 сол аз ҳуқуқи озодӣ маҳрум ва молу мулкашро мусодира намуданд. Ба Сибир равонаш намуданд. Дере нагузашта, завҷаи Соҳиб Назир Салима-холаро бо писараш Ҳомид ва бародараш Шамси Назир ва аҳли оилаҳояшон низ бадарға карданд. Танҳо писари калонии Шамси Назир – Умед Шамсов, ки ба сари оилаашон чӣ кулфат омаданро ҳис карда, аз оилааш пешакӣ ҷудо шуду, хонаю дари зани дуюмаш Гулчеҳраро фурӯхта, то мурофиаи судӣ ғайб зада буд, аз бадарға халос шуд.

Ӯро дӯсташ Абдусалом Каримов ҳамроҳи Гулчеҳра шабона ба мошинаш савор карда, пинҳонӣ ба Сталинобод оварда, ба қатораи Тошканд савор карда гусел намуд.

* * *

Соли 1937 барои мардуми Тоҷикистон низ бисёр соли пурошӯб ва пуршӯру хатар буд. Суди «сегона» дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ амал мекард. Садҳо, ҳазорҳо одамон бо гуноҳу бегуноҳ, ту мулло, босмачӣ, кулак, душмани халқ ва ҳоказо гуфта, ё ба қатл расонида мешуданд ё бо оилаҳояшон аз ҷумҳурӣ ба ҷойҳои иқлимашон ниҳоят сангини ҳукумати Шӯравӣ бадарға мешуданд. Бисёри ин одамон ба иқлими сахти он минтақаҳо тоб наоварда, бо оилаҳояшон нобуд мешуданд. Дӯстӣ, рафоқат, виҷдону одамгарӣ барин сифатҳоро тарсу ҳарос ва нобоварӣ аз ҳамдигар иваз намуд. Дар вокзали роҳи Тошканд одамони бисёре ҷамъ омада, якеро гусел мекарданду дигареро пешвоз мегирифтанд. Бо омада истодани қатораи Душанбе-Тошканд одамон ба такопӯ афтида, гирди қатораҳоро печонида гирифтанд.

Умед бо завҷааш Гулчеҳра аз дари қатора намоён шуда буданд, ки касе аз байни пешвозгирандагон:

– Умед, Умедҷон, ман ин ҷо! – гӯён бо овози баланд онҳоро ҷеғ зад.

Умед Шамсов ба сӯи овоз чашм дӯхта, ҳамкурсаш Бахтиёри тошкандиро дид, ки кӯлоҳашро ба болои сар бардошта, ба сӯи онҳо дастафшонӣ мекард.

Умеду Гулчеҳра зуд ҷомадонҳояшонро бардошта аз қатора фуруд омада, одамони назди дари қатора ҷамъшударо телакунон ба сӯи Бахтиёр роҳӣ шуданд.

Бахтиёру Умед якдигарро бародарвор ба оғӯш кашиданд.

– Дар назди вокзал мошини ман истодааст, – пас аз пурсупос гуфт Бахтиёр. – Канӣ, рафтем, – ҷомадонҳои Гулчеҳраро пешдастӣ карда бардошту ба сӯи баромадгоҳи вокзал роҳ пеш гирифт.

Умеду Гулчеҳра аз паси ӯ ба роҳ даромаданд.

Шаб дар хонаи Бахтиёрино сӯҳбати дурударози тӯлоние байни Умеду Бахтиёр барпо гашт. Умед ҳамаи воқеаи дар диёраш ба ӯ рӯйдодаро ба Бахтиёр гуфта, оҳи чуқуре кашид.

– Ҳамин хел, дӯстам! Падару модару ёру бародарам ва амакаму оилаи ӯро ба Сибир бадарға карданд. Ман бошам, ба ту занг зада имдод талабидам ва инак, меҳмони туям.

Баъди нақли ғамангези дӯсташро шунидан Бахтиёр оҳе кашида:

– Ҳа, ба сари мардуми ӯзбеку тоҷик чӣ рӯзҳои вазнину даҳшатоваре омад, – гӯён ба хаёле рафт.

Ҳарду дербоз хомӯш нишастанд.

Тақ-тақи дар ва овози пасти зан, ки:

– Дадеш, чойро гиред, – гуфта садо дод, – онҳоро аз гӯшаи андешаю хаёл баровард.

Бахтиёр, чойнаки чойро гирифта дам гардонда, баъди каме ба як пиёла чой рехта ба назди худаш гузошта, пиёлаи дуюмро ба Умед дароз кард.

– Умедҷон, чойро гиред. Чойи кабуди талх каме ҳам бошад, пеши роҳи конякро мегираду ба майна қувваи тоза мебахшад.

Умед пиёлаи чойро гирифта, хомӯшона як қулт гирифту, андешамандона ба Бахтиёр нигарист. Гӯё бо чашмони каме масти пурхумораш аз ӯ мепурсад: «оқибати ҳоли онҳо чӣ мешавад?». Бахтиёр аз нигоҳи ӯ рамуз гирифт.

– Ҳа-а дӯстонам, корҳоятон хуб не ва, агар пешгирӣ на-

кунем, дасти давлат ва хусусан НКВД-аш ниҳоят дароз, «дар об моҳию дар шаб сиёҳӣ шавӣ» ҳам туро кофта меёбад. Вале мо ӯзбекҳо ба қадри дӯстию нону намак мерасем. (Бахтиёр борҳо дар вақти таҳсил дар донишкада ба хонаи Умедино меҳмон шуда, зиёфатҳои шоҳонаи ӯро хӯрда буд).

Ба болои ин Умед ба воситаи муаллимҳои шиносаш бисёр баҳоҳои Бахтиёрро гирифта медод, ӯ нисбати Умед ихлоси калон дошт ва онҳо бародархонд шуда буданд. Натиҷаи ҳамин буд, ки вақте Умед ба ӯ занг зада:

– Ҳолам бад, маро суд карданиянд, – гуфта буд.

Бахтиёр бе ҳеҷ мулоҳиза:

– Корро партофта гурез. Ба тую аҳли оилаат ҷой меёбам, – гуфта ӯро ба гурехтан ҳидоят карда буд ва ана, ҳоло онҳо якҷоя дар хонаи Бахтиёр нишаста нақшаи ояндаро мекашиданд.

– Медонӣ, Умедҷон? Пеш аз ҳама ба тую келин ҳуҷҷатҳо гирифта ному насаб, миллат ва ҷойи таваллудатро иваз намудан лозим, ҷои кору хонаю дар бошад, ин ягон вазниние надорад.

– Чӣ хел ному насаб, миллату ҷои таваллуди моро иваз мекунед? Ману занамро номи дигар монданию моро ӯзбек навиштаниед?

– Ҳе, содда! – қаҳ-қаҳ зада хандид Бахтиёр. – Хайр чӣ, мехоҳӣ, ки бо ному насаб монда, ба дасти НКВД афтӣ?

Умед боз ҳам чизе нафаҳмида.

– Охир ин чӣ хел мешавад? О, мо бо номҳои дигару миллати дигар чӣ хел мегардем? Забони ӯзбекиро бошад, на ман медонаму на завҷаам.

– Об-бое, Умедҷон. Шумо мебахшеду лекин ҳафтафаҳм будаед-ку! Охир ман гуфтам-ку, агар ному дигар анкетаҳоятонро тағйир надиҳем, кормандони НКВД дар куҷое, ки бошед, шуморо кофта ёфта, албатта, ба гуноҳи пештараатон боз гуноҳи нав зам мекунанд. Худо медонад, ин дафъа бадарға нею ҷо ба ҷо мепарронанд. Агар ин хоҳишро, ки дошта бошед, чӣ гуфта аз хонаю дар ҷудо шуда ба ин ҷо фирор кардед?

Умед Шамсов дақиқае хомӯш монду баъд оҳе кашида:

– Хуб, майлаш. Гуфти шумо шавад. Лекин охир инро чӣ тавр мекунем? Ман ғайри шумо касеро намедонам, маблағи казоие ҳам надорам, ки харҷ кунам, – гӯён оҳи бадарде ка-

шида хомӯш шуд.

Бахтиёр ӯро шунида, боз хандид.

– Малӯл нашавед. Шумо розӣ бошед, он тарафаш тани банда, коре кунам, ки саги бӯгир ҳам шуморо аз ҷое кофта наёбад, ҳоло бошад, дӯстам, дер шуд. Рафтем, хоб меравем.

Рӯзи дигар Умед аз афташ сахт монда шуда буд, ки бисёр дер аз хоб хеста берун баромад. Дид, ки соҳибхона дар зери чойлоби ангур дар болои кати чӯбин бо як марди бузургҷуссаи шикамкалоне нишаста, машғули сӯҳбат буданд. Ӯ зуд дасту рӯй шуста, ба назди онҳо омад. Ӯро дида Бахтиёр:

– Ҳа, ана меҳмони хоболудамон низ пайдо шуд, – гӯён аз ҷояш ба пешвози Умед бархост.

Умед салом дода, бо соҳибхона ва меҳмони ба ҳурмати ӯ базӯр аз ҷояш нимхез шуда боодобона дудаста салом кард ва ба ҷои Бахтиёр нишон дода гузашта нишаст.

– Ин кас Ӯктам-ако. Шахси даҳ панҷаашон ҳунар, мушкилкушои ҳамаи корҳо, – гӯён Бахтиёр шахси ҳамроҳаш нишастаро ба Умед шинос карда, ба гапаш давом дод.

– Ман ҳамаи воқеаро ба ин кас гуфтам ва Ӯктам-ако бо дилу ҷон ба мо ёрӣ мерасонад.

– Ҳа, иншооллоҳ, корҳоятон хуб мешавад, – гуфт Ӯктам-ако бо забони каме шикастаи тоҷикӣ ва узрхоҳона:

– Ман забони тоҷикиро он қадар хуб намедонам. Агар каме нодуруст ҳарф занам, маъзур доред, – гӯён табассум карда ба гапаш идома дод:

– Ба хотири Бахтиёрҷон ман ба ҳар кор тайёрам. Охир ин кас хеш ҳам ки бошад, ба болояш ҷони одам аст, – гӯён Бахтиёрро таъриф кард.

– Ҳа, ин қадар ҳам не-дия, амак, маро дар назди дӯстам шарм надоронед.

– Ман ҷони гапро гуфтам. Одами некро неку бадро бад мегӯянд, – гӯён хандид Ӯктам-ако. Дигарон низ табассум карданд.

– Акнун ба ман ҷавоб. Ман аз паи кори ин ҷиян шавам, – гӯён Ӯктам-ако омин карду аз ҷояш хест.

Рӯзи дигар Бахтиёр хандону шукуфон ду шиносномаи наппа-навро ба дасти Умед дода:

– Акнун, дӯстам, ту метавонӣ озодона нафас кашӣ, – гуфт.

Умед шиносномаҳоро кушода дид, ки акнун вай Шод-

монбеков Наврӯзбеку Гулчеҳрааш Шодмонбекова Сайрамхон шудаанду зодаи вилояти Намангону миллаташон ӯзбек аст. Аҷоиботаш он буд, ки шиноснома аллакай дар қайд монда шуда буд.

Умед Шамсов аз як сӯ хурсанд шуда бошад, аз тарафи дигар дар таги дил бисёр ғамгин гашта:

– Уф-ф! Ними умр аз Умед Шамсову тоҷик буданам фахр мекардам. Акнун инро бинед-а, Шодмонбекову боз ӯзбек ҳам шудаам, – гӯён бо алам оҳе кашид.

– Ҳеҷ гап не, одат мекунед, Умедҷон. Барои зистан мубориза бояд бурд. Агар мо ба ин майда-чуйдаҳо диққат дода, ғаму ғусса хӯрем, дар ин замони гирудор нобуд мешавем. Боз як хушхабар, ки шумо соҳиби хонаи худ ҳам шудед ва суроғаи дар шиноснома нишон дода суроғаи ҳозираи шумост. Ман як хонаро кайҳо харида будаму барои мабодо нигоҳ медоштам. Акнун вай аз они шумост, – гӯён дӯсташро самимона ба оғӯш кашид Бахтиёр.

Умед аз ин худро дошта натавониста, гирён шуд.

– Раҳмат, дӯстам! Ман намедонам, чӣ тавр ба ту миннатдорӣ изҳор кунам. Фарзанди падар ҳам ба монанди ту чунин некӣ накардааст. Як бузургвори мо дар ҳаққи ту барин ҷавонмардон чунин гуфтааст:

*Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,*
*Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.*
*Мардӣ набувад фитодаро пой задан,*
*Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ!*

Ва инак, ту аз ҳамон мардоне ҳастӣ, ки шоир гуфта, садҳо ташаккур, ки мани фитодаро дар ин рӯзҳои бадбахтиам дастгирӣ намудӣ, – гӯён дӯсташро ба оғӯш кашида бародарвор бӯсид.

Баъди ба хонаю ҷою пои нави худ кӯчиданашон Умед, ки акнун Наврӯзбек шуда буд, бо ёрии Бахтиёр ба як автобаза ба ҳайси муҳандис ба кор даромада аз ҳамаи ташвишҳо халос шуду зиндагиаш ба меъёри муқаррарӣ даромад. Вале ёди хешу табор, зану фарзандон, Ватани азизаш ӯро азоб медод. Аз ин рӯ, баъди гузаштани ним сол тарсу ҳаросро як сӯ гузошта, ба амакбачааш Қамар Соҳибов занг зада ҳолу аҳвол пурсид.

Аз суд ва бадарға шудани падару модар ва ақрабояш огоҳ шуда, ашк рехт. Аз оне ки ҳамсари калонаш Шамсияю фарзандони ӯро «бинобар аз шавҳараш ҷудо шудан» касе даст накофтааст, хурсанд шуд.

Қамар Соҳибов бошад, аз корҳои амакбачааш хабар ёфта ангушти ҳайрат газид.

– Ҳа-а, ман ба ту баҳои дуруст надода будаам, ту аз ман гузарондӣ, – гӯён ӯро таъриф кард.

Замона ноором, дар ҳама ҷо тарсу бим ҳукмрон буд. Падар аз писар ва бародар аз бародар метарсиду дар назди якдигар ягон гапи эътирозие нисбати бедодгариҳои ҳукумату ташкилотҳои қотили он НКВД-ю суди сегона намегуфтанд. Кор ба ҷое расида буд, ки аз тарси ҷони худ падар аз болои писару бародар аз болои бародар ба мақомоти дахлдор хабар мерасонд, ё бо мактубҳои беимзо онҳоро аз рафтори «ношоями» ёру дӯст, хешу таборашон огоҳ мекард. Баёноти як-ду нафар кофӣ буд, ки суди сегона ҳукми қатл ва ё бадарға барорад. Кор ба ҷое расида буд, ки дар идораҳои ҳизбию давлатӣ, дар худи НКВД ва дигар мақомоти маъмурӣ гирудор сар шуда буд.

Дар болои мизи кории Комиссари халқии корҳои дохилаи Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон Новиков Александр Василевич гузориши муфассали ҷонишини раёсати комиссариати халқии корҳои дохилаи вилояти Қӯрғонтеппа – Зиновев Иван Дмитриевич меистод. Дар он хабар дода мешуд, ки сардори ин раёсат Танасейчук Василий Иванович ба сиёсати пешгирифтаи партия ва ҳукумат баҳои дуруст надода, нисбати «душманони халқ» ва дигар элементҳои бегона таваҷҷӯҳ зоҳир менамояд. Ӯ ба рафти судҳои сегона зид буда, рӯирост дар назди кормандон «Ин чӣ хел суд будааст, ки бе тафтишоту суд мардумро ба қатлу бадарға ҳукм мекардааст», гӯён ошкор ҳам набошад, ишора мекунад ва ба кори ин судҳо халал мерасонад. Ба онҳо маводи омадаро насупорида, мисли пештара кормандонро маҷбур менамояд, ки чуқур тафтиш баранд. Ба кори кормандони сиёсати партияву ҳукуматро дуруст мефаҳмидагӣ халал расонда, доираи кори онҳоро танг менамояд. Ҳатто ба баъзеяшон таҳдиди аз кор озод карданро мекунад.

Мисоли оддӣ, ба ин гуфтаҳои ман кори писари кулак Умед Шамсов шуда метавонад. Ӯро дар натиҷаи сусткории Танасейчук, вақте ки соли 1936 ҳуҷҷати пурқимати Сов-

наркомро пинҳон карда, ба давлат даҳҳо ҳазор сӯм зиён оварда буд, ҳамагӣ аз узвияти ҳизб гирифта аз кор озод карда буданд. Ҳоло бошад аз беэътибории Танасейчук Шамсов истифода бурда ба ҷое, ки ӯро бадарға кунанд, аз вилоят ғайб задаст. Чунин мисолҳои зиёдеро овардан мумкин аст.

Аз ин рӯ, вазифаи худ мешуморам, ки ҳарчӣ зудтар чораҷӯӣ кунед, ки аз рӯи Танасейчук шуда дигар кормандони содиқи ҳизбу ҳукумат нобуд нашаванд.

Ҷонишини раёсати комиссариати халқии корҳои дохилаи вилояти Қӯрғонтеппа майор Зиновев И.Д.

Нарком Новиков ин гузориши пур аз тӯҳмату бӯҳтони ба ҳақиқат монандро хонда, бисёр ба ҳаяҷон омад. Пасу пеш дар ҳуҷраи кориаш қадам мезад. Агарчанде ки бо ҳамин мазмун пештар ҳам чанд номаи беимзо омада буд, нарком, ки Танасейчукро хуб медонист, ба ақлу заковат ва покии виҷдони ин марди кордони соҳаашон боварии комил дошт, ба он номаҳо баҳо надода, онҳоро ҳатто барои тафтиш ҳам насупурда буд. Акнун бошад, дар рӯи мизи ӯ ҳуҷҷати шахси мутассадӣ ва корманди соҳибмансабу соҳибрутба меистод. Аз ин рӯ, ба ин нома бояд баҳои аниқ медод.

Новиков қадамзанон паси мизи кориаш гузашту боз гузориши Зиновевро ба даст гирифта баъди як бори дигар хондани он «Эҳ, ҳабис», – гӯён гузоришро ба як кунҷи мизи калонаш ҳаво дода, ба фикр ғӯтавар шуд. Пеши назараш чеҳраи харобу лоғар ва чашмони ба косахонааш нишастаю меҳрубони Василий Танасейчук ҷилвагар гашт. Онҳо рафиқи ҷонӣ буданд. Дар вақти ҷанги гражданӣ дар Тоҷикистон онҳоро барои нобуд кардани дастаҳои босмачӣ роҳӣ карда буданд. Ҳардуяшон 20-25 сол доштанд. Василий аз ӯ нисбатан ҷавону обутобхӯрда, ҳушёру чаққон ва бисёр меҳрубону дилсӯз буд. Ӯ ҳеҷ вақт рафиқашро дар вақти мусибати ба сараш омада танҳо намегузошт, агарчанде ки ин бо баҳои ҷонаш бошад.

Рӯзе отряди хурди Аскарони Сурх барои муайян кардани мавқеи душман ба разведка рафтанд, ки дар қатори онҳо Новикову Танасейчук низ буданд. Баъди иҷрои супориш онҳо ба мавқеи аскаронашон бармегаштанд, торикӣ фаро мерасид, нохост бо дастаи калони босмачиён рӯ ба рӯ шуданд. Новиков, ки сардори отряди разведкачиҳо буд, ба вазъият баҳо дода муайян кард, ки бо босмачиён задухӯрд

кардан аҳмақист. Чунки қувваи онҳо даҳ баробар зиёд буд. Аз ин рӯ, ба разведкачиҳо амр кард, ки ба ҳар сӯ асп тозонда пароканда шаванд, то он ки қувваи душман ба чанд қисм ҷудо шавад, ақаллан нафаре аз онҳо ҷон ба саломат бурда, ахбори ҷамъкардаашонро ба қӯшунҳои Аскарони Сурх расонад.

Босмачиён аскарони сурхи ба ҳар тараф асп тозонда парокандa шударо дида, ҳою ҳуйкунон ба гурӯҳҳо тақсим шуда, аз паи онҳо бетартибона тир мепаронданд.

Новиков дид, ки чанде аз аскаронаш аз душман канда шуда, дар паси теппаҳо пинҳон шуданд, аспашро сахттар қамчин зад. Пешопеши ӯ Василий бо шаст асп метозонд. Нохост аспи Новиков тир хӯрда ба замин афтиду худаш аз болояш дур парида рафт. Босмачиён бо валвала ба ӯ наздик мешуданд. Инро дида, Василий Танасейчук аспашро ба сӯи онҳо тозонда, ду босмачиро бо тири таппончааш ба замин хобонд. Як аспашонро захмин карда буд, ки муаллақзанон афтида, пеши роҳи дигар саворонро гирифт.

Василий аз ин истифода бурда, ба Новиков наздик шуду ба душман тир паронда ба Новиков ёрӣ дод, ки ба аспи ӯ савор шавад. Баъд ба душман тирхоликунон аз онҳо дур шуданд.

Торикии шаб онҳоро аз таъқиби душман халос кард. Дар ин задухӯрд танҳо як разведкачии тир хӯрда қурбон шуду дигарон аз таъқиби душман халос хӯрда ба қисми ҳарбӣ омаданд. Барои мардонагӣ ва иҷрои супориши ҷангӣ дар ин корнамоӣ Новикову Танасейчук ба ордени «Байрақи сурхи ҷангӣ» мукофотонида шуда буданд…

Новиков лаҳзаҳои фаромӯшнашавандаи ҷавониашро ба ёд оварду ба туфайли Василий зинда монданашро аз хаёл гузаронида, ба риққат омад.

Баъди хаёлоти зиёде ӯ ба худ омада:

– Не! Ман ба беобрӯ шудани дӯсти ҷангиам роҳ намедиҳам, – гӯён ба қарори қатъӣ омад.

Рӯзи дигар ӯ бо ҷонишинаш маслиҳат карда, Танасейчукро сардори Раёсати кофтукови ҷиноятии НКВД-и ҷумҳурӣ таъин кард. Зиновевро бошад, муваққатан иҷрокунандаи вазифаи сардори Раёсати комисариати халқии корҳои дохилаи вилояти Қӯрғонтеппа таъин намуда: – «Канӣ бинем, ин бадзот ба чӣ қодир аст» гӯён аз дил

гузаронд.

* * *

Зиновев, ки пештар чандин бор аз болои сардораш хати беимзо навишта, ӯро ба корҳои кардаю нокардааш айбдор мекарду касе ба онҳо аҳамият намедод, акнун бошад, аз натиҷаи рафтораш мамнун гашта:

– Мани аблаҳ чаро то ин дам ин корро накардам? – гӯён худро сарзаниш мекард. Ва худи ҳамон рӯзи Танасейчук бо кормандон хайрухуш карда рафтанаш ба утоқи кории ӯ гузашта ҳамон замон ба котиба супориш дод, ки ҳамаи коргарони фавриро ба наздаш ҷеғ занад. Ӯ бо як дабдабаю ҳангома:

– Дигар он тартибе, ки пеш кор мекардед, намешавад. Мо бояд супориши партияву ҳукуматро он тариқе ки талаб мекунанд, ба ҷо биёрем. Ҳарчӣ зудтар «душманони халқ»-и дар идораҳои давлатию советӣ сар халондаро, ки барои пешрафти кори мо халал мерасонанд, маълум намоем. Ба решаи муллою эшону эшонзодаҳо ва кулакон табар занем. Дар оянда дигар ягон тафтиш гуфтанӣ гап намешавад. Ҳамин, ки ягон хабар дар бораи ин ва ё он кас омаду ду-се кас ҳақиқати онро тасдиқ кард, бояд мавод ба суди сегона барои чораҷӯӣ пешниҳод карда шавад. Касе аз ин супориш саркашӣ мекунад, донад, ки бо мо ҳампеша несту мо муқобили ин хел шахсон чораҳои вазнинтаринро мебинем, – гӯён ҳамаи ҳозиронро ба ҳайрат мононда, фикри касеро ҳам напурсида кормандонро ҷавоб дод.

Вай марде буд қадпаст, каллакалон, сурхмӯй, чашмони хурд-хурди гӯё дар пешонааш шинондагӣ дошта, абрӯ ва мижгонҳои заб-зард ва бинии паҳну лабони тунук дошт. Доимо ба гармию хунукии ҳаво нигоҳ накарда, гимнастёркаи ҳарбиашро аз тан накашида ё ки курткаи чармин мепӯшид. Дар дастони серпашми хурдакакаш доимо чизеро бозӣ доронда меистод. Хуллас, ӯ аз одам дида, ба маймун бештар шабоҳат дошт. Ба ҳамин сикаю сурат нигоҳ накарда, «Дон Жуан»-и гузаро буд, қариб ба ҳамаи занҳои идора хушомад зада, онҳоро ба ҷогаҳи хобаш кашиданӣ мешуд. Ҳатто боре котибаи Танасейчук ба ӯ шикоят кард, ки Зиновев ӯро дар утоқи кориаш оғӯш карда бӯсиданӣ шуд. Танасейчук дар ин бора бо ӯ сӯҳбат карда, танбеҳи сахте дода

буд. Баъди он Зиновев дигар бисёр эҳтиёткор шуда гӯё «ислоҳ» шуда буд.

Баъди рафтани коргарон ӯ аз кирдори худ хурсанд шуда, дар утоқи калони сардор пасу пеш рафта нохост кирдори котиба ба ёдаш омада хост, ки рӯзи аввал аз вазифааш истифода бурда ба мақсади нопокаш расад.

Тугмачаи зангро зер карду котибаро, ки Галина ном дошт, ба наздаш хонд. Ӯро бо табассуми безебаш пешвоз гирифта:

– Канӣ Галяҷон, ин ҷо нишин, – гӯён ба ӯ ҷои нишаст нишон дода, ба гапаш идома дод:

– Акнун чӣ кор мекунӣ? Шояд ба пешниҳоди пештараи ман розӣ шавӣ, набошад бо ман кор карда наметавонӣ, – гуфт тамасхуромез.

Галина, ки аз беҳаёию бешармии ин марди бадсират карахт шуда монда буд ва медонист, ки ӯ ҳеҷ вақт шикояти ба Танасейчук кардаашро намебахшад, чӣ гуфтанашро надониста ранги рӯяш парида хомӯш буд.

Зиновев гумон кард, ки Галина ба пешниҳоди ӯ хоҳу нохоҳ розӣ мешавад, хомӯшии ӯро аломати розигӣ пиндошта ба ӯ наздик шуд. Дасташро дароз карда мӯи ӯро сила карда буд, ки вай аз ҷояш хесту:

– Нарас, хабис, бадсиришт, ноодам. Ҳанӯз як рӯз нашудааст вазифа гирифтию аллакай дастдарозӣ мекунӣ, – гӯён курсии нишастаашро афтонида худро ба қафо кашида, ба гапаш давом дод:

– Ин пилтаи хомро аз гӯшат гирифта парто. Ман мурам ҳам бо ту одами маймуншакл ҳамхоба намешавам, – гуфт бо қатъият ва Зиновевро, ки ин тавр ранг гирифтани амалашро фикр накарда буду карахт меистод, бо дасташ тела дода аз роҳаш дур кард. Дари утоқашро сахт пӯшида баромад. Галина аз дарду алам гириста худашро осуда карду баъд дар мошинкаи кориаш ариза навишта бе ибо ба утоқи Зиновев даромада.

– Ма, корат сарата хӯрад, ба аризаам даст мон! Ман дигар рӯи шуми туро набинам, – гӯён рӯи мизаш аризаи навакак навиштаашро ҳаво дод.

Зиновев, ки аз қаҳру ғазаб меларзид, вале чизе гуфта наметавонист, бо дастони аз ғазаб ларзонаш ба аризаи Галина имзо гузошт.

– Бирав, қанчиқ, як фоҳиша кам, – гуфта аризаашро ба

наздаш партофт. Галина аризаашро, ки ба рӯи фарш афтида буд, бардошта:

– Фоҳишаю қанчиқ худат, занат, лаънатӣ, – гӯён аз дар баромад.

Зиновев бошад аз қаҳру алам чӣ кор карданашро надониста, рӯ-рӯи утоқи кориаш бо асабоният қадам мезад.

* * *

Бо талаби сардори нав кор дар НКВД-и вилоят ҷӯш мезад. Садҳо аризаю шикоятҳо ва мактубҳои беимзо, ки дар он ҷо мунтазири тафтиш буданд, дар се-чор рӯз ҳаллу фасл мешуданд. Бино ва ҳавлии комиссариат аз одамони ба он ҷо даъватшуда пур буд. Бисёри онҳо баъди ба ин бино омадан дигар ба хонаашон барнагашта дар КПЗ-и он мунтазири «ҳукм»-и суди сегона мешуданд. Онҳоро ҳукми қатл ё бадарға интизор буд. Дар вилоят низ ин маъракаи пешгирифтаи Зиновев давом дошт. Кормандони НКВД бо супориши Зиновев барои «гирифтан»-и баёноти ба худашон маъқул ва лозимӣ одамонро то беҳуш шуданашон мезаданд, истинтоқу таҳқир мекарданд. Вале касе ҷуръати ба ягон ҷо шикоят кардан надошт. Роҳбарони идораҳои дахлдор низ аз тарси ҷони худ ба кори пеш гирифтаи Зиновеву коргаронаш чизе гуфта наметавонистанд. Ин айни муддао буд ва Зиновев амал мекард. Ӯ ба роҳбарони болоӣ ҳар рӯз дар бораи дастгир шудани даҳҳо эшону мулло, фарзандонашон, муайян кардани кулаку кулакзодаҳо ва дигар унсурҳои ба давлату ҳизб хиёнаткор ба воситаи телетайп маълумотҳо роҳӣ карда, ба онҳо исбот мекард, ки вай дар ҳаққи Танасейчук дурӯғ нанавиштааст. Пеш аз ҳама ӯ ҳаракат дошт, ки ба боварии роҳбарони болоӣ даромада, ҳокими мутлақи раёсати комиссариати халқии корҳои дохила гардад. Дигар мардуми вилоят аз назди бинои идораҳои НКВД аз тарсашон нагузашта, фарсаххо дурӣ меҷустанд.

Дар се-чор моҳ Зиновев садҳо одамонро бадарға карду даҳҳо одамонро ба қатл расонд.

* * *

Танасейчук, ки аз рӯи вазифааш ҳар рӯз ахбори ба шӯъбаи навбатдории НКВД омадаро мехонд, аз ахбори пурташвиши аз вилояти Қӯрғонтеппа омада истода дар из-

тироб афтида буд. Рӯзе тоқат накарда, ба назди Новиков даромад. Сӯҳбати ду коммунист, рафиқони кӯҳна дуру дароз давом карда, Танасейчук наркомро розӣ кунонд, ки барои санҷидани дурустии маълумотҳои аз Қӯрғонтеппа омада истода комиссияи босалоҳияте ташкил диҳанд.

Новиков дар охири сӯҳбаташон шӯхикунон аз Танасейчук пурсид:

– Чӣ, тарсидӣ, ки барои дар давраи корат дар Қӯрғонтеппа туро гунаҳкору Зиновевро таъриф мекунанд?

Танасейчук шӯхӣ будани саволи наркомро дарк карда бошад ҳам, вале аз ӯ ранҷида:

– Ба фикрам, ман на барои худ метарсам, ман тайёрам, ки кори моро комиссия санҷида дар ҷое қонуниятро вайрон карда бошам, аз вазифаам сӯиистеъмол карда бошам, маро ҷазо диҳед, лекин ман ба як чиз ҳайронам, ки дар вилояте, ки аз ҳар гӯшаю канори дурдасти қашшоқи ҷумҳурӣ одамонро муҳоҷир карда овардаанд, ин қадар кулаку эшону муллою унсурҳои зидди давлатӣ аз куҷоянд? Охир аз рӯи маълумотҳои ман аксарияти он одамон мардумони бечораю бенаво ва бекафананд. Метарсам, ки ин Зиновеви худпараст, боз «нӯги калтакро қат» накарда истода бошад.

Нарком сулҳҷӯёна:

– Хайр, бисёр насӯз. Ман барои комиссия ташкил кардан розигӣ додам, боз ба ту чӣ даркор? – гӯён ба китфи Танасейчук тап-тап зада:

– Вася, ҳоло ҳам давраи ҷавониат барин. Қаҳрат ояд, мехурӯшӣ. Барои ҳамин ҳам ман туро эҳтиром мекунам, дӯстам ва ба виҷдону ҳалолкории ту шакке надорам, – гӯён дӯстона бо ӯ хайрухуш кард.

Зиновев дар ду-се моҳи кораш аз кардаи худ қаноатманд шуда дид, ки касе пишакашро пишт намегӯяду ҳатто аз ӯ роҳбарони идораю муассисаҳо ва ташкилотҳои ҳизбию советӣ метарсидагӣ шудаанд ва ба ӯ бисёрашон хушомад мезананд, тамоман аз худ рафта буд. Вай худам шоҳу таъбам вазир, гӯён ба тоза кардани идораи НКВД даромад. Даҳҳо кормандони поквиҷдони қонундону босалоҳияти идораашро, ки ба таҳдиду таъқибҳои ӯ нигоҳ накарда, мехостанд, ки аз рӯи виҷдон кор кунанду каси бегуноҳе ҷазо набинаду каси гунаҳкор беҷазо намонад, аз кор ронд. Дар қатори онҳо кормандони кордону босаводу бонуфузи идора Ҳотамов, Мирончук ва амсоли онҳо буданд, ки аз дӯғу да-

ранги Зиновев натарсида вазифаашонро поквиҷдонона адо мекарданд.

Зиновев борҳо хоста буд, ки Тамара Орловаи «гардан-шах»-ро дар қатори дигар «бекорхӯҷаҳо»-и қонундон аз кор биронад, вале қаду қомати расо ва ҳусну малоҳату зебоии Тамара ӯро мафтун карда буд. Ҳеҷ дилаш намешуд, ки чунин зани зеборо аз даст диҳад. Аз ин рӯ, ба ҳама рафторҳои ба гуфти Зиновев «зидди давлатии» ӯ дандон ба дандон монда тоқат мекард. Ӯ нағз медонист, ки чи гуна гуноҳи Тамараро ёфта, ӯро ба худ ром кунад. Чунки Тамара бо хушомаду пешомадҳои ӯ диққат надода, ӯро масхара мекарду дар ҷояш менишонд. Як бегоҳӣ пеш аз кор тамом шудан Зиновев ҳамаи кормандонро ба амалиёт гусел карду идораро холӣ дида, Тамараро назди хеш хонд. Тамара «ин лаънатӣ боз дар сараш чӣ хаёл дошта бошад», – гӯён аз дилаш гузарониду ба қабулгоҳ даромада дид, ки котибаи пуришваю нози ба ҷои Галина ба кор қабул кардаи Зиновев нест. Дар вақти аз роҳравҳо гузаштанаш низ касеро вонахӯрд. Ӯ, ки аз қилиқҳои хунуки Зиновев ва тардоманиаш хуб дарак дошт, дилаш таҳ кашиду лекин худашро шерак гирифта, ба назди Зиновев даромад.

– Маро пурсидед, ягон кор баромад магар? – гӯён пурсид.

– Ҳа-а, соҳибҷамол, кор баромад. Чӣ, шуморо ҳамту бекор чеғ задан мумкин нест? Чӣ, ин қадар аз худат олиҳа метарошӣ? Лабу лунҷи зебо дорам гуфта, ин қадар ҳавоятро баланд гирифтай, – гӯён ба ӯ пичинг зад Зиновев.

– Мебахшед, ҳусну лабу лунҷи ман ба кор чӣ дахл дорад, ки шумо ба ман ин хел муомила мекунед? Охир ман дар хонаи шумо нестам,ки шумо ба ман ин тавр муомила кунед, – ба гапи Зиновев паст наомада ҷавоб дод Тамара.

Зиновев аз гуфтааш каме пушаймон шуда, мулоимона боҳарорат ба гап сар кард.

– Маро бубахшед, Тамара Сергеевна, каме дағалӣ кардам, вале бовар кунед, ки шуморо ҳеҷ ранҷонданӣ набудам. Баръакс, мехостам, ки чун «дар паси парда бо падари рӯҳонӣ» ба шумо ҳамаи сирри диламро кушоям.

– Ин аҷиб-ку, – хандида Тамара ба гапаш давом дод. – Шумо ҳар рӯз ин падарони рӯҳониро багуноҳу бегуноҳ бадарға мекунеду боз паси пардаю падари рӯҳониро ба ёд меоред, – тааҷҷубкунон пурсид Тамара.

Зиновев боз хато карданашро ҳис карду лекин сир бой надод.

– Об-бое, як рӯзе мешуда бошад, ки шумо бо ман бе пичингу муаммо гап занед? Хайр чӣ, гумон мекунед, ки одам нестам, дил надорам? – илтиҷоомез ба Тамара муроҷиат кард ӯ.

Тамара ба чеҳраи хунуку дар ин ҳангом бисёр бадбахтонаи ӯ нигариста, хандид.

– Дар бораи одам буданатон хаёлам шак овардан душвор, вале ба дил доштанатон ман шак мебарам.

Зиновев гӯшонагӯи Тамараро ба тариқи худ фаҳмида, аз хурсандӣ ба ваҷд омад.

– Тамараҷон, охир ман, албатта, дил дорам, дили бузург, диле, ки чандест волаю шайдои шумо гаштаасту хобу хӯрро ба ман ҳаром сохтааст. Ба мани ошиқи бечораатон раҳм кунед, – гӯён ба Тамара наздиктар шуд.

Тамара ин суханҳоро аз даҳони чунин одами бераҳму шафқат ва ваҳшисират шунида ҳайрон монд, ки ба ӯ чӣ гӯяд.

Ба ҳолаш бихандад, ё ки дашноми қабеҳаш дода аз утоқаш баромада равад. Ӯ дар чунин ҳолат буд, ки Зиновев карахтии ӯро истифода бурда, чун гурба ба ӯ дарафтод ва ӯро тела дода ба рӯи дивани чармин афтонду худашро ба болои ӯ ҳаво дода хост, ки аз ӯ ком ситонад. Вале Тамара аз ин ҳамла худро гум накарда, зуд ба воқеа баҳо доду бо зонуяш чунон ба байни пойҳои ӯ зад, ки вай «ваҳ» гӯён ғелида ба поён афтод ва «ҷои» дардмандашро дошта, чорқат шуда ба оҳу воҳ даромад. Вақте ки Тамара мӯйҳои парешон шудаашро ба тартиб дароварда, аз утоқи ӯ мебаромад, базӯр аз ҷояш хеста:

– Қанчиқ, ҳоло ист, ба ту чиҳо кунам, – гуфта буд, ки Тамара сахт дарро пӯшида баромад.

Зиновев бошад аз паи қасосгирӣ афтода буд. Чанд рӯз нагузашта, ӯ Тамараро бо ду-се корманд ҳамроҳ карда ба ҷои воқеа роҳӣ намуд. Аз осмон сел меборид. Рӯз бисёр хунук буд. Ронандаи онҳоро ба ҷои воқеа овардагӣ «ман баъдтар меоям», – гуфта ба қафо гашт.

Тамара анбори захираи озуқаи як фермаи аз шаҳру деҳаҳо дур воқеъ бударо, ки оташ гирифта буд, бояд аз назар гузаронида, протокол месохт.

Тамара маҷбур буд, ки дар зери борони сел ҷои воқеаро

метр ба метр муоина карда, протокол созад. Ҳарчанд ки кормандон дар болои ӯ чатрро нигоҳ медоштанд, вале шип-шилтиқ тар шуда буд. Вай дар ҷои воқеа қариб ду-се соат истода, аз хунукӣ меларзид. Дигар кормандон низ дар чунин аҳвол буданд.

– Тамара Сергеевна, биёед, боқимондаашро пагоҳ аз назар гузаронем. Охир сагбача барин шип-шилта шуда, мисли барги бед ларзида истодаем. Метарсам, ки боз касал шуда намонед, – дарақ-дарақ ларзида таклиф пешниҳод кард корманди фаврӣ Василчук.

– Ҳеҷ гап не, ками дигараш монд. «Кори имрӯзаро ба фардо магузор» – мегӯянд тоҷикҳо. Пагоҳ боз ин роҳи дарозро тай карда омадан лозим. Ба болои ин роҳҳо лой шуда худо медонад, ки мошин ба ин ҷо омада тавонад, – розӣ нашуд Тамара.

– Ин кори шумою лекин мо мардҳо сад грамм арақ нӯшида, баданамонро гарм мекунем. Лекин дилам ба шумо месӯзад. Шумо як зани нозуку латифед, ки…, – гуфта буд, ки гапи Василчук дар даҳонаш дармонд.

– Ғами маро нахӯреду кори худро кунед. Ман ҳам корманди НКВД-ю обутобёфтаам ва бояд ба ин сахтиҳо тоб оварам, – норозигӣ баён кард Тамара.

– Хайр «ихтиёр ба дасти Бахтиёр» гуфтанд, не бошад, не-дия, – гӯён Василчук рӯяшро ба тарафи дигар гардонида, онро бо рӯймолчааш пок кардан гирифт.

Баъди як соат Тамара корашро ба охир расонид, вале аз мошин дарак набуд. Ба қаровулхона даромаданд. Посбони ферма ҳоли онҳоро дида, ба печкаи сиёҳи дар назди дар истода чанд кундаи дигар партофт. Чӯби хушк часар-чусуркунон зуд аланга гирифт. Посбон як харакро ёфта оварда ба назди печка гузошту ба Тамара рӯй оварда.

– Духтарам, дар назди алов нишинед, гарм шавед. Либосҳои таратонро кашида ба ин тори назди печ овезед, хушк мешавад. Ман бошам ҳозир чой дам мекунам, – гӯён аз болои печ чойҷӯши аз дуд сиёҳ гаштаро ба чойник чой партофта, дам кард. Баъд ба ҳама чой рехта:

– Бинӯшед, баданро гарм мекунад, – гӯён муроҷиат кард. – Кадом лаънатӣ анборро сӯхту ин бечораҳакҳо азобашро мекашанд, – гӯён худ ба худ ба ғур-ғур даромад.

Боз як соати дигар гузашт. Рӯз торик мешуду аз мошин

дараке набуд.

Кормандони НКВД чойро нӯшида, либосҳояшонро дар гармии печка хушк намуда, ларзаи баданашон монда, акнун чақ-чақ мекарданд.

– Ин ронандаро боз дар роҳ гург нахӯрда бошад, – шӯхикунон гуфт як корманд.

– Мумкин роҳҳо лой шуда, дар роҳ дармонда бошад, – гуфт дигаре.

Ба гапи онҳо Тамара Сергеевна хотима гузошт.

– Биёед, пиёда ба пешвози мошин мебароем. Агар омада дар ҷое дармонда бошад, дар роҳ бо он вохӯрда роҳро идома медиҳем, набошад шаб дар ин ҷой монданамон аниқ аст, – гӯён либосҳои болоияшро, ки хушк шуда буданд, ба пӯшидан сар кард.

Ҳама ба таклифи Тамара розӣ шуда, ба либоспӯшӣ даромаданд. Шиддати борону шамол ҳам паст шуда буд. Онҳо аз рӯи сабзаҳо қадам зада ба роҳ даромаданд.

Борон сим-сим меборид, рӯз ҳам торик мешуд, гурӯҳи фаврӣ ба лою об ғӯтида роҳ мепаймуданд. Роҳи пурлой гӯё тамомшавӣ надошт. Қариб як соат роҳ гашта бошанд ҳам, аз мошин дараке набуд. Ҳамин тариқ, онҳо боз аз нав шипшилта шуда, базӯр по бардошта ба роҳи калон ва аз он ҷо то ба шаҳр расиданд. Вале аз мошин дарак набуд. Онҳо бо як азобе ба идора омада, сабаби наомадани мошинро аз навбатдор пурсиданд.

– Зиновев «сӯзишвориро захира кунед. Имрӯз ба кори таъҷилӣ меравем» гуфта ронандаро иҷозат надод, – гуфт навбатдор.

Ронанда бачаяки нав ба кор омадаи хароба аҳволи онҳоро дида:

– Эҳ, агар маро як рӯз ҳам коркунӣ намонад, инҳоро то хонаҳояшон мебарам, – гуфта гунаҳкорона онҳоро ба мошин савор карду то хонаҳояшон бурда монд.

Шаб таби Тамара баланд шуд. Рӯзи дигар ӯро «ба варами шуш гирифтор шудед», гӯён ба касалхона бурданд.

* * *

Баъди ба бемористон афтидани Тамара як пои Егор дар бемористон буду пои дигараш дар совхоз. Сари калобаашро гум кард.

Тобистони соли 1937 Эргашевро ба вазифаи баланде ба

комиссариати ҳалқӣ ба кор гирифтанд. Бо тавсияи ӯ Светозаровро директори совхози Киров таъин карда буданд.

Акнун кори ӯ аз мӯи сар ҳам зиёд шуда буд.

Дар совхоз пағаҳои охирини пахтаро ҷамъоварӣ карда ба давлат месупориданд. Заминҳоро барои кишту кори тирамоҳӣ тайёр мекарданд.

Имсол пахта ҳосили зиёде дод. Нақшаи пахтасупориро совхоз барзиёд иҷро кард, вале дар баъзе буттаҳои ғӯзапояҳо ҳанӯз ҳам як-ду кӯраки хоме, ки онро на чидаву на истифода бурда мешуд, монда буд. Охири тирамоҳ бошад, сербориш омада кори деҳқононро душвор мегардонд. Бисёри колхозу совхозҳои вилоят аллакай аз саҳро ғӯзапояашонро ҷамъ карда, баъзеашон ба шудгори тирамоҳӣ сар карда буданд. Баъди боронгарии дуру дароз чанд рӯз офтобӣ шуд.

Светозаров баъди мулоҳизаи зиёде бригадирҳоро ҷамъ намуда, ба онҳо чунин муроҷиат кард.

– Рафиқон, вақт рафта истодаасту лекин ғӯзапояҳо дар майдон мондааст. Агар мо ҳамин тавр давом диҳем, имсол онро ҷамъ карда натавониста, ҷуфти тирамоҳиро аз даст медиҳем. Ин чунин маънӣ дорад, ки замин дар зимистон дам нагирифта, мардум бе ҳезум мемонад. Аз кӯракҳои боқимонда бошад, мо ягон пағა пахта ҳам намегирем. Онҳо ниҳоят хом ва бенаханд. Аз ин рӯ, шуморо барои маслиҳат даъват карда, фикратонро фаҳмиданиям.

Баъди гапашро тамом кардани Светозаров дар ҳуҷраи ӯ, ки пур аз одам буд, хомӯшии том ҳукмфармо шуд. Хомӯширо сарагроном халалдор кард.

– Гапи директор, бародарҳо, ҷон дорад. Дар ҳақиқат ҳам ман ҳамроҳи бригадирҳо ҳамаи пахтазорро гашта аз назар гузаронидам ва дар ғӯзапояҳо ягон кӯраки шукуфта ё пахтадорро пайдо накардем. Кӯракҳои боқимонда хом ва обакианд. Нақшаи пахтасупориро бошад, барвақт ва пеш аз мӯҳлат иҷро кардем. Бисёри колхозу совхозҳо аллакай майдонҳояшонро аз ғӯзапоя тоза карда, ба ҷуфти тирамоҳӣ сар карданд. Мо бошем, ӯҳдадорӣ гуфта қафо мондем. Аз ин рӯ, таклиф мекунам, ки майдонро аз ғӯзапоя бояд тоза кард. Пахтаи ҷамъ шударо бошад, агар хушк карда супорем, ӯҳдадорӣ ҳам барзиёд иҷро мешавад.

– Бисёр кори хуб мешавад, – шунида шуд аз ҳар тараф. Чанд бригадири кӯҳансол баромад карда таклифи сарагро-

номро дастгирӣ намуданд.

Светозаров баъди баромади сардорони бригадаҳо гуфт:

– Хуб, ки ба як қарор омадем. Вале майдони ин қадар ғӯзапояро чӣ тавр тоза мекунем?! Вақт рафта истодааст. Ба болои ин техникае надорем, ки ғӯзапояҳоро решагардон кунем.

Ҳама ба фикр ғӯтавар шуданд. Хомӯширо мудири парки тракторӣ Анвар вайрон кард:

– Медонед-чӣ рафиқон? Ман ба наздикӣ дар як маҷалла маводи ба хоҷагии қишлоқи Ӯзбекистон бахшидаро хондам. Дар он совхозе айнан ба ҳолати мо дучор шудааст, ӯзбекҳо таҷрибаи аҷибе гузаронидаанд.

– Вай чӣ хел таҷриба будааст? – гӯён чанд кас якбора пурсид.

– Онҳо майдонҳои ғӯзапояро оташ зада, барои киштукор омода сохтаанд. Ин амал ба он оварда расонидааст, ки соли дигар майдони ҳамон ҷойҳои ғӯзапояаш оташзада назар ба дигар қитъаҳои заминҳо зиёдтар ҳосил додааст. Сабаби онро мутахассисон муайян кардаанд, ки хокистари ғӯзапоя заминро ковоку ҳосилхез кардааст. Акнун бисёре аз совхозу колхозҳои Ӯзбекистон ин таҷрибаро давом медодаанд, – гӯён Анвар бо ҷӯшу хурӯш гапашро тамом кард.

Ҳама дар андеша монданд. Касе аз ҳозирон ғайрати аввал сар кардани гапро надошт. Бисёриҳо дудила буданд. Инро дида, Светозаров худаш ба гап даромад.

– Рафиқон! Ҳамин маҷалларо ман ҳам хонда будаму Анварҷон пешдастӣ карда онро ба шумо гуфт. Дар ҳақиқат ҳам дар Ӯзбекистон чунин таҷрибаро гузаронида, ҳоло ҳам давом медодаанд. Дар ин маҷалла ана боз чӣ навишта шудааст, – гӯён аз ғалладони мизи кориаш як маҷаллаи «Селская хозяйства СССР»-ро баровард.

– Мақола дар саҳифаи 33 дарҷ шудааст. Ман ба он ҷо коғазчае гузоштам, – гуфта илова кард сарагроном ва мақоларо ба овози баланд хонд. Баъд онро ба забони тоҷикӣ тарҷума карда:

– Ҳа, қанд зананд! –гӯён хулоса баровард.

Баҳси пурҷӯшу хурӯше сар шуд.

Бригадири кӯҳансол Ҳалим-ота сухани баҳскунандагонро дар охир бурида, андешамандона гуфт:

– Рафиқон, ин таҷриба кирои дастгирӣ аст, лекин вақт бисёр нозук. Одамони боло, НКВД оё ба ин кори мо розӣ

мешуда бошанд? Пахтаро фалониҳо сӯхтанд, гӯён маро ба бало гирифтор накунанд?

Боз хомӯшӣ ҳукмрон шуд. Светозаров баъди андешаи зиёде ба гап даромад:

– Гапи Ҳалим-ота дуруст аст. Ман бо обкому НКВД маслиҳат мекунам. Баъд ба ягон хулоса меоем.

Ҳама ба гуфтаҳои Светозаров розӣ шуданд. Баъди баромада рафтани ҳозирон Светозаров аввал ба обком ва сипас ба НКВД занг зад. Дар обком ба ғайр аз котиби нав таъин шуда, Каримов Икром касеро наёфт. Ӯ дар бораи маслиҳати навакак бо фаъолони совхоз кардааш арз карда, маслиҳат пурсид.

Каримов ду-се моҳ пеш мактаби олии ҳизбии Москваро тамом карда ба кор омада буд. Ӯ шахси ниҳоят босавод, пухтакор ва ҷиддӣ буд. Ба суханони Светозаров гӯш дода:

– Ҳа, ман ҳам он мақоларо хондам. Мо бояд ҳама таҷрибаи наву беҳтаринро дастгирӣ кунем. Метавонед бе ҳеҷ мулоҳиза аз пайи кор шавед. Ман розӣ. Ман ба дигарон маслиҳат мекунам, – гӯён гӯшаки телефонро монд.

Светозаров аз дастгирии котиби сеюми обком рӯҳ гирифта, ба НКВД занг зад. Зиновевро наёфта, ба муовини нав таъин шудаи ӯ Муртазоев занг зад. Муртазоев Светозаровро гӯш карда:

– Агар обком розӣ бошад, мо ҳам розӣ.

Светозаров аз ин қаноатманд шуда ба соати дастиаш назар кард.

– Ваҳ, бало занад! Соат 21 шудаасту ман дар ин ҷо ба кор овора. Ҳатто Тамараҷонро хабар нагирифтам, – гӯён зуд коғазҳояшро ҷамъ карда ба қуттии оҳанин гузошта, қулф кард. Баъд саросема либосҳояшро аз либосовезак гирифта роҳравон пӯшиду ба кӯча баромад.

Касалии Тамара шиддат мегирифту корҳои Светозаровро ба қафо мекашид. Вай бисёри рӯзашро дар назди завҷаи меҳрубонаш, ки дар таби баланд месӯхт, мегузаронд.

Тамара аз худ бехуд гашта аз шиддати дард ҳарзагӯӣ мекард. Егорро ба ёрӣ даъват мекард, зорӣ мекард, ки Эляҷонро озор надиҳад ва ҳоказо мегуфт вай бо чашми пӯшида. Егор ва Сайрам-хола бо навбат дар наздаш нишаста, ба лабонаш, ки аз шиддати таби баланд парсин баста торс-торс кафида буданд, бо пахта об мечакониданд. Арақи сару рӯяшро пок мекарданд. Хуллас, ӯро танҳо намонда, доимо

дар наздаш яке аз онҳо менишаст. Ана дар ҳамин ҳолат Светозаров розигии мутахассисону роҳбаронро гирифта иҷозат дод, ки як қисми ғӯзапояҳоро бисӯзанд. Пагоҳии рӯзи дигар як қитъаи ғӯзапояро сӯхта боқимондаашро ба рӯзҳои дигар гузошта, Егор ба беморхона шитофт. Ӯ пагоҳии барвақт ба кор омада Тамараро надида буд.

Тамара дар набудани ӯ ба ҳуш омада, Сайрам-холаи меҳрубонро дар болои сараш дида, табассум карду аз Егор пурсид.

– Каме пештар ба кораш рафт, духтарам. Ваъда дод, ки меояд, – гӯён бечораи кампир, дар умраш маҷбур шуд, ки якум бор дурӯғ гӯяд.

– Ҳа, майлаш, модарҷон, аз афташ хоби сахтам бурдааст, ки сарам бисёр дард мекунад. Бисёр гушна мондаам, – гуфт Тамара ба Сайрам-хола узрхоҳона нигоҳ карда.

– Садқаат шавам, духтарам. Ман як хомшӯрбои бо гӯшти мурғ пухта овардаам, ки хӯрда маза мекунӣ, – гуфт ва зуд хомшӯрбои аз хона овардаашро ба косаи чинии зебои гулдоре кашиду дар назди Тамара гузошт. Баъд ба Тамараи харобу бемадор, ки се шабу рӯз чизе нахӯрда буд, ёрӣ дода аз ҷояш хезонду ӯро мурооти хӯрокхӯрӣ кард. Тамара дар ҳақиқат гушна монда будааст, ки як коса хомшӯрборо хӯрд.

– Раҳмат, модарҷон, ниҳоят бамазза будааст, – гӯён боз ба ҷояш дароз кашида буд, ки ба палата Егор даромад. Ӯ завҷаи ба ҳуш омадаю бо Сайрам-хола сӯҳбат доштаашро дида, ниҳоят хурсанд шуд.

Тамара шавҳарашро дида:

– Егорҷон, омадӣ? Биё, ҷонакам. Аз афташ ту ҳам гушнаӣ, аз шӯрбои модар як коса бихӯр. Бисёр бомазза. Ман як косаашро хӯрдам.

Егор аз ин хабари хуш шод гашта, сир бой надод.

– Ман ҳозир хӯрок хӯрдам, ҷонакам. Ту ғами маро нахӯр, тез-тез хӯрок хӯрда, қувват гиру тезтар аз ин ҷо баро, ки дунё бароям бе ту тор аст, – гӯён навозишкорона хам шуда завҷаашро бӯсид.

Баъди сӯзандору гузаронидан Тамараро хоб бурд. Духтур даромада.

– Егор Иванович, бӯҳрони бемори гузашт. Акнун вай зуд шифо меёбад. Шумо метавонед ба хонаатон рафта дам гиреду пагоҳӣ биёед. Мо зуд-зуд аз ҳоли бемор хабар меги-

рем, метавонед ташвиш накашида, имшаб бароҳат хоб кунед, – гуфт.

Сайрам-холаю Егор ба духтур миннатдорӣ карда, ба хонаашон рафтанд.

Пагоҳии рӯзи дигар Светозаров Тамараро хабар гирифта аз паси кораш рафт. Нав як қартаи пахтазорро аз чор тарафаш оташ зада буданд, ки дар як мошини боркаш Зиновев бо чанд коргараш омада дар назди замин истоданд.

Зиновев нархи пиёзу сабзиро напурсида, ба коргаронаш супориш дод:

– Гиред, ин ҷинояткорҳоро ба мошин бор кунед. Бисёр хуб шуд, ки мо онҳоро дар сари ҷиноят бо директори ҷинояткорашон дастгир кардем.

Светозарову ҳамроҳонашро ба бордони мошин бор карда аз мобайни совхоз, аз назди мардум гузаронида ба НКВД оварданд. Ҳамон дам бе ягон пурсиш ба КПЗ андохтанд.

* * *

Ду рӯз кормандони НКВД-и вилоят тамоми қувваашонро барои ҷамъ кардани мавод доир ба директори совхози Киров ва шариконаш, ки барои «таллаю тороҷ кардани моликияти сотсиалистӣ» гунаҳкор донista мешуданд, бо роҳбарии Зиновев кор мебурданд. Дар вақти пурсиш онҳое, ки намехостанд ба муқобили Светозаров баёнот нависанд, ба зери мушту лагад гирифта мешуданд.

Лекин аз чи бошад, ки дар рӯзи сеюм, ки рӯзи ҳалкунанда ҳисоб мешуду бояд онҳо корро тахт карда ба суд месупориданд, ногоҳ суръати корашон тамоман суст шуда, то нисфирӯз касеро ҳам ба наздашон даъват накарданд.

Баъди хӯроки нисфирӯзӣ, ки аз як бурда нони сиёҳу як коса оби шӯрбои бӯйгин иборат буд, маҳбусон истироҳат мекарданд. Дар ҳамин вақт дари камерае, ки Светозаров бо ду кормандаш менишаст, кушода шуда ба он ҷо чанд нафар одамони чарминпӯше даромаданд, ки онҳоро дар ин ду рӯз Светозарову рафиқонаш надида буданд.

Даромадагон худро ба «маҳбусон» шинос карда, мо намояндагони НКВД-и ҷумҳурием, гуфта сипас ба пурсупоси онҳо сар карданд. Омадагон директори совхози Киров ва аъзои правленияи ин совхоз будани «маҳбусон»-ро донista, яке аз онҳо «ҳа, ин одамони ҳамон делои таърифии Зи-

новев будагистанд», гуфта ба Светозаров рӯй оварда пурсид:

– Оё шумо ба айбе, ки ба шумо эълон кардаанд, худро гунаҳкор мешуморед?

Светозаров аз ин гапи ӯ ҳайрон монда, узр пурсида гуфт, ки ҳоло касе ба ӯ айб эълон накардааст, вале имрӯз ваъда дода буданд, ки «онаи зорамро нишон медиҳанд».

– Яъне ин чӣ гуфтаатон? – ҳайрон шуда пурсид он мард.

– Ин гапи аз ҳама хубе, ки аз кормандони шумо ман дар давоми ду рӯз шунидаам, – ҷавоб дод Светозаров.

Вай, ки ду рӯз боз бегуноҳ бо рафиқонаш дар ин таҳхонаи бадбӯй нишаста, таънаю маломат мешунид, якбора шӯрида рафт.

–Бубахшед, вале ман ҳайронам, ки дар кадом асос, бо кадом гуноҳ моро дошта, зери шатаю шаллоқ мегиранд? Агар аз кори хоҷагии қишлоқ хабар дошта бошед ва моро ба сӯхтани ғӯзапояҳо гунаҳкор донед, аққалан худатон як бор рафта онҳоро аз назар гузаронед, ҳамон замон гуноҳу бегуноҳии мо маълум мешавад. Агар мо гунаҳкор бошем, дар пеши қонун, ҳизбу давлат ҷавоб мегӯем. Охир, чаро моро бегуноҳ дар ин ҷо нигоҳ медоранд?

– Мо, албатта, худи ҳамин рӯз кори шуморо дида баромада, боз бо шумо вомехӯрем, – гӯён омадагон ваъда дода баромада рафтанд.

Светозарову рафиқонаш дар фикру хаёл ғӯттавар буданд. Егор Светозаров худ ба худ савол медод, ки дар бораи сӯхтани ғӯзапояҳо ба ин вахшиён кӣ хабар дода бошад? Ё ки худи онҳо хабар ёфта, ба совхоз омада бошанд? Охир, наход сӯхтани ғӯзапоя ҷиноят бошад? Бечора аз куҷо медонист, ки боз Қамар Соҳибови дар хуни ӯ ташна аз бедодгариҳои Зиновев ва аз тарси ӯ дар мушхонаҳо ҷой гирифтани роҳбарони вилоят истифода бурда, аз ӯ қасос гирифтанист. Ҳамон рӯзе, ки онҳоро дошта ба КПЗ шинонданд, Соҳибов ба Зиновев занг зада, дар бораи хиёнаткории директори совхози Киров, ки ғӯзапоязори пур аз пахтаю кӯракро месӯзонад, хабар дода буд. Ва ҳоло бошад, Қамар аз душманам халос шудам, қасоси ҳамаамонро гирифтам, – гӯён шодӣ карда гашта буд.

Светозарову рафиқонаш бошад, бо касофатии ӯ дар ин таҳхонаи бадбӯй мехобиданд.

Егори аз фикру хаёл гаранг шудаю ғанабаш бурдаро

тарақ-туруқи кушодашавии дари камера ба худ овард.

– Светозаров, ба берун баро! – гӯён посбон фармон дода буд, ки вай аз ҷояш хеста аз пасаш роҳӣ шуд. Егорро ба утоқи кории калони Зиновев даровварданд. Дар он ҷо ба ғайр аз Зиновев боз чанд нафар одамони дигар менишастанд, ки чандеашонро Светозаров шинохт. Онҳо кормандони НКВД буданд.

Егор ба онҳо салом дода, дар гӯшае, ки ба ӯ нишон доданд, дар курсӣ нишаст. Баъди ба анкетаҳои Егор шинос шудан, яке аз рафиқони нишастагӣ, ки назар ба дигарон синну солаш калонтар ва дар рутба ҳам баландтар буд, аз ӯ пурсид:

– Егор Иванович, шумо ба кадом мақсад ба пахтазоре, ки ҳанӯз ҳосилашро пурра нағундоштед, оташ задед ва дигар аъзои совхозатонро ба ин кор маҷбур намудед?

Егор фикр накарда ҷавоб дод:

– Пахтазоре, ки шумо гуфта истодаед, пурра аз пахтаю кӯраку қашқа тоза карда шудааст. Танҳо дар баъзе ғӯзапояҳо ягон-ягон кӯраки хом мондааст, ки даруни вай ҳоло пахта надорад ва инро шумо метавонед, бинед.

– Мо аллакай санҷидем. Аз замини сӯхтагӣ қариб 200 кг кӯрак ҷамъ карда, ҳоло дар идора нигоҳ доштаем. Хубаш, рости гапро гӯеду сари меҳмонони азизро гаранг накунед, – гапи ӯро бурид Зиновев.

– Агар дар ҳақиқат ҳам шумо он ғӯзаҳоро чида меҳнат карда оварда бошед, аъзои комиссия инро ба худ раво донанд, ҳозир худатон метавонед он ғӯзаҳоро бо чашматон бинед, ки ҳатто аз тарӣ дар оташ ҳам насӯхтаанд. Пас онҳо барои чӣ заруранду гуноҳи мо чист? – гуфт Светозаров паст наомада.

– Мо аллакай онҳоро дидем ва бояд гӯям, ки бисёри онҳо пахта доранд, – гуфт сардори комиссияи тафтишотӣ Ҳасанов.

– Дар он ҳолат ман аз шумо хоҳиш мекунам, ки ба майдони пахтазор равему бо чашми худатон бинед, ки мо чӣ хел ғӯзапояҳоро хостем, ки оташ занем. Агар шумо ҳисоб кунед,ки мо гунаҳкорем, ман дигар чизе барои исботи гуноҳам надорам, – гуфт Светозаров.

* * *

Рӯзи дигар пагоҳии барвақт аъзои комиссияи НКВД бо

роҳбарии Ҳасанов, ҳамроҳи мутахассиси хоҷагии қишлоқ ва Светозаров ба майдони ғӯзапояҳои оташзада, ки дар баъзе ҷойҳояш кӯракҳои хом дар даруни ҷӯякҳояш мехобид нигариста, баъд ба майдони ғӯзапояҳои ҳанӯз оташ назада рафтанд. Ғӯзапояҳо тамоман аз пахта холӣ буда, ҳатто як қашқа надоштанд. Дар 50-60 қадам ягон-ягон кӯраки хоми каб-кабуд ба чашм мерасид, ки онро бо даст ҳатто кафонда намешуд. Вақте ки ин кӯракҳоро бо душворӣ мекафонданд аз дарунашон об мебаромад.

Светозаров баъди оне, ки комиссия қариб тамоми қитъаҳоро дида баромад, аз мутахассисон ва аъзои комиссия пурсон шуд:

– Оё шумо аз ин қитъаҳо ягон килограмм пахта ҷамъ карда метавонед?

Вақте ки онҳо инро инкор карданд, Светозаров гуфт:

– Охир ҳамон қитъаҳои мо сӯхтагӣ низ чунин ҳол доштанд. Ва агар бовар накунед, биёед барои санҷиш як қитъаро бисӯзед, агар ҳамон ҳолат дар қитъаҳои сӯхтагӣ набошад, маро метавонед суд кунед.

Ҳамин тавр ҳам карданд. Дар ҳақиқат ҳам баъди сӯхтани ғӯзапояҳо кӯракҳои хоми тари носӯхта ҷой-ҷой дар даруни ҷӯякҳо ғелида хоб буданд, ки як миқдори ночизеро ташкил мекарднд. Инро дида Ҳасанов аз Зиновев пурсид:

– Шумо аз куҷо он қадар ғӯзаро ҷамъ карда будед?

Вақте ки Зиновев нишон дод,Ҳасанов хоҳиш кард, ки он қитъаро чен кунанд. Се гектар баромад. Баъди ин, Ҳасанов «рафтем» – гӯён ба рафиқонаш фармон дод. Баъди ба Раёсати комиссариати халқии корҳои дохилӣ омадан вай аз мутахассисон хоҳиш кард, ки фикру мулоҳизаҳояшонро дар бораи он чизе, ки дидаву санҷиданд, навишта ба ӯ диҳанд.

Хулоса, албатта, ба фоидаи Зиновев, ки аллакай шикаст хӯрданашро медонист, набуд. Ҳасанов аз Светозарову рафиқонаш узр пурсида онҳоро ҷавоб дод.

Инро дида, Зиновев худро дошта натавониста.

– Шумо чӣ кор карда истодаед? Охир ҷинояткорони зидди сиёсати Ҳизбу Ҳукуматро ҷавоб додан ин худаш ҷиноят аст. Ба болои ин, ин гурӯҳи оддӣ не, ба ин кор котиби обком Каримов ва ҷонишини ман Муртазоев низ шариканд. Ман хаёл карда будам, ки аз ин кор комиссариатро огоҳонида, шуморо ба ёрии мо роҳӣ кардаанд. Шумо бошед, «нархи пиёзу сабзиро напурсида» корро то охир

насанҷида, аз ҷинояткорон узр мехоҳеду онҳоро ҷавоб медиҳед?! Охир ин худаш чӣ гап?

Ҳасанову рафиқонаш ба Зиновев бодиққат гӯш дода, аз рафтору кирдораш ҳайрон монданд, ки чӣ тавр ӯ дидаю дониста одамони бегуноҳро ҷинояткор меномад.

Ҳасанов баъди каме хомӯшӣ ба гап даромад:

– Рафиқ Зиновев, чӣ тавре ки гуфта будем, вазир моро на танҳо барои санҷиши ин кори гуфтаатон, балки барои тафтиши ҳамаи корҳои шумо фиристодаанд. Мо корҳоро на танҳо аз рӯи талаботи Ҳизбу Ҳукумат, инчунин аз рӯи қонун санҷидаем. Мо чунин мешуморем, ки Светозарову рафиқонаш гуноҳе надоранд. Онҳо ба фоидаи давлат аз рӯи таҷриба ва ба фоидаи кор амал кардаанд, то ки барои соли оянда замина тайёр намоянду ҳосили дилхоҳе рӯёнонанд ва ба болои ин кори деҳқононро осон намоянд. Шумо бошед, онҳо ва одамони ниҳоят мӯътабари ҳукумат ва кормандони худатонро шарики ҷинояткорон гуфта, онҳоро бегуноҳ ба ҳабс гирифтаед. Охир ин кори беақлона ва ҷоҳилона аст.

– Оҳ-ҳо! Ҳоло мо боз беақлу ҷоҳил ҳам шудем? Хайр, ҳоло мебинем, кӣ ҷоҳилу кӣ беақл аст. Кӣ ҳаққу кӣ ноҳақашро органҳои болоӣ, ЦК ВКП (б) дида мебарояд. Ман корро ин тавр намегузорам. Шикоят мекунам, – гӯён аррос зад.

– Шуморо касе таҳқир накардааст ва шумо беҳуда гапҳои маро ба худ кашида хӯрдагирӣ мекунед, рафиқ Зиновев, албатта, шикоят кардан ин ҳуқуқи шумост. Моро натарсонед. Касе аз дӯғу пӯписаи шумо наметарсад, вале ман ҳамчун намояндаи мақомоти болоӣ ба дағалона вайрон кардани қонун аз тарафи касе, ки набошад, роҳ намедиҳам. Лозим бошад, барои кори худу аъзоёни комиссия дар ҳар куҷо ҷавоб медиҳам. Ҳоло бошад, барои тафтиши корҳоятон ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба мо пешниҳод кунед. Шахсонеро, ки ба мо лозим мешаванд, сари вақт ҳозир кунед, – гӯён Ҳасанов ба Зиновев теғ кашида нигоҳ кард.

Зиновев аз суханони оромонаю дилпуронаи Ҳасанов рамуз гирифта худро ба даст гирифту:

– Майлаш, ҳар кас барои кори кардааш ҷавоб мегӯяд. Чизе ки лозим бошад, ба шумо пешкаш мекунанд, лекин ман аз болоятон шикоят мекунам.

– Ин кори шумо, – гӯён Ҳасанов аз ҷояш хеста ҳамроҳи дигар ҳамроҳонаш ҳуҷраи кории Зиновевро тарк карда, ба

ҳуҷраи барояшон ҷудо кардашуда гузаштанд.

Комиссияи НКВД-и ҷумҳурӣ бо сардории Ҳасанов баъди кори Светозаровро дида баромадан боварӣ ҳосил карданд, ки Зиновев бо парвандаи қалбакии ноодилонааш метавонист ҳаёти 15-20 нафар фаъолони совхози Кировро бе ягон гуноҳ бисӯзад. Ин Ҳасанов ва тамоми аъзои комиссияро ба он ҳидоят кард, ки дар тафтиши корбарии Зиновев ва як гурӯҳ коргарони ӯ тамоми дониш ва таҷрибаашонро ба кор баранд, то ки ҳақ ва ё ноҳақ гунаҳкор карда ба бадарғаю қатл ҳукм баровардани одамонро аз рӯи маводҳои онҳо тайёр карда исбот намоянд. Комиссия як ҳафта кор накарда буд, ки Зиновеву як гурӯҳи коргарони ба ӯ содиқ диданд, ки аъзои комиссия ба гапу корҳои онҳо боварӣ надоранд ва метавонанд, ки «сари онҳоро ба дор баранд», аз паи муҳофизати ҷони худ шуданд. Шоҳидонро таҳдид мекарданд, ки агар ба одамони аз НКВД омада «дар бораи онҳо чизе гӯянд, худи онҳоро суду бадарға хоҳанд кард».

Вақте ки одамонро Ҳасанову рафиқонаш дар бораи дурустии баёноти дар тафтиш додаашон пурсон мешуданд, бо тарсу ларз «ба як по истода», гапҳои пеш гуфтаашонро тасдиқ мекарданд. Ҳасанов, ки марди донишманду пухтакор буд, ҳис мекард, ки одамон дар вақти тафтиш худро бисёр бад ҳис карда, аз як ҳаракат ё овози ноҷо аз тарс як қад мепаранд, ба пурсандаҳо бо ҳарос менигаранд. Аз ин рӯ, хост, ки баъзеи шоҳидонро ҷиддитар санҷад. Ӯ ба яке аз шоҳидон, ки Пардаев ном дошту дар ду кори тафтишотӣ нисбати ду кас шоҳид мегузашт, чанд саволи пешгирикунанда дод:

– Рафиқ Пардаев, шумо дар бораи «кулак» будани Ҳакимов Эргаш ва «босмачӣ» будани Тоҳиров Наим баёнот додаед. Оё ман дуруст мегӯям?

– Ҳа-а, сардор, дуруст.

– Шумо бигӯед, ки Ҳакимову Тоҳировро кай боз ва чӣ тавр мешиносед?

– М-ман, ман, р-рафиқ сардор, онҳоро кӯҳна мешиносам, – забонаш гирифтаю саросема шуда ҷавоб дод ӯ.

– Хоҳишмандам дар бораи шиносоиятон бо ин мардон ба таври мушаххас баёнот диҳед.

– Ҳардуи онҳо ҳамсояҳои мананд, мо ҳафт сол боз ҳамсояем. Зиндагии онҳо назар ба дигарон хубтар буду гову мол доштанд. Дар ин 7 сол якборӣ тӯй карда, мардумро

зиёфат дода буданд. Ҳакимов дар бисёр маъракаҳо ватанашро таъриф карда: «Эҳ, чӣ хел зиндагӣ доштем. Боду ҳавои салқин, ҳама ҷо гулпӯшу сабзазор. Молҳоро, ки пешпеш мекардем, аз ҷастухези думбаҳои барраю маосашон ҳаловат мебурдем. Себу нашпотиҳои боғҳоро намегӯӣ» – шаҳду шакар ва ҳоказо гуфта, ин ҷойҳоро наҳ мезад. Маълум, ки бою бадавлату «кулак» будааст, – дар борои Ҳакимов хулоса баровард Пардаев.

Аз чашмони Тоҳиров бошад оташак meборид. Вай як марди ҳузарби шонавасеъ буд. Касе ҳадде надошт, ки ба ӯ нигоҳ кунад. Чанд бор бо ҳамсояҳо даст ба гиребон шуда буд. Доимо мегуфт, ки афсӯс, замонааш нест, набошад ба пӯсти баъзеҳо коҳ ҷой мекунад. Хуллас, босмачии тапатайёр. Ана, барои ҳамин ман ба органи НКВД маълумот додаму «мӯйро аз хамир ҷудо карда», онҳоро ба ҳабс гирифтанд.

– Оё шумо пеш аз ҳафт сол бо онҳо шинос будед?

– Не, онҳо аз кӯҳистон муҳоҷир шуда буданду ман аз Фарғона.

– Ин тавр бошад, шумо чӣ тавр кулаку босмачӣ будани онҳоро донистед?

– О ман нав гуфтам-ку, аз зиндагию роҳу рафтор ва гуфторашон.

– Шумо дар баёнотатон гуфтаед, ки ман кулак будани Ҳакимову босмачигарии Тоҳировро аниқ медонам. Оё медонед, ки Ҳакимов чи қадар молу ҳол ва сарват дошту Тоҳиров дар кадом даста босмачигарӣ мекард?

Забони Пардаев боз гирифта, ӯ саросемавор:

– Ман,-м-ан, инро аниқ намедонам. Худи онҳо таъриф мекарданд.

– Хайр, онҳо чӣ таъриф мекарданд?

– Гуфтам-ку?! Ҳакимов молдориашро таърифу Тоҳиров ҳамаро таҳдид мекарду афсӯс, мехӯрд, ки замонаш нест, набошад дар пӯстатон коҳ ҷой мекунам, мегуфт.

– Ҳамааш ҳамин ё дар бораи ин мардон боз ягон маълумот доред?

– Не, ҳамааш ҳамин, дигар маълумоте надорам, – гӯён Пардаев хомӯш монд. Ҳасанов ӯро ҷавоб дода ба як шогирдаш супурд, ки дар бораи Пардаеву Ҳакимову Тоҳиров, маълумотҳои иловагӣ ҷамъ кунад. Худаш бошад, зуд ба зодгоҳи Ҳакимову Тоҳиров телеграмма дода, аз кормандони

НКВД-и он ҷо хоҳиш кард, ки ба таври таъҷилӣ дар бораи Ҳакимову Тоҳиров маълумотҳои доштаашонро роҳӣ кунанд.

Баъди ду рӯз корманде, ки тафтиши кори номбурдаро мебурд, ба Ҳасанов маълумот дод, ки: Ҳакимову Тоҳиров деҳқонони камбағали водии Қаротегин будаанду дар колхоз софдилона кор мекарданд. Аз қитъаҳои назди ҳавлиашон сабзавоту мева фурӯхта, зиндагиашонро мебурдаанд. Дар деҳа касе дар бораи бою кулакии Ҳакимову Тоҳиров ва босмачигарии онҳо чизе намедонистанд. Пардаев бошад, шахси нашъаманд буда, барои ин кор доғи судӣ ҳам дошта будааст.

Вақте Ҳасанов ба маводҳои ҷамъ кардаи коргараш бодиққат шинос шуд, айнан гуфтаҳои ӯ тасдиқ мешуданд. Бегоҳӣ бошад, ҷавоби телеграммаи роҳӣ кардаашро Ҳасанов гирифт, маълум ки Ҳакимову Тоҳирови бечора гирифтори тӯҳмати ноҳақ шудаанд. Ҳакимов дар дасти Ҳакимбой гуфтанӣ бой будаасту замину об ва боғе надоштааст. Тоҳиров бошад, бо паҳлавонӣ ном бароварда, рисқу рӯзиаш аз ҳамин касбаш будааст.

Ду каси дигаре, ки ба муқобили ин шахсон баёнот дода, онҳоро кулаку босмачӣ номидаанд, хешони наздики Пардаев будаанд, ки онҳоро ӯ ба додани чунин баёнот маҷбур карда будааст.

Ҳангоме Ҳасанов дуюмбора Пардаевро барои пурсиш даъват кард, далелҳои ҷамшударо ба ӯ пешниҳод намуда, ба Тоҳирову Ҳакимов «тӯҳмат» карданашро исбот намуд. Пардаев тарсону ларзон:

– Ака, маро нобуд накунед. Ман зану фарзанд дорам, гапи ҳақаша ҳозир ба шумо мегӯям. Худам гуноҳе надорам. Барои ба Ҳакимову Тоҳиров тӯҳмат задан маро сардори НКВД-ю коргаронаш маҷбур карданд. Тарсонданд, ки агар ин корро накунам, маро барои нашъамандӣ ҳабс мекунанд. Ҳайфи ин қадар ёрдамҳоям. Чӣ қадар нашъакашу кукнориҳоро ба онҳо ёфта маълум карда будам. Оқибат онҳо меҳнатҳои маро ба инобат нагирифта, худамро низ ҳабс карда суд карданӣ шуданд, – гӯён афсӯс мехӯрд Пардаев.

Ҳасанов хост аз ӯ бипурсад, ки оё дилаш ба одамони аз рӯи маълумоти ӯ ҷазо гирифта намесӯзад, оё онҳо зану фарзанд надоштанд? Аз зиндагию ҳаёт орзую умеде надоштанд? Вале аз додани ин суол худдорӣ намуда, ба Пардаев

баёноташро хонду онро барои имзо кардан ба наздаш гузошт.

Мувофиқи баёнотҳои дурӯғи Пардаеву хешовандонаш Ҳакимов ба муддати 15 сол бадарғаю Тоҳиров бошад, ба қатл расонида шуда буд.

Дар муддати як ҳафта дастаи Ҳасанов даҳҳо парвандаҳоро бардошта маълум карданд, ки қисми зиёди одамон дар натиҷаи азобу шиканҷа ва зада маъюб шуданашон ба Зиновеву кормандони ба ӯ содиқаш аз рӯи хешу ақрабои худ ё ёру рафиқу ҳамсояашон маълумотҳои бардурӯғ дода, онҳоро маҳкум кардаанд.

Ҳасанов маълумотҳоро ҷамъ карда, ба нарком Новиков занг зада, мухтасар маълумот дод. Сипас аз ӯ хоҳиш намуд, ки ҳукми қатли одамонеро, ки аз вилояти Қӯрғонтеппаанд, то тамомошавии тафтиш боздоранд.

Ва дар охир ӯ аз нарком хоҳиш кард:

– Рафиқ вазир, худи пагоҳ илоҷе ёфта маро қабул кунед. Чунки бисёр гапҳоро бо телефон гуфта намешавад.

Нарком розигӣ доду Ҳасанов ба пойтахт раҳсипор шуд.

Дар он ҷо вай ба пуррагӣ он чизе, ки дар натиҷаи тафтиш маълум карда буданд, ба нарком нақл карда, хоҳиш намуд, ки барои ба кори онҳо халал нарасонидан Зиновеву чанд коргарашро то тамом шудани тафтиши комиссия ба НКВД-и ҷумҳурӣ даъват кунанд. Пас ба нарком рӯйхати он кормандонро дароз кард.

Нарком баъди Ҳасановро гӯш кардан:

– Ташаккур ба шумо, хайрият, ки дирӯз дар бораи боздоштани ҳукми қатли одамони он ҷо илтимос кардед. Ҳамагӣ ҳукми ду кас, ки ба босмачигарӣ айбдор карда шуда буданд ба иҷро расидааст, боқимондааш ҳанӯз дар ҳабсхона. Ба онҳо то ба охиррасии тафтишоти шумо касе даст намерасонад, – гуфт.

Зиновев ва чанд корманди ба ӯ содиқро ба наркоми корҳои дохилӣ даъват карданд. Ба125 тарзи илова боз зиёда аз даҳ корманди дигари наркоматро барои тезтар дида баромадани корҳои раёсат ба Қӯрғонтеппа роҳӣ карданд ва кори комиссия авҷ гирифт.

Ҳасанов бо рафиқонаш дар муддати як моҳ ҳамаи корҳои ба судҳои сегона роҳӣ кардаи Зиновеву кормандони содиқашро санҷида, ба хулосае омаданд, ки қариб нисфи зиёди онҳо бофтаю бардурӯғанд. Дар натиҷа одамони зиёди

бо тӯҳмат суд шудагӣ ба хонаҳояшон баргаштанд. Зиновеву шахсони одамонро бо тӯҳмат суд кардагӣ ҷазоҳои сазовор гирифтанд. Ҳамаи кормандоне, ки Зиновев дар вақти роҳбарияш аз кор озод карда буд, ба кор барқарор шуданд. Вале дар байни барқарор шудагон муфаттиш Ҳотамов набуд. Аз рӯи нақли хонаводааш вай як пагоҳии серборон ба аёдати модараш ба деҳкадаи Уялӣ рафта, пас нагаштааст.

Модару дигар хешовандони Ҳотамов ба Уялӣ омаданашро тасдиқ карда, «соатҳои шаши бегоҳӣ ба нею нестони модараш нигоҳ накарда «бачаҳоям танҳо» гуфта, ба роҳи калон баромаду дигар ӯро надидем» – мегуфтанд.

Аз рӯи ғайб задани Ҳотамов парвандаи ҷиноӣ кушода, солҳои дароз тафтиш бурда бошанд ҳам, тафтишу кофтукови зиёд натиҷае надод. Илова ба ҳамаи ин Ҳотамов яроқи ҳукуматиашро ҳам насупорида буд. Вале на худаш ёфт шуду на яроқаш. Ҳамин тавр ғайб задани Ҳотамов як муаммои нокушоданӣ шуд.

* * *

Тамара Орлова баъди як моҳи дар бемористон хоб рафтанаш сиҳат шуда баромада бошад ҳам, ҳанӯз худашро беқувват ҳис мекард.

Ӯ ба кор баромада, дар бораи ҳаромкориҳои Зиновеву дастааш гапҳои зиёдеро шунид. Аз ҷумла ӯ донист, ки чӣ тавр шавҳараш Егорро дирӯз бо аъзои совхозаш ба ҳабс гирифта, қариб будааст, ки ӯро «ба таги дор» баранд.

Вақте ки асли гапро аз Егор пурра фаҳмид, воқеаи дар утоқи корӣ ба вуқӯъ пайваста ба хотираш омад.

«Ҳоло ист, ман ба ту нишон медиҳам» – гапи ӯ дар гӯшаш ҷарангос зада аз оне, ки вайро дар рӯи диван хобонда даст ба зери доманаш бурда буд, суп-сурх шуд, гӯё ки навакак он воқеа рӯй дода бошад, нафасаш танг шуда ба сулфидан даромад.

Егор ӯро оромкунон ба ӯ пиёлаи чойи хунукро рехта:

– Бинӯш, бинӯш, ором шав. Ҳеҷ воқеа нашудааст. Ман, худоба шукр, сиҳат саломат дар наздат-ку?! Охир, ҳақ ба ҳақдор расид, ана худашро аз кор гирифтанд, боз суд мешавад, мегӯянд. Ту бошӣ худатро азоб медиҳӣ, – гӯён завҷаашро ором мекард.

Тамара баъди сулфаи дуру дароз ором гирифта чойро нӯшиду ба хаёл рафт. Баъд қарор дод, ки воқеаи дар утоқи

кории Зиновев шударо ба Егор нагӯяду табъашро хира насозад.

Ӯ намехост, ки димоғи чоқи Егорро, ки «маро ба номзадии депутати Шӯрои Олии ҷумҳурӣ пешниҳод карданд» гуфта варақчаи номзадиашро баровардa ба ӯ нишон дода буд, хира намояд. Тамара андешамандона шукри Офаридгор мекард, ки сабабе шуду Егори ӯро аз дасти Зиновев барин хирасар наҷот дод. Худоё! Агар он комиссия намешуд, аҳволи Егори ман чӣ мешуд, охир ӯро бегуноҳ суд мекарданд. Ҳа-а, ин мардум «ҳам аз тор мезананду ҳам аз пӯд», гоҳе туро ба осмон мебароранду гоҳе ба замин мезананд, аҷиб аст тақдири одамӣ, – гӯён аз дил гузаронд.

Тамара як-ду ҳафта ба кор рафта омад, лекин то рафт худашро бад ҳис мекард. Рӯзе ӯ бисёр сулфида аз даҳонаш хун омад. Боз ӯро ба касалхона бурданд. Маълум шуд, ки ӯ ба касалии сил гирифтор шудаасту шушҳояш қариб аз кор баромадаанд. Духтури рентгенолог Вера Александровна Стахова дар айвони бемористон Светозаровро дида:

– Чӣ хел шумо ҳамин хел зани зебoро эҳтиёт накарда ба ин ҳол расонидед? Охир шушҳои ӯ иллатнок шуда, холҳои сиёҳ пайдо кардаанд, ӯро ҳатман ба ягон ҷой бурда муолиҷа кардан зарур аст. Ӯро ба ягон санаторияи Қрим гирифта бурдан айни муддаост, – гӯён маслиҳат дод.

Рентгенолог Вера Александровна зани миёнақади чеҳракушоди ситорагарм буд. Тахминан 25-26 сол дошт. Вай Донишгоҳи тиббии шаҳри Краснодарро хатм карда, ҳамроҳи шавҳараш Стахов Михаил Иванович ба вилояти Қӯрғонтеппа ба кор омада буданд. Шавҳараш ҷонишини муҳаррири рӯзномаи вилоятӣ шуда кор мекард. Онҳо дар як хоначаи хурдакак дар ҳавлии идораи рӯзномаи вилоятӣ ҷудо карда ҳамроҳи духтарчаи дусолаашон Светлана зиндагонӣ мекарданд.

Вера Александровна, ки дар аввали омаданаш терапевт шуда кор мекард, бо сабаби набудани рентгенолог ин вазифаро баъдтар пешаи худ кард. Ӯ тез-тез аз ҳоли Тамара хабар гирифта меистод. Баъзе вақтҳо Светозаровро ҳангоми ба аёдати Тамара омаданаш тасалло медод.

– Ғамгин нашавед, ӯ сиҳат шуда боз асп барин метозад, вале барои ин сабру тоқат ва вақти зиёде зарур аст, – мегуфт.

Бо тавсияи ӯ Светозаров ба воситаи иттифоқи касабаи вилоятӣ як роҳхат ёфта, Тамараро барои табобат ба Қрим фиристод. Элячонро бошад, Сайрам-холаи мушфиқу меҳрубон мисли модар нигоҳубин мекард.

Як рӯз пеш аз ба Қрим гусели Тамара онҳо Вера Александровнаро бо шавҳараш Михаил Иванович Стахов ба хонаи Сайрам-хола таклиф карда, зиёфат доданд. Сӯҳбати онҳо тӯлонӣ буд. Стахов бисёр марди хушчақчақу хушҳол ва латифагӯи гузаро будааст. Ӯ бо латифаҳои рангинаш ҷамъомади онҳоро оро медод.

Ҳамин тавр, худ ба худ дар байни Светозарову оилаи Стаховҳо дӯстӣ барқарор шуд. Баъди ин шабнишинӣ онҳо низ чандин бор Егорро дар набудани Тамара зиқ нашавад, гӯён ба хонаашон таклиф карда буданд.

Ҳамин тариқ, Светозаров бо оилаи Стаховҳо унс гирифта аз ҳолу аҳволи якдигар хабар гирифта меистоданду дӯстиашон мустаҳкамтар мегашт.

* * *

Совхози ба номи Киров дар ду соли директории Светозаров бисёр ободу зебо мегашт. Деҳаҳои нав бунёд шуда, дар онҳо нуқтаҳои маданию хизматрасонӣ сохта шуда амал мекарданд. Махсусан маркази совхоз дар ин муддат шакли худро дигар кард. Барои обод кардани маркази совхоз Светозаров аз пойтахт лоиҳакашҳою меъморонро даъват кард, онҳо нақшаи бисёр аҷиби шаҳрчаи шакли шаҳриро кашида ба ӯ пешкаш карданд.

Сохтмон аз рӯи нақша оғоз ёфт. Дар як муддати кӯтоҳ кӯчаҳои росту сангфарш пайдо шуда, дар ду тарафи онҳо биноҳои нави шакли аврупоӣ қад афрохтанд.

Дар рӯзи кушодашавии қасри маданият котиби обкоми ВКП(б) Назиров, раиси кумитаи халқии иҷроияи вилоят Холматов, роҳбарони масъули ҳизбию ҳукумат ва хоҷагиҳо, аз он ҷумла Қамар Соҳибов низ иштирок доштанд.

Дар майдони назди қасри маданият ҳазорҳо одамон – сокинони совхоз ва деҳаҳои гирду атрофи он ва шаҳр ҷамъ омада буданд.

Намоиши идона бахшида ба кушодашавии Қасри маданиятро Светозаров кушода, суханро ба котиби обкоми ВКП(б) Назиров дод. Ӯ сулфида овозашро рӯшан намуду

сипас ба назди баландгӯяк омада, бо як ҳаяҷон ва эҳсоси хурсандӣ ба сухан даромад.

– Рафиқон! Дӯстони азизу меҳрубон, меҳмонони ин тантанаи ниҳоят хурсандибахш! Шумо як ба гирду атрофатон назар афканед. Чанд сол пеш дар ин ҷойҳо шутур бо аробааш дар лой дармонда, роҳи баромад намеёфт. Ҳама ҷо шӯраю қамишзору ботлоқ буд, вале акнун бинед, бо қудрати инсон ин ҷойҳо ба бӯстоне табдил ёфтааст, кӯчаҳои пурлой сангфарш шудаанд. Ҳама ҷо гулпӯш, чароғон ва зебою дилчасп гаштааст. Ин, албатта, агар пеш аз ҳама ғамхории Партияву Ҳукумат нисбати мардуми совхоз бошад, аз тарафи дигар натиҷаи обилаи дасти сохтмончиён, меъморон ва кормандони совхоз ва алалхусус, меҳнати бевоситаи директори совхоз Светозаров мебошад. Дар давоми ду соли роҳбарии ин марди наҷиби кордону меҳнатдӯст бубинед, ки дар ин ҷо клуби калон, кинотеатри тобистона, ҳаммом, идораи нави маъмурияти шаҳрча, хонаҳои 10-12-оилагӣ сохта ба истифода дода шуданд. Дар қад-қади роҳҳо дарахтони арчаю қарағай, акатсияву сафедор шинонида, роҳҳои пиёдагард сохтанд. Шаҳрчаи хурдакакро мемонад. Сохтмони он давом дораду ҳоло роҳбарҳо, хусусан Светозаров барои ҳарчӣ зиёдтар сохтани мактабҳо, майдони варзиш ва боғи марказию истироҳатии дорои ҳамаи маводҳои ҳозиразамон кӯшишу ғайрат менамоянд.

Дар назди парки тракторӣ барои кормандони он як хонаи калон сохта шуда, Анвар Раҳмонову модараш Сайрам-хола ва келинаш Юлияро низ Светозаров маҷбурӣ ба он ҷо кӯчонда овард.

Анвар, ки ғоибона дар донишгоҳи хоҷагии қишлоқи Сталинобод дар факултаи механизатсия таҳсил мекард, мудири парки трактории совхоз таъин шуда буд. Ӯ дар пойтахт ба Юлия ном абрешимбоф ошиқ шуда, ӯро ба занӣ гирифта ба хонаашон оварда буду бисёр дӯстона зиндагӣ мекарданд. Сайрам-хола, ки ба зани урус гирифтани писараш он қадар розӣ набуд, Юлияи хоксору меҳрубон ва дар ҳама кор чаққонро дида, бо ӯ ҳамчун модар рафтор мекард.

Юлия, ки дар корхонаашон ёрдамчии устои сехи шоҳибофӣ буд, техникаро хуб мефаҳмиду дӯст медошт, аз ин рӯ, Светозаров ӯро диспетчери парки тракторӣ таъин кард.

Сайрам-хола мисли пештара ба хонаи Светозаров раф-

туомад карда, Эляҷонро нигоҳубин мекард.

Тамара баъди аз Қрим баргаштанаш бо таклифи духтурон аз кори пештарааш рафта, дар китобхонаи совхоз кор мекард. Вақте ки бинои касалхонаи совхозро сохтанд, аввали соли 1939 Светозаров ба ҷону ҳолаш намонда Вера Александровна Стаховаро оварда, бо розигии шӯъбаи тандурустии ноҳия сардухтур таъин кард. Вера Александровнаро ба касалхона ба кор овардани Светозаров ду сабаб дошт. Аввал бо шахси соҳибмаълумоту кордон таъмин кардани бемористон бошад, дуюмаш мехост, ки саломатии Тамараро табибе назорат кунад, ки нозукиҳои касбашро хуб мефаҳмад.Ин гуна табиб, албатта, Вера Александровна Стахова буд.

Рӯзе дар сари дастархон Тамара ба шавҳараш чунин таклифро пешниҳод кард.

– Егорҷон, чӣ мешавад, ки оилаи Вера Александровнаро кӯчонида ба совхоз биёрем. Охир бечораҳо дар он катаки мурғ то кай зиндагӣ мекунанд. Рафтуомади духтур низ осонтар мегардад.

– Охир мо онҳоро дар куҷо ҷой медиҳем, хонаи холӣ набошад?!

– Ана, хонаи шафатамон холӣ-ку, охир сарагрономат ба он ҷо як сол зиёд шуд, ки кӯчида намеояд. Вай падару модарашро партофта омадан намехоҳад. Ҳуҷраҳои ин хона аз беодамӣ таъмирталаб шудаанд, ана-мана нагуфта, тамоман дар онҳо зистан номумкин мегардад. Светозаров ба хаёл рафту баъди чанде:

– Хайр, аввал ман бо сараграном маслиҳат кунам, канӣ чӣ мегӯяд, агар омаданӣ набошад, розигиашро гирифта баъд ин масъаларо ҳал мекунем. Набошад, боз гапу гапча мебарояд, ки директор ҳамшаҳриҳояшро дар гирдаш ҷамъ оварда истодаасту кору хона медиҳад. Боз мебинӣ, ки ба сари ман ҷанҷол мехарему чанд вақт ман дар кашу фархаши роҳбарон мемонам, – гӯён мӯйҳои зебою ҷингилаи завҷаашро навозиш кард.

Баъди як ҳафтаи ин маслиҳат Светозаров розигии сараграномро гирифта, оилаи Стаховро кӯчонида ба шаҳрча оварду онҳо ҳамсояи девордармиён шуда монданд. Бисёри вақтҳо ё дар хонаи Светозаровҳо ё ки Стаховҳо ҷамъ омада, хӯроки шомро якҷо мехӯрданд, сӯҳбатҳо меоростанд. Эляҷон бошад, бо духтарчаи Стаховҳо Светлана чунон унс

гирифта буд, ки онҳоро аз якдигар ҷудо карда намешуд.

* * *

Нисфирӯзи рӯзи истироҳат мошинаи «Вилус»-и хурдакаке омада дар назди хонаи Светозаровҳо истод. Аз даруни он як марди қадбаланди ришу бурути кӯтоҳдоштае дар даст соябон фаромаду ҷомадони сафариеро аз курсии қафои мошин гирифта ба сӯи хонаи Светозаровҳо роҳӣ шуд. Аз паси ӯ ронандаи қадпастаки гандумгини каллакалон як борхалтаи пурборро гирифта равон шуд. Светозаров, ки каме пештар аз сари заминҳои пахта хаста шуда омада дар хонааш истироҳат мекард, ба пешвози меҳмон баромад. Тамара низ, ки дар рӯи ҳавлӣ хӯрок тайёр мекард, ба сӯи хонаашон омадани ношиносро дида, дастонашро бо пешдоманаш пок карду аз паси шавҳараш ба назди дарвоза омад. Меҳмон дастонашро ба ду тараф васеъ кушода, «мисли пештара ҷавону зебоед», – гӯён Егори ҳайронмондаро ба оғӯш кашида самимона аз рухсораaш бӯсид.

– Егор, Егор Ивановичи азиз. Наход нашинохтӣ? Охир ман ҳамон ронанда-археолог, ки бори аввал шуморо дар чангу хок ғӯтонда оварда будам, нестам?

– Эҳ! Ин Валентин-ку! Ба ростӣ худи худаш! Охир ин ришу бурутат туро ба марди панҷоҳсола баробар кардааст, нашинохтам. Бубахш, дӯстам, – гӯён Егор бори дигар меҳмонро ба оғӯш кашида дӯстона бӯсиду ба Тамараи шах шуда.

– Тамараҷон, охир ин Бурлитский Валентин Павлович. Чӣ, фаромӯш кардӣ? – гӯён Бурлитскийро оҳистаак ба сӯи Тамара тела кард.

– Наход ин тӯӣ? Эҳ, чӣ қадар солҳо гузашт, ту дар куҷо будӣ? – гӯён Тамара худро ба гардани Бурлитский овехта ӯро хоҳарвор бӯсид:

– Биё, хуш омадӣ. Моро бо омаданат сарфароз кардӣ, – гӯён аз дасти Бурлитский дошта ӯро ба хона таклиф кард.

Ронанда, ки аз ёди онҳо фаромӯш шуда, дар таги дарвоза ҳайрон-ҳайрон ба онҳо менигарист, дид, ки соҳибхонаю меҳмон ӯро фаромӯш кардаанд, оҳиста овоз баровард:

– Бубахшед, борхалтаро ба куҷо монам? – гуфт.

Овози ронандаро шунида онҳо аз роҳ бозистоданду Бурлитский ба Светозаров: «Дар он ҷо барои Шумо савғо овар-

дам» – гӯён ба қафо гашта борхалтаро гирифтанӣ буд, ки Егор пешдастӣ карда, онро аз дасти ронанда гирифт.

– Мебахшед, ука. Марҳамат, ба хона дароед, – гӯён ӯро таклиф кард. Ронанда узр хоста:

– Ташаккур. Ман кор дорам. Ягон рӯзи дигар, – гӯён баъд ба Бурлитский рӯй овард:

– Агар даркор шавам, маро дар корхонаамон меёбед. Ҳоло бемалол маро ҷавоб диҳед. Бурлитский: – Майлаш, равед, ба шумо ташаккур, ука – гуфта ӯро рухсати рафтан дод.

Бурлитский ба курсии мулоим нишаста:

– Хеле хуб, хеле хуб, дӯстон, зиндагиатон бад не. Хеле шодам, – гӯён борхалтаашро кушода аз он як лухтаки зебои «очагӯй», конфетҳои шоколадии ҳархела ба Эля ва ба Тамара як рӯймоли калони пашмини гулдору ба Егор як галстуки зебое бароварда тақдим кард.

– Айб накунед. Аз роҳи дур бисёр чиз оварда натавонистам, – гӯён узрхоҳӣ кард.

Егор бошад хоксорӣ карда: – Лозим набуд, ту худат барои мо як тӯҳфаи беҳтаринӣ, – гуфт.

Бурлитский ба саволҳои пай дар пайи беохири Тамараю Егор тоб наоварда:

– Истед, истед. Ман худам ҳамаашро ба шумо муфассал нақл мекунам.

– Ман соқу саломат, хирс барин, – шӯхикунон ба гапаш идома дода дар бораи худаш ба нақл даромад. Светозаровҳо ба гапи ӯ диққат дода гӯшу ҳуш шуданд. – Баъди вохӯриамон ман боз як моҳи дигар ронандагӣ карда маводҳои зарурии кори дипломиамро ҷамъ намуда ба Ленинград рафтам. Имтиҳонҳоро бомуваффақият супорида, кори дипломиамро низ аъло ҳимоя кардам. Ба аспирантура дохил шудам. Агарчанде ки ду-се бори дигар ба Тоҷикистон сафар кардам, ба ҷамъоварии маводҳои кори номзадӣ овора шуда, шуморо дида натавонистам.

Унвони номзади илмро низ гирифтам. Ҳоло дар болои ҳимояи рисолаи докториам кор карда истодаам. Барои ҷамъоварии маводҳои зарурӣ ба Тоҷикистон омадам . Ба Люся ном духтарак ошиқ шуда, хонадор шудам. Як писарча дорем. Ҳоло кори докториамро оид ба қадимтарин ёдгории мардуми тоҷик, ки дар мавзеи «Аҷинатеппа», дар наздикии

пойтахти Тоҷикистон – Сталинобод ёфт шудааст, навишта истодаам. – Ва ӯ дар бораи ёфтани ҳайкали буддои гилини ёздаҳметра ва калисои қадимтарини Будо дуру дароз нақл кард. Сӯҳбатро овози пурҳаяҷони Тамара бурид.

– Воҳ! Шӯрам хушк шавад! Охир хӯроки ман дар рӯи оташ буд-ку! – гӯён барои дидани дегаш ба рӯи ҳавлӣ давид.

Тамара аз дегаш хабар гирифта:

– Хайрият, оташ хомӯш шудааст, вагарна хӯрок сӯхта мерафт, – гӯён илова намуд:

– Шумо сӯҳбат карда шинед, ман ҳозир дар болои кати рӯи ҳавлӣ дастурхон мекушоям.

Егор бошад риштаи суханро ба даст гирифта:

– Ҳа, Валяҷон, ту аноӣ не! Дар байни се-чор сол номзади илм шудӣ, ана доктор ҳам мешавӣ. Мо бошем дар ҳамин «кӯрруда» ҷӯшида гаштему ба ҷое ҳам нарасидем.

– Не-е, дӯстам, маккорӣ накун, ту ҳам ҳазлак одам не. Дар бораи ту дар тамоми рӯзномаю маҷаллаҳои иттифоқ менависанду ту боз хоксорӣ мекунӣ. Ана шумораи тозаи «Правда», бин туро дар саҳифаи аввалаш бо расми калонат чӣ тавр таърифу тавсиф мекунанд, – гӯён рӯзномаро Бурлитский аз ҷомадони сафариаш бароварда ба Светозаров дароз кард.

Дар ҳақиқат ҳам дар саҳифаи аввали рӯзнома расми калони Светозаров ва мақолаи калоне дар бораи ӯ дарҷ шуда буд.

Светозаров расмро тамошокунон ба мутолиаи мақола сар карда буд, ки Бурлитский:

– Не, не. Ин тавр нашудааст. Инро баъд мехонӣ. Ҳоло бигӯ, ки чӣ ҳол дорӣ? Зиндагӣ чӣ тавр? – гӯён ӯро аз хондани рӯзнома боздошт. Дар ин вақт Эляҷон аз кӯҷое тохта ба хона даромаду «дадаҷон!» – гӯён худро ба оғӯши падараш партофт.

Бурлитский Эляҷонро дида: – Оҳ-ҳо! Ин қадар духтари калон шудаӣ. Канӣ ин ҷо биё, шинос шавем. Ман амакат Валентин, ба ту савғо овардам,– гӯён лӯхтаки овардаашро ба Эляҷон нишон дод.

Эляҷон ба назди Валентин омад, ӯро дошта ба оғӯш кашида бӯсид. Чун лӯхтакро ба даст гирифт, лӯхтак «оча» гуфта, овоз баровард.

Элячон шарм дошта, лӯхтакро ба оғӯш гирифту «раҳмат, амакҷон» – гӯён ба назди модараш гурехт.

– Ҳа, боақлу боодоб барин. Хайр, чӣ ҷои тааҷҷуб, охир падару модараш кистанд?

Валентину Егор баланд хандида, бо таклифи Тамара ба ҳавлӣ баромаданд.

* * *

Бегоҳӣ. Офтоб ғуруб карда охирин шӯълаҳои тиллоранги худро саховатмандона ба дашту даман ва қуллаҳои кӯҳҳою теппаҳои гирду атроф мепошид. Қурси калони офтоб чун лаълии тиллоӣ дар болои қуллаҳои кӯҳи Ғозималик овезон шуда, оҳиста-оҳиста ба паси кӯҳ пинҳон мешуд.

Нурҳои сурхи он то чанде домани осмонро дарида, абрпораҳои болои кӯҳро оро медоданд. Бо нишастани офтоб, оҳиста-оҳиста торикӣ фаро мерасид. Мурғакони шохсор чиқ-чиқкунон дар лонаҳояшон тайёрии хобро медиданд. Аз алафзори гирду атроф чир-чири чир-чиракон ба гӯш мерасиду мурғони шаб-кӯршапаракҳо дар фазо ба парвоз омада, дар болои сари одамон пайдо шуда боз ба дигар сӯй парвоз мекарданду аз паи ризқу рӯзиашон буданд.

Ана, дар ҳамин гуна шаби пурасрор Светозаровҳо ҳамроҳи ҳамсояашон Стаховҳо дар гирди дастархони пур аз нозу неъмат нишаста, ба суханронии аҷоибу ғароиби меҳмонашон Бурлитский бо диққати том гӯш медоданд.

Бурлитский моҳирона дар бораи ёдгориҳои таърихии Тоҷикистон, ки ӯро якумрӣ ба худ кашидаю дар ҳайрат андохта буданд, бисёр таърихи аҷоиб нақл мекард. Нақлҳои ӯ шунавандагонро гоҳе ба диёри як вақтҳо ободу шукуфон мебурду гоҳе ба ҷангҳои пурдаҳшати пур аз харобию қатли ом. Гоҳе ба кушку қасрҳои осмонбӯсу пурдабдабаю гоҳе ба харобазорҳои онҳо.

Бурлитский гоҳе аз шукӯҳу шони давлатҳои Суғду Бохтар ва гоҳе аз харобазор гаштани ин давлатҳо дар натиҷаи тохтутози аҷнабиёни Македону арабҳою муғулҳо харф мезад. Дар бораи мардуми меҳнатдӯсту далеру қаҳрамони тоҷик, ки ин харобазорҳоро дар тӯли асрҳо ободу зебо гардонида, илму маданияти хешро то ин дам нигоҳ дошта омаданд. Махсусан дар бораи Қофирқалъа ном мавзее, ки дар наздикиҳои Қӯрғонтеппа буда, дар асрҳои миёна маркази

водии Вахш будааст ва боз махзани ниҳоят қадимае, ки ба қарибӣ олимон кашф кардаанду ҳайкалҳои Буддо ёфт шудааст, нақлҳои аҷоибу ғароиб карда, дар охири суханаш афсӯсхӯрон:

– Эҳ-ҳе, кошкӣ ин ёдгориҳои таърихии тоҷик соҳиб пайдо мекарду ба оламиён нишон медод, ки онҳо чӣ мардуми қадиманд ва чӣ маданияту таърихи куҳан доранд. Кош онҳо медонистанд, ки чӣ сирру асроре дар зери талу теппаҳои онҳо ниҳон асту бо кушодани асрори онҳо тамоми дунёро ба ҳайрат метавон гузошт… – гӯён оҳи бадарде кашида Бурлитский хомӯш монд.

Ҷамъбудагон то дер боз дар зери таъсири суханҳои сеҳрдори Бурлитский хомӯшона ба хаёл рафта, касе ғайрати ин хомӯширо вайрон кардан надошт. Танҳо ин хомӯширо овози чир-чиракҳо вайрон мекард.

* * *

Баъди як ҳафтаи вохӯрӣ бо Бурлитский Стахов зери сарлавҳаи «Ёдгориҳои Тоҷикистон кай соҳиб пайдо мекарда бошанд» мақолаи ниҳоят калонеро аз рӯи нақлҳои кардаи Бурлитский навишта, дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» ба чоп расонд. Ин мақола ҳамчун таркиши мина дар мақомоти болоии ҳизбию давлатӣ садо дод. Роҳбарон кӣ будани соҳиби чунин мақолаи пур аз мурчу қаламфурро, ки дар он роҳбарони вилоятию ҷумҳуриро барои ба ёдгориҳои таърихӣ аз паси панҷа нигоҳ карданашон сахт зери тозиёнаи танқид гирифта буд, меҷустанд. Номи Стаховро он вақтҳо чанд нафар хонандаю ҳамкоронаш медонистанд, нохост дар забони пиру барно ва тамоми мардуми ҷумҳурӣ садо медод. Мардуми оддӣ шодӣ мекарданд, ки одаме пайдо шудааст, ки ғами таърихи ҳазорсолаи тоҷиконро хӯрда, ба таъқиби ҳаррӯзаи НКВД нигоҳ накарда, чунин мақолаи танқидиро навиштааст. Бечора муҳаррири рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» рӯзе се-чор бор ба ину он идораи ҳизбию давлатӣ даъват карда мешуд, оқибат тоқат накарда ариза навишта аз кор рафт.

Навбат ба Стахов низ расид. Оқибат кӣ будани ӯро маълум карда, як пагоҳӣ нав ба кор омада буд, ки муҳаррири рӯзномае, ки дар он ҷо кор мекард, ба ҳуҷраи кориаш даромада:

– Магар ин мақоларо шумо навиштед? – гӯён бе сало-

муалейк аз ӯ пурсид.

Стахов, ки то он рӯз аз чизе хабар надошту фақат табрики рафиқони наздикашро барои мақолаи оличаноб навиштанаш қабул мекард, аз суоли муҳаррир ҳайрон монда:

– Ҳа, ман навиштам. Оё шумо онро нав хондед? – гӯён пурсид.

Муҳаррир дандон ба дандон монда базӯр қаҳрашро фурӯ бурду ба саволи Стахов чавоб надода:

– Шуморо котиби обком даъват карда истодааст. Тез ба наздаш равед, – гуфта пушташро гардонида аз дар баромад.

Стахов аз ин муомилаи ғайриоддии муҳаррири рӯзномаашон чизе нафаҳмида, ҳайрон шуд, хост чизе пурсад, вале ӯ аллакай ба утоқи кориаш даромада, дарашро сахт пӯшида буд.

Стахов дигар ба касе чизе нагуфта, ба бинои обкоми ВКП (б)-и вилоят рафт. Навбатдори бино Стахов буданашро дониста қавоқ андохта:

– Шуморо дар утоқи кориашон котиби якум мунтазиранд. Ба ошёнаи дуюм ба фалон ҳучра дароед, – гуфт.

Дар утоқи калону барҳавои котиби обком Абдулло Холматов (вай дар ин муддат ба котиби обкомӣ расида буд), котиби идеологии обком Файзов, котиби дуюми обком Ҳамроев ва муҳаррири рӯзномаи «Барои водии зарнисор» Кабиров менишастанд (вай бо мошин аз Стахов пештар омада буд).

Вақте ки Стахов ичозат пурсида ба кабинет даромад, саломашро касе алек нагирифта, дар назди дари даромад Холматов бо саволаш нигоҳ дошт.

– Шумо Стахов-мӣ?

– Ҳа, ман.

– Ин мақоларо дар рӯзномаи «Точикистони сурх» шумо навиштед?

– Ҳа, ман навиштам, чӣ шудааст охир? – ҳайрон шуда пурсид Стахов.

– Боз чӣ шудааст мегӯяд-а! Бало шудааст! Охир ту медонӣ чӣ кардӣ? – аз қаҳру ғазаб суп-сурх шуда дод зад Холматов. Аз ин муносибати дағалонаи котиби обком Холматов, ки ӯро бори аввал медид, Стахов гаранг шуда:

– Охир, мебахшед. Ба ман фаҳмонед, чӣ шудааст? Ман чӣ гуноҳ кардаам, ки Шумо ба сари ман ин қадар дод мезанед? – гӯён пурсид.

– Боз чӣ гуноҳ кардам, гуфта забондарозӣ ҳам мекунӣ? Бефаросат!– гӯён Холматов тамоман аз худ бехуд шуда, ҳатто Стаховро дашном дод. Дигарон ба даҳони Холматов менигаристанду ҳамаашон тайёр буданд, агар илоҷашро ёбанд, Стаховро пора-пора кунанд.

Стахов базӯр худро нигоҳ дошта асабиёна:

– Бубахшед, рафиқ. Ман шуморо намешиносам ва чи кора буданатонро ҳам намедонам. Чаро шумо маро таҳқир мекунед? Магар бо муомилаи дуруст ба ман гап задан мумкин нест?

– Ман котиби якуми обком Холматов. Тирмизак, гап ҳам мегардонӣ, ба тую ту баринҳо муомилаи дуруст кардан раво нест. Ту нархи сабзию пиёзро напурсида, ба касе маслиҳат накарда, чӣ ҳақ дорӣ, ки номи вилояту ҷумҳуриро бад кунӣ ? Вақте ки ҳазорҳо одамон барои ободию зебоии диёр арақи ҷабин мерезанду шабу рӯз гушнаю ташна биноҳо месозанд, роҳҳо мекушоянд, заминҳои навро аз худ мекунанд, каналҳо кофта заминҳои ташналабро обёрӣ мекунанд, ГЭС-ҳо сохта хонаҳои мардумро чароғон мекунанд,оё ту дигар маводе наёфтӣ нависӣ, ки бо дурӯғу бӯҳтонат аз ким-кадом осори қадимаи дар зери хок монда ҳарф мезанию моро тӯҳмат мекунӣ? Ҳоло вақти теппаковию сафол ҷамъкунист магар? Оё Партияву Ҳукумат моро барои ҳамин дар ин ҷо мондааст, ки «ҳамаро мону аммаро меҳмон» гуфта, тамоми корро партоему аз паси сафолу сафолпораҳои ту шавем? Онҳо мардумро мехӯронанду мепӯшонанд? – додгӯён Холматов талаботи Партияву Ҳукуматро ба Стахов хотирнишон карда, ӯро «тарбия» карданӣ мешуд.

Стахов, ки аз гапҳои пасту баланди котиб тамоман ҳайрон шуда буд, гапи ӯро бурид.

– Мебахшед, рафиқ котиб. Магар таърихи ҳазорсола доштани мардуми тоҷикро, ки ин «сангу сафолпораҳо»-и шумо мегуфтагӣ маълум мекунанд, ошкор кардан зарар мекунад? Оё ба зери назари давлат гирифтани ёдгориҳои таърихие, ки дар зери чарххои тракторҳою сӯми ҳайвонҳо шикастаю вайрон мешаванд, душвор аст? – гуфта буд, ки боз алови ғазаби Холматовро аланга гиронд.

– Медонӣ, тирмизак, кори ту набошад. Агар давлат лозим шуморад, бе гапи тую ту баринҳо ёдгориҳои таърихиашонро ҳимояю назорат мекунад. Ту мухбирӣ, мухбири-

атро кун. Бе сангу сафоли ту ҳам чӣ қадаре, ки хоҳӣ барои навиштан мавод мерасад. Ту дар бораи одамони зинда, дар бораи созандагони сотсиализм навис, ки замони кӯҳнаро чаппа карда замони нав месозанд. Ба сохтмонҳои зарбдори коммунистӣ бирав, дар бораи роҳсозону бинокорон, колхозчиёну дигар одамони меҳнаткаш навис, ки шаҳру деҳаҳо месозанд. Замини ноободу лабташна, қамишзору ботлоқҷоро ваҷаб ба ваҷаб аз табиати бераҳм кашида мегиранду ба ҷояш боғу бӯстонҳо бунёд мекунанд. Вақташ, ки омад, ба сангу сафолпораҳои ту ҳам мегузарем. Ҳоло бошад ин кори беҳудаест, ки ту баринҳо гап наёфта худатонро гарангу майнаҳои дигаронро аз гапҳои пучу холӣ пур карда, проблема месозед.

Котиб заҳрашро ба сари Стахов рехта, холӣ карду осудатар шуда аз ӯ пурсид:

– Ин гапҳои афсонамонандатро аз куҷо гирифтӣ? Оё худат он чизҳоеро, ки навиштӣ, дидай?

– Ин чизҳое, ки ман навиштаам ҳамааш ҳақ асту рост, онро олими бостоншиноси рус Бурлитский Валентин Павлович дар рисолаи докториаш пурра исбот кардааст.

– Ин Бурлитскийят боз кист, чаро ман намедонам?! – гӯён Холматов бо савол ба одамони атрофаш суоломез чашм давонд…

Ҳамаи онҳо калла ҷунбонда ишора карданд, ки намедонанд. Баъди ин Холматов ба Стахов чашм дӯхт.

Стахов:

– Бурлитский тамоми ҳаёташро барои омӯхтани таърихи тамаддуни тоҷикон бахшидааст. Ҳоло ӯ дар донишгоҳи таъриху бостонии Тоҷикистон рисолаи докториашро ба итмом мерасонад, – гӯён ҷавоб дод.

Холматов ба дафтарчаи қайдҳояш чизеро навишту баъд ба Стахов рӯ оварда:

– Боз мо бо шумо вомехӯрем, – гуфту ӯро ҷавоб дод.

Баъди як ҳафтаи ин «вохӯрӣ» Стаховро ба комиссариати ҳарбӣ даъват карда, ба фронти Финляндия фиристоданд.

Бурлитский бошад, «кори заруре баромад» гуфта ба Ленинград рафт. Ҳамин тавр, мақолаи навиштаи Стахов фаромӯш шуда,аз забонҳо монд.

* * *

Тирамоҳи соли 1939 саломатии Тамара ниҳоят вазнин шуда, табобати духтурон ба ӯ фоидае набахшид. Вера Александровна, Егор ва Сайрам-хола дар назди ӯ буданд ва ҳарчӣ, ки аз дасташон меомад ба ӯ кӯмак мекарданд.

Вале Тамара ҳеҷ ба худ намеомад. Духтурони номдори ҷумҳурӣ низ ӯро аз назар гузаронида «умеди зистанаш нест» – гуфтанд.

Як рӯзи сарди тирамоҳ борон меборид. Ҳаво хунуку тира буд. Дили Тамара танг шуда хоҳиш кард, ки тирезаро кушоянд, нафаси тоза гирад.

Егор тирезаро кушоду Тамара чанд бор чуқур-чуқур нафас кашида, сипас ба Егор рӯ овард:

– Егорҷон, қоил нашавед ҳам, ман хуб медонам, ки ба зиндагиам соатҳои башумур мондааст. Дар қафаси синаам алов месӯзаду маро буғӣ мекунад. Нафаскашиям душвор шуда истодааст. Эляҷонро ба наздам биёр, бори охир ӯро серӣ бинам, – гӯён ашк аз чашмаш ҷорӣ шуд. Светозаров базӯр аз гиря худдорӣ карда, рафта духтарчаашро овард.

Тамара духтарчаи зебоякашро ба оғӯш гирифта:

– Ҳатто туро ба мактаб ҳам гуселонида натавонистам, духтаракам, қанду асалакам, – гӯён бӯсаборон карду сулфааш омад. Дуру дароз сулфиду як лахт хун ба косачаи дар назди каташ буда партофт. Аз кунҷи лабонаш хун ҷорӣ шуда буд, ки Эляҷон дод зад: – Очаҷон! Очаҷон! Ба ту чӣ шуд? – гӯён худро ба оғӯши модар партофт.

Тамара худ хуни лабонашро тоза кард, боз духтарашро сахт оғӯш кашиду ба Егор – ӯро бар, – гуфта ишора кард.

Егор зуд духтарчаашро ба берун бароварда ба Сайрам-холаи чизеро бардошта омада истода:

– Модар, Эляҷонро баред. Аҳволи Тамара ниҳоят бад, – гуфт ва худаш зуд ба назди Тамараи ҷон канда истода даромад.

Тамара базӯр сулфаи омадаашро қафо нишонда:

– Егорҷон, маро бубахш.Тую Эляҷонро хушбахт карда натавонистам, шуморо ин қадар ба ташвиш андохтам. Аз афташ, ман мемирам. Лекин хоҳиш дорам, ки Эляҷонро барои муҳаббати ман, барои садоқате, ки ба ту доштам, хор накун. Ал… ал-видоъ, дӯсти ҷонию яккаю ягонаам, – гӯён Тамара оҳе кашиду чашм пӯшид.

Вера Александровнаю Сайрам-хола расида омада, танҳо суханҳои охирини ӯро шуниданд.

Егор: – Тамара! Тамара! Азизакам, чашматро кушо. Маро натарсон, – гӯён бо зорию тавалло дар назди кати ӯ ба зону заду дастони сард шуда истодаи маҳбубашро ба молиш кардан даромад.

Вера Александровна, Сайрам-хола, ки борҳо шоҳиди фавти одамон буданд, Егорро осуда карданӣ шуда, худашон ашк мерехтанд.

Сайрам-хола Егорро тасаллӣ доданӣ шуда:

– Писарам, худатро ба даст гир, умри Тамараҷон кӯтоҳ будааст. Як рӯз не, як рӯз мо ҳам аз ин дунёи бевафо мегузарем. Мурдаҳо мегузаранду зиндаҳо бояд рӯзашонро бинанд. Ин розигии Оллоҳ таолост. Шукр бикун, – гӯён сари ӯро навозиш мекард. Чашми ҳама ашкбор буду дар берун низ борони сахте меборид. Гӯё ҳаво низ дар аламй аз дунё гузаштани чунин зани ҷавону зебо мегирист.

Ҳанӯз чили Тамараро надода буданд, ки ба Вера Александровна низ «хати сиёҳ» омад. Дар он навишта шуда буд: «Шавҳари шумо Стахов Михаил Иванович дар яке аз муҳорибаҳои шаҳри Н. қаҳрамонона ҳалок шуд». Нолаи Вера Александровна ба фалак мепечид. Овози ӯро Светозарову дигар ҳамсояҳо шунида ба наздаш омада аз асли воқеа огоҳ шуданд. «Об-бое, Мишаи бечора ниҳоят ҷавонмарди хуб буду ҳайф шуд» – гӯён афсӯс хӯрданд.

Егор бошад аз китфони Вера Александровна оғӯш карда, ӯро ором мекард.

Ҳамин тавр, дар хонаи Светозарову Стаховҳо рӯзҳои сиёҳ сар халонда то дер вақт ёди наздикон дарду ғами онҳоро зиёд мекард. Светозаров баъзе вақтҳо аламашро бо арақ паст мекарду Вера бошад бо ашки сӯзон.

Светозаров шабу рӯз дар саҳрою идора гум шуда мерафту Вера Александровна бошад, Эляҷону Светланаро парасторӣ мекард.

Егор шаб масту аласт омада дар ҷойгаҳаш медаромаду саҳарии барвақт аз паи кораш мерафт. Як рӯз вай ними шаб омада, чароғи ҷои хобашро даргиронду дар болои ҷойхобаш хатчаеро ёфт. Дар он Вера чунин навишта буд: «Егор Иванович, ба Шумо гап дорам, илтимос, пагоҳӣ маро надида наравед. Вера Александровна». Светозаров, ки он рӯз ҳушёр буд, хатчаро хонда сипас ба ҷойгаҳаш даромада ба гирдоби хаёлот ғарқ шуд. Ба ёдаш рӯзи вопасини Тамараи меҳрубонаш омад. Гӯё ки ӯ зинда асту мегуфта бошад:

«Эляҷонро хор накун». Светозаров аз ҷояш парида хесту гӯё чизи фаромӯш кардаашро ёд оварда бошад:

– О, ман чӣ кор кардам-а? Ду моҳ боз ҳолам шабгардию арақхӯрӣ. Аламамро аз шиша мегираму Эляҷонро тамоман фармӯш кардам. Вайро ба як зани барояш бегона партофта рафтанам-чӣ? Охир Вера ба духтари ман, ба ман чӣ мешавад, ки ман духтарамро ба ӯ зӯран бор кардам? Магар алами худи ин зан кам аст? Оё вай шавҳарашро гум накардааст? Пас чаро ман ба болои аламаш ба ин зан ғами худро бор мекунам? Охир ман чӣ ҳақ дорам? Оё Тамара васият карда инро дар назар дошт магар, ё ки ӯ аллакай сустиродагии маро дониста: «Эляҷонро хор накун» – гуфта илтимос кард?

То дери шаб вай дар паси миз нишаста ба фикру хаёл банд буд. Эляҷон бошад дар хонаи Стаховҳо хоб мерафт.

Рӯзи дигар ӯ барвақт аз хоб хеста, об монда оббозӣ карда, ришашро тарошида либоси тоза пӯшид. Баъд сулфакунон дари Стаховҳоро кӯфт.

Эляҷон нав бедор шуда буду овози падарашро шунида:

– Дада! Дадаҷон, – гӯён аз ҷойгаҳаш хеста тозон омаду худро ба оғӯши падараш партофта ҳунгасзанон гиря кард: – Дадаҷон, шумо дар куҷо будед? Чар маро партофтед? Ман шуморо ёд мекунам, –гӯён гардани падарашро сахт оғӯш кард.

Светозаров низ духтарчаашро сахт ба сандуқи синааш пахш карда:

– Эляҷон! Ҷонакам! Хафа нашав, духтарҷонам. Ман минбаъд ҳар рӯз бо ту мешавам. Худам туро боғча бурда меорам. Ба тамошо мебарам, – гӯён сари духтарчаашро навозишкунон ӯро ба замин монд.

– Ту бирав дасту рӯятро шӯй, ману Верахолаат гап доему баъд ба боғча меравем, чӣ гуфтӣ?

Эляҷон «хуб дадаҷон»–гӯён ба назди дастшӯяк тохта рафту Светозаров ба Вера Александровна имконияти гапзанӣ надода:

– Вераҷон, барои Эляҷон ба ту ташаккур. Маро бубахш, ки каме сустиродагӣ карда, ба май даст зада ғамамро фурӯ нишонданӣ шудам. Дигар такрор намешавад,– гӯён аз дасти духтарчааш гирифту ба хонаашон бурд. Онҳо наҳорӣ карда, даст ба даст то боғча рафтанд. Светозаров баъди ба бинои боғча даромадани духтарчааш аз паси кораш шуд.

Пас аз ин ӯ ҳар рӯз Эляҷонро ба боғча бурда меовард. Бо ӯ сайругашт мекард.

Шаб шуда рӯз мешуду ҳафтаю моҳҳо мегузаштанд. Светозаров ҳатто нафаҳмида монд, ки чи тавр аз вафоти Тамара аллакай як сол гузаштааст. Дар рӯзи яксолагии вафоташ Светозаров харҷи бисёре кард. Мардуми шаҳрчаро таклиф карду ёдбуди Тамараро гузарониданд. Баъди як ҳафтаи он бошад, боз бо ёрии ӯ ба хотираи шаҳвари Вера Александровна маърака гузарониданд. Боз рӯзҳо мегузаштанд. Вера Александровнаю Светозаров мисли пештара чун хоҳару бародар мезистанд

Егор ба шикасту рехти Вера ёрӣ медоду вай бошад ба нею нестони Егор нигоҳ накарда либосҳои чиркиншудаашро мешуст. Эляҷонро оббозӣ дароварда, мисли духтари худаш доимо тозаяку озодаяк нигоҳ медошт. Бисёри вақтҳо якҷоя хӯрок мехӯрданд. Борҳо онҳоро дар паси як миз ҳамсояҳо, ёру дӯстон дида буданду дар байни онҳо миш—миш паҳн мешуд, ки Светозаров пинҳонӣ бо Вера зиндагӣ мекунад. Вале Вераю Егор аз ин гапҳо бехабар ҳамон тариқе, ки буд, хоҳару бародар буданд. Касе аз онҳо хаёл ҳам намекард, ки ин кор мумкин бошад.

Як рӯз Сайрам-хола ба хонаи Светозаров омаду Вераю Егорро дар сари хӯрокхӯрӣ дарёфт. Аз хӯрдани хӯрок «ман серам, бачагонам, ош шавад», – гӯён саркашӣ кард. Баъди хӯрокхӯрӣ, вақте ки Вера барои шустани дегу табақ баромад, Сайрам-хола оҳиста аз дур гап сар кард.

– Егорҷон, ана соли Тамараҷонро ҳам гирифтӣ. Акнун писарам, умеди вай канда шуд. Эляҷонро низ ин хел бесаробон мондан хуб нест. Биё, бо ягон каси дар таги дилат буда хонадор шав. Ҳоло ту ҷавонию аз дунё умеду орзуҳои бисёр дорӣ, – гӯён дар ин бора чӣ фикр доштани ӯро фаҳмиданӣ шуд. Ӯ умед дошт, ки Светозаров дилашро ба ӯ кушода, муносибаташро бо Вера мегӯяд. Светозаров оҳи чуқуре кашида ба хаёл рафту баъди каме сар бардошта:

– Модар, ҳанӯз барвақт аст дар ин бора фикр кардан. Охир мардум чӣ мегӯянд? Охир ҳамон зани муҷаррад дар куҷост, ки ба болои кӯдакам маро мегирад?! – гуфт.

Сайрам-хола, аз ман шояд сир панаҳ карда истодааст, – гӯён аз дил гузарониду хост, ки ба чӣ мақсад омаданашро кушоду равшан бигӯяд. Бисёри одамон рафтуомаду муносибати Сайрам-холаро ба хонаи Светозаровҳо дида, борҳо

аз ӯ муносибати Егору Вераро пурсида буданд. Вақте ки ӯ онҳо чун хоҳару бародар зиндагӣ мекунанд, гуфт, ӯро масхаракунон «хезед, ки хобед, онҳо зану марди ҷавон, касе дар хона несту ҳамту мешинанд-мӣ? – гуфта пичинг мезаданд. Ана ҳамин гапҳоро Сайрам-хола ба Егор кушоду равшан гуфту баъд аз Егори моту маҳбутшуда пурсид:

– Хайр, агар ин гапҳо рост бошад-чӣ? Чӣ шудааст? Магар Вера муносиби ту нест? Як зани зебою меҳрубон, Эляҷонро аз духтараш ҳам хубтару беҳтар нигоҳубин мекунад. Муносибати ҳардуятон як, ҳардуятон ҳам аз одамони наздикатон ҷудо шудед. Ҳардуятон низ як фарзанд доред. Дар як хона зиндагӣ мекунед, хӯрок мехӯред. Боз ба шумо чӣ даркор? Чӣ тавре ки мегӯянд «як муллою як кала қанду никоҳ». Он тараф худаш рафтан мегирад. Агар ту ғайрат карда, бо Вера гап зада натавонӣ, ман худам бо ӯ гапзанон мекунам.

Егор ба фикр фурӯ рафту мантиқан дуруст будани суханҳои Сайрам-холаро дар дилаш тасдиқ карда, оҳе кашид. Вай худ ба худ савол дод: «Инро бинед, ҳамин қадар мо якҷояю як бор ҳам ман ин фикрро накардаам. Охир кампир рост мегӯяд. Тамараҷон, ёдаш ба хайр, маро танҳо гузошт. Ба хотири бепарастор намондани духтарчаамон бояд моро бубахшад.

Ман марди серкор, ба тарбияи духтарчаам вақтам намерасад. Баъд чеҳрааш равшан шуда:

– Оча, ман як фикр карда бинам, – гуфт.

– Майлаш, ту фикр кардан гир. Ман ҳозир бо Вера дар ин бора гапзанон мекунам.

– Не! Не! Очаҷон ҳоло не!

– Хап шин! Як бор гапамро гир, – гуфта таъкид кард Сайрам-хола.

Сӯҳбати дурударози онҳоро Вера низ аз паси дар шунида, канӣ чӣ мешавад, гӯён бо ҳисси кунҷковӣ дар паси дар буд. Вақте ки кампир «ҳозир ман бо Вера худам гапзанон мекунам» гуфт, Вера зуд ба хонаи худаш гузашт.

Сайрам-хола он чизе, ки ба Егор гуфта буд, аз гапу калочаҳо сар карда то як фикр карда бинами Егор ба Вера гуфт: – Вераҷон, Егор бисёр марди поквиҷдону меҳрубон аст. Ту аз вай беҳтар шавҳару вай аз ту беҳтар зан намеёбад. Ҳардуятон яктогӣ фарзанд доред. Дар як ҷо зиндагӣ мекунед, гуфта буд, ки Вера гуфтаи кампирро ба Егор так-

рор кард «Як муллою як каллақанду никоҳ» мондааст. Ҳарду баланд хандиданд.

Ҳамин тавр, дере нагузашта бо миёнаравии Сайрамхолаи меҳрубон Светозарову Вера Александровна зану шавҳар шуданду даҳони мардум баста.

* * *

Зиндагии Светозаров баъди хонадор шудан бо Вера Александровна Стахова ранги дигар гирифт. Вера ниҳоят зани қобилу нисбати Егор ва духтарчааш Эляҷон меҳрубон буд. Вай мекӯшид, ки Эляҷон набудани модарашро ва Егор Тамараи зебояшро фикр накунанд. Ба зиндагӣ бо дили гарм нигаранд. Муҳаббати Светозаров нисбати завҷаи наваш баъди таваллудшавии писараш Борис боз ҳам бештар шуд. Зиндагиашон хуштару гуворотар гашт.

Вале зиндагии хушу хурсандонаи онҳо дер накашид. Баъди чанд моҳи таваллуди Борис ҷанги хонумонсӯз сар шуд. Ҳамаи орзую умед ва нақшаҳои ободигардонии совхоз, ки Егор дар дил мепарварид, ҷомаи амал напӯшид. Дар саҳро танҳо занҳою пиронсолҳо монда буданд. Ба ҷангу ҷидол ва зорию таваллои Светозаров нигоҳ накарда як қисми ронандаҳои автомобилу тракторҳоро низ ба ҷанг бурданд. Дар идора низ се-чор корманди пиронсол монда буду халос.

Светозаров, ки тамоми рӯз дар идораю саҳро мегашт, қариб бекор монда буд. Ба мардум нону ба техникаи будагӣ қисмҳои эҳтиётию сӯзишворӣ намерасид.

Светозаров ба ҳамаи ин тоқат накарда ариза навишт, ки ӯро низ ба ҷанг роҳӣ намоянд. Вале баъди чанд рӯзи ба комиссариати ҳарбӣ ариза навиштанаш ӯро ба обком даъват карданд. Котиби обкоми ВКП(б)-и вилоят Икром Каримов ӯро қариб ду соат насиҳат карда:

– Чӣ, ту гумон мекунӣ, ки ман дар ин ҷо хоҳони онам, ки тинҷакак нишинаму фашистон хоки Ватанамро поймол кунанд? Ман беш аз ҳама, вақте ки Смоленски азизамро (ӯ аз Смоленск буд) фашистон гирифта ба хок яксон карданд, ҷои нишастан намеёбам. Ман ҳам ту барин чанд бор ба КМ ВКП(б)-и ҷумҳурӣ рафта, масъалаи ба фронт рафтанамро гузоштам. Чӣ таънаю маломате нашунидам. Баъде ки фикр кардам, дурустии гапҳои онҳоро дарк кардам. Дар ҳақиқат

ҳам дар ақибгоҳ низ одамони донишманд, ташкилотчӣ ва пуртаҷриба ниҳоят заруранд. Охир ҳамаи мо равем, кӣ ба мардуми ақибгоҳ роҳбарӣ мекунад? Кӣ фронту мардумро мехӯронад, мепӯшонад?..

Ҳамин тариқ, Каримов ӯро аз мақсадаш гардонд.

Рӯзҳо паси ҳам мегузаштанд. Кори совхоз оҳиста-оҳиста пеш мерафт. Вале хатҳои сиёҳи ба сокинони совхоз омада, баргаштани ҷанговарони бедасту пой ё маъюбу маслуқ дили Светозаровро реш-реш мекард. Хабари дар ҷанг ҳалок гардидани бародараш Константинро шунида, дарду ғамаш зиёд гашт. Дар давоми дар водии Вахш кор карданаш ҳамагӣ ду бор падару модаратшро ба Самарқанд рафта хабар гирифта буду халос. Бори охирин падару модар ва додарчааш Константинро, вақте ки Тамараро дафн мекарданд, дида буд. Аз ин рӯ, вақте ки хабари марги бародарашро шунид, аз роҳбарон чандрӯза ҷавоб гирифта ба аёдати падару модараш рафт.

Хонаи онҳо дуртар аз Регистон дар гузари Оҳангарон воқеъ буд. Ҳамроҳи мӯйсафеди падараш, ки қомати як вақтҳо устувораш хамидаю роҳгардияш сусттар шуда буд, дар кӯчаҳои шаҳри қадима гаштугузор карда гузаштаи начандон дуре, ки дар ин ҷойҳо сарулучу пойлуч бо бачаҳо бозӣ карда мегашт, пеши назараш ҷилвагар мешуд.

Падару модараш бо гузашти рӯзгор ва ғами Константини шаҳидгашта пиру фартут шуда монда буданд. Ба онҳо акнун духтаронашон Лизаю Валентина нигоҳубин мекарданд.

Егор дар хонаи падару модараш ду рӯз меҳмон шуду:

– Ман зуд-зуд хабар мегирам, – гӯён бо онҳо видоъ кард.

* * *

Охири соли 1944 Светозаровро ба КМ ВКП(б)-и ҷумҳурӣ даъват намуда, ба нею нестонаш нигоҳ накарда, ҷонишини Совнарком таъин карданд. Дар ин кор директори пештараи совхози Киров Эргашев, ки раиси Совнарком таъин шуда буд, ҳиссагузор буд.

Светозаров баъди ду рӯзи ба кор таъин шуданаш чанд нафар ёру дӯстонашро ба хонааш даъват карда, зиёфат дод.

Баъди зиёфат, вақте ки меҳмонон пароканда шуданд, ӯ барои гусели Икром Каримов, ки Светозаров дар қатори дигарон таклифаш карда буд, баромад.

Каримов каме ширакайф буду вақте ки ба мошинаш наздик шуданд, Светозаровро оғӯшкунон:

– Егор Иванович, росташро бигӯй ҳамин Соҳибов Қамар чӣ гуна одам?

Светозаров ҳайрон-ҳайрон ба ӯ нигариста:

– Соҳибов? – гӯён дубора пурсид.

– Ҳа, Соҳибов, ҳамоне ки ба қарибӣ аз кораш гирифта муовини раиси комиҷроияи ноҳия таъинаш карданд.

– Рости гап, Икром Каримович, ман боре ҳам дар бораи ин фикр накардаам, лекин чӣ гӯям? Ба фикрам, коммунисти содиқ, одами донишманду пухтакор. Барои ғояҳои коммунистиро пос доштанаш ҳатто аз падари «кулак»-аш низ рӯй гардонд, дигар чизе ҳам гуфтанамро намедонам. Ба фикрам, одами бад не. Бо ман хуб муносибат мекунад, – гӯён ҷавоб дод Егор.

– Ҳа, ту ё муғамбирӣ ё ки бисёр содда, Егор. Ту ин одамро таъриф мекунӣ, лекин барои чӣ бошад, ки агар илоҷашро ёбад, туро зинда ба зинда пӯст меканад.

– Аҷиб-ку, охир барои чӣ вай маро пӯст мекандааст? – Ҳайрон шуда пурсид Егор.

– Ана ба ту мегӯям, ки дар хусуси дар як қисми майдонҳои пахта ғалла киштанат ҳамин Қамар Соҳибов ба обком ариза навишта буд. Ману ту аз рӯи ӯ огоҳӣ ҳам гирифта будем. Дигарашро ман намедонам. Ба фикрам, аз ин одам одамгарӣ намебарояд, аз ӯ эҳтиёт шав, – гӯён Каримов ба мошинаш савор шуда «шаб ба хайр», – гӯён раҳсипор шуд.

Баъди рафтани меҳмонон Светозаров то дер хобаш набурда, дар бораи гуфтаҳои Каримов фикру мулоҳиза мекард.

Аз чӣ бошад, ки ӯ аз рӯзи ба вилоят омадану аввал бисёр хуш қабул кардани комиссари хоҷагии халқ Соҳибов, ба меҳмонхонаю хонаи бачаҳо чой кардани онҳою Эляҷон, баъди як ҳафта, баъд аз он ки ӯ дар МТС гузаронидани инвентаризатсияро талаб кард, онҳоро аз меҳмонхона пеш кардани роҳбарони меҳмонхона, барои Эляҷон талаб кардани вараҷи духтурӣ, баъдтар бошад, пинҳон кардани хати Совнарком дар бораи тақсими тракторҳо аз тарафи Шамсову ба хондан рафтанаш, чаппа кардани трактори совхоз аз тарафи падари Соҳибов, барои ғӯзапояро оташ заданаш ду шабонарӯз дар КПЗ хоб рафтанаш ба ёдаш омаду якбора

алов гирифт.

– Ҳе мани нодон, наход, то имрӯз чашматро то гуфтани Каримов накушодӣ. Охир ҳама чиз дар рӯи коғаз навиштагӣ барин айён-ку?! Наход то ҳол надонистӣ, ки Шамсов амакбачаи Соҳибову Ҳомиди агроном додараш, мӯйсафеди Соҳиб Назир падари Қамар Соҳибов мешаванд. Ҳамаи нобаробарию азобу укубати кашидагии ту аз рӯи ин одамҳост. Ва боз ба ёдаш омад, ки чи гуна Соҳиби Назир муқобили кишти замин ба воситаи тракторҳо буду Эргашев низ ба ӯ гуфта буд, ки бо сарагроном таъин кардани ту бо ман Қамар Соҳибов қариб мӯйканӣ карда буд, ки чаро додари ӯро сарагроном намонадааст. Вой бар ҳолат, каллакадуи содда! Охир ҳамин қадар бо одамон кор кунию як ҳисоби андакро дарк карда натавонӣ-а, – худро маломат мекард Светозаров.

– Ана гап дар куҷо будаасту мани нодон ба кӣ бадӣ карда бошам, ки ин қадар маро бад мебинад, гуфта гаштаам-а! Охир амакбачаашр танг кунӣ, ҷои додарашро гирӣ, падарашро шарманда карда, оқибат ҳабс кунӣ, боз кадом душманро мекобӣ?! – Суол медод ӯ худ ба худ.

– Афсӯс, ки дертар фаҳмидам, набошад обамро пуф карда мехӯрдаму ин қадар азоб намекашидам. Хайр ҳарчӣ ҳам бошад, Худо ба шукр «чоҳкан зери чоҳ» гуфтагӣ барин дар чоҳи кандаашон худашон афтиданд. Ҳақ, ки будам, Худо мададгорам шуд, – гӯён Светозаров худро ором мекард.

Акнун онҳо ба ман расида наметавонанд. Дар оянда аз ин хел одамҳо ҳушёр шуда кор кардан лозим меояд, – гуфту баъд болишти лағжидаи таги сарашро рост карда, дароз кашид, то дер хобаш набурд, хаёлҳо ҳар ҷо мебурдандаш. Қарибии саҳар хобаш бурда, нисфи рӯз аз ҷояш хест. Сари вазнин гаштаашро дошта ба берун баромад. Вера ӯро дида:

– Ҳамин шаби дароз дар хобат гап задӣ. Қарибии саҳар хобат бурд. Аз ин рӯ, туро аз хоб бедор накардам, – гуфт узрхоҳона.

– Бисёр кори хуб кардӣ, набошад аз хоб монда сардард мешудам. Тайёриатро бин. Баъди нисфи рӯз мошин меояд. Кӯчида ба Душанбе меравем, – гуфт.

Вера, ки инро медонист, аллакай бо ҳаққу ҳамсояҳо ҳама бисоташро ҷамъ карда буд. Танҳо ҷойхоби шавҳараш монда буд.

– Аз ман ташвиш накаш. Ҳама чизам тайёр, – гӯён та-

бассумкунон ба ҷамъ кардани ҷойхоби шавҳараш сар кард.

* * *

Дар Совнарком ӯро хуш қабул карданд. Вақти шиноскунӣ Эргашев дар бораи ӯ бисёр ҳам суханҳои нек гуфт. Ба ӯ ҳамчун мутахассис соҳаи назорат аз рӯи хоҷагиҳои пахтакории ҷумҳуриро супурданд.

Ҳар иқдоми неки ӯро Эргашев дастгирӣ намуда, ба ҷонишини нисбатан ҷавонаш маслиҳатҳо медод. Баъзе вақтҳо барои сахтгирии ниҳоят зиёдаш ӯро бародарвор танбеҳ дода:

– Егор Иванович, замона душвор. Ҷанг рафта истодааст. Барои ҳама вазнин. Қувваи корӣ намерасад, техника нест, кадрҳо ҳама дар ҷанг, ту бошӣ ба роҳбарон бисёр сахтгирӣ карда, чизҳои иҷронашавандаро талаб мекунӣ.

Егор бошад, кӯшиш мекард, ки камбудиҳояшро ислоҳ кунаду лекин талаб мекард,ки роҳбарони ноӯҳдабароро иваз кунанд. Эргашев бисёр вақтҳо гузашт мекарду гуфтаҳояшро иҷро.

Вале ин бисёр давом накард. Баъди як соли кораш, Эргашевро ба КМ ВКП(б)-и ҷумҳурӣ котиб таъин карданду ба ҷояш Абдуллоҷон Холматов ба кор омад.

Светозаров, ки ҳанӯз дар вилояти Қӯрғонтеппа ҳис карда буд, ки Холматов ӯро дӯст намедорад, ҷои кор мекофт. Баъди се-чор моҳи бо Холматов кор кардан рӯзе ӯро ба КМ ба коре даъват карданду дар роҳрави он бо Эргашев рӯ ба рӯ омад. Эргашев ӯро дида, ниҳоят хурсанд шуд.

– Егор Иванович, дӯстам охир ту дар куҷоҳо мегардӣ?! Занг мезанам, на дар ҷои кориву на дар хонаат. (Вера низ занг задани Эргашевро ба наздикӣ гуфта буд).

– Канӣ биё, ба кабинети ман дароем, – гӯён ӯро кашолакунон ба ҳуҷраи кориаш даровард. Сӯҳбаташон ниҳоят тӯлонӣ буд.

Баъди Егорро бо диққат шунидан:

– Ҳа, Егорҷон, Холматов аз афташ бо ту кор кардан намехоҳад. Вай чанд бор ба ман ҳам дар ин бора гап зада буду ман ӯро ҷанҷол карда ба ҷояш шинонда будам. Акнун вай роҳи дигарро пеш гирифта мехоҳад, ки ту худат ариза навишта равию «худаш рафт, ман айбе надорам», гуфта худро сафед кунад.

– Агар ту розӣ бошӣ, мо ӯро даъват карда дар ҳузури ту

дар ҷояш шинонем.

Вале Светозаров ба ин розӣ нашуда.

– Ӯктам Эргашевич, агар розигии маро хоҳед, маро ба ягон хоҷагии қафомондатарин роҳӣ кунед, ки он ҷоро обод кунам. Ҳоло ман ҷавон, ин хел корҳои пурдабдаба ба ман намезебад. Илтимос, ёрӣ диҳед, – гӯён илтиҷо кард.

Эргашев ба фикр фурӯ рафта баъди чанде хаёлот ба Светозаров рӯ овард.

– Майлаш, гуфтаи ту шавад. Мо дар назди Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии хокшиносӣ совхози таҷрибавӣ ташкил карданием, то ки корҳои илмии олимонамонро дар амал тадбиқ кунем. Каме сабр кун, туро дар он ҷо директор таъин мекунем. Вай ба шаҳр наздик, вале корро аз нӯл сар каданд лозим меояд. Наметарсӣ? – гӯён шӯхиомез ба Светозаров назар кард.

Светозаров шӯхии котби КМ-ро ҷиддӣ фаҳмида:

– Ӯктам Эргашевич, наход ки маро то ҳол надонед? Охир худи ман ҳам ҳамин хел корро мекофтам, ки аз ҳеҷ чиз чизе бисозам. Раҳмат ба Шумо! – гӯён аз ҷояш хест.

Баъди як моҳи ин сӯҳбат Светозаров директори пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии хокшиносӣ таъин гардид.

Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии хокшиносии Тоҷикистон тахминан 10-12 км аз шаҳри Сталинобод, дар наздикиҳои ноҳияи Ҳисор ҷойгир буд. Бинои Пажӯҳишгоҳ аз ду-се вагон ва бинои 4-5 ҳуҷрагии аз хишти хом сохташуда иборат буд. Дуртар аз бино ду гармхонаи на чандон калон ва лабараторияи мавҷсанҷӣ дошт, ки олимон дар он ҷо таҷриба гузаронида дар ҳар намуди хок чӣ тавр рӯидани растаниҳо, таъсири нуриҳои минералӣ ба растаниҳо ва ғайраҳоро месанҷиданд. То ташкилшавии совхози таҷрибавӣ барои олимон чанд қитъа замин ҷудо карда шуда буд, ки дар он навъҳои гуногуни ғалладона ва пахта мекоштанд.

Дар ин ҷо кори Светозаров аз мӯи сараш ҳам зиёд буд. Вай барои кори совхозро ташкил кардан мутахассисони соҳибтаҷрибаро ҷамъ мекард.

Барои ташвиқи мутахассисон ба водии Вахш низ сафар карда, аз он ҷо чанд мутахассиси хоҷагии қишлоқро, ки пеш онҳоро медонисту ба кордониашон боварӣ дошт, ба совхозаш овард. Дар мобайни онҳо Анвар ва ду механиза-

тори совхози Кирови ноҳияи Қӯрғонтеппа низ буд. Вай ба посеёкаи Киров омадан замон модархондаш Сайрам-холаро хабаргирӣ даромад. Сайрам-хола, ки дар оташдон алов мекард, овози ӯро шунида:

– Ваҳ! Егорҷон, тӯӣ? Биё, модар садқат. Хуш омадӣ! – гӯён дастонашро бо пешгиракаш тоза карду тозон омада модарвор Светозаровро ба оғӯш гирифта бӯсид.

Анвару Юлия, ки барои хӯрокхӯрӣ ба хонаашон омада буданд, Светозаровро дида бисёр шод шуданд.

Аз ину он гуфтугӯ карда, ниҳоят ба корҳои совхоз гузаштанд. Маълум шуд, ки як сол боз директори совхоз Қамар Соҳибов будааст, парвои кори совхоз надоштааст. Ҳама корҳо ба ҳоли худ гузошта шуда будааст. Аз ин холабеғамии ӯ мутахассисон низ «худамон шоҳу табъамон вазир» гӯён мегаштанд. Вақте ки Светозаров барои чӣ омаданашро гуфт, Анвару Юлия бо самимият таклифи ӯ, яъне ба совхози навташкил кӯчиданро қабул карданд.

Анвар боз номи чанд коргарро гирифт, ки кор кофта гашта будаанд. Ҳамин тариқ, бо таклифи Светозаров Анвару ду рафиқи тракторчияш, иқтисодчӣ ва агрономи нави совхоз бо чанд коргари дигари совхоз дере нагузашта ба совхози таҷрибавӣ ба кор омаданд.

Светозаров аз ҳисоби одамони қабулшуда бригадаҳо ташкил карда, ба онҳо қитъаҳои замини ба совхоз аз ҳисоби дигар хоҷагиҳо ҷудо кардагиро тақсим карда дод.

Дар ҳудуди совхоз се деҳача буд, ки одамони он ҷойҳо ба се бригада тақсим шуда, дар саҳро кор мекарданд.

Бо омадани Анвару рафиқонаш кор авҷ гирифт. Анвар гарчанде муҳандиси совхоз таъин шуда бошад ҳам, дар паси рули трактор нишаста баробари дигарон ба киштукор машғул буд. Фасли тобистон буду вақти кишти пахтаю ғалладона гузашта буд. Аз ин рӯ, Светозаров ба аъзои совхозаш супориш дод, ки ба обчакорию сабзавоткорӣ машғул шаванд. Як бригадаи махсуси механиконидашударо ӯ ба ихтиёри олимон гузошт, ки кори онҳо низ осон шуд.

Ба кори Светозаров Эргашев, ки рӯзе омада ба вазъи ташкилии кораш шинос шуда аз нақшаҳои калони ӯ ва рафти корҳои саҳроӣ огаҳӣ ёфт, ниҳоят хурсанд шуд.

Дар нақшаҳои Светозаров сохтмони бинои пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотӣ, идораи совхоз, мактаби

калони миёна, бемористон, таваллудхона, боғчаи бачаҳо, чандин хонаи истиқоматӣ барои коркунони совхоз, қасри маданият, кинотеатри тобистона ва дигар биноҳои маданию равшаннамоӣ ҷой доштанд.

Олимон бошанд, аз дастгирии ҳамаҷонибаи Светозаров илҳом гирифта, ба ихтирои навъҳои нави пахтаю ғалладона ва дигар зироатҳо сар карданд. Дере нагузашта, совхоз ба як базаи истеҳсоли навъҳои аълои пахтаю ғалладона табдил ёфт.

* * *

Охири тобистони соли 1946 дар оилаи Светозаровҳо воқеаи хурсандибахш рух дод. Онҳо духтарчадор шуданд, ки номашро Лилия гузоштанд.

Светозаров ба кор дода шуда, ҳатто чи гуна калонаку боғчарав шудани духтарчаашро ҳам ҳис накард.

Борҳо ӯ барои фарзандон кам аҳамият доданаш аз завҷааш танқид мешунид. Вай бошад: «Вераҷон, ҷонакам. Ту худат зани оқилаю бофаҳмӣ. Илоҷашро ёб, маро азоб надеҳ. Вақташ меояд, ки ман ҳам ба тарбияи онҳо мекӯшам», мегуфту гапро ба шӯхӣ мегардонд.

Хайрият, ки ба Вера хоҳари муҷаррадаш Анна Александровна, ки дар хонаи онҳо мезист ва муҳандис шуда дар совхози онҳо кор мекард, ба тарбияи кӯдакон ва кору бори хона ёрӣ медод.

Воқеае шуду чанд вақт Егор Светозаровро каме аз корҳои ҳаррӯзааш дур кард, нохост Эляҷон таби баланд бароварду вараҷа ӯро азоб медод. Баданаш аз таби баланд месӯхту ҳазён мегуфт. Ӯро ба бемористони Сталинобод бурданд. Вера Александровна рӯзу шабҳои дарозро дар назди болини Эляҷон мегузаронд.

Як нисфирӯзӣ Светозаров барои аёдати духтарчааш омада Верaро дар рӯи болини Эляҷон бо чашми гирён дид, ки лабонаш ҷунбида чизе мегуфт. Ӯ наздиктар омада танҳо калимаҳои «Худоё, духтарчаамро нигоҳ дор», – гуфтанашро шунида, ҳанӯз Эляҷонро надида:

– Вераҷон, чӣ гап шуд? – гуфта садо баланд кард:

– Воҳ! – гӯён аз ҷояш як қад парид Вера, ҳатто ба даруни куртааш чанд бор туф-туф кард. Баъд ашки чашмонашро пок карда:

– Маро тарсондӣ. Одам ҳамин хел мешавад? Охир як

месулфидӣ, намешуд? – шавҳарашро танбеҳ дода боз ба гапаш давом дод.

– Таби Элячон паст намешавад. Дору ҳеҷ таъсир накарда истодааст, – гуфту гиря гулӯгираш кард.

Егор сари занашро ба сандуқи синааш зер карда:

– Ором шав, охир ту табиб-ку, ягон илоҷаш будагист, – гуфта буд, ки Элячон дар ин вақт чашмони варамидаашро каме кушода: – Очаҷон, об, – гӯён хитоб кард.

– Ҳозир, духтарҷонам, – гӯён об овард. Элячон обро нӯшиду «раҳмат очаҷон, дадам канӣ» – гӯён пурсида буд, ки:

– Ман ҳамин ҷо духтаракам.

Элячон овози падарашро шунида чашм во кард.

– Дадаҷон, ин туӣ? – табассуме кард ӯ. – Ман хунук хӯрдам. Маро пӯшонед, – гӯён боз аз таби баланд аз ҳуш рафт.

Баъди ду-се рӯз аҳволи Элячон беҳтар шуду табаш пасттар фаромад. Вера осуда шуда дар назди Элячон хоҳараш Аннаро гузошта, ба хона омад.

Вақте Егор бегоҳӣ аз назди духтараш баргашт, дар хонаи дарун Вераро дар назди расми модархудо, ки ҳазрати Исо бо модараш бибӣ Марям акс ёфтааст, дида ҳайрон монд. Вай, ки коммунист будани Вераро медонисту ҳеҷ вақт ӯро дар ин ҳолат надида буд, тааҷҷубкунон аз дилаш гузаронд: «Ин атеисти матинирода дар назди икона чӣ кор мекарда бошад?»

Егор ба занаш, ки пичир-пичиркунон чизе мегуфту дасташро ба пешонаю китфонаш бурда, салиб мекашид, наздик шуда чунин суханҳоро шунид, ки Вера бо овози гиряолуд боилтиҷо мегуфт:

– Худоё худовандо! Раҳми ману духтарчаамро бихӯр. Ӯро наҷот деҳ. Набошад ман ба падари ӯ чӣ мегӯям?

Вақте ки Вера садои помониро шунид, ба қафо нигарист.

Егор чеҳраи пурашку ғамолуди ӯро дида, дилаш аз чӣ бошад, ки аз ғусса пур шуда гулӯяшро чизе буғӣ кард.

Вера Егорро дида, саросема шуду аз ҷояш хест.

– Маро бубахш, Егор. Дигар наметавонам. Тоқат надорам. – гуфта буд, ки Егор ӯро ба оғӯш кашид.

– Нодонакам, меҳрубонакам! Осуда бош, – гӯён оби чашмони завҷаашро бо дастонаш пок кард. Баъди ба берун баромадани завҷааш Егор либосҳояшро кашида истода:

«Ман ҳеҷ фикр намекардам, ки фарзанди мардумро ҳам чунин дӯст дорӣ. Охир дар бораи модарандар чи қадар афсонаю китобҳо навиштаанд. Худам ҳам муносибати бисёр модарандарҳоро бо фарзандони ӯгай дидаам. Ҳа. Вераи ман дигар аст, вай дили бузург дорад. Вай фаришта аст» мегуфт ӯ худ ба худ.

Баъди шифоёбии Эляҷон аҳволи Вера Александровна низ бад шудан гирифт. Аз афташ аз ғаму андӯҳ ва шабҳои бехобие, ки дар сари болини Эляҷон кашида буд, асабҳояш хароб шуда дар синааш чизе баромад. Ба дарди он эътибор надода чанд вақт гашт, вале шабе табаш ниҳоят баланд шуда синааш варам кард. Ӯро ба духтурхона бурданд. Баъди муоинаи зиёде аниқ карданд, ки вай бо нурҳои рентгенӣ заҳролуд шуда, ба бемории саратон гирифтор шудааст. Вера тамоман худро бой дод.

Светозаров бошад, аз тарси он ки занашро аз даст медиҳад, саросема шуд. Бовар накарда, Вераро то Маскав бурд.

Дар он ҷо низ қариб як моҳ Вера дар бемористон аз тадқиқоти духтурони номдор гузашт. Духтурони Москва низ пурра бемории ӯро тасдиқ карданд, ба ӯ гуфтанд, ки ҳарчӣ зудтар синаашро буридан даркор, то ки маразы саратон паҳн нашавад. Дигар илоҷе набуд. Вера ба ин ҷарроҳӣ розӣ шуд.

Баъди ҷарроҳӣ Вера шифо ёфта, ба хонааш баргашт ва ба кори дӯстдоштааш шурӯъ намуд. Ҳамин тариқ, сарсонию саргардониҳои оилаи Светозаровҳо ба хубӣ анҷом ёфт. Охир бузургон беҳуда нагуфтаанд, ки:

*Аз навмедӣ басе умед аст,*
*Поёни шаби сияҳ сафед аст.*

Пешравиҳои кори совхози таҷрибавиро дида, боз ба он заминҳои нав ҷудо карданд. Коргарони совхоз, ки аз рӯзи аввал бо ғамхории зиёди роҳбарони он фаро гирифта шуда буданду қариб ба чизе эҳтиёҷ надоштанд, чун як тан ба кор баромада аз дилу ҷон меҳнат мекарданд.

Соли 1950-ум совхоз ҳосили рекордии пахта ба даст овард.

Аз ҳар гектар пахтазор 39 – сентнерӣ пахта супурданд, ки ин дар ҷумҳурӣ комёбии беҳтарин ба шумор мерафт.

Баъзе бригадаҳои алоҳида ҳосилнокии пахтаро ба 40-42 сентнерӣ расонида буданд.

Аввали соли 1951 панҷ нафар кормандони совхоз бо унвони Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ сарфароз шуданд, ки дар қатори онҳо Светозаров низ буд.

Дар маҷлиси тантанавии дар совхоз барпо шуда бисёр роҳбарони ҳизбу ҳукумат иштирок доштанд.

Дар маҷлис Светозаров баромад карда хоксорона гуфт:

– Дӯстони азиз! Сазовори мукофоти олии Ватан гаштани ману чанд рафиқони дигар ин шарафи бузургест, онро мо аз шарофати меҳнати содиқатмандонаи марди деҳқон, ки дар саҳроҳои меҳнат араќи ҷабин резонда гармою сарморо паси сар кардааст, ноил гаштем.

Танҳо меҳнати софдилонаю пурмашаққати шумо, аҳли меҳнат буд, ки моро ба ин пояҳо расонд. Ман ба ҳамаи шумо, коргарони оддии совхоз, ки сабаби обрӯй ва шарафи мою мардуми совхоз гаштаед, сари таъзим фуруд меорам ва дастони пуробилаи шуморо мебӯсам. Раҳмати бепоён ба сабру тоқат ва иродаи матини шумо!

Базму хурсандӣ то нисфҳои шаб давом кард, мардум аз муваффақияту обрӯи бо шарафи меҳнати ҳалол ба даст овардааш меболиду шодию хурсандӣ мекард. Ҳаёт ба маҷрои худ равон буду барои Светозарову оилааш ва аҳли совхози роҳбарӣ мекардааш боз ҷонбозиҳои наву ғурбату шодиҳои нав тайёр мекард.

*Поёни қисми аввал.*

## *Қисми дуюм*

# ҚОТИЛИ ЗАРХАРИД

Иттиҳодияи аграрӣ-истеҳсолие, ки Светозаров Егор Иванович директораш буд, дар заминаи се совхози ақибмонда ташкил ёфта буд. Совхозҳо серсоҳа буданд. Аз сабаби сари вақт ҷамъоварӣ накардан ва нарасидани нақлиёт, алалхусус пайдо нашудани харидор қисми зиёди меваю сабзавот нобуд мешуд. Соҳаи чорводорӣ низ бо сабабҳои зиёд қафо монда буд.

Светозаров аз рӯзи аввали ба иттиҳодия омаданаш инро ҳис карда, аз пайиислоҳи камбудиҳои мавҷуда камар баст. Зимистони ҳамон сол парки тракторию автомобилӣ васеъ ва таъмир карда шуд. Аз ҳисоби қарзи давлатии ба иттиҳодия дода, Светозаров чандин комбайни алафдарав ва мошин харид. Тамоми зимистон техникаи таъмирталабро ба воситаи қисмҳои эҳтиётии аз идораи селхозтехникаи Астрахан дастрас шуда пурра таъмин карданд. Бо ташаббуси Светозаров дар парки мошинӣ-тракторӣ сехи калони челонгарӣ ва дуредгарӣ ба кор сар кард. Ин меҳнати механизаторонро хеле сабук гардонд.

Бригадаи навтаъсиси бинокорӣ бошад, ба ҳавои хунуки зимистон нигоҳ накарда, ба таъмири фермаҳо ва бомҳои таъмирталаб пардохтанд. Светозаров дари идораҳои марбутаро охурча карда, фермаҳоро бо кунҷораю дигар консентратҳои лозимӣ, кам ҳам бошад, таъмин кард. Дар натиҷа истеҳсоли шир аллакай назаррас шуда, чорво солиму бардам аз зимистон баромад. Аввали баҳор сохтмони бинои фермаҳои замонавӣ шурӯъ гардид.

Худи ҳамон баҳор Светозаров бо дӯстони тоҷикаш маслиҳат карда, ба иттиҳодияаш тухми тарбузу харбуза, пиёзу сабзӣ ва дигар зироатҳоро аз Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии хокшиносии (заминшиносӣ) Тоҷикистон, ки олимони он нисбати ӯ эҳтиром доштанд, оварда кишт намуд. Бо мақсади нобуд нашудани меваю сабзавот бо маслиҳати мутахассисони заводи консервабарорӣ ба сохтмони сехи консервабарорӣ шурӯъ карданд.

Иттиҳодия дар тирамоҳи соли 1959 аллакай тамоми нақшаҳои истеҳсоли гӯшту шир, меваю сабзавотро пеш аз

мӯҳлат таъмин карда дар вилояти Астрахан ном баровард. Ҳама роҳбарони шаҳру вилояти Астрахан дар як муддати кӯтоҳ ба чунин муваффақиятҳо ноилшавии иттиҳодияро дида, нисбати Светозаров эҳтироми зиёд зоҳир мекарданд.

Акнун ба ӯ на ҳамчун роҳбари «хира», балки ба як шахси ташаббускору кордон муносибат мекардагӣ шуданд.

Иттиҳодия бо қадамҳои калон пеш мерафт, истеҳсоли ҳамаи намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ зиёд шуда, ҳосилнокӣ чанд баробар афзуд, музди кори коргарон низ аз пештара якуним баробар афзуд.

Кормандони иттиҳодия низ ба истеъдоду кордонии роҳбарашон боварии калон зоҳир мекарданд. Меҳнатҳои ӯ аз тарафи давлат қадр карда шуд. Худи ҳамон сол ӯро ба Депутати Совети Олии РСФСР интихоб намуданд. Барои нишондиҳандаҳои меҳнатӣ ба ордени «Байрақи сурхи меҳнат» сарфароз гардид.

Вале аз чӣ бошад, ки дили ӯ хурсанд набуд. Ҷудоӣ аз хонаю дар, зану фарзандон ва ёру диёр азобаш медод. Агарчанде, ки дар ин муддати кӯтоҳ ёру дӯстони нави бисёре пайдо карда буд, дилаш ба Тоҷикистон, ки нисфи зиёди умри пурбаракаташ он ҷо гузашта буд, кашол буд.

Дар муддати дар Астрахан буданаш ҳамагӣ ду бор ба Тоҷикистон ба аёдати зану фарзандонаш омада буд. Хусусан баъди аз кори саҳрою идора озод шуда ба хонаи бекасу танҳояш, ки ба ӯ иттиҳодия ҷудо карда буд, медаромад, ғусса гулӯгираш мекард. Зану фарзанд, ёру дӯстонашро ба ёд оварда дилгир мешуд. Бадии кор дар он буд, ки бемории завҷааш Вера Александровна боз хуруҷ карда буд. Ба ӯ тавсия доданд, ки барои табобат аз Тоҷикистон ба дигар ҷой равад. Бемории саратон ӯро азоб медод.

Охири тирамоҳ Егор Иванович хастаю абгор аз кор баргашта, дар қуттии почта телеграммаи таъҷилиро дида, ҳангаш канд. Онро аз қуттӣ баровардa ҳанӯз нахонда ба дарвоза беҳолона такя карду «Худоё ба хубӣ расон», гӯён телеграммаро аз назар гузаронд. Дар он навишта шуда буд:

«Егор, зуд расида биё. Аҳволам ниҳоят бад аст. Вера».

Чашмони Егор сиёҳӣ зад. Ба обу арақ ғарқ шуда, дар пойгаҳи дарвозаи ҳавлиаш нишаст. Фикрҳои мағшуш ба сараш омада, ӯро азоб медоданд. Наход, ки Вера ҳам ӯро

партофта мерафта бошад?!

– «Худоё, ба ману фарзандонам раҳм кун! Азоби ҷудоию таҳқирҳои ноҳақи ба сарам омада кам буд, ки боз оилаамро вайрон мекунӣ!» – гӯён гиря гулӯгираш карду аз чашмонаш худ ба худ ашк ҷорӣ шуд.

Базӯр аз ҷояш хеста, калавида-калавида, ба хонааш даромад ва то дербоз дар курсӣ нишаста, ба фикру хаёл ғӯтта зад. Дар пеши чашмонаш вохӯрии охиринаш ба хонаводааш, чеҳраи лоғару рангпаридаи завҷааш, ки то бемориаш як зани зебою хандон буд, ҷилвагар шуд. Суханҳои охирини дар вақти гуселаш гуфтаи ӯ ба хотираш омад. «Егорҷон, дуру дароз нарав. Имкон ёфта, тез-тез хабар гир. Аз афташ ин дард маро мекушад» – гуфта оби чашм карда буд.

Чеҳраҳои ошуфтаю гиряолуди фарзандонаш Лилияю Борис якояк аз пеши чашмонаш мегузаштанд. Сипас ҷои онҳоро чеҳраҳои фарбеҳу ялаққосии Шамсову Соҳибов, Холматову дигар одамоне, ки на худашон ба давлату партия ҳалол кор мекарданду на дигаронро кор кардан мемонданд ва балки сабаби сарсонию саргардонии ӯ гашта буданд, гирифтанд.

Шаб аз нисф гузашта буд. Занги дуру дарози соати девор ӯро ба худ овард. Вай телеграммаи ҳанӯз ҳам дар рӯи зонуҳояш бударо гирифта, боз як бор аз назар гузарониду ба соати деворӣ нигариста саросема шуд. Зуд гӯшаки телефонро бардошта чанд рақамро гирифту баъди чанде:

«Андрей, маро бубахш, ука, ки дар ин бевақтӣ туро аз хобат бедор кардам. Пагоҳ соати панҷ ба назди ман биё. Ба шаҳр рафтан зарур, – гӯён гӯшаки телефонро ба ҷояш гузошт.

Аз таги кати хобаш ҷомадони сафариашро бароварда, дар он аз ҷевон чанд сарулибосашро гирифта ҷо кард. Баъд ҳуҷҷатҳояшро аз назар гузарониду либосҳояшро кашида ба ҷойхобаш даромад. То дер боз хобаш набурд. Хаёлаш ба зани бемор ва фарзандонаш мерафту «бе Вера чӣ кор мекунам, ҳоли бачаҳо чӣ мешавад» – гӯён ба худ савол медод. Субҳи барвақт тақ-тақи дари хона ӯро аз хоб бедор кард. Вай бошитоб либосҳояшро пӯшиду дарро кушод. Дар таги дар ронандаи мошинаи хизматиаш Андрей меистод.

– Ҳа, Андрейҷон омадӣ. Биё, даро, ман ҳозир тайёр мешавам, – гӯён ба ташноб даромада, дар оби хунук

оббозӣ кард, зуд либосҳои тозаашро пӯшида ба назди Андрей омад. Ҷомадону телеграммаро гирифта, «рафтем», – гӯён ба Андрей рӯ овард.

Вай аз фурудгоҳи шаҳри Астрахан ба роҳбаронаш занг заду сабаби ба Сталинобод парвозкуниашро гуфт. Дере нагузашта, бо тайёра ба Тошканд ва аз он ҷо ба Сталинобод парида омад. Вера дар бемористон буд.

Егор Иванович духтарчааш Лилияро бӯсида, дар куҷо будани модарашро пурсид.

Лилия: – Очам бемор. Дар беморхона. Борису холаам Аня ҳам он ҷо рафтанд, – гӯён гириста фиристод.

Егор Иванович ҷомадонашро дар хона гузошта, ҳамроҳи духтарчаи 13 – солааш Лилия ба бемористон рафт.

Вера дар бинои 10-уми беморхонаи навбунёди Қарияи Боло хоб буд.

Егор Иванович ба ҳуҷраи хоби ӯ даромада, аввал Борису хоҳари Вера Александровна – Аннаро дид.

Анна Лилияву Светозаровро дида: – Ераҷон, ана Егор ҳам омад, – гӯён гирён шуд. Бориси аллакай қадаш ба падараш баробар шуда, ришу мӯйлаб бароварда низ бо рӯймолча оби чашмонашро ба як сӯ гашта тоза мекард. Егор ба болини Вераи харобу лоғаргаштаи рангаш дока барин сафед ва лабҳояш парсинбаста наздик шуд. Вай хам шуда завҷаашро бӯсида буд, ки ашки чашмашро нигоҳ дошта натавонист, ашкаш шорида ба рӯи завҷааш афтод. Вера бо овози ларзон:

– Егор, Егорҷон омадӣ? Хуб кардӣ, ки тез омадӣ, набошад дидорҳо ба қиёмат мемонд, – гӯён гиря кард. Аннаи рамузфаҳм фаҳмид, ки Вера ба шавҳараш васият карданист, бачаҳоро бо ишора аз ҳуҷра бароварда худаш низ баромада дарро пӯшид. Дар ҳуҷра Вера танҳо хоб буд.

Баъди чанде Вера худро ба даст гирифту оби дидагонашро пок кард. Ба шавҳараш нигариста ранги рӯи Егори коҳида, хеле хароб шударо дида:

– Ҳа, медонам, ки ту ҳам азоб мекашӣ. Ғам мехӯрӣ. Лаънат ба онҳое, ки моро зиндаҷудо карданд, – гӯён оҳи вазнине кашида, нафаскашиаш вазнинтар шуд.

Егор Иванович болини ӯро каме баландтар бардошта, мӯи мошу биринҷи паҳну парешонашро ба тартиб дароварда, ба силакунӣ даромад. Вера боз каме худро беҳтар

ҳис кард.

– Верачон, тоқат кун, ман духтурҳои беҳтаринро даъват мекунам, то ту шифо наёбӣ, дигар ба ҷое намеравам,-гӯён занашро тасаллӣ доданӣ буд, ки Вера бо овози кандакандаи ларзон:

– Егорҷон, ташвиш накаш. Ба ман дигар духтурҳо ҳеҷ кор карда наметавонанд, умри ман ба охир расидааст. Дигар табиб лозим нест. Беҳтараш ба гапам гӯш деҳ. Баъди сари ман Лилияҷонро ҳамроҳат бар. Борисҷон калон шудааст. Роҳи худро меёбад. Дар дорулфунун хонда истодаасту ман аз ӯ бепарвоям. Лекин Лилияро эҳтиёт кун. Ӯро беназорат намон. Дар синну соли вай аз нодонӣ бисёр воқеаҳо шуданаш мумкин аст. Худо накарда, ягон гап шавад, ӯ бадному ту беобрӯй мешавӣ. Лилия духтараки боақлак аст, вале беназоратӣ ва муҳити ӯро фаро гирифта зуд ба ӯ таъсири манфӣ расониданаш мумкин. Агар дар назди ту гуноҳе карда бошам, маро бубахш, – гуфту овозаш канда ва чашмонаш беҷо шуданд. Вай боз ким – чизе мегуфт, вале гапашро фаҳмида намешуд.

Егор Иванович, ки зани аввалааш Тамара низ дар рӯи дастонаш ҷон дода буд, фаҳмид, ки Вера ҷон дода истодааст.

– Верачон. Верачон! Сабр кун! Маро напарто, Вера! Духтур! – гӯён фиғон бардошт. Овози ӯро шунида Аннаю Борис ва Лилия бо ҳамшираи тиббӣ бошитоб ба ҳуҷра даромаданд, вале Вера дигар нафас намекашид. Овози фиғони Светозарову аҳли оилааш ҳуҷраро ба сар бардошта буд.

Ҳамин тавр, марги беамон Вераи мушфиқу меҳрубонро рабуду бачаҳояшро бе парастор монд.

Дар рӯзи дафни ӯ Элла бо шавҳараш Геннадий, Светлана, ки ба Виктор ба шавҳар баромада, дар Краснодар зиндагӣ мекард бо шавҳараш, ёру дӯстон, хешу таборҳои дигар, ҳамкорон ва дигар наздикони Светозаровҳо омада буданд. Баъди гӯручӯб Светозаров Лилияро гирифта ба Астрахан рафт. Борис бошад, барои идомаи таҳсил ҳамроҳи холааш Анна дар Сталинобод монд.

Борис Светозаров ҷавони хушқаду қомат ва дидадарое буд. Мӯи ҷингилаи малларангу чашмони сиёҳаш ба падараш шабоҳат дошт. Рӯи қоқина, бинии теғадору лабони тунуку манаҳи чуқурчадораш бошад, ба модараш рафта

буд. Вай ҷавони чусту чолок, вале ниҳоят ҷиддӣ буд. Ин хислаташ ӯро аз рафиқонаш фарқ мекунонд. Вай пас аз хатми мактаби миёна соли 1958 ба факултети ҳуқуқшиносии Дорулфунуни Давлатии Тоҷикистон дохил шуда, таҳсилашро бо муваффақият давом медод.

Албатта, аз дунё гузаштани модар, дурии падару хоҳарчааш ба ӯ таъсири калоне расонид, ӯ боз ҳам ҷиддитару камгаптар шуд, ба хондан ниҳоят диққати ҷиддӣ медод.

Борис аз хурдсолӣ нобаробарӣ, ноодамгарӣ ва бо тӯҳмату бӯҳтон аз сари роҳашон дур кардани бисёри мансабдоронро дидаю шунида, нисбати онҳо нафрат пайдо карда буд. Ӯ мехост, ки ҳуқуқшинос шуда, ба муқобили ин гуна одамон, хусусан ғоратгарони молу мулки шахсию давлатӣ, сӯиқасд ба ҷони одамон, таҷовузкорону дигар шахсони нопок мубориза барад.

Аз тарафи дигар бошад, ӯ бо чашмони худ медиду бо гӯшҳояш мешунид, ки чӣ тавр падараш ва тимсоли ӯ барин шахсони поквиҷдон, ки масъулияти кориашонро хуб медонанду беҳбудии кори давлатиашонро аз кори шахсиашон боло медонанд, таъқибу таҳқир карда мешаванд. Шахсони нопоку пораҳӯр, мансабпарасту маҳалачӣ бошанд, соҳиби мансабҳои баланду курсиҳои мулоим, хонаҳои пурдабдабаю автомошинҳои сабукрав мегарданд. Ин ба таъби Бориси ҷавон намефорид. Ӯ мехост, ки баъди хатми мактаби олӣ ба прокуратура ба кор раваду муқобили чунин мардуми нопок мубориза барад. Аз ин рӯ, ба хондан бисёр диққати ҷиддӣ медод. Байти

*«Гирди номи падар чӣ мегардӣ,*
*Падари хеш шав, агар мардӣ!»*

шиораш буд.

Соли 1960-ум, вақте ки ӯ дар курси сеюм мехонд, дар ҷумҳурӣ овозаи изофанависии пахта, озод кардану ба ҳабс гирифтани бисёр кормандону котибони шаҳрию ноҳиявии ҳизб, роҳбарони бисёр хоҷагиҳо, мардуми ҷумҳуриро ба ташвиш оварда буд. Дар ҳамаи ҷамъомадҳою радиою телевизион ва матбуоти даврӣ дар ин бора менавиштанду мегуфтанду баҳс мекарданд.

Ба ҷумҳурӣ барои тафтиши ин корҳо аз тамоми гӯшаю канори мамлакат муфаттишон ҷамъ карда шуда буданд.

Вале ҳанӯз ҳам қувваашон барои тафтиши корҳои «пахта» намерасид. Аз ин рӯ, роҳбарони прокуратураи ҷумҳурӣ ба хулосае омаданд, ки донишҷӯёни курсҳои сеюму панҷуми факултети ҳуқуқшиносиро, ки дониши хуб доранду аз ӯҳдаи кор мебароянд, ба кори тафтишот ҷалб намоянд. Дар қатори як қисми болаёқати донишҷӯёне, ки дар прокуратура ҷамъ оварда буданд, Борис низ буд.

Донишҷӯёнро ёрдамчии муфаттиши прокуратура таъин намуда, саравввал онҳоро ба муфаттишони кордону ботаҷриба пайвастанд. Борис бо пухтакорию тезфаҳмӣ ва ба корҳо дуруст баҳо доданаш зуд ба роҳбарони пухтаю кордонаш маъқул шуд, оҳиста-оҳиста ба ӯ корҳои ҷиддитарро месупориданд. Баъди шаш моҳ ӯро ба кори мустақилона гузаронида, муфаттишаш таъин карда, яке аз корҳои вазнини талаю тороҷ кардани молу мулки давлатӣ ба миқдори ниҳоят калонро супориданд. Ин кори ҷиноятӣ нисбати роҳбарони колхози ба номи Жданови ноҳияи Сталинобод буд, ки онҳо бо роҳи изофанависии пахта аз заводи пахтатозакунии Айнӣ қариб 300 ҳазор сӯми давлатро аз худ карда буданд.

Борис тайи чанд рӯз бо маводҳои кори ҷиноятӣ, ки қариб 10 ҷилдро ташкил мекард, шинос шуда, нақшаи корияшро тартиб дода, ба роҳбари гурӯҳашон Давронбеков нишон дод. Давронбеков ба нақшаи кашидаи Борис бо диққат шинос шуда, баъзе чизҳо илова намуду маслиҳатҳо дода онро тасдиқ кард ва ба Борис барори кор талабид.

Аҷоиботи кор дар он буд, ки дар се-чор моҳи корбарии муфаттиши аввала, ки Валентин Жуков ном дошту бисёр марди тезу тунду ҳавобаланде буд, раиси колхози Жданов Ҷаъфар Сафаров ва дигар коргарони колхоз, ки аз тарафи Жуков ба ҳабс гирифта шуда буданд, ба далелҳои мавҷуда нигоҳ накарда ба гуноҳашон иқрор нашуда буданд. Ин Борисро ба ҳайрат овард, ӯ хост, ки саравввал бо раиси колхоз ҳамсӯҳбат шавад. Ӯ ду рӯз барои пурсиши раис тайёрӣ дида, баъд ӯро аз ҳабсхона даъват кард.

Ҷаъфар Сафаров марди солхӯрдаи 50-55 сола буда, ба чор моҳи дар ҳабсхона нишастанаш нигаҳ накарда, ҳоло ҳам тануманд, шикамкалон ва бепарво буд. Вақте ки ӯро ба утоқи кории Борис Светозаров даровარданд, ӯ ба ҷавони қоматбаланди назарногири дар паси мизи корӣ нишаста нигариста, каме тааҷҷуб карда пурсид:

– Чӣ, акнун Шумо ба ҷои Жуков кори маро мебаред?

– Ҳа, ман! Чӣ маъқул не? – пурсид Борис.

– Маъқул бошад, набошад, аз афташ аз ман намепурсанд. Барои ман ҳам ин фарқ надорад, вале … – забон хоида монд раис.

– Чӣ вале? – хомӯш мондани Сафаровро дида кунҷкобӣ кард Борис.

--Ҳам-ту, аз даҳонам баромад, – гуфт Сафарову баъди каме фикр кардан хост, ки фикрашро рӯирост бигӯяд.

– Ҳа, гуфтанӣ будам, ки барои бурдани чунин корҳо оё Шумо ҷавон нестед?

Борис дар ҷавоб чизе нагуфту ба магнитофони дар наздаш буда худро овора сохт. Баъди онро ба кор омода кардан гуфт:

– Биёед, аввал шинос шавем, ман муфаттиши нави шумо Светозаров Борис Егорович. Дар оянда ба ҳама масъалаҳои нисбати коратон ба миён меомадагӣ метавонед ба ман муроҷиат кунед, – гуфт Борис табассумкунон.

Бо шунидани номи Светозаров дар ҷояш як ҷунбиду «ин ҳамон Светозарови раис бошад?» гӯён аз дил гузаронида, баъд:

– Мебахшед, ман ҳамин хел фамилияро пештар медонистам, хайр майлаш, ин ба кори мо дахл надорад, – гӯён хомӯш шуд.

Худро ба нодонӣ зад. Охир дар ҷумҳурӣ кам одам буд, ки падари ӯро нашиносад. Ӯ хуб медонист, ки бисёри роҳбарон ӯро ҳурмат мекунанду ба некӣ ном мебаранд, лекин одамони бисёре ҳам буданд, ки падарашро дӯст намедоштанд. Сояашро аз девор тарошиданӣ мешуданд. Аз ин рӯ, вай нахост, ки ин сир то як вақти муайян фош шавад. Ва аз гапро гурезондани Сафаров хурсанд шуд. Борис хомӯшии ба миён омадаро вайрон карда ба Сафаров муроҷиат намуд.

– Ба Шумо тарҷумон лозим аст ё ки худатон русиро медонеду бо забони русӣ ҳарф мезанед?

– Ҳа, ман русиро хуб медонам. Тарҷумон лозим нест.

Ин тавр бошад, ман бояд шуморо огоҳ намоям, ки мувофиқи моддаи Кодекси мурофиавию ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон баёноти шуморо дар магнитофон сабт мекунам. Аз ин рӯ, ман бояд ба ин розигиатонро пурсам.

– Ҳа, ҳа, майлаш. Лозим бошад навиштан гиред, – гуфт

Сафаров нописандона.

Борис дар протоколи пурсиш қайдҳои зарурӣ карда, баъд ба пурсиши Сафаров сар кард. Пурсиш қариб се соат тӯл кашид, вале тамомшавиаш аниқ набуд.

Сафаров, ки ба Борис нописандона менигарист, аввал ба саволяҳояш бо дили нохоҳам ҷавоб медод. «Ҳа» ё «не», «Ман намедонам, касе, ки дуздиаасту хӯрдааст, аз вай пурсед», «ман гуноҳе надорам», «аз ин корҳо хабарам нест», – мегуфт. Оҳиста-оҳиста ба донишу малака ва ба кордонию бисёр пухта будани саволҳои муфаттиши ҷавон қоил гашта, «Ҳа, сағера аноӣ набудааст-ку. Кораш пухта, саволҳояш баҷо. Корро хуб омӯхтааст. Ҳатто нозукиҳояшро медонад», гӯён нисбати Борис эҳтиром пайдо намуда, ба саволҳояш саҳеҳтар ҷавоб медодагӣ шуд. Инро Борис Светозаров низ ҳис карда, ҳаракат мекард, ки раиси пухтакор ҷавонии ӯро истифода бурда, корро боз ба ягон кӯчаи сарбастае набарад. Вақти хӯроки нисфирӯзӣ Светозаров танаффус эълон карда, магнитофони беист кор карда истодаро, ки танҳо онро вақти тамомшавии лентааш аз кор боздошта, лентаи дигарро иваз мекард, хомӯш кард. Баъд ӯ посбони паси дарро ҷеғ зада фармон дод, ки Сафаровро барад.

Посбон бошад маҳбусро аз ӯ қабул карда: – Рафиқ муфаттиш, ба Сафаров писараш хӯрок овардааст. Иҷозат диҳед, қабул кунам, – гуфта пурсид.

Борис каме фикр карду баъд:

– Майлаш, танҳо мувофиқи қоидаю қонун қабул кунед, –гуфт. Сафаров, ки то имрӯз ба ғайр аз таҳдиду таҳқир аз Жукови ҳавобаланд чизеро надида буд, ба ин ҷавони ситорагарму хушмуомилаю одамгарӣ дошта вохӯрда, оҳи сабуке кашиду аз дил гузаронд:

– «Худоба шукр, дар байни инҳо ҳам одамони хубу одамгарӣ дошта ёфт мешудааст. Дар тайи чор моҳ ягон бор гапи хуби Жуковро нашунидам. Боре ҳам чизи аз хона овардаро қабул накарда буд. Инро бинед-а, дар рӯзи аввал ба ман чӣ меҳрубоние кард. Шояд ягон касро аз хонаводаам ба ман нишон диҳаду аз аҳволи оилаам хабардор шавам» гӯён аз дил гузаронид. Вақте ки танаффус тамом шуд, Сафаровро ба назди Борис Светозаров даровcovarданд. Акнун ба кор сар карданӣ буд, ки Сафаров ба Борис рӯ овард.

– Рафиқ Светозаров! Аз Шумо як илтимос доштам, –

гӯён муроҷиат кард.

– Марҳамат, чӣ пурсидание, ки дошта бошед, шарм надошта бе мулоҳиза пурсидан гиред, – гуфт Борис.

– Чор моҳ боз касеро аз аҳли хонаводаам надидаам. Кампири модарам бемор буд, кӣ медонад, ки тафтишот чӣ қадар давом мекунаду баъди он бо ман чӣ мешавад. Метарсам, ки дар ин муддат модарамро надида мемонаму вай бо ормони зиёде аз дунё мегузарад, – гуфт ӯ бо ҳасрат ва оҳи вазнине кашида боз ба гапаш давом дод:

– Агар Шумо раҳми ҳамон кампири ҳаштодсоларо мехӯрдед, кори савобе мекардед.

Борис ба фикр фурӯ рафту баъди чанде мулоҳиза «Аллакай ҳамаи аҳли оилааш пурсупос шудагӣ. Пулу молу хонааш мусодира шудагӣ. Пулҳои дар амонаткасса доштааш низ ҳабс карда шудааст. Ба фикрам, вохӯрӣ бо аҳли оилааш ба кор набояд халале расонад. Ба болои ин, агар ин вохӯриҳои кӯтоҳакак дар назди худам гузарад, ягон чиз аз чашмам пинҳон намемонад. Охир ман забони тоҷикиро хуб медонам, вале касе аз онҳо инро намедонад. Агар ягон чизи махфӣ ҳам, ки гӯянд, ман мефаҳмам ва ба фоидаи кор истифода мебарам», гӯён аз дил гузарониду баъд ба Сафаров рӯ овард.

– Майлаш, ман ба Шумо иҷозат медиҳам, ки имрӯз баъди пурсиш 4-5 дақиқа бо писаратону дар рӯзҳои оянда бо модару аҳли оилаатон вохӯред.

Баъд хост, ки боз магнитофонро ба кор даровarда ба пурсиш сар кунад. Вале ӯро овози пурҳаяҷони Сафаров, ки аз ин рафтори ҷавонмардонаи Борис ба риққат омада буд, боздошт.

– Ташаккур, писарам! Ҳа, ҳа, барои «писарам» гуфтан хафа нашавед! Ман ҳафт нафар фарзанд дорам, шаш набера, писари хурдиам ба 14 даромадааст. Аз ин рӯ, бе ягон ибо шуморо «писарам» ном бурдам, аз ин наранҷед», – гӯён илтиҷоомез ба Борис рӯй овард. – Охир дар ин вазъият...

– Узр напурсед ҳам, мешавад. Ба ман ҳам ҳамин девори байни муфаттишу айбдорон он қадар маъқул нест, лекин қонун, ки инро талаб мекунад, мо маҷбурем, ки бо гунаҳкорону шахсони дар ҷараёни кориамон вомехӯрда аз рӯи қонун рафтор кунем, – иқрор шуд Борис Светозаров.

Ин муносибати Борис ба Сафаров қувват бахшид. Вай

каме хаёл карда баъд аз ӯ пурсид:

– Маро барои кунҷковиам бубахшед. Шумо, худро Светозаров Борис Егорович гуфтед. Пурсидан айбе надорад, мегӯянд дар урфият. Шумо магар ба Светозаров Егор Иванович, собиқ директори совхози таҷрибавии Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии хокшиносӣ ягон хешигарӣ надоред?

– Светозаров Егор Иванович падари ман мешавад, – гуфт Борис.

Инро шунида Сафаров оҳи сабуке кашиду баъд:

– Ҳа-а, ман хато накарда будам, – гуфту боз ба гапаш давом дод:

– Танҳо фарзанди Светозаров барин одамон ба кори нек ва одамгарӣ қодиранд. Шумо фикр накунед, ки ман ба Шумо хушомад мезанам. Ҳаргиз не. Ман падари Шуморо чандин сол боз мешиносам. Нону намакашро ҳам хӯрдаам. Вале бисёр афсӯс мехӯрам, ки ба гуфтаҳои ин марди нек сари вақт сарфаҳм нарафтам. Гапашро нагирифтам ва акнун сазои сарам, охир беҳуда нагуфтаанд: «Худкардаро даво нест, вовайлои пинҳонӣ». Охир Егор Иванович ду-се сол пеш аз ин ба ман гуфта буд, ки корҳои мо мекардагӣ оқибат надорад. Рӯзе ин кор фош мешавад ва барои изофанависию аз пахтаи нобуда пур кардани нақшаю ӯҳдадориҳоямон ҷавоб мегӯем. Хубаш, ки ба «кӯрпа нигоҳ карда по дароз кунем», вале ману ман баринҳо ба гуфтаҳои баъзе калонҳо, ки: «ин талаби партияву ҳукумат аст», гуфта ҷор мезананд, бовар карда, худро ба бало мондем. Ба гуфтаҳои ӯ «ки ин коратон оқибат надорад, хубаш ба олимону нишондодҳои агротехникӣ такя кунеду самаранокии меҳнатро баланд бардоред» мегуфт, механдидему роҳи осони иҷрои нақшаю ӯҳдадориро меҷустем.

Бечора Егор Ивановичро бошад: «ту исёнгар, ту бекорхӯҷа, ту зидди талаби Партия» гуфта чандин бор ҷазо дода, оқибат ба сараш об рехтанд. Ӯ аз зану фарзанд ҷудо дар ким-куҷоҳо сарсону саргардон аст. Ана оқибат «як бор ҷасти малахак, ду бор ҷасти малахак, охир ба дасти малахак» гуфтагӣ барин, аввал корамон омад карду соҳиби пулу мол, хонаю ҷой ва ордену медалҳо шудем. Имрӯз бошад ба даст афтида, баҳонаҷӯӣ мекунему умедвори ёрии партияву ҳукуматем.

Лекин ин хатогиро ман дар ҳабсхона хуб фикр карда фаҳмидам, ки ин кори мо на ба партияву на ҳукумат лозим

будааст. Ин ба чанд нафар одамони худнамову мансабпараст лозим будааст. Аз ин рӯ, писарам, ман дигар хап истодан намехоҳам, канӣ магнитофонатро ба кор дарор, ман ҳамаашро мегӯям.

Ӯ баъди магнитофонро ба кор даровардани Борис дуру дароз дар бораи чӣ тавр изофанависӣ, пулгирию пултақсимкунӣ ва порадиҳию порагирӣ тайи чанд сол машғул буданашро пурра нақл карда, одамони ба ин кор сарукор доштаро як ба як гуфта дод.

Худи ҳамон бегоҳ, ҳангоме ки Светозаров ба Давронбеков протоколи пурсишро нишон доду вай овози ба лентаи магнитофон навиштаи Сафаровро шунид, аз хурсандӣ ба рақс даромад.

– Офарин! Офарин, Борис Егорович. Туро табрик мекунам! Он чизе, ки дигарон дар тӯли қариб як сол меҳнат мекунанду ба даст намеоранд, ту дар як рӯзи кори мустақилонаат ба даст овардӣ. Ту медонӣ, охир то имрӯз мо се-чор раису одамони дигар, ду-се директори заводро ба ҳабс гирифта суд ҳам кардем. Лекин ягонтои онҳо дар бораи котибони райкому котибони КМ чизе нагуфта буданд. Ана акнун мо гунаҳкорони асосиро ёфтем. Онҳо барои бадном кардани номи ҷумҳурӣ ва гуноҳҳои кардаашон дар назди халқ, Партияву Давлат ва қонун ҷавоб медиҳанд. То имрӯз агарчӣ ин ба мо маълум бошад ҳам, касе дар бораи пешвоёни партияву ҳукумат, ки онҳоро ба ҷарӣ тела дода, худашон дар паси парда буданд, ҳарфе намезад. Имрӯз бошад чӣ тавре, ки русҳо мегӯянд, «поезд ба роҳ даромад». Акнун мо бояд баёноти Сафаровро ҳамаҷониба мустаҳкам намоем, то ки ӯ тарсида аз гапаш нагардад ё балое ба сараш наояд, – гӯён роҳҳои дигари мустаҳкам кардани баёноти Сафаровро ба ӯ нишон дод.

Гап дар сари он буд, ки Сафаров дар бораи чӣ тавр котиби райкоми Сталинобод Қамар Соҳибов ва котиби КМ Холматов онҳоро маҷбур мекарданд, ки нақшаву ӯҳдадориҳои иловагӣ гиранду ба кадом роҳҳо ин ӯҳдадорию нақшаҳояшонро иҷро намоянд, баёнот дода буд. Борҳо ӯ, ки ба Соҳибов наздикӣ доштааст, дар сӯҳбатҳои хосаи ӯ ва директори заводи пахтаи Айнӣ ширкат варзида,шунидааст, ки чӣ тавр директори завод он ҳисоби скидкаи пахтаи месупоридагӣ ва хому тар гуфта, аз ҳисоби пахтаи месупоридагӣ пахтаи ба завод омадаи

хоҷагиҳоро аз будаш кам нишон дода, дар завод аз ҳамин ҳисоб пахтаи «зиёдатӣ» захира карда, ба колхозҳо бо пули нақд мефурӯхтааст. Пулашро бошад, гӯё ба ободонии завод харҷ мекардааст.

Дар яке аз сӯҳбатҳои маҳрамона бошад, директори завод Ҳасанов ба ӯ иқрор шудааст,ки ин пулро бо котиби райком Соҳибов ва дигар роҳбарони ноҳияю ҷумҳурӣ тақсим мекардааст.

Худи Сафаров бошад, аз пули изофанависӣ ҳар моҳе пора бурда ба Соҳибов медодааст. Ба котиби КМ Холматов бошад, ӯ соати тилло бо бандаш ва ба зани ӯ дастпона ва ангуштарин, гӯшворҳои тиллоӣ харида тӯҳфа карда будааст. Барои ин кораш ба ӯ ҳатто орден дода будаанд. Сафаров инчунин соати тиллоӣ ва як мебели хориҷӣ харида ба хонаи Соҳибов бурданашро низ нақл карда буд.

Ҳамин тавр, кор ранги дигар гирифту калоба аз паси калоба кушода шудан гирифт. Дере нагузашта, кормандони дигари колхози Жданов низ гапи раисашон Сафаровро дар вақти рӯбарӯкунӣ бо ӯ тасдиқ намуданд.

Соҳибовро худи Давронбеков пурсид. Ӯ гапҳои Сафаровро тӯҳмат ва ӯ номаъқул кардааст гуфта, инкор кард, вале баъди рӯбарӯкунӣ воқеаи аҷибе рух дод.

Сафаров, ки ӯро Соҳибов дар вақти рӯбарӯкунӣ ба эътирозҳои Давронбеков нигоҳ накарда, дашному ҳақоратҳои қабеҳ дода, номардаш номида буд, нохост аз ҷояш хеста:

– Ту марду ҳоло ман номард-мӣ? – гӯён ба ӯ ҳуҷум гузашт. – Агар ман номард бошам, соати тиллоии аз ман гирифтаро чаро баста гаштаӣ?! – гӯён аз дасти ӯ соати тиллоиро базӯрӣ кушода гирифт.

Дар утоқи корӣ байни ду марди синну солашон ба ҷое расида занозанӣ сар шуд. Онҳоро Давронбекову Светозаров ва посбони он ҷо ҳузур дошта аз ҳам ҷудо карданд.

Ҳамин тавр, чӣ хеле, ки мегӯянд «дузд дар ҷои дуздиаш ба даст афтод». Сафаров бошад, чашми чапи аз зарби мушти Соҳибов варамида суп-сурх шудаашро дошта:

– Ҳо лаънатие! «Ҳам дуздию ҳам зӯрӣ» ҳа! Ҳоло ман ба инҳо дар бораи дар хонаат нигоҳ доштани таппончаро нагуфтам! Ҳоло ист, боз чӣ гуноҳҳоятро ба инҳо нақл мекунам, – гуфта буд, ки ранги рӯи Соҳибов парида, чашмонаш беҷо шуданд. Вай аз курсӣ ба замин афтид. Ӯро базӯр

ба ҳуш оварданд.

Дар вақти кофтукови хонаи Соҳибов аз хонаи ӯ қариб ду килло асбобу анҷоми тиллоӣ, пули бисёр, мебелу чанд-то яхдону қариб 50 дона қолинҳои зебои хориҷию истеҳсоли ватанӣ ва дигар молҳои қимматбаҳо ёфт шуданд.

Аз хонаи писараш Умар бошад, мебели руминии Сафаров тӯҳфа кардагиро ёфта мусодира карданд. Танҳо аз хонаи ӯ ва писараш таппончаи Сафаров гуфтагӣ ёфт нашуд.

Дере нагузашта, директори заводи пахтаи Айнӣ Ҳасанов низ мувофиқи баёноти Сафарову коргаронаш ба ҳабс гирифта шуд. Аз хонаи ӯ низ ашёҳои зиёду қариб ним миллион сӯм ёфт шуд. Ҳасанов низ аввал аз баёнотдиҳӣ саркашӣ кард, лекин баъди рӯбарӯкунӣ бо Сафарову коргаронаш танҳо ба колхози «Жданов» фурӯхтани пахтаро иқрор шуд, вале ба дигарон фурӯхтани пахтаро то далелҳои дигари ҷамъшуда инкор кард.

Дар вақти яке аз пурсишҳо Сафаров ба Светозаров хатчаеро дароз кард.

– Ин сеюмаш. Дутои дигарашро ман аҳмақӣ карда дарондам, – гуфт. Светозаров хатчаро бодиққат аз назар гузаронида, ин сатрҳоро хонд:

– «Агар аз гапҳоят нагардӣ, зинда мемонӣ. Дар борои бачаҳоят низ фикр кун». Светозаров саволомез ба Сафаров нигарист. Сафаров бошад, ӯро мунтазир накарда:

– Ҳа, мазмуни хатчаро чи хеле, ки гуфтам,сеюм бор одамони бо ман нишаста медиҳанду одами ба онҳо ин хатча додаро ба ман намегӯянд. Охир дар ҳабсхона ҳамин хел расм будааст.Якдигарро касе намефурӯхтааст. Одамони дар ҳаққи касе баёнот додаро «хоин» меномиданд, таҳқираш мекарданд. Рафиқони бо ман дар як камера нишаста низ аз ман канораҷӯӣ мекунанду бо ман ҳатто гап задан ҳам намехоҳанд,гуфт Сафаров.

Светозаров зуд гӯшаки телефонро бардошта, чанд рақам гирифт.

– Рафиқ Давронбеков, агар вақтатон бошад, як ба ҳуҷраи кории ман медаромадед. Бисёр кори таъҷилӣ баромад, – гуфту гӯшаки телефонро дар ҷояш гузошт.

Дере нагузашта, Давронбеков ба назди Светозаров даромад. Баъди саломалейк ва пурсупос Борис ба ӯ хатчаро дароз кард. Давронбеков онро хонда каме фикр карду аз

Светозаров ин кори кӣ бошад? – гӯён пурсид.

Ӯ китф дарҳам кашида бо ишораи «намедонам» ҷавоб дод. Онҳо хеле фикр карда ба хулосае омада натавонистанд, ҳайрон буданд, ки дар ҳабсхона чӣ гуна одамон роҳ ёфта, ин хатчаро ба дасти маҳбусон додаанд. Наход дар байни кормандони ҳабсхона хоинон бошанд? мегуфт Давронбеков, – ё ки ба маҳбусон ин хатчаро дар вақти ба пурсиш бурданашон дар идораҳои муфаттишон дода бошанд, боз ақида мекард ӯ.

– Агар инро посбонҳо аз касе гирифта, ба дасти он маҳбусон дода бошанд-чӣ? – суол дод Светозаров.

– Ҳа, ин хел ҳам шуданаш мумкин, – гуфт Давронбеков ва боз фикрашро давом дод:

– Агар Соҳибов ё ки Ҳасанов ё ягон гунаҳкори дар ҳабсхона то баёноти Сафаров ҳабс шуда, ба воситаи ягон каси дар дохили ҳабсхона буда ин хатчаҳоро дода бошад-чӣ?

– Ҳамин хел, Борис Егорович. Чӣ хеле, кӣ мегӯянд «дузд яктою гумонбар садто, «чӣ кор кунем? – гӯён Давронбеков савол доду боз худаш гапро давом дод:

– Хуллас, гап ҳамин, Сафаровро ин ҷо гузошта, зуд ба ҳабсхона рафта маълум кун, ки бо ӯ киҳо дар як ҳуҷра хобанд. То ҳадди имкон аз онҳо аз кӣ гирифтани хатчаҳоро маълум кун, агарчанде ман ба ин боварӣ надорам, вале мо бояд ҳама чораҳоро бинем, ки Сафаров аз хатар эмин бошад. Фаромӯш кардан лозим нест, ки вай ягона одамест, ки дигаронро ба гап дароварда ба гуноҳи кардаашон иқрор кунонидааст. Душманони ӯ ниҳоят бисёранд. Сардори ҳабсхонаро низ, албатта, огоҳ кун, ки Сафаровро эҳтиёт кунад. Агар маҳбусони ҳамроҳи ӯ мезистагӣ иқрор нашаванд, ҳатман Сафаровро ба ҳуҷраи дигар гузаронидан зарур аст, то ки ӯро ягон кор накунанд. Ман бошам ба сардори милитсияи ноҳияи Сталинобод занг зада, хоҳиш мекунам, ки оилаи Сафаровҳоро аз таҳдиди одамони номаълум огоҳ кунанд. Илоҷе ёфта, чанд муддат онҳоро ба ҷои бехатар кӯчонад, – гӯён Светозаровро ҷавоб дод.

Вақте ки Светозаров ба ҳабсхона омада хатчаро ба сардори он Усмон Саломов нишон дод, вай ҳайрон нашуда:

– Ҳа, ин хел воқеаҳо баъзе вақтҳо рӯй медиҳанд. Хатчаҳоро маҳбусон ба якдигар метавонанд ҳангоми дар ҳавлича яксоата гаштугузор карданашон бидиҳанд, ё ки

дар байни назоратчиҳои мо шахсе пайдо шудааст, ки ба ин кор машғул аст. Дигар хел низ мешавад, – гӯён фикру мулоҳизаҳои пештараи Давронбекову Светозаровро такрор кард. Ӯ боз гапашро давом дод.

– Мо ҳаматарафа чораҷӯӣ мекунем, ки пеши роҳи ин корҳоро гирем. Сафаровро, албатта, ба ягон камераи одамонаш бо кори «пахта» дахл надошта мегузаронем, –гӯён ваъда дод.

Пурсиши ҳамҳуҷраҳои Сафаров низ натиҷа надод. Ҳатто яке аз онҳо бо тамасхур ба Светозаров гуфт:

– Шумо, додар, хаёлам коргари наву ҳаёти маҳбусонро хуб намедонед. Дар ин ҷо суду прокурорашон худашон. Шумо тафтиш мебаред, исбот мекунед, суд мекунед. Дар ин ҷо бошад, тафтиш-пафтиш гуфтанӣ гап нест. Касеро, ки дигарашро мефурӯшад, «буз» меноманд. Ҷазои вай якто. Ё дар ин ҷо, ё баъди суд шудан дар каллонаи ислоҳотӣ ин одамро ба қатл мерасонанд ва суду прокурор кофта намегарданд. Бинобар ин шумо худатонро азоб надиҳед. Маро ҳам, – гӯён аз додани баёнот саркашӣ кард.

Светозаров ин суханҳоро шунида баданаш ларзид. Наход одамҳо то ин дараҷа ваҳшӣ бошанд-а?! – савол медод ба худ.

Вай дар бораи баёнот надодани маҳбус протокол тартиб доду онро ҳамроҳи сардори ҳабсхона Саломов имзо карда баромада рафт.

Бегоҳӣ Саломов ба ӯ занг зада хабар дод, ки Сафаровро ба ҳуҷраи дигар гузаронида, назоратро пурзӯр кардааст. Борис Светозаров каме ором шуду баъди кор ба хонааш рафт.

Шаб хобаш намебурд. Аз як паҳлӯ ба паҳлӯи дигар мегашт. Фикру хаёли зиёде ӯро азоб медод.

Хобаш нооором буду ҳар гуна хобҳои даҳшатнок дид, хуллас, қарибиҳои саҳар хобаш бурду пагоҳӣ агар Анна-холааш ӯро бедор намекард, ба кор дер мемонд. Борис Светозаров саросема либосҳояшро пӯшида, як пиёла қаҳваи холааш тайёр кардаро бо як бурида нони равғани маска молидагӣ хурду ба прокуратураи ҷумҳурӣ, ки он вақтҳо дар паси бинои Вазорати кишоварзӣ воқеъ буд, ба автобус ҳам нигоҳ накарда, роҳ пеш гирифт. Ҳоло ба утоқи кориаш надаромада як ҳамкораш ӯро дид.

– Ту дар куҷо мегардӣ? Барвақттар биёӣ, намешавад?

Туро Давронбеков пурсуҷӯ дорад, – гуфт.

Дили Светозаров, ки аз шаб боз хиҷил буд, «бо Сафаров ё аҳли оилааш ягон воқеа шудааст», гӯён шуввӣ карда рафту ба идорааш надаромада, тозон ба сӯи ҳуҷраи кории Давронбеков, ки дар ошёнаи дуюми бино ҷойгир буд, раҳсипор шуд.

Давронбеков ранги рӯи паридаи Светозаровро дида, аз ҷояш хесту бо ӯ салом карда ҳолу аҳвол пурсид. Баъд барои нишастан ҷой нишон дода худашро ба коре андармон кард, то ки Борис ҳаяҷонро пахш карда каме ба худ биёяд. Охир худи ӯ ҳам вақти шунидани хабари нохуш худро гум карда буд.

Борис бошад «худашро мехӯрд». Чаро Давронбеков ӯро аз пагоҳӣ меҷустаасту ҳоло бошад гӯё гапе нашуда бошад, оромона ба кори худ машғул аст. Ё рафиқаш ӯро масхара карда ба назди ӯ роҳӣ карду ҳоло бошад ин «қаҳрамониашро» ба дигарон гуфта, ба ҳолаш механдида бошад? – Худ ба худ савол медод Светозаров.

Давронбеков дид, ки Светозаров ором нашуда, баръакс асабонӣ дар ҷояш меҷунбаду «ҷои нишаст намеёбад», оромона ба гап даромад:

– Ташвиш нашав, Борис Егорович, корҳо он қадар бад нестанд. Сафаров зинда. Танҳо бегоҳӣ ба ӯ заҳр дода куштанӣ шудаанд. Ин мард бо куртааш таваллуд шуда будааст. Ӯ дар духтурхона беҳӯш хоб аст. Духтурҳо ҳама корро карда истодаанд, ки Сафаровро наҷот диҳанд.

– Охир, кӣ ин корро кардааст. Кай? – тоқат накарда гапи Давронбековро бурид Светозаров.

– Вақти хӯроки шом ба ӯ назоратчӣ Сангов Икром аз ҳама охир хӯрок овардааст. Сафаров аз он ду-се қошуқ хӯрда ба он ҳол афтодааст. Ҳоло Санговро ман муваққатан дар СИЗО ҷой кардам. Вай ҳама чизро инкор мекунад. Шаб ба ман хабар доданд. Туро ташвиш надода, худам ба ҷои воқеа рафтам, – гӯён гапашро Давронбеков тамом кард.

– Акнун чӣ кор мекунем? – гӯён Светозаров бетоқатона пурсид.

– Кор мекунем, қотил ва ҳамдастонашро маълум мекунем, – ҷавоб дод Давронбеков ва баъд ӯро бо нақшаи кашидааш шинос кард.

– Ман ба делои шахсии Икром Сангов шинос шудам.

Вай дар делоаш ягон нуқсоне надорад. Ҳамчун коргари поквиҷдон, кордон ва принсипиалӣ ӯро таъриф кардаанд. Лекин ӯ ба гуноҳаш иқрор нашавад ҳам, аз чизе бисёр дар ташвиш аст. Маълум мешавад, ки вай сирре дорад, ки хӯҷаинҳояш аз он хабар надоранд. Вале ин чӣ сиррест, бояд ману шумо ошкор намоем. Набошад гуноҳи Сангов-ро исбот кардан ниҳоят душвор мегардад. Ӯ ҳоло гуноҳро ба сари ошпазҳо партофта мегӯяд, ки онҳо ин корро кар-даанд. Аҷоиботи корро бинед, ки хӯрок ба ҳама расида, танҳо Сафаров бе хӯрок монда будааст. Бинобар ин барои ӯ хӯроки алоҳида овардаанд. Инро Сангов чунин шарҳ медиҳад: гӯё дар бораи ба камераи дигар гузаронидани Сафаров хабар надоштааст. Хӯроки ӯро низ нафаҳмида ба маҳбусони дар камераи пештараи Сафаров хоб буда дода-аст. Инро маҳбусон низ тасдиқ мекунанд. Баъди дар каме-раи дигар будани Сафаров огоҳ гаштан гӯё маҷбур шуда-аст, ки назди ошпазҳо рафта аз онҳо боз як коса хӯроку нон гирифта барои маҳбус Сафаров мебарам, гуфтааст. Инро ошпазҳо низ тасдиқ мекунанд, вале дар хусуси заҳр онҳо чизеро намедонем, мегӯянд.

– Албатта, ман ошпазҳоро аз ҳисоб набарорам ҳам, ди-лам гувоҳӣ медиҳад, ки ин корро Сангов кардааст. Чунки ҳангоми хӯроккашӣ худи Сангов низ иштирок доштааст. Аз ин рӯ, агар чашмбандиро ошпазҳо надонанд, ба косаи Сафаров заҳр партофта наметавонанд. Аз дигар тараф агар Сангов «ба маҳбус Сафаров хӯрок нарасид» намегуфт, ошпазҳо аз куҷо медонистанд, ки Сангов барои кӣ хӯрок бурданист. Ва ошпазҳо дар ин чӣ дахле доранд? Охир хӯрокро Сангов ба касе хоҳад мебурд, ё ки худаш низ он-ро хӯрда метавонист. Аз ин рӯ, ман танҳо ба ин кор Сан-говро гунаҳкор мешуморам, – фикррониашро тамом кар-да, гуфт Давронбеков.

Ӯ дид, ки Светозаров ба ӯ бо диққат нигариста мунта-зири хулосаи охирини ӯст. Боз ба гап даромад.

– Дар делои шахсии Сангов як нуқтае диққати маро ҷалб кард. Вай ҳамагӣ ду моҳ пеш аз ҳабсхонаи Қӯрғонтеппа ба ҳабсхонаи тафтишотии Сталинобод гузаштааст. Хонаю да-раш ҳам ҳоло дар он ҷост. Хаёлам дар ин ҷо ягон сирре ниҳон аст. Набошад синну соли ин мард ба ҷое расида, қариб 25 сол дар Қӯрғонтеппа кор кардааст. Пас чӣ ӯро маҷбур кардааст, ки хонаю дарашро партофта ба дигар ҷо

ба кор гузарад. Танҳо барои 25 сӯми зиёд мегирифтагиаш ба хаёлам ӯ ба ин ҷо намеояд. Аз ин рӯ, ман аз шумо хоҳиш мекунам, ки худи ҳозир бо делои шахсии Сангов шинос шавед. Баъд ба сафари хизматӣ ба Қӯрғонтеппа рафта, сабаби ба Сталинобод омадани ӯро фаҳмед.

Борис Светозаров делои шахсии Санговро гирифта ба ҳуҷраи кориаш рафт. Гуфтаҳои Давронбеков як ба як дуруст баромад. Сангов дар тавсияномааш ҳамчун шахси кордон, поквиҷдон, қавиирода, нисбати оилаю рафиқонаш ҳалиму меҳрубон тавсиф карда мешуд.

Ба ёди Светозаров ҳамон саволи Давронбеков омад, ки одами покви҆ҷдону нисбати рафиқону оилааш меҳрубон наход, ки чи тавре ӯ дар баёноташ ҷавоб медиҳад, «Дар ин ҷо ман зиёдтар пул мегирам» гуфта, барои 25 сӯм аз Қӯрғонтеппа ба Сталинобод равад, – фикр мекард Светозаров.

Дар ин ҷо ягон сирре ҳаст, – гӯён ӯ гуфтаҳои Давронбековро такрор мекард.

Лекин чӣ сир. Ана ҳамин савол то Қӯрғонтеппа расида омадан ӯро азоб медод. Дар корхонааш ҳама Санговро таъриф мекарданду касе дар борааш чизе, ки барои кор зарур бошад, нагуфт. Оилааш бошад «ман кори мардҳоро чӣ донам?! Ӯ бо ман маслиҳат намекунад», – ҷавоб дод.

Светозаров чӣ кор карданашро надонист. Нохост ба ёдаш омад, ки: Ҳар чӣ бодо бод, хоҳем нахоҳем ҳам дар бораи суд шудану нашудани Сангов ва дигар кору аъмолаш маълумот ҷамъ кардан зарур. Биё, бахт аз таваккал, ба идораи КБД (КГБ) як даромада, дар бораи Сангов ягон ахбор доштанашонро пурсам. Онҳо мардуми пухтакоранд. Агар ягон вақт дар бораи касе, хусусан кормандони мақомоти маъмурӣ муълумоте расида бошад, онро то охир нигоҳ медоранд, – гӯён чӣ тавр ба он ҷо расиданашро надониста монд.

Вақте одами масъули он идора ба супориши сардоронаш архивашонро кофта:

– Сангов Икром гуфтед-мӣ? – гӯён коғазпораеро аз даруни як делои калони дӯхташуда ёфта баровард, Светозаров хурсанд шуд.

– Ҳа, ҳа! Сангов Икром.

– Ҳамин хел одам ҳаст. Вай соли 1935 дар НКВД-и вилояти Қӯрғонтеппа кор кардааст. Барои таҷовуз ба номуси

зане гумонбар мешавад, лекин гуноҳаш тасдиқ нашуд, – гӯён муфаттиши прокуратураи шаҳри Қӯрғонтеппа Соҳибов корро хобонидааст. Дигар маълумоте надорем.

Светозаров аз шодӣ чӣ кор карданашро намедонист. Охир ду рӯз боз касе дар бораи Сангов чизе намегуфту имрӯз чунин маълумоти нодире ба даст овард. Ба ӯ маълумотнома навишта доданд. Ӯ боз ба Сталинобод раҳсипор шуд.

Дар автобус нохост ба ёдаш расид, ки корро Соҳибов гуфтанӣ муфаттиш хобондасту якбора гӯё ки аз хоб бедор шуда бошад «О ин боз ягон хеши котиби райкоми ҳабсшуда Соҳибов набошад?!» гуфту ба хаёл рафт.

Ба Сталинобод омада ҳуҷҷатҳои ҷамъовардаашро ба Давронбеков пешниҳод карда, ақидаи худро нисбати Соҳибов гуфт.

– Аҷаб не, ки ягон хеши Соҳибов бошад. охир ба ёд биёр, вай ҳанӯз дар вақти котибиаш худро дар рӯ ба рӯ кардан бо Сафаров чӣ хел нишон дод, аз дасти ин хел одаму авлодони ӯ ҳар чӣ меояд. Шояд, ки Сангоеро ҳам онҳо бо ягон нияте ба Сталинобод гирифта оварда бошанд, – гӯён Давронбеков ба хаёл рафт.

Баъди чанде:

– Канӣ Борис, зуд ба шӯъбаи кадрҳо фаромада фаҳм, ки Соҳибове, ки соли 1935 кори Сангоеро хобонидааст, ҳоло кор мекунад ё не?

– Хуб шудааст, – гӯён Светозаров ба шӯъбаи кадрҳо рафта дере нагузашта, бо чеҳраи хандон баргашт.

– Аз афташ корамон омад кард, Соҳибов ҳоло прокурори яке аз ноҳияҳои шаҳрамон будааст, – гуфт коғазеро дар дасташ алвонҷ дода Светозаров.

Давронбеков коғазро гирифта хонду ба шӯъбаи кадрҳо занг зад.

Агар малол наояд, ҳамон делои прокурор Соҳибовро як дақиқа назди ман меовардед, – гуфту гӯшаки телефонро дар ҷояш монд.

Баъди ду-се дақиқа нозири кадрҳо делои шахсии прокурор Назар Соҳибовро оварда ба Давронбеков дода рафтанӣ буд, ки вай ӯро нигоҳ дошт. Аз афташ, ӯ чизеро пай набарад, гуфта ин корро карда буд. Давронбеков делоро кушода ба сурати Соҳибов нигарист. Сипас саҳифаи лозимаашро диду:

– Раҳмат, додарам, – гӯён делоро ба нозири кадрҳо гардонда, «Борис шартро бурд», гӯён хандид. Нозир чизеро нафаҳмида, китф дарҳам кашида баромада рафт.

Баъди баромада рафтани ӯ Давронбеков ба Светозаров нигарист.

– Гуфтаат рост баромад. Қамар Соҳибов бародари Назар Соҳибов –прокурори номдори мо будааст, – гӯён хитоб кард.

Баъди каме андеша ӯ ба Светозаров гуфт:

– Баъди рафтани ту (ӯ вақтҳои охир Борисро меҳрубонона «ту» мегуфт ва ин ба Борис маъқул буд, вай хурсанд буд, ки рафиқи аз ӯ калонсолу пуртаҷрибааш ӯро одами наздики худ шуморида ба «ту» гузаштааст) ман хатчаи ба мо додаи Сафаровро ба хати Сангов муқоиса кардам, ин хатча ба хати ӯ монандие надорад. Хат ба дасти мактаббача навиштагӣ барин. Бисёр калон-калон навишта шудааст. Афсӯс, ба ту нагуфтам, ки ҳусни хати бачаҳою оилаи Санговро санҷида биёӣ, – гуфта ба Светозаров чашм дӯхт.

Борис табассуми ӯро дида ҳайрон шуд. Баъд аз байни як даста коғаз чанд варақро бароварда ба Давронбеков нишон дод.

– Ҳа, Борисҷон, аз ту коргари хуб мебаромадагӣ барин, – гӯён ӯро таъриф кард.

Борис мабодо зарур шуда монад, гуфта нусхаҳои дастхати ҳамаи оилаи Санговро гирифта омада буд.

– Акнун дӯстам, ба касе нафаҳмонда агар мо дафтарҳои бачаҳои Назару Қамар Соҳибовро ба даст меовардем, як қисми корамон буд мешуд.

Светозаров рӯзи дигар ба мактабҳое, ки фарзандҳои Соҳибов мехонданд, рафта дафтарҳои лозимиро ба воситаи муаллимҳо ҷамъ карду барои он ки онҳо чизеро нафаҳманд, боз дафтарҳои чанд талабаҳои дигарро ҳам протокол навишта нусхаашро ба онҳо монду дафтарҳоро овард.

Худи ҳамон рӯз эксперти ҳарфшинос маълум кард, ки хатча бо дасти писари 14-солаи Назар Соҳибов навишта шудааст.

Вақте ба Сангов ин маълумотҳои ҷамъомадаро пешниҳод карданд, ӯ маҷбур шуд иқрор шавад, ки ӯро ба Сталинобод Назар Соҳибов оварда ба кор мондааст. Ба қарибӣ

ба ӯ хона ҳам гирифта доданист. Барои некиҳояш ӯ баъзе вақтҳо супоришҳои ночизи ӯро иҷро мекунад. Баъзе ахбори лозимиро аз маҳбусон гирифта ба ӯ хабар медиҳад. Ва дар охир бо илтимоси ӯ ба косаи Сафаров, ки аз гапаш нагашта сахт истодааст, доруи Назар Соҳибов додаро рехтааст, ки гӯё ӯро накушад ҳам, вале беҳуш карда метарсондааст. (Шояд дар ёди хонандагони мӯҳтарам монда бошад, ки чи хел дар вақти мактуби Совнаркомро пинҳон кардани Шамсову Гулчеҳраи маҳбубааш, ҳамин Сангов ба онҳо маслиҳати Назар Соҳибовро дар КПЗ-и НКВД-и Қӯрғонтеппа расонида, онҳоро аз ҳабсшавӣ озод карда буд).

Ва инак, боз Сангову Назар Соҳибов ба майдон омада, аз Сафаров қасос гирифтанӣ шуданд, вале ба мақсадашон нарасиданд.

Сафаров баъди як моҳ аз касалхонаи ҳабсхона ҷавоб шуду ӯро бо илтимоси прокурори ҷумҳурӣ аз он ҷо ба ҳабсхонаи Кумитаи бехатарии Давлатӣ (КГБ) гузарониданд.

Сангову Назар Соҳибовро бошад, барои сӯиқасди ба ҷони Сафаров кардаашон ба ҳабс гирифтанд.

Баъди кори ҷиноятии Сафарову Соҳибов ва Санговро тамом карда ба суд супоридан барои Борис Светозаров каме вақти холӣ пайдо шуд. Вай хост, ки вақти холигиашро ба таври маданӣ гузаронад. Аннахолаашро ба ҷону ҳолаш намонда, як рӯз ба тамошои операи «Отелло» ба театри опера ва балет бурда, рӯзи дигараш бошад холаашро ба ҳамон театр барои тамошои «Қувони хуфта» бурд.

Холааш,ки аз тамошои намоишномаҳо ба ваҷд омада буд, лаҳзаҳои пурэҳсоси ин саҳнаро ба ёд оварда, ба шавқ бо ҷиянаш баҳс мекард. Инро дида, дар рӯзи сеюм Борис холаашро ба тамошои драмаи «Ромео ва Ҷулэтта» ба театри мусиқӣ-драмавии ба номи В.В. Маяковский кашола карда бурд.

Вале дар рӯзи чорум, вақте ки Борис:

– Холаҷон, имрӯз дар кинотеатри «Ватан» филми аҷоиби ҳиндӣ «Ҷаноби 420» рафта истодааст. Биё, ба он ҷо равем, – гуфт, холааш ин таклифашро рад кард.

– Писарам, худат танҳо бирав. Ман ҷудо монда шудаам, – гуфта баҳона кард. Борис ҳар қадар, ки ӯро зориву тавалло намуд, Анна-хола розӣ нашуд. Борис, ки таърифи ин филмро аз дигарон шунида буд, бисёр мехост онро бу-

бинад. Ноилоҷ худаш танҳо ба кино рафт.

Дар назди кассаи кинотеатр одами бисёре ҷамъ омада, навбат меистоданд. Борис ҳам ба навбат истод. Вақте ки навбати ӯ омад, аз қафо касе аз остини куртааш кашид.Ӯ ба қафо нигариста, духтари зебоеро дид, ки вай оҳистакак:

– Ба ман ҳам як билет гиред, – гуфту пулашро дароз карда буд, ки одамон ғавғо бардоштанд.Борис норозигии одамонро дида:

–Ман худам билети бисёр мегирам, гуфту як даҳсӯмаро дароз карда, аз кассирзанак хоҳиш кард:

– Холаҷон, ду билет ба ҷои беҳтарин, – гуфт. Борис билетҳоро гирифта аз касса дур шуд. Вай аз навбат дур шуда ба духтарак наздик шуд.

– Супоришатонро иҷро кардам, духтари нағз, – гуфта буд, ки лабони духтарак аз табассум гул барин шукуфт.

– Раҳмат ба шумо! Набошад аз афташ то охири навбат билет ҳам намерасид, – гуфт. Ӯ билетро аз Борис гирифта пулашро дароз карда буд, ки Борис:

– Пул лозим не, ҳисоб кунед, ки ман шуморо ба кино таклиф кардам, – гуфт. Ба духтарак ин саховатмандии ӯ маъқул шуд, ки бори дигар табассумкунон:

– Охир ин хуб намешавад. Мо якдигарро намешиносем. Шумо ба ман ёрӣ дода, билет гирифтед. Корамро осон кардед. Агар пулашро нагиред, ин хуб нест, – гуфта боз хост, ки пулро ба кисаи Борис андозад. Борис инро дида аз дастони мулоиму шир барин сафедаш оҳиста дошт.

– Истед, мардум нигоҳ доранд. Айб мешавад. Агар гап дар бораи шинос набудан равад, ҳозир шинос мешавем, – гуфту ба духтар ҷиддӣ нигариста: – Номи ман Борис, аз шумо чӣ?

– Ман Татяна. Таня гӯед ҳам мешавад, – гӯён ба Борис дасташро дароз кард. Борис дастони сафеду нарму гарми ӯро ба каф гирифта як чизи гарм ба баданаш паҳн гашту надониста монд, ки дасти духтарро нигоҳ дошта мондааст. Вақте ки Таня дастчаашро аз кафи ӯ оҳистаяк кашида гирифт, Борис аз ҳиссиёти гуворои ӯро фаро гирифта озод шуду каме шарм дошт.

– Маро мебахшед, –сурх шуд Борис.

Ин аз чашмони тезбини духтарак ноаён намонд. Ӯ сурхшавии Борисро дида: – «Ҷавони боодобу шармгин менамояд. Хайр бинем чӣ, оқибаташ чӣ мешавад» – гӯён

аз дил гузарониду аз паҳлӯи Борис ба роҳ даромад.

То саршавии филм ҳанӯз ним соат вақт буд. Бо таклифи Борис хостанд, ки каме сайругашт кунанд. Сӯҳбаткунон аз назди меҳмонхонаи нав сохта шуда истода гузашта буданд, ки Борис:

– Иморати зебое мешавад, – гӯён ба сӯи меҳмонхона ишора кард.

– Ҳа, гапатон ҳақ. Кош чунин биноҳои калон дар шаҳрамон зиёдтар мешуданд. Назар ба дигар шаҳрҳо шаҳри мо як деҳаи калонеро мемонад, – андешаронӣ кард Таня.

Ҳамин тавр гапи онҳо тасфида, чӣ тавр ба бинои вокзали роҳи оҳан расиданашонро надониста монданд.

Ба сӯҳбат дода шуда қариб буд, ки ба саршавии филм ақиб монанд. Борисро, ки сӯҳбати озодонаи духтарак ва тарзи ширини суханронииаш маъқул шуда буд, кино аз ёдаш фаромӯш шуда буд. Филм бисёр шавқовар ва риққатовар низ буд. Ин буд, ки Таня дар лаҳзаҳои пурэҳсоси филм худаш надониста монда беихтиёр аз дастони Борис дошта, онҳоро мефишурд. Чанд бор Борис диққат дод, ки Таня дар лаҳзаҳои риққатовари филм ҳатто кӯдаквор мегиряд.

Ӯ чӣ тавр тамом шудани филмро ҳам надониста монд. Чунки дар бораи Таня, ки ниҳоят ба ӯ маъқул шуда буд, фикр мекард. Вақте ки аз кинотеатр баромаданд, ҳоло барвақт буд. Офтоби оламоро ҳама ҷоро бо нураш мунаввар мекард.

Онҳо то ба равшанӣ одат карданашон чашмонашонро нимпӯш карда, бо дастонашон аз нури офтоб panaҳ мекарданд. Борис ба Таня нигариста дид, ки чашмони ӯ аз гиря сурх шуда, сурмаҳои чашмаш дар баъзе ҷойҳои рухсораи чун гул зебояш мондааст. Рӯймолачаи сап-сафедашро ба Таня дароз карда:

– Чашмонатонро тоза кунед, – гуфт.

Таня рӯймолчаро гирифта шармгинона оиначаашро бароварду бо он ҷойҳои сурмаолудашро тоза карда:

– Раҳмат, – гуён рӯймолчаи Борисро ба ӯ дароз кард. «Ба болои боодобиаш, тозаю озода ҳам будааст», гӯён аз дил гузаронд Таня. Маълум буд, ки Борис ҳам ба ӯ маъқул шудааст.

Аз кинотеатр дур шуда сӯҳбаткунон то назди техникуми политехникӣ омаданд (он вақтҳо бинои ҳозираи му-

зейи таърихӣ-кишваршиносиии Тоҷикистон бинои техникуми политехникӣ буд). Борис хоҳиши ӯро гуселонидан кард. Таня бо мамнуният розӣ шуд. Маълум шуд, ки вай дар яке аз баракҳои кӯчаи Аҳмади Дониш, чанд хона дуртар аз Борис зиндагӣ мекардааст. Аз ин омади кор ҳар ду хурсанд шуданд.

Борис аз паҳлӯи Таня қадам зада чанд бор ба ҷавонони роҳгузар чашмаш афтод, ки бо ҳасад ба онҳо нигоҳ мекунанд. Дар ҳақиқат Таня духтари зебо буд. Қаду қоматаш мавзун, пойҳои фарбеҳакаш чун пойи «Венера»-и мармарин, чеҳраи ниҳоят зебо, чашмони шаҳлои пурхумор, бинияки хурдакак, лабони чун ғунчаи гул, мӯйи тиллоранги ба китфонаш ҳамоил ӯро чун олиҳа зебою дилоро нишон медоданд. Инро Таня аз афташ хуб медонисту вақте ки боре Борис ба ӯ бо чашмони харидорӣ нигоҳ карда аз роҳ бозистода буд, ба ӯ таънаомез гуфт:

– Чаро ба ман ин қадар нигоҳ мекунед, чӣ магар ҳеҷ гоҳ занро надидаед?

Борис шарм дошта, суп-сурх шуда, иқрор шуд:

– Ба ростӣ, чун олиҳа зебоед. Ман хобам ё бедор, гуфта хостам аниқ кунам.

Таня хандид.

– Ҳо, шумо балоча-ку. Ба ман чун артистони кино хушомад мезанед-а, боз шумо худатон артист набошед гуфту ҳарду бо завқ хандиданд.

Ҳамин тавр оҳиста-оҳиста сӯҳбаткунон ба хонаи Таня расиданд.

Ана, ман ба хонаамон расидам, – гӯён нохост Таня сӯҳбаташонро бурид.

Борис дар дил афсӯс хӯрда бо Таня хайрухуш кард. Ҳарду қарор доданд, ки пагоҳ ба театр раванд. Дар театри Маяковский боз драмаи «Ромео ва Ҷулетта» мерафту он ба Борис ниҳоят маъқул афтода буд. Аз ин рӯ, ба Таня иқрор нашуд, ки вай ин драмаро дидааст ва ӯро ба он ҷо таклиф кард. Таня таклифи ӯро қабул кард.

Ҳамин тавр онҳо тез-тез бо ҳам вомехӯрданд. Кор ба ҷое расид, ки Таня мувофиқи маслиҳаташон ҳар рӯз дар соати муайян ба Борис занг мезад. Борис бошад ҳаракат мекард, ки дар он соат дар ҷойи кораш танҳо бошаду бо Таня дарди дил кунад. Агар мабодо Борисро бо кори таъҷилӣ роҳӣ кунанд ва ӯро Таня наёбад, ҳамон рӯз то Бо-

рисро ёфтан ба ӯ занг мезад. Вақте ки ӯро ёфт, бо итоб, ту дар кучо мегардӣ, охир ман аз занг задана қимоб шудам, мегуфт бо алам.

Борис бошад узрхоҳон сабаби набуданашро ба ӯ мегуфт. Дӯстиашон баъди бӯсу канори аввал боз ҳам мустаҳкамтар гашт. Дар як рӯзи истироҳат ҳар ду ба кӯли Варзоб рафтанд. Як гӯшаи хилватро ёфта, либосҳояшонро кашида ба об даромада, хеле оббозӣ карда, баъд ба рӯи реги дар офтоб гарм шуда баданашонро обутоб доданӣ шуда, дароз кашиданд. Он рӯз аз чӣ бошад, ки одам дар кӯл кам буду ба онҳо касе халал намерасонд. Аввал дар реги гарму офтоби сӯзон худро дошта боз ба об даромаданд. Баъди каме гарм шудан дар хараки зери мачнунбед рафта нишастанд. Навдаҳои ҳамелхӯрдаю чун кокулони духтарони точик зебою дарози мачнунбед онҳоро аз чашми ғайр паноҳ мекард. Онҳо паҳлӯи ҳам нишастанд, вақте ки бадани гарму нарми зебои Таня ба бадани Борис расид, ӯро беихтиёр ба оғӯш кашид. Таня чизе нагуфта, худро ба ӯ чафс карда табассуми ширине намуд. Борис шерак шуда, лабонашро ба лабони ӯ наздик бурда буд, ки худи Таня лабонашро ба лабони ӯ часпонду онҳо дуру дароз ба ҳам сахт часпида ба бӯсу канор машғул шуданду дар атроф чизеро ҳам намедиданд. Барои ин ду дилдода дигар касе ҳам даркор набуду онҳо касеро ҳам ҳис намекарданд.

Ду-се марду зани кунчков аз наздашон гузашта, бо ҳавас ба онҳо нигаристанд, вале чизе нагуфта гузашта рафтанд.

Ҳамин тавр, масъала худ ба худ ҳал шуд. Баъди як моҳи дигар онҳо бо розигии модари Таня ва Анна-хола аз қайди никоҳ гузашта, ба тӯй тайёрӣ медиданд. Дар тӯйи онҳо апаҳои ӯгайи Борис Элвира ва Светлана бо шавҳаронашон, падараш Егор Иванович бо Лилиячон, ёру дӯстон ва дигар хешу табори Борису Таня иштирок доштанд.

Ба Егор Иванович Светозаров Таня ниҳоят маъқул шуд. Ба ӯ нигариста Тамараи марҳумаш ба ёдаш омад, ки Таня ба ӯ ниҳоят монанд буд. Вай оҳе кашиду зуд худро ба даст гирифта:

– Қӯшапир шавед, –гӯён онҳоро дуо доду баъд «Ширин шавад», – гуфта буд, ки ҳама чамъомадагон ӯро дастгирӣ карда «Ширин шавад! Ширин шавад!», – гӯён бинои рес-

торани «Вахш»-ро, ки тӯй дар он ҷо мегузашт, ба сар бардоштанд. Арӯсу домод якдигарро бӯсиданду дар ҷояшон нишастанд.

Тӯй то бевақтии шаб бисёр хушу хурсандона гузашт.

Баъди тӯй Егор Иванович Светозаров бо духтарчааш Лилия се-чор рӯзи дигар меҳмони Борис шуд. Баъд боз баргашта ба Астрахан рафт. Борис дар бораи ҳабс шудани Соҳибовҳою Сафаров ва дигар роҳбарони хоҷагиҳо нақл кард. Светозарови калонӣ дар хусуси воқеаҳои Тоҷикистон аз рӯзномаи марказии мамлакат огоҳ буду вале пурра дар бораи киро ба ҳабс гирифтани мақомоти тафтишот намедонист. Ӯ нақли писарашро шунид.

Вай бисёр афсӯс мехӯрд, ки бо касофатии чанд мансабпарасту маҳалчӣ ва бюрократ шуда ҷумҳурӣ бадном шудааст.

Егор Иванович дар давоми дар Сталинобод меҳмон буданаш ба совхозе, ки пеш роҳбари он буд, рафта бо олимону ҳамкорони пештарааш вохӯрд. Онҳо ӯро самимона пешвоз гирифта, меҳмондорӣ ҳам карданд ва ӯро ҳидояти баргаштан карданд. Вале ӯ розӣ нашуд. Ман боз ками дигар сабр мекунам, метарсам, ки боз ягон тӯҳматеро ба сари ман бор накунанд, – нимшӯхию нимҷиддӣ гуфт ӯ ба рафиқонаш.

Татаяна Морозова духтари якаю ягонаи Серафима-хола буд. Падари Таня соли 1943 дар яксолагии духтараш ба ҷанг рафту дигар барнагашта беному нишон шуд. Модараш то ҳол «Пешкаи ман меояд», – гӯён роҳи ӯро интизор буд. Вай чӣ қадар Павел Иванович Морозовро кофтукоб карда, ба ҷойҳои ҷангидаи ӯ, комиссариати ҳарбии ҷумҳурию вазорати мудофиаи СССР нома навишта, дар бораи шавҳараш маълумот пурсида бошад ҳам, як ҷавоб мегирифт. «Ӯдар вақти гузаштан аз дарёи Дон беному нишон гум шуд».

Ҳамин тавр, на мурдаю на зинда будани шавҳарашро надониста Серафима-хола интизорӣ мекашид. Баъзе вақтҳо шавҳари азизашро ба ёд оварда мегирист. Ӯ нури чашмаш Татянаро бо меҳру муҳаббати беандоза калон мекард, зеро ҳамаи умедаш ӯ буд. Вақте ки бори аввал Таня Борисро бо модараш шинос кард, ӯ аз шодӣ гирист. Борис бо хоксорию меҳрубониаш ба ӯ ниҳоят маъқул шуда буд. «Бахт ёру тақдир мададгоратон бод, фарзандонам», – гӯён

ба онҳо дуои нек мекард Серафима-хола.

Татяна баъди мактаби миёнаро тамом кардан ғоибона ба Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ дохил шуда, ҳамроҳи модараш, ки дар идораи маорифи ноҳияи Роҳи оҳан муҳосиб шуда кор мекард, котиба шуда ба кор омад. Вале баъди тӯяшон ӯро ба вазорати маориф таклиф карданд. Ӯ дар қабулгоҳи ҷонишини вазир Умар Соҳибов котиба шуда кор мекард. Борис ба дигар ҷой ба кор рафтани занашро донад ҳам, дар кучҷою бо кӣ кор карданашро напурсида буд, кунҷковӣ ҳам накард.

Хоҳад, худаш мегӯяд. Нахоҳад, хуб намешавад, гӯён ба ин аҳамият ҳам надода буду вақти ба ин хел гапҳо овора шудан ҳам надошт. Кораш ниҳоят бисёр буд, ба кор барвақт рафта дер меомад. Татяна, ки пештар аз кори ӯ хабардор буд, ӯро барои дер омаданаш коҳиш намекард.Борис бошад ҳаракат мекард, ки каме вақти холӣ ёбаду бо зани ҷавонаш сайругашт кунад. Вале ин бисёр кам ба вуқӯъ меомад.

Ҳамин хел рӯзҳо паси ҳам мегузаштанд. Зиндагиашон хуб буд. Гӯё камбудие надоштанд. Дар вақти никоҳашон Таня ба Борис рӯй оварда:

– Агар ту хафа нашавӣ, ман бо фамилияи худам монам. Охир ман фамилияи туро гирам, фамилияи падарам, ки ба ғайр аз ман касе надорад, гум мешавад, – гуфта буд. Борис бе ягон дудилагӣ:

– Ин кори худат. Охир ман туро ба занӣ мегирам, фамилияатро не ку, – гӯён шӯхӣ ҳам карда буд. Аз ин рӯ, дар ҷои кор ҳама Таняро ҳамчун Морозова медонистанд. Танҳо дугонаҳои наздики Таня медонистанд, ки шавҳари ӯ Светозаров-муфаттиши прокуратураи ҷумҳурӣ аст. Идораҳои Борису Таня бисёр наздик буд. Онҳо аксар вақт дар ошхонаи дар таҳхонаи Вазорати кишоварзӣ воқеъ буда хӯрок мехӯрданд. Баъзе вақтҳо агар Борис камкортар бошад, баъди кор якҷоя ба хона мерафтанду якҷоя ба кор меомаданд. Гӯё ҳама вақт зиндагиашон чунин бояд мегузашт. Вале воқеае шуду зиндагиашон ранги дигар гирифт.

Рӯзе Таняю Борис баъди хӯроки нисфирӯзӣ аз ошхона баромаданду дар пиёдароҳ сӯҳбат мекарданд, ки аз роҳи калон мошини «Волга»-и сиёҳе гузашт.Таня мошинро дида: «ана, ман бо соҳиби ҳамин «Волга» дар як ҷо кор мекунам, гӯён диққати Борисро ба мошини аз наздашон гу-

зашта истода ҷалб кард. Борис одамони даруни «Волга»-ро дуруст надид,вале дар мошин нишастагон онҳоро диданд.

Худи ҳамон рӯз соҳиби «Волга», ки Умар Соҳибов буд, баъди аз кучое гашта омаданаш ба қабулгоҳ даромадан замон ба Таня «як қаҳва тайёр кунед» гуфту ба утоқи кориаш даромад. Таня мисли ҳаррӯза зуд дар чойники барқӣ об ҷӯшонду дар як чумчаяки зебое қаҳва, ду пора қанди сафед андохта ба болояш оби ҷӯшондагиро рехт ва бо қошуқча каме кофта, чумчаро бо тақсимчаи ҳамранги худаш гузошта ба утоқи кории Соҳибов даромад. Соҳибов, ки пеш ҳам ба ин зани зебо хушомад зада меистод, имрӯз булбулвор ба хониш даромад:

– Таняҷон, имрӯз шумо аз ҳарвақта дида зеботаред, ҳамаи ҷонишинони вазиру худи вазир ҳам барои шумо шуда ба ман ҳасад мебаранд, – гуфта табассумкунон чумчаи қаҳваро аз дасти ӯ гирифта, як қулт нӯшид.

– Баҳ-баҳ! Оличаноб, қаҳваатон ҳам имрӯз аз ҳаррӯза дида беҳтару хушбӯйтар, – гуфта таъриф кард. Баъд дид, ки Таня шарм дошта чӣ гуфтанашро намедонад, ба ӯ бо чашми харидорӣ нигариста: «Эҳ, каллакаду, ҳамин хел зебосанамро қариб як сол боз як девор ун тараф дида натавонистӣ-а!» гӯён аз дил гузаронд.

– Таняҷон, як чиз пурсам, хафа намешавед? – пурсид Соҳибов.

– Не, чаро хафа шавам? Марҳамат, пурсидан гиред, – гуфт.

– Ҳамон ҷавони имрӯз бо шумо дар кӯча сӯҳбат кардагӣ кӣ буд?

Таня аз саволи ғайриоддии Соҳибов ҳайрон шуда:

– Ун кас шавҳари ман Борис.

– Ин ҳамон Борис Светозарови дар прокуратураи ҷумҳурӣ кор мекардагӣ не-мӣ?

– Ҳа, худи худаш.

– О балочае, хуб ҷавони аҷоиби мансаби калондорро аз худ карда будай-да! – худро ҳайрон нишон дода гуфт Соҳибов.

Таня китф дарҳам кашида:

– Ҳа, ҷавони хуб. Насибу тақдир будааст, – гӯён табассум кард.

Соҳибов ба гапаш идома дод.

– Ҳа, боз ин йигитча кӣ бошад. ки бо котибаи ман сӯҳбат дорад гуфта, қариб рашк кунам-а, – гӯён шӯхӣ кард.

Ҳарду хандиданду Таня аз дар баромад, Соҳибов чумчаи қаҳваро як сӯ тела дода, дар утоқи калонаш ба қадамзанӣ даромад. Ӯ Светозаровро дар вақти хонаи падарашу худашро кофтуков кардан дида буд. Аз амакаш Назар Соҳибов фаҳмида буд, ки ҳамин Светозаров нӯги «калобаҳои печон»-ро ёфта, ҳамаро ба таҳлука андохтааст у сабаби ҳабси падараш шудааст. «Ҳа-а, – мегуфт ӯ худ ба худ роҳравон, – ин лаънатӣ на танҳо падарам, ҳатто амакаму рафиқи ӯ Санговро низ ба ҳабс гирифта, ба муддати 15-солӣ суд кунонд. Мани аҳмақ бошам, зани ӯ дар паҳлӯяму хап карда шиштаам. Акнун коре карда аз ин Светозаров қасос нагирам, номам Умар не!» гӯён бо қатъият рафта дар ҷояш нишаст. Нақшаи чӣ тавр ёфтани дили Таняи дӯстрӯйро кашид. Ӯ, ки дар фиреб кардану ба даст овардани дили занҳо «устухон» надошт, ба хулосае омад, ки дили ин духтаракро якбора ёфтан осон нест. Аз ин рӯ, хост, ки оҳиста-оҳиста ба дили ӯ роҳ ёбад.

Рӯзи дигар Таня ба кор омада дар болои мизи кориаш як даста мехчагулҳои калон-калонро дида, ҳайрон шуд. Вай аввал фикр кард, ки шояд касе оварда дар ин ҷо фаромӯш кардааст. Вале хеле вақт гузашту соҳиби гул пайдо нашуд. Дар ин вақт Соҳибов аз утоқи кориаш баромада гулҳои ҳоло ҳам дар рӯи миз истода ва Таняи ҳайронро дида:

– Таняҷон, охир чаро гулҳоро ба гулдонатон намегузоред?! Онҳо пажмурда мешаванд, – гуфту табассуме карда аз дар баромад.

Таня зуд фаҳмид, ки гулҳоро кӣ овардааст, аз ин рафтори сардор ҳайрон монд. Охир ӯ то ин дам, гӯё ӯро намедид. Ба ӯ чӣ шудааст, ки аз дина ба хушомад даромаду имрӯз бошад, ба ман гулҳои зеборо овард, худ ба худ савол медод Таня.

Таня гулҳоро ба гулдон монда аз зебоии онҳо мафтун шуд. Вай мехчагулро бисёр дӯст медошт. Борис ҳам тез-тез ба ӯ ҳамин гулро тӯҳфа мекард.

Умед Соҳибов бошад, ҳафтае ду бор ба ӯ гул меовардагӣ шуда, ҳатто барои харидани қаҳваю конфетҳои ҳархела, ки пештар Таня аз маоши ночизи худ мехарид, пул медодагӣ

шуд. Таня чизеро сарфаҳм нарафта рӯз ба рӯз ба хушомад задану баъзе вақтҳо тӯҳфа кардани қуттиҳои конфети қимматбаҳою ручкаҳои зебои Умар Қамарович ақлаш нагирифта, онҳоро қабул мекард. Дар дилаш: «чӣ хел одами нағз!» ҳам гуфта мемонд. Дар рӯзи таввалудаш бошад, Умар Қамарович (Таня ӯро чунин меномид) ба ӯ соати занҷирдори зебоеро тӯҳфа кард. Таня аз шарм:

– Охир ин чӣ лозим, ман ба шавҳарам чӣ хел мефаҳмонам?! – гуфта буд, ки Соҳибов хандакунон:

– Эҳ нодонак, наход фиреби шавҳарро надонӣ. Бигӯ, ки коллективамон тақдим кард. Вассалом.

Ҳарду аз ин ҳиллаи осони ёфтшуда хандиданд. Дар ҳақиқат ҳам, вақте ки дар хона Борис гулҳои зебою соати қимматбаҳоро дар дасти занаш дид, ҳайрон шуд.

– Инҳо аз куҷо? – гӯён пурсид. Таня, ки аллакай фикри фиреб додани шавҳарашро аз Соҳибов ёд гирифта буд, беҳуда рашк накунад, ҷанҷол набардорад, гуфта фикр карду ҳиллагарона аз лабони шавҳараш бӯсид.

– Албатта, аз хушдорам не. Коллективамон тақдим кард, – гуфт.

Борис ба ӯ бовар карда чизе нагуфт. Ҳамин тавр, Татяна бори аввал шавҳарашро фиреб кард. Пай ҳам набурд, ки ин фиребҳо баъд зиёдтар мешаванду охир онҳоро ҷудо мекунанд.

Баъди як соли кораш Соҳибов Татянаро сарметодисти як шӯъбаи Вазорати маориф таъин кард.

– Таняҷон, ин аз нӯги хамир фатир. Ояндааш боз ба худат вобаста, – гӯён маккорона ӯро табрик кард.

– Раҳмат барои некиатону лекин охир ман ҳанӯз маълумоти олӣ надорам. Таҷрибаи корӣ ҳам, дар он ҷо чӣ хел кор мекунам, – гуфта пурсид.

– Парво накун. Он ҷо ҳама одамони худӣ (дар ҳақиқат ҳам дар шӯъбаи методии мактабҳои олӣ ва миёна Умар писари хешашон Карим Яҳёевро ва дар ду-се шӯъбаи дигар ҳам хешу табори дуру наздикашро ба кор таъин карда буду ба онҳо боварӣ дошт), гӯён Татянаро бо чашми харидорӣ, то пеши дар гусел карда. – Ягон корат барояд шарм надор, мунтазири даъват нашуда, албатта, мурочиат кун», – гуфта гусел кард. Ҳамин тавр, Татянаи аз накшаҳои Соҳибов ва макри ӯ бехабар хурсандона: «Чӣ хел одами хуб! Одами меҳрубону дилсӯз», гӯён аз дилаш

гузаронида ба ҷои кори наваш рафт.

Мудири шӯъба Карим Яҳёев Таняро хуш қабул карда, ба вай утоқи алоҳида ҷудо кард. Ин ҳам супориши Соҳибов буд. Акнун Соҳибов ҳар вақте ки хоҳад, ба назди Таня медаромаду касе ба гапи онҳо халал намерасонд.

Бегоҳӣ, вақте ки Татяна дар бораи ӯро ба кори нави маошаш аз маоши пештарааш ду маротиба зиёд ба Борис хушҳолона нақл карду Соҳибовро ба таъриф даромад, Борис аз ӯ пурсид:

– Танякон, ин одами таъриф мекардагиат кист? Охир вай чӣ хел туро ба ин кор таъин кард, ки ту ҳоло на таҷрибаи корӣ дорию на маълумоти олӣ?

– Ин одам муовини вазири маориф Соҳибов Умар Қамарович, боз савол дорӣ? –гуфт аз бинии Борис бӯсида Таня.

– Кӣ? Кӣ гуфтӣ?

– Соҳибов Қамар Умарович, – ҷавоб дод Таняву ба ранги рӯ ва авзои дигаргун шудаи шавҳараш нигарист.

– Ҳа, Борисҷон, чӣ гап шуд? Чаро номи ин одамро шунида ин қадар ранги рӯят канд? Ё рашк бурдӣ? – гӯён ҳайрон-ҳайрон ба рӯи сап-сафед кандаи ӯ нигарист.

Борис каме фикр карда худро ба даст гирифт.

– Ту як сол боз бо ин мард кор мекунию наход як бор ҳам бо кӣ кор карданатро нагӯӣ-а?! – таъна зад Борис.

Таня аз ин боз ҳайронтар шуда:

– Охир ту напурсидӣ. Ман ҳам лозим набудагист, – гуфта нагуфтам. Охир ту ҳам ба ман ягон бор дар бораи корҳои идораат нақл намекунӣ-ку?! бо итоб гуфт ӯ.

– Ту медонӣ вай кист? – ва худаш ҷавоб дод: Ӯ писари ҷинояткор аст, падари ӯро ман ҳабс карда будам, ӯро ба муддати дароз суд карданд. Амакашро ҳам ман ҳабс кунонидам, хонаи падарашу ин Умар Соҳибови мегуфтагиатро кофтуков карда чизу чораи бисёрашонро мусодира кунонидем. Ту бошӣ, як сол боз бо ӯ кор мекунию ҳатто инро намегӯӣ. Наход фикр кунӣ, ки баъди ин қадар корҳо вай бе ягон сабаб зани маро ба кор гирад. Ба вазифаи баланд бардорад. Охир ин ба ақл рост намеояд, дар «таги коса боз нимкоса» набошад? Агар Умар Соҳибов дар дилаш ягон нақша кашида ба воситаи ту аз ман қасос гирифтанӣ бошад-чӣ?! – гуфт ба Татяна бо қаҳр нигариста.

Таня, ки то имрӯз аз Соҳибов ба ғайр аз «некӣ» дигар чизеро надида буду ягон фикри бади ӯро ба майна ҷой до-

дан намехост, ба саволҳои Борис бадқаҳрона ҷавоб дод:

– Ту, ки муфаттишӣ, дар симои ҳама гунаҳкорро меҷӯӣ. Ҳама дар чашмат гумонбару гунаҳкор менамоянд. Ҳеҷ кас барои гуноҳи падар ё ки писару дигарон ҷавоб намедиҳад. Агар ту падару амакашро ҳабс карда бошию молу мулки падарашро мусодира карда бошӣ, дар ин ҷо Умар Қамарович чӣ дахл дорад?! Агар вай ягон гуноҳе медошт, ӯро ҳам шумо ба ҳабс мегирифтед. Лекин ӯ одами мӯътабар, номзади илм, ҷонишини вазир шуда кор мекунад. Шахси хубу кордонест. Ҳама ӯро дар вазорат ҳамчун одами хоксору босавод эҳтиром мекунанд. Ту бошӣ, ӯро барои маро ба вазифаи баланд гузаронданаш гумони бад мебарию боз «дар таги коса нимкоса набошад» гуфта мепурсӣ, – гӯён аз Борис рӯй гардонд.

Борис дид, ки занаш дар ҳақиқат ҳам аз ӯ хафа шуд. Бинобар ин хост каме ҳам бошад гапро аз дилаш барорад.

– Танякон, хафа нашав. Ман ҳар рӯз бо чунин одамоне, ки аввал ба касе гӯё некӣ мекунанду баъд онҳоро ба балоҳо гирифтор мекунанд, вомехӯраму корашонро месанҷам. Барои ҳамин ҳам хостам, ки ту худатро эҳтиёт кунӣ, мабодо боз ба доми тайёр кардаи одамони дар рӯяшон ниқоб кашида наафтӣ. Охир ин вазифаи ман аст. Ман туро дӯст медорам, намехоҳам, ки ба пои ту хоре халад. Ба оилаи мо зиёне расад, – гӯён занашро ба оғӯш кашид.

Таня бошад гирякунон: – Чӣ ту маро беақл гумон мекунӣ? Охир ман ба рафтори худам ҷавоб медиҳам. Ман ҳам туро дӯст медорам, – гӯён ба гардани шавҳараш дасташро халқа карду сарашро ба сандуқи синаи ӯ монда ба гиристан сар кард.

Борис дид, ки занаш дар ҳақиқат аз ӯ хафа шудааст. Ӯро ором карданӣ шуд. Ҳамин тавр гапи Борис дар ҳаво монду Таня бо «каллаи» худаш кор кардан гирифт.

Умар Соҳибов бошад, пайти қулай мекофт, ки чӣ тавр карда ба воситаи занаш ба Светозаров зарба занад. Аз ин гап чанд вақт гузашту масъала худ ба худ ҳал шуда монд. Борис якҳафтаина ба Маскав бо кадом коре ба сафари хизматӣ рафту аз ин Таня ба зани ҳамкораш лақида монд. Вай аз куҷо медонист, ки ин зан, ки Мунира ном дошт, маъшуқаи Карим Яҳёев мешавад. Мунира, ки аз Яҳёев барои чӣ ба вазифаи баланд гузаронидани Таняро дониста буд, дар бораи ба сафари хизматӣ рафтани шавҳари корга-

ри навашон зуд ба Яҳёев хабар доду вай шодикунон ин хабарро ба Соҳибов расонд. Якҷоя ба қароре омаданд, ки рӯзи шанбе барои сайругашт тамоми ҳайати шӯъбаи методиро даъват кунанд. Албатта, ин овоза танҳо ба Таня тааллуқ дошту дар асл гап дигар буд. Инро Таня баъдтар фаҳмид. Таня нею нестон карда бошад ҳам, Мунира ӯро ба гап даровард. Хайр чӣ, пагоҳӣ меравему каме дам мегирем. Тамошо мекунем. Майнаҳоро ором карда, боз бегоҳӣ гӯё ки ҳеҷ чиз нашуда бошад, ба хонаҳоямон меоем. Охир ман шавҳару бача дорам. Ман розию ту бо як сари қоқат дар хона танҳо, розӣ нестӣ, – гуфта буд, ки Таня каме фикр карда:

– Хайр майлаш, Мунира-апа, ман гапатонро намегардонаму агар ягон гап шавад, ҷавобашро шумо мегӯед, – гӯён ба рафтан розӣ шуд.

Рӯзи шанбе дар вақти таъиншуда Таня ба ҷои кораш омад. Аллакай Мунираю Яҳёев ва боз ду нафари дигар марду занро дид, ки мардаш дар вазорати онҳо кор мекарду занро, ки худро «Ирина» гуфта шинос кард, намешинохт. Мунираю Яҳёев Таняро дида, якбора ба ӯ часпиданд.

– Чаро дер омадӣ? Ҳама рафту танҳо мо мондем, – гуфта таъна заданд. Таня ба соаташ нигариста:

– Охир ман панҷ дақиқа аз вақти гуфтаатон пеш омадам-ку?! – гӯён бо тааҷҷуб ба онҳо нигарист.

– Одами дамгир дар ин вақт аллакай дар ҷояш мешуд, – паст наомаданд онҳо. Хайр, шин, вақти хола-хола нест. Мо бояд онҳоро мунтазир накунем, – гӯён Яҳёев худаш дар паси чанбари мошин нишаста. Занҳо дар курсии қафои мошин ҷой гирифтанд. Яҳёев мошинро ба сӯи дараи Варзоб устокорона меронд. Аз шаҳр баромаданду ҳамон замон шамоли фораме аз тирезаҳои кушодаи мошин зада даромада ба бадани гармшудаю арақшори одамони дар даруни мошин нишаста як ҳаловати беандозае бахшид.

Таня, ки то ин дам танҳо то кӯли Варзоб омада буду дигар ҷои ин дараи зебоманзарро надида буд, аз эъҷози табиати зебоиофарин дар ҳайрат монда, моту мабҳут гашт. Манзараҳо ҳар қадаре, ки мошин аз шаҳр дуртар мешуд, дигаргуну аҷоибтар мешуданд. Гоҳе кӯҳе аз пеш мебаромаду хаёл мекардед, ки то ин ҷо расидан дигар роҳ нест, вале ба таги кӯҳ нарасида, боз кӯҳи сарсабзи дигар, боз манзараи дигарро мебинед ва дар охири дара кӯҳҳои

осмонбӯси сарсафед намоён шуда, ба дара боз ҳусни дигар мебахшанд. Аз ду тарафи дара бошад, боз дараҳои дигар пайваст шуда, дар он дараҳо дарахтони ёбоии дулонаю чанор, фарку чормағз, сафедору зирк, олучаю себ ва боғҳои сарсабзу зебое ба гулу гулбуттаҳояшон гӯё туро ба оғӯш мегиранду ҳайрон мемонӣ, ки ба кадом тараф нигарию кадомашро тамошо кунӣ. Дарёи Варзоби аз байни дара печутоб хӯрда, наъразанон ҷориро намегӯед? Оби зулоли он ба сангҳои калон зада, мавҷҳои баландеро мебардоранду боз ба дарё зада ҳамвор мешаванд. Нурҳои офтоби оламоро бошад, ба мавҷҳо ва оби дарё тофта ялаққос мезананду гӯё ҳазорон оина дар об шино дошта бошанд, гоҳе пайдо ва гоҳе ноаён мегарданд. Хуллас, ин манзараҳоро ба қалам додан кас оҷизӣ мекашад. Онро рафта дидан зарур аст, то ба таърифи мардум бовар намоӣ.

Татяна ва ҳамроҳонаш ана, ҳамин манзараҳои зебою нотакрорро тамошо карда аз тамошояш сер намешуданд. Гапи якдигарро бурида «вай қуллаи овезонро бинед», «не-не, ана вай зеботар», « ин гулу гулбуттаро нигаред», «мавҷи хурӯшонро бинед» ва ҳоказо гуфта намедонистанд, ки кадом як лаҳзаи ин манзараҳоро таъриф кунанд, дар хотир нигоҳ доранд. Бо ҳамин минвол чӣ тавр онҳо ба Ҳушёрӣ омаданашонро надониста монданд. Яҳёев аз кӯпруки калони даруни деҳа гузашта, каме рафту мошинро ба тарафи дарёчаи Ҳушёрӣ, ки омада ба дарёи Варзоб мерехт, гардонд. Дар он ҷо роҳи мумфарш тамом шуду роҳи борики сангине қад-қади дарё, ки ҳамвор карда шуда буд, сар шуд. Онҳо хеле роҳ рафта, аз деҳа берун шуданд. Аз пеш сангҳои аз хона ҳам калонтару бадвоҳимаи бисёре баромад, ки роҳ аз поёни онҳо мегузашт, аз сангҳо гузашта, ба як ҷои сабзу хурраме даромаданд, ки ақли кас ҳайрон мемонд. Дар даруни санглох чӣ тавр як боғи афсонавӣ пайдо шудааст, ба ақл рост намеомад.

Ин бӯстонсаро аз дарёчаи Ҳушёрӣ тахминан 20-30 метр, аз кӯҳи азиме тахминан 100 метр дуртар ҷойгир буд. Дара дар он ҷо бо дарёча тоб мехӯрду гӯё тамом мешуд, вале аз ду тараф ва аз пеш кӯҳҳои сар ба фалак кашида қомат афрохта буданд. Дар бӯстонсарой дарахтони себу анор, ноку зардолу, олую шафтолу, гелосу бодом масоҳати калонеро ишғол мекарду як ҷойи афсонавиро мемонд. Гулу гулбуттаҳои ғарқи гул, хониши булбулонаш

одамро маст мекард. Вақте дохили бӯстонсаро шуда, аз мошин фаромаданд, онҳоро Соҳибову як марду зани ношиносе пешвоз гирифт.

Татяна, ки «ҳамаи коргарони шӯъба рафтанду моро мунтазиранд» гуфтани Мунираю Яҳёевро шунида буд, дар он ҷо аз коргаронашон танҳо Соҳибовро диду ҳайрон шуд. Шояд дигарҳо ба кӯҳ ё лаби дарё фаромада бошанду ҳозир биёянд, гуфта Татяна худро тасаллӣ дода, ба пешвозгирандагон саломуалейк кард. Вақте ки дохили бӯстонсаро шуда, ба миёнаҷои ҳавлии он омаданд, иморати аҷоиберо диданд, ки дуошёна буд, қисми аввали он дару тирезадору болояш бошад, айвони калон қариб 15-метра дошт, ки аз он ҷо овози мусиқӣ меомад. Ҳамаро ба ҳамон ҷое, ки овози мусиқӣ меомад, таклиф карданд. Дар он ҷо мизи дарози пур аз анвои хӯрданӣ буд. Ба қавле, дар рӯи дастархон танҳо «шири мурғ» намерасид. Ҳамаро ба сари дастархон таклиф карданд.

Татяна дид, ки марди бо онҳо омада дар паҳлӯи Ирина, Яҳёев дар паҳлӯи Мунира, дар паҳлӯи ӯ бошад аз як тараф Соҳибов ва аз паҳлӯи дигар зани соҳибхона ва худи соҳибхона, ки ҳама ӯро Ҷаббори Ҷумъа мегуфтанду занашро Тутихон ном мебурданд, нишастанд. Дигар касе набуд ва дар наздикиҳо низ наменамуд. Таня чизеро нафаҳмида: «чаро инҳо дигаронро интизор намешаванду дар сари дастрхон нишастанд», гӯён аз дил гузаронду лекин аз пурсидан шарм кард. Соқӣ Ҷаббори Ҷумъа шуд. Вай чунон хушчақчақу гапдон будааст, ки кас аз гапдониву суханронииаш дар ҳайрат мемонд. Ӯ дар ҳар суханаш ёди Хайём мекарду рубоиеро ба забони русию тоҷикӣ қироат мекард.

Суханашро аввал аз чунин рубоии Хайём сар кард:

*– Онон ки куҳан бувbooanду онон, ки наванд,*
*Ҳар як пайи якдигар якояк бишаванд.*
*Ин мулки ҷаҳон ба кас намонад ҷовид,*
*Рафтанду равему боз оянду раванд.*

гуфтааст Хаёми бузург, ин бесабаб нест. Дар ҳақиқат дунё мегузарад ва ҳар лаҳзаи умри инсон ғанимат аст, агар онро бо хушию хуррамӣ ва бо ёру дӯстон накӯ гузаронӣ, ҳаёт ширин мегузарад. Имрӯз дӯстонро дар ин ҷазираи худ ме-

бинаму аз дидори онҳо шоду мамнунам ва ҳаматонро хуш омадед, мегӯям. Ин қадаҳи аввалро барои пайи қадами неки шумо мебардорам ва ба ҳамаатон истироҳати бофароғат орзумандам, – гӯён ҳамаро барои бардоштани қадаҳҳояшон таклиф кард. Татяна, ки танҳо дар рӯзҳои тӯю сур ва идҳои калон ягон қадаҳ май менӯшид, қадаҳашро набардошта буд, ки ҳама ба ӯ часпиданд.

– Таняхон, гиред, соҳибхона хафа мешавад, – гуфтанду Таня маҷбур шуд, ки қадаҳро то нисфаш бинӯшад.

Баъди ин ҳама сухан мегуфтанду май менӯшиданд, Таняро ҳам ба майнӯшӣ маҷбур мекарданд. Ба нею нестонаш нигоҳ накарда, ба ҳар баҳона ба ӯ май менӯшонданд. Вай дид, ки ин ҳол давом кунад, соате нагузашта ҳама маст мешаванду оқибаташ хуб намешавад. Аз ин рӯ, биёед як тамошо кунем – гӯён Тӯтихонро аз ҷояш хезонд. Ҳама гумон карданд, ки Таня барои қазои ҳоҷат рафтанист, касе ба онҳо кордор нашуд. Таня ба поёни айвон фаромада аҳамият дод, ки каме дуртар кӯзаи об, дар назди он фавворае, ки обаш фаввора мезанад, он сӯйтар бошад, гӯшаи варзишӣ, дар болои сангҳои калони тарафи чапи бино юртаи қазоқӣ ва боз дигар чизҳо сохта шудааст. Ҳар яке аз ин иншооту ҷойҳои дамгириро Тӯтихон ба Татяна намоиш дода, чӣ тавру кай сохтани онҳоро нақл мекард. Маълум шуд, ки Ҷаббори Ҷумъа қариб тайи 10 сол ба сохтмони ин манзил қамар баста, бо ёрии ёру ҷӯраҳояш дар ҷои ин сангҳои азим, ин боғу бӯстонсароро бунёд кардааст. Татяна суханҳои соҳибхонаро шунида, баъд дур андохта: – Дигар меҳмонҳоятон чаро наменамоянд? – гуфта пурсид.

– Дигар меҳмонҳо? Кадом меҳмонҳо? Охир ҳамаи меҳмонҳо ҳамроҳатон буданд. Чӣ, боз ягон каси дигар ҳам омаданаш лозим буд? – гӯён ҳайрон шуда пурсид Тӯтихон.

– Ба ман ҳамин хел гуфта буданд, маълум, ки дигарҳо ба дигар ҷо рафтаанд, – гӯён гапро Таня ба ҷойи дигар бурда фаҳмид, ки дигар касе несту ӯро фиреб кардаанд. Вале бо кадом мақсад, барои чӣ? – гӯён Таня худ ба худ савол медод.

Вақте ба назди дигарон омаданд, аллакай ҳама қариб сархуш буданд. Таня «истироҳати дигаронро халалдор накунам», гӯён хомӯш буд. Вай умед дошт, ки бегоҳӣ ба хонаашон мераваду дигар дар ин хел маъракаҳо иштирок намекунад. Навбати рақсу суруд шуду ҳама ба рақс даро-

маданд.

Соҳибов Таняро ба рақс таклиф кард. Ягона одаме, ки дар байни онҳо ҳушёр буд, Соҳибов буд. Вай кам гап мезад, ба Таня дар вақти хӯрокхӯриаш хизмат мекард. Дар вақти рақс:

– Шумо чаро хурсандӣ намекунед ё ки манзараи ин ҷо ба шумо маъқул нест? – гӯён пурсид Соҳибов.

– Ҳа, ҳамту ким-чӣ хел тобам нашуда истодааст, – дурӯғ гуфт Таня. – Манзара бошад, нотакрор, ин хел ҷойҳоро ман бори аввал мебинам.

– Ин тавр бошад, бемалол ягон фикре накарда, истироҳат кунед. Набошад карахтию бедимоғии шумо ба дигарон мегузараду истироҳатамон хуш намегузарад, – гӯён ӯ Таняро ба ҷойи нишасташ оварда, боодобона курсиашро ба қафо кашида, ӯро пеш гузаронида, баъд курсиро ба ҷояш гузошта, Таняро шинонд. Таня аз суханҳои Соҳибов каме ором гирифт. Вай ба ӯ боварӣ дошт. Фикр кард, ки дар ин ҷо то оне ки ин мард ҳаст, касе ӯро хафа карда наметавонад. Ба хандаю бозии дигарон шарик шуд. Баъди чанде ду баччае, ки дар вақти ба ҳавохӯрӣ баромадани Таня гӯсфанд пӯст мекарданд, аз дилу ҷигарашон гӯштбирён карда ба назди меҳмонон гузоштанд. Боз нӯшбод сар шуд. Таня ҳам аз ҳар қадаҳе як қулт-ним қулт менӯшид. Баъд каме шашлик оварданд. Шашлик бомаза буд. Онро ҳама бо иштиҳо хӯрданду май нӯшиданд. Баъд оббозӣ карданд. Таня шарм дошта оббозӣ накард, агарчанде дилаш доғ буд. Баъди оббозӣ ба лаби дарё фаромаданд, баъзеҳо ба кӯҳ баромаданӣ шуда, каме рафтанду боз қафо гаштанд, охир май ҳам чизи зӯр аст. Май нӯшида ба кӯҳ баромадан ин марг аст. Инро ба кӯҳ рафтагон дасту пойҳояшонро хуншор карда, зуд фаҳмида буданду қафо гаштанд. Танҳо Соҳибов ба касе ҳамроҳ намешуд, ӯ бо соҳиби хона дар лаби кати сарҳавз нишаста дар чӣ борае сӯҳбат мекарданд.

Боз ба сари дастархони аз сари нав ороста нишастанд. Гӯштбирёни ба сари дастархон омадаро бо иштиҳо хӯрданду боз май нӯшиданд. Лекин Таня дигар май наменӯшид. Рӯз ҳам ба поён мерасиду сояи кӯҳ гашта буд, соат ба шаш наздик мешуду касе нияти рафтан надошт, Таня ба Соҳибов рӯ оварда:

– Агар ман ба хона наравам, ташвиш мешаванд, – гуфт.

Соҳибов ба соҳибхона ишора карда буд, ки вай боз ба

сухан даромада дуру дароз сухан гуфта рубоӣ хонда дар охир барои дӯстию рафоқат менӯшем, – гӯён аз ҳама хоҳиш кард, ки қадаҳҳояшонро то охир холӣ кунанд. Аз чӣ бошад, ки қадаҳи Таняро Соҳибов бардошта, ба наздаш монд.

– Танячон, инро барои гуфтаҳои соҳибхонаю саломатии нишастагон бинӯш. То ман донам, касе аз ин ҷо хафаю хиҷил намеравад, набошад май нанӯшидани шуморо дида дилам торс мекафад.

Қадаҳро Татяна маҷбурӣ то охир нӯшид. Ҳозирон ҳама маст шуда майнӯширо давом медоданд. Баъди каме Татяна ҳис кард, ки сараш чарх зада истодааст. Аз ҷояш хест, ки калавида рафт, ӯро Соҳибов аз афтидан нигоҳ дошту ба дасти Мунираю Тутихон дода:

– Бечор нӯшида наметавонистаасту беҳуда маҷбур кардам ва ба соҳибхона чашмакӣ зад. «Тӯтихон меҳмонро ба поён фаровардa каме шамол диҳед», гуфта буд, ки Таняро, ки базӯр дар пояш рост меистод, Мунираю Тӯтихон аз китфаш гирифта ба поён бурданду дар яке аз хоначаҳо, ки кати оличаноби дукаса дошту бо ҷойпӯшҳои ҳарир пӯшида шуда буд, хобонданд.

Таня пагоҳӣ бо сари вазнин бедор шуд, ки луб-лучи модарзод дар оғӯши Соҳибов, ки мисли ӯ луч буд, хоб аст. Вай гӯё, ки ба ӯ баркро пайваст карда бошанд як ларзиду зуд аз ҷояш хеста, либосҳои дар болои кат ботартиб чидаашро пӯшида, тозон ба берун баромад. Дар куҷо буданаш ба ёдаш омад. Вай дар бӯстонсаро бо Соҳибов танҳо буд. Дар он ҷо дигар пашшае пар намезад.

Аз паси ӯ Соҳибов низ, ки бедор шуда буд, тозон таги шим ба берун баромад. Таня ӯро дида:

– Ин чӣ кори кардагиатон?! Охир шарм намедоред?! Ман ба шумо бовар кардаму шумо ба ман чӣ кардед?! Ҳе, садқаи ҳамон вазифаю одамгарӣ шавед!

Соҳибов ҳам паст наомада.

– Қанчиқ! Худат дирӯз маро ба ҷогаҳат даровардa, ҳатто либосҳоямро кашида ба худат ангехтию имрӯз боз маро гунаҳкор мекунӣ, – гӯён як шаппотӣ ба рӯяш зада буд, ки Таня ба худ омад. Ҳамон замон гуфтаҳои Борисро ба ёд овард, ки ин хел одамон аввал гӯё некӣ мекунанду лекин ба иваз чизе металабанд, ки иҷрояш имконнопазир аст. Ва «таги коса нимкоса набошад» – гӯияшро низ ба ёд овард. «Ҳа, ана, ин лаънатӣ ба ман чӣ хел нимкоса тайёр карда будааст,

– гуфту пиёлаи охирини арақе ки Соҳибов ба ӯ маҷбурӣ нӯшонда буд, ба ёдаш омад. Аз афташ ин лаънатиҳо бо арақ ба ман дорӯ додаанд, ки ман беёд шудааму ин хирс ба ман чи коре, ки хост, кардааст, – гӯён ба сӯи роҳи омадаашон роҳӣ шуд. Баъди каме роҳ рафтан аз қафо Соҳибов бо мошинаш омада фуромад ва ба он Таняро маҷбурӣ савор карду оварда дар пеши хонаашон фаровард.

Таня ба хонаашон надаромада ба хонаи модараш рафту баъди шустушӯ ва хоб рафтан, барои он ки Анна-хола ягон фикри бад накунад, ҳамроҳи модараш ба хона омад.

Серафима-хола: – Мо то дер боз сӯҳбат кардему дер шуданашро надонистем. Таняҷон дар хонаи ман монд, гуфта Анна-холаро ором кард. Вале барои шаб дар хонаашон хоб накарданаш духтарашро гӯштоби сахт дода гуфта буд: Духтарам, одам бояд ба қадри оилаю оиладорӣ расад. Охир ту Борис барин ҷавонро аз куҷо меёбӣ, ки шабгардӣ мекунӣ. Агар ҳамин коратро такрор кунӣ, аз худат гила кун.

Серафима-хола – модари Татяна Морозова аз куҷо медонист, ки «синаи духтарашро гургҳо тала мекунанд», чунки Таня «очаҷон ман ин шаб дар хона набудам», гуфту вале дар куҷою бо кӣ будан ва бо ӯ чӣ воқеа рӯй доданашро иқрор нашуда буд.

Таня бошад, ҷои нишаст намеёфт. Дар хонааш гӯё ҳама чиз, ҳатто расми калони Борис, ки дар девор овезон буд, ба ӯ бо тамасхур ва таънаю маломат менигарист.Ӯ тоқат накарда, ба рӯйи мизи ошхонаашон «Анна-хола, ман бетоб шуда ба хонаи модарам рафтам», гуфта хатчае навишту ба хонаи модараш рафт. Дар он ҷо низ фикрҳои барҳаму дарҳам ӯро азоб медоду чӣ кор карданашро намедонист. Аз як хона ба дигараш ва аз он ҷо ба даҳлезу аз даҳлез ба ҳавлӣ мебаромад, вале боз ба хона даромада худро бо коре андармон карданӣ мешуд, вале ҳайҳот. Ҳамин ки ба коре худро овора мекард ва китоб хонданӣ мешуд, ҳамон замон дар пеши чашмаш тани урён дар оғӯши марди бегонаи серпашм бедор шуданаш дар пеши чашмаш меомаду боз худро ба ҳар сӯ мезад. Чизе ба майнааш намедаромад. Худро маломат мекарду вале аз ин чизе иваз намешуд.

Боз дар гӯшаш овози Борис медаромад, ки «ҳушёр шав, боз дар таги коса нимкоса набошад». Бечора Борис. Чӣ қадар ҳаракат кард, ки ман худро эҳтиёт кунам. «Ба ҳар

хел одам бовар карда намешавад, якеашон гӯё некӣ кардан мехоҳанд, баъд чизеро талаб мекунанд,ки саратро ба кучо монданатро намедонӣ» боз гуфтаҳои Борисро ба ёд меовард.

«Ҳа, мани аҳмақ шавҳари боақл, покдоману ғамхорамро он шаб нафаҳмидам. Набошад ба ин ҳол дучор намешудам. Чӣ қадар ин падарсӯхтаи Умарро дар назди ӯ таърифу тавсиф карда, «вай ин хел не. Вай одами боақлу дилсофу ғамхор аст. Ту ки муфаттишӣ, дар симои ҳама гунаҳкорро мечӯӣ» гуфтам. Лаънат ба ман, дигар ман ҳуқуқи бо ӯ зистан надорам. Ман фоҳиша. Ба ман дасти марди ғайр расид.Нопок шудам. Сазоям мурдан аст», гӯён Таня дигар роҳе наёфта ба фикре омад, ки худро нобуд кунад. Ба анчомхонаи рӯйи ҳавлиашон буда даромада канаберо ёфту онро ба як чӯби вассаи хона баста, нӯги дигарашро ҳалқа карда ба гарданаш андохт. Ба болои курсичаи дар он чо ёфтааш баромада худро ба замин партофт. Канаб ӯро ҳамон замон бӯғӣ карду роҳи нафаскашиаш баста шуд. Вай бо талвосаи чон бандро аз роҳи нафасаш гирифтанӣ шуд, банд ба дасташ омаду онро канданӣ шуда ба албончхӯрӣ даромад, вассаи болои хона ба вазни ӯ тоб наоварда шикасту як нӯгаш ба сараш омада зада буд, ки афтида дароз кашида аз ҳуш рафт.

Вақти бисёр гузашт. Овози «вой духтаракам» гӯии модар ӯро ба ҳуш овард. Хайрият, ки нисфи рӯз буду ҳама дар кор буданд ва касе ба имдоди модар наомад. Таня ба ҳуш омаду аз чояш хеста нишаст. Модар инро дида, додгӯиро бас кард.

– Танячон, охир ин чӣ кори кардагиат? Ба ту чӣ шуд? Ақлатро хӯрдӣ магар? О ту бо ин корат қариб маро бесоҳибу Борисро шарманда мекардӣ? – гӯён аз гардани духтараш канабро кушода гирифту изи чуқуриеро дар гарданаш дид.

– Вой Худочон, ман ба ту чӣ гуноҳ кардам, ки духтараки яккаю ягонаамро ба ин ҳол дучор кардӣ? – гӯён ба навҳакашӣ даромад.

Таня каме ба худ омада, дар гарданаш дарди сахтро ҳис карду онро ба молиш додан даромад. Хост оби даҳонашро фурӯ бурда ҳалқи хушкшудаашро тар кунад, вале оби даҳонаш ба гулӯяш нарафта ба сулфа задан даромад.

Ҳамин минвол қариб ним соат гузашта буд, ки оҳиста-

оҳиста дард паст шуда, нафаскашиаш ҳам ба ҳолати аввала баргашт. Майнааш гиҷ шуда буду чизе ба ёдаш намонд. Ба ӯ чӣ рӯй доданашро ҳам намедонист. Бо ёрии модараш ба хона даромаданд. Модар аз куҷое вазелин ёфта, ба гарданаш молида ӯро хобонд.

Таня об пурсид. Модар ба ӯ аз чойник чойи хунук рехта дод, дар як дам онро дам кашида, пиёларо баргардонд. Сарашро ба болин монда буд, ки дере нагузашта хобаш бурд. Серафима-хола дид, ки духтарашро хоб бурд, барои он ки ба хоби ӯ халал нарасонад, ба хонаи дигар гузашт. Ӯ ба худкушӣ даст задани духтарашро ба ёд овард.

«Ба ӯ чӣ шуда бошад? Чӣ воқеа рӯй дода бошад, ки вай худро куштанӣ шудааст? Чаро ӯ ба ман чизе нагуфт? Ё марде ӯро фиреб кардаасту ӯ барои хиёнат кардан ба шавҳараш ба чунин кор даст задааст» – гӯён худ ба худ савол медоду ҷавобе намеёфт. Чанд бор хомӯшона ба ҷойи хоби духтараш нигаристу ӯро масти хоб дида, аз ӯ дилпур шуд ва боз ба фикру хаёл ғӯтта зад. Чанде дар ин ҳолат гузашт, ба ёдаш нест. Ӯро аз гирдоби хаёлот дод гуфта аз ҷояш хестани духтараш баровард, тозон ба хонаи хоби ӯ даромад. Дид, ки Татяна дар рӯйи ҷойгаҳи хобаш бо дастонаш рӯяшро пӯшида мегиряд.

Серафима-хола ба ӯ наздик шуда, ӯро ба оғӯш гирифт.

– Гиря кун духтарам, гиря кун, сабук мешавӣ, – гуфт сарашро ба силакунӣ даромад.

Татяна дуру дароз ҳой-ҳой гирист.

– Акнун чӣ кор мекунам? Ин чӣ кори кардагиам буд? – гӯён модарашро ба оғӯш гирифта, ҳиқ-ҳиқ гиря мекард.

Модар каме сабр карду баъд ба гап даромад.

– Таняҷон, ҷонакам! Ку бигӯ, чӣ туро ин қадар азоб медиҳад? Наход ту чунин гуноҳе кардай, ки ҳатто худро ба куштан задӣ? Хайрият, ки Худо раҳми ҳардуямонро хӯрд, набошад ту аз дунё мегузаштию мани бечора яккаву танҳо дар ғамат сӯхта мегаштам. Бигӯ, духтарам, ба ту чӣ шудааст? Шояд ду – каса илоҷашро ёбем, – гуфту навозишкунон боз сари ӯро сила кардан гирифт.

Таня каме ба худ омаду ба модари гирёнаш, ки аз чашмонаш ашк шашқатор мерехт, дилаш сӯхт. «Мани сарсахт ҳам гуноҳ кардаму ҳам ин бечора кампири аз дунё чизе надидаро, ки ҳамаи ҳастиашро ба ман бахшида, рӯзи равшанро ҳам надидааст, ба азоб мондам. Ҳатто фикр накар-

дам, ки ҳоли ӯ бе ман чӣ мешавад», гӯён модарашро оғӯш карда баъди андешаи зиёде ҳамаи воқеаи гузаштаро ба ӯ гуфта дод.

– Очаҷон, акнун ман дар дунё чӣ тавр зиндагӣ мекунам? Оё мани нопокшуда ҳуқуқи зистан дорам? – гӯён боз гирист. Модар каме фикр карду баъд ба духтараш рӯ овард.

– Таняҷон, ба фикрам, ту беҳуда худатро хӯрда истодаӣ. Охир ту дидаю дониста ба оғӯши он мард надаромадаӣ-ку?! Аз афташ, вай лаънатӣ ба қадаҳи ту ягон дорӯ андохта туро беҳуш карда, ба нияти нопокаш расидааст. Агар ин тавр намебуд, аз дасташ коре намеомад. Барои ба истироҳат рафтан ту ҳақ доштию дар ин ҷо ман ягон гуноҳатро намебинам. Охир ҳатто дарак ҳам надоштӣ, ки туро онҳо фиреб карданианд. Дар ин ҷо духтаракам сирре ҳасту бояд боақл шавию ин сирро дониста гирӣ. Агар мақсади он мард танҳо бо ту хоб рафтан мебуд, роҳи дигареро меёфт. Ба болои ин ӯ одами боақлу босавод ва вазифаи баландеро иҷро мекардааст. Ин хел одамон асосан аз куртаи танаашон метарсанд, охир агар дар хусуси ба ту зӯран расиданаш огоҳ шаванд, ӯро аз кору аз партия меронанд. Ва инро ӯ аз ману ту ҳам хубтар мефаҳмад. Илова ба ин, вай зану фарзанд дорад. Агар ин гап ба оилааш расад, албатта, аз хонаю дараш ҳам мемонад. Ва ба чунин маҳрумият ягон мард барои зан намеравад. Аз ин рӯ, дар ин ҷо гап дар ҷойи дигар аст. Шояд, чӣ тавре, ки гуфтӣ, гап дар бораи Борис раваду ин мард ба воситаи ту аз вай қасос гирифтанӣ бошад. Агар гап дар ин бора бошад, ин мард бо як таҷовуз ба номуси ту хап намешинад. Ба Борис ҳам ягон кор карданаш мумкин. Аз ин рӯ, ту бояд беақлӣ накарда, илоҷе ёфта мақсади ин мардро фаҳмию агар ба Борис ягон қасде дошта бошад, ӯро огоҳ кунӣ, – гӯён модар гапашро ба охир расонд. Таня модарашро шунида дар бораи гуфтаҳои ӯ фикр карду баъд:

– Аз афташ, модар, гапи шумо рост барин. Чунки вай аз рӯзи аввал «шумо зани Светозаров будаеду мо бехабар» гуфт. Аз ин маълум мешавад, ки вай шавҳарамро хуб медонаду барои ҳабси падару амакаш аз Борис қасос гирифтанист ва албатта, ба як хобравӣ бо ман қаноатманд намешавад. Вале ман ин гапҳою ин воқеаро чӣ хел ба Борис фаҳмонам, ӯ маро мефаҳмида бошад?

Боз ҳарду ба фикр рафтанд. Ва баъди фикру мулоҳизаи

зиёд ба хулосае омаданд, ки Таня бо Соҳибов рӯирост дар ин бора гуфтугӯ карда, аз ӯ чӣ мақсад доштанашро бифаҳмад. Ва бо ҳамин ҳарду ором шуданд. Танҳо занҳо як чизро ба назар нагирифтанд, ки ҳеҷ гоҳ Соҳибов ба онҳо асли гапро нахоҳад гуфту боз фиреб доданаш мумкин. Татяна акнун каме ором гирифта буд, ки меъдааш беҳузур шуду тозон ба берун баромада, хӯрдаашро қай кард. Чанд рӯз пеш ҳам дар идора ҳамин хел меъдааш беҳузур шуда қай карда буд.

Таня бо таги чашм дид, ки Анна Александровна саросема ба хонаашон меояд. Ӯ, ки аллакай пайи сиёҳи аз ресмон мондаи гарданашро дида буд, зуд рӯймолчаеро гирифта то ба хона даромадани Анна-хола ба гарданаш баст. Боз дилаш беҳузур шуда ба берун давиду қариб Анна-холаи ба даҳлез даромадаро аз пой зада афтонида буд, ки ӯро аз роҳ Серафима-хола боздошт.

– Ҳа, Анна Александровна, шумоед?! Биёед, биёед, ин келинатон касал шуда мондаасту яке гулӯям дард мекунаду яке шикамам, – гӯён имрӯз маро ба ҷонам расонд. Биёед, ба хона дароед, ҳозир Таняҷон ҳам медарояд, – гуфт.

Анна Александровна аз дилбеҳузуршавии келинаш ба хулосаи дигар омада «наход дучон шуда бошад», гӯён аз дил гузаронд, лекин ин фикрашро ба касе нагуфт.

Баъди чанде Таня бо ранги рӯи паридаю чеҳраи коҳида ба хона даромада.

– Биёед, холаҷон. Маро мебахшед. Тобам гурехта, ба хонаи модарам омадам. Гулӯю шикамам дард мекунад. Ба болояш аз чӣ бошад, ки дилам беҳузур мешавад. Ҳеҷ чиз нахӯрда бошам ҳам, ҳар замон ба берун метозам, – гӯён рӯймоли гулӯяшро бо дастонаш дуруст кард.

Анна-хола каме нишасту баъд:

– Таняҷон, агар хоҳӣ метавонӣ дар назди модарат монӣ. Ман танҳо хатчаатро гирифта аз касал шуданат ташвиш кашида туро диданӣ омадам, – гӯён аз ҷояш хеста хайрухушкунон ба хонаашон рафт. Дилбеҳузуршавии Таня монда бошад ҳам, тоб додани шикамаш зиёдтар шуду ношпа ҳам дигар ёрӣ надод. Аз чӣ бошад, ки аз соқи пояш хун сар кард. Модар инро дида, бисёр тарсиду тозон аз хонаи ҳамсоя ба «ёрии таъҷилӣ» телефон кард. Дере нагузашта мошини «ёрии таъҷилӣ» расида омаду Таняро аз назар гузаронида, духтурзанак «шумо кӯдак вайрон кардед. Ба беморхона раф-

тан даркор», – гӯён Таняву модарро ҳайрон кард.

– Кӯдак? Аз куҷо? – ҳайрон шуда пурсид Таня.

Духтурзанак ба ӯ ҷиддӣ нигоҳ карда: – Чӣ шумо кӯдакед, ки намефаҳмед? Шумо шавҳар доред? – гӯён пурсид.

– Ҳа, дорам.

– Он гоҳ чаро мепурсед, шумо дуҷон. Аз афташ, ба кӯдак бо кадом сабабе зӯр омадаасту беҷо шудааст. Аз ин рӯ, аз пойҳоятон хун сар кардааст. – гӯён Таняи моту мабҳут мондаро ба мошини «ёрии таъҷилӣ» савор карда бо илтимоси модараш ӯро ҳам ба таваллудхона гирифта оварданд. Илоҷе наёфта, кӯдакро ба тариқи сунъӣ аз шиками Таня кашида гирифтанд. Аз рӯи гуфтаи духтурон вай қариб якмоҳа будааст.

Ҳамин тавр, Татяна аз кӯдакдориаш бехабар худро овехта, ба кӯдакаш осеб расонида аз ӯ маҳрум шуд.

Аҳволаш вазнин буд, ки духтурон ӯро як ҳафта дар таваллудхона нигоҳ дошта, баъд ҷавоб доданд. Дар ин муддат пайи гарданаш ҳам нонамоён шуд, Таня доим ҷойи пайи ресмон мондаро бо рӯймолча панаҳ мекарду ба одамони кунҷков «ин ба ман маъқул» гуфта мемонд.

Дар ин муддат модарашу Анна-хола ва дар охирон рӯз Бориси аз сафари хизматӣ баргашта ӯро ҳар замон хабар мегирифтанд. Татянаро аз таваллудхона Борис бо мошини идораашон рост ба хонааш бурд. Вай аз бачапартоии Татяна бисёр хафа буду худро низ айбдор мекард, ки ӯро эҳтиёт накардаасту ба ин ҳол афтидааст. Ба Татяна аз пештара дида зиёдтар меҳрубонӣ мекард. Ӯро тасаллӣ медоду Таня бошад аз ноомади кораш ва шарманда шудану аз фарзанд маҳрум монданаш ба риққат омада бисёр вақтҳо мегирист. Меҳрубонии шавҳараш ӯро ба ҳолати ногувор меовард. Аз ӯ шарм медошт, вале сирро пинҳон медошт.

Дар ин муддат Умар Соҳибов аз ба кор набаромадани Татяна ва аз ваҳшигии ӯ ба тарсу ҳарос афтода ҷойи нишаст намеёфт.

«Наход ин зани беақл ба шавҳараш ё ки ба ягон мақомоти дахлдор воқеаи шударо нақл кунад. Ё ки шикоят кунад. Агар вай ин корро кунад, хонаи ман месӯзад. Охир мани аҳмақ аз куҷо медонистам, ки ин зани аблаҳ ба некиҳоям ин хел ҷавоб медиҳад. Гумон карда будам, ки худро дар оғӯши ман дида хурсанд мешавад. Охир ҳар рӯз бо ҷонишини вазир хоб намеравад-ку! Вай бояд инро

мефаҳмиду ба ман сахттар мечаспид, ман аз куҷо медонистам, ки ӯ ин қадар шавҳари лаънатиашро дӯст медораду ба ӯ хиёнат кардан намехоҳад. Охир занҳои дигар аз паси ман тохта мегарданду мунтазири як ишораанд. Ин духтари лаънатӣ бошад, ин қадар бонозу нуз будааст. Акнун чӣ кор бояд кард? Агар пеши роҳи ӯро нагирам, маро шармандаю радди маърака карда, аз кору аз Партия хориҷ мекунад. Аз хонаю дар ҳам мемонам», – гӯён фикри онро мекард, ки чӣ гуна пеши роҳи балои ба сараш омадаро гирад.

Охир бо ин Светозаровҳои оқипадар зӯри амакаму падарам нарасид. Аз дасти ман чӣ кор меомад? Хайр, ана келинашонро ҳамхоба кардам. Баъд чӣ? О, гуноҳи ин зан чӣ буд, ки ӯро ба азоби маҳшар гирифтор кардам-а, – гӯён аз кори кардааш пушаймон шуда, афсӯс мехӯрд Соҳибов.

Баъди фикру мулоҳизаи зиёде ӯ Яҳёевро ҷеғ зад.

– Каримбой, корҳо расво-ку! Ин Таняи коргарат дар куҷост, намедонӣ?

– Не, акаҷон. Ман Мунираро навакак ба мошин савор карда, ба хонаашон роҳӣ кардам.

– Хуб кардӣ. Ҳамин, ки омад, ҳамон замон хабарашро ба ман расон.

– Хуб шудааст, – гӯён Яҳёев аз утоқи кории Соҳибов баромад.

Баъди ягон ним соат ӯ боз иҷозат пурсида ба назди Соҳибов даромада бо ҳаяҷон:

– Акаи Умарҷон! О, вай дар таваллудхона хоб мегӯянд-ку?!

– Дар таваллудхона? О дар он ҷо вай чӣ кор мекунад? – ҳайрон шуда пурсид Соҳибов.

– Чӣ донам? Аз рӯи гуфтаи Мунира кӯдак партофтааст.

Инро шунида ҳуш аз сари Соҳибов парид. Наход, ки доруи ба арақ рехтагиашон ба кӯдакаш таъсир карда бошад? Агар ин тавр бошад, хонам дубора сӯхт. Боз барои кӯдакаш низ ҷавоб додан лозим меояд, – гӯён ранг аз рӯи Соҳибов парид.

Яҳёев паридани ранги рӯи Соҳибовро дида, як пиёла чойи хунук рехта доду:

– Акаҷон, тинҷи-мӣ? Ранги рӯятон ин қадар канд?! – гуфта пурсид.

Соҳибов ба худ омада:

– Ҳа, Каримҷон, ҳоло ҳам ту ин ҷойӣ? Ҳеҷ гап не. Са-

бил ҳамон, шаб камакак гузашта будааст-дия.

Ҳарду маънидорона хандиданд.

– Охираш ба хайр шавад, – гӯён Яҳёев аз дар баромаду Соҳибов бошад ғарқи фикру хаёл танҳо монд.

Пас аз он, ки Татяна аз таваллудхона баромад, баъди чанд рӯз ба кор омад, ҳамон замон Яҳёев Соҳибовро аз ин хабардор кард.

Соҳибов, ки чанд рӯз на шаб хобаш мебурду на рӯз, қариб аз хобу хӯр монда буд, аз тарси ошкоршавии сирраш ва бе портфел мондан фикр мекард. Ба болои ин метарсид, ки барои таҷовуз ба номус ва партофтани кӯдаки Таня ҷавобгар ҳам шуданаш мумкин. Ӯ ҳама чизро фаромӯш карда қариб, ки тозон ба утоқи кории Таня омад. Вай Таняро диду:

– Таняҷон, – гуфт бо овози ларзон. – Таняҷон, маро бубахш. Ман аз бадбахтии ба сарат омада бисёр ғамгинам. Ба ту ҳамдардӣ баён мекунам. Ман ҳеҷ фикр ҳам накарда будам, ки ин истироҳати сабилмондаи Яҳёев ташкилкарда аз бинием мебарояд. Рости гап, ба гӯшаи хаёлам ҳам намеомад, ки ин истироҳат ба ҳамин хел фоҷиа оварда мерасонад. Ман аз ба истироҳат рафтани шӯъбаатон дарак ҳам надоштам. Худам танҳо як дӯстам Ҷаббори Ҷумъаро хабар гирифта биёям, гуфта ба он ҷо рафта будам. Мо бо Яҳёев сари чанд вақт дар бӯстонсарои ӯ дам мегирем. Ҳамон рӯз он ҷо омада дидам, ки Ҷаббори Ҷумъа ва чанд наздикони ӯ барои пешвози меҳмонон тайёрӣ мебинанд. Маро дида гумон карданд, ки ман ҳам аз ҳамон дастаи меҳмононам. Вале ман сабаби тараддудашонро пурсида фаҳмидам, ки Яҳёев ӯро чанд рӯз пеш огаҳ карда будааст. Ман дигар илоҷи баргаштанро наёфта, маҷбур нишастам. Дидам, ки шумо омадед. Шиштем, нӯшидем, он тарафашро худат ёд доштагистӣ. Дар охири давра ту як қадаҳи дигар май нӯшидию аҳволат бад шуд. Туро бурда ба хоначае хобонданд. Мунира гуфт, ки аҳволи ту бад аст, ман тарсида, «боз ягон бало нашавад», гуфта ба наздат барои аҳволпурсӣ даромадам. Ту бо ранги парида мехобидӣ, чашмонат калон кушодагӣ буд. Ман ба болои сарат хам шуда:

– Таняҷон, ба шумо чӣ шуд? Куҷоятон дард мекунад? – гуфта будам, ки аз гарданам оғӯш карда: «Боря, Боряҷон, чӣ хел нағз, биё, ман туро пазмон шудаам», гӯён аввал либосҳоятонро кашидед. Баъд ба кашидани либосҳои ман

сар кардед. Он тарафаш ба фикрам, ба худи шумо маълум. Танҳо ман ба он гунаҳкорам, ки пеши роҳи шуморо гирифта натавонистам. Ва рости гап, вақте ки шумо либосҳоятонро кашидеду ман бадани бараҳнаи ниҳоят зебои шуморо дидам, дунёро фаромӯш кардам. Охир, ман ҳам маст будам. Ба болои ин, охир мард ҳам ҳастам. Ва аз шумо узр мепурсам. Хоҳиш дорам, ки гуноҳи маро бубахшед. Агар он вақт медонистам, ки кор чунин анҷом меёбад, албатта, пеши роҳатонро гирифта, ба он пастӣ намерафтам. Дар назди шумо чун гунаҳкор намеистодам. Ман ҳамаашро гуфтам. Як чизро боз илова карданиям, ки ҳеҷ гоҳ ман ба шумо зиёне расониданӣ набудам, нестам ва дар ин бора фикр ҳам намекардам. Хаёлам ин як хоб буду бас. Вале барои дағалии ҳамон пагоҳӣ кардагиам, хаёлам каме шумо ҳам гунаҳкоред. Баъди ҳамон қадар муҳаббате, ки шумо он шаб ба ман бахшидед, нохост ба берун тохта, маро боз таҳқир кардед, инро ман набардошта шуморо низ таҳқир карда як шаппотӣ задам. Агар тавонед, аз гуноҳам гузаред, – гӯён дасти Татянаи моту мабҳуту афсуншударо гирифта бӯсид.

Яку якбора пайдо шудани Соҳибову аз назди дар бо эҳсос ва узрхоҳии зиёде ба гап сар кардани ӯ Татянаро дар ҳайрат монда буд. Ӯ чизе гуфта натавониста дар ҷояш шах шуда буд. Авзои баданаш меларзид ва аз чашмонаш ашк ҷорӣ мешуд. Соҳибов дид, ки нақшаи чандрӯза кашидааш дар бораи чи гуна дар вақти вохӯриаш бо Таня худро нигоҳ дорад, ҷомаи амал пӯшид. Ӯ аз афташ ба гапи ӯ бовар карда, ёрои гап задан надорад. Ҳис кард, ки корро ба анҷом расонду вақти гурехтанаш омад, то ки духтарак ба худ омада ба ӯ начаспад. «Таняҷон, узр, корам бисёр, боз худат фикр куну ба ёдат ор. Агар ҷое гуноҳи ман бошад, ман тайёрам, ки бо чӣ роҳе ки набошад, ҷавоб гӯям», – гӯён боз як бор дасти ӯро бӯсида аз он ҷо бадар шуд.

Яҳёев, ки дар онсӯтари дар мабодо ба утоқи Таня касе надарояд, гуфта посбонӣ мекард, баъди баромадани Соҳибов ба утоқи кории худ даромад.

Таня бошад, ба курсӣ нишаста воқеаҳои шудагию гуфтаҳои Соҳибовро фикр мекард. Он рӯз касе ӯро дигар ташвиш надод. Бегоҳӣ пеш аз анҷоми рӯзи корӣ Татяна ба шавҳараш занг зада.

– Боряҷон, ман як ба хонаи модарам даромада, баъд ба хона меоям, – гӯён ӯро огоҳ карду баъд рост ба хонаи мо-

дараш омад.

Модараш дар хона буд. Татяна воқеаи имрӯз дар ҷойи кор шудагиро нарезондаю начаконда ба модараш гуфту баъди ба охир расидани нақлаш аз модараш пурсид:

– Модарҷон, наход, ки ин гапҳои Соҳибов рост бошад?! Шояд ман маст шуда аз худ рафтааму ӯро ба Боря монанд карда, худам ӯро ба ҷойгаҳам роҳ дода бошам, – гӯён маъюсона пурсид.

Серафима-хола, ки зани бисёр кордида буд, суханҳои духтарашро дар тарозуи ақл баркашида: «Ин мард бисёр маккор будааст. Аз дасти ӯ ҳар кор меояд», гӯён аз дил гузарониду лекин инро ба духтараш нагуфта ба хаёл рафт. Ӯ фаҳмид, ки духтараш ба дурӯғи ростмонанди Соҳибов бовар кардааст. Агар ӯ гапи Соҳибовро тасдиқ кунад, духтараш шояд, ки худро бисёр азоб надиҳад. Ба худкушӣ даст назанад, баъди андешаи зиёд:

– Татяначон, духтарам. Ман дар ёд дорам, ту дар шабнишиниҳою идҳо ғайр аз як-ду қадаҳ шампан дигар чизе наменӯшидӣ. Ё ки дар ин ду соли бо Борис буданат нӯшиданро ёд гирифтӣ? – пурсид модар.

– Не, не, очаҷон! Ман ҳеҷ вақт на бо шумою на бо дигарон аз гуфтаатон зиёд то ҳамон рӯзи бадбахтиям нанӯшидаам. Арақро бошад, дар даҳонам ҳам намегирифтам.

– Ин тавр бошад, он рӯз чӣ қадар нӯшидӣ?

– Медонед, дар ҳар нӯшбоди гуфтаашон як қулту ним қултӣ нӯшида, охирин пиёларо то охираш нӯшидам.

– Ҳа, ин тавр ки бошад, духтарам ту қариб ним шиша арақ нӯшидаӣ, ки албатта, ин барои одами нанӯшидагӣ ва хусусан зан ниҳоят зиёд аст. Аз ин рӯ, ман гумон мекунам, ки гапи Соҳибов ба ҳақиқат монанд, ӯро ба Боряат монанд кардию ба хатои калоне роҳ додӣ ва азобашро ҳам кашидӣ. Акнун бошад, Танячон, қадаматро дониста монданат даркор, ки дар оянда ба чоҳ наафтӣ. Ҳоло бошад, ҷонакам, «ба гузашта салавот» гӯю дар бораи чизе фикр накуну аз пайи кору зиндагият шав. Ту ҷавонию ояндаат дар пеш аст, «кӯр як бор асояшро гум мекунад» мегӯянд. Ту ҳам дар оянда фикр карда ба як кор даст зан, ки ба зарарат набошад, – гуфт.

Татяна, агарчанде ки баъди сӯҳбат бо модараш каме осуда шуда бошад, вале то дер боз ба худ наомад. Ӯ

беҳудаю баҳуда асабонӣ мешуд. Ба шавҳарашу Анна-хола дуруштӣ мекард. ба меҳрубониҳои Борис мисли пештара ҷавоб намедод. Одамгурезу камгап шуда буд. Борису Анна-хола «Ҳа-а, касалию кӯдакпартоияш ба асабаш таъсир кардааст», гӯён ба дуруштиҳои ӯ тоқат мекарданд ва ҳаракат мекарданд, ки бо ӯ меҳрубонтар бошанд.

Вале меҳрубонии онҳо, баръакс ба Татяна намефорид. Ҳатто сахт ҳам мерасид. Ӯ, ки худро дар назди онҳо гунаҳкор мешумурд, мехост онҳо ба ӯ меҳрубонӣ нею дуруштӣ кунанд. Ҳатто баъзе вақтҳо мехост, ки ӯро Борис то нимҷон шуданаш дошта занаду каме ҳам бошад аз ӯ қасос гирад.

«Охир ман ба Борис хиёнат кардам. Дигар ба муҳаббату меҳрубониҳои ӯ ҳақ надорам», гуфта худро сарзаниш мекард.

Вале Бориси аз дунё бехабар, ки аз ҳад зиёд Татянаро дӯст медошт, ба ӯ бештар аҳамият медоду ҳаракат мекард, ки ӯро коре карда хурсанд кунад. Ӯ дар ҷои кораш ба Давронбеков воқеаи касалмандшави Таняро нақл карда, аз ӯ хоҳиш кард, ки то як вақти муайян ба ӯ коре супорад, ки бо сафари хизматӣ алоқаманд набошад. То аз ҳоли занаш хабардор шуда истад. Ӯ дигар дар кор то бевақтӣ нанишаста зуд ба хона меомад. Бисёри вақтҳо ҳаракат мекард, ки ҳамроҳи занаш ба кор раваду боз аз кор ҳамроҳ баргарданд. Тез-тез Татянаро ба сайругашт мебурд. Баъзан ҳатто маҷбурӣ ба кино ва ё театр мерафтанд. Бо гузаштани вақт Татяна ба худ омада, оҳиста-оҳиста он воқеаро қариб фаромӯш кард. Баъзе вақтҳо дар гӯшаи танҳоӣ, агар ба ёдаш ояд ҳам, дигар он қадар ба ӯ таъсир намекард. Ҳа-а, худи вақт ҳар касалиро шифо мебахшад. Ғаму кулфатро аз дил мебарорад.

Татяна боз ба мисли пештара зани ҳалиму меҳрубон ва ғамхор шуда ба зиндагӣ мароқ зоҳир мекарду хушҳолу хандон буд.

Умар Соҳибов, ки ба мақсадаш расида буд, ба болои ин Татянаро бовар кунонида буд, ки гӯё «вай худаш ӯро ба ҷойгаҳаш роҳ додааст», аз хавфу хатари беобрӯӣ халос шуда боз роҳҳое меҷуст, ки дили Татянаро ба даст биёрад.

Вай дид, ки Татяна ба зиндагӣ мароқ зоҳир карда ба кор хурсанду хандон меояд, боз ба ӯ наздик шудан хост. Аввал ягон-ягон, баъдтар зуд-зуд ӯро бо ҳар баҳона ба на-

здаш таклиф карда, дар омади кор ба ӯ гап партофта боз ба хушомадзанӣ медаромад. Ӯ аз соддалавҳию зудбоварии Татяна истифода бурдан мехост. Боз дар пеши чашми Соҳибов бадани шир барин сафеду зебои Татяна, синаҳои мисли булӯр, соқҳои тарангу бадани нарму гарми ӯ ҷилвагар мешуду тарсу ҳароси пештараашро фаромӯш карда, орзӯи васли ӯро мекард. Боз баҳонае меҷуст, ки бо Татяна ҳамхоба шавад ва ӯро маҳбубаи худ гардонад. Чунин буд фикру хаёли ин бадтинат.

Рӯзе котибаи нав ба мизи кориаш як даста коғазҳои аз дуру наздик омадаро барои шинос шудану супориш додан ба наздаш гузошт. Дар вақти бо онҳо шинос шудан ба нохост ба чашмаш даъватномаи Донишкадаи омӯзгорӣ афтид, ки дар он Татяна Морозоваро барои супоридани имтиҳонҳои зимистона даъват мекарданд. Соҳибов аз хурсандӣ дар куртааш намеғунҷид. «Ана боз баҳонаи хубе ёфт шуд», – гӯён дастонашро ба якдигар совида ва ҳамон замон дар майнааш нақшаи нав пайдо шуд. Вай, ки ба мактабҳои олию миёнаи махсус роҳбарӣ мекард, ҳамаи роҳбарону устодони донишгоҳҳо ӯро мешинохтанд, баъзеҳо ҳурмат мекарданду баъзеҳо аз ғазаби ӯ меҳаросиданд. Аз ин рӯ, ҳар супорише, ки ба онҳо медод, сари вақт иҷро мекарданду боз аз он хурсанд буданд, ки кори чунин одами соҳибмансабро ба ҷо овардаанд. Умед мекарданд, ки рӯзе ӯ ҳам ба ягон дардашон даво мебахшад.

Агар мабодо ягон супориши Соҳибов иҷро нашуда монад, Худо зад, гуфтан гиред. Вай ба ҳар роҳу воситаҳо ин «гарданшах»-ро ҷазо медоду аз кор меронд. Инро ҳамаи кормандони донишгоҳҳо хуб медонистанд ва ҳаракат мекарданд, ки илоҷе карда супоришҳои ӯро хоҳ шахсӣ бошад, хоҳ давлатӣ, бечунучаро иҷро намоянд. Ин буд, ки Соҳибов соле дар ҳар донишгоҳ се-чор хешу табору шиносҳояшро қабул кунонда аз ҳамин ҳисоб кисаашро пур мекард. Бинобар ин дар зиндагиаш ягон камбудие набуд. Вай соҳиби ҳавлии олиҷаноб, хонаҳои кооперативӣ ва давлатӣ буд. Мошини наппа-нави Газ-21 дар зери пояш мегашт. Илова ба ин то вақтҳои охир домоди Котиби якуми КМ ПК ҷумҳурӣ буд! Инро ҳам аксари одамон медонистанд. Медонистанд, ки ӯ бо ёрии кӣ муовини вазир шудааст. Домод буданашро худи Соҳибов низ пинҳон намекард. Ин аз як ҷиҳат бисёр роҳбарони олимақом ва хусу-

сан вазири маорифро маҷбур месохт, ки нисбати Соҳибов эҳтироми махсус зоҳир кунанд. Гарчанде баъди кори «пахта» котиби якумро аз кор озод карда бошанд ҳам, ҳанӯз роҳбарони зиёде монда буданд, ки «дастпарварони» ӯ буданду нисбати ӯ ва наздиконаш эҳтиром зоҳир мекарданд. Соҳибов ҳам ба қатори наздикони ӯ дохил мешуд. Инро Соҳибов хуб медонисту аз он то ҳадди имкон истифода мебурд.

Ӯ даъватномаи Татянаро дида хост коре кунад, ки вай аз ӯ тамоман мутаҳҳам шуда монад. Аз ин рӯ, гӯшаки телефонро гирифта ба Донишкадаи омӯзгорӣ занг заду декани факултети забони русиро ба наздаш даъват кард.

Баъди чанде марди қоқинаи тоссаре ба обу арақ ғӯтида ба утоқи кории Соҳибов даромад. Соҳибов ӯро дида:

– Ҳа, Виктор Василевич, омадед?! Марҳамат! Ана, аз ин ҷо гузашта шинед, – гӯён ба ӯ ҷойи нишаст нишон дод. Марди тоссар «у-уф!» – гӯён дар ҷои нишондодаи муовини вазир нишаста, арақи сару рӯяшро бо рӯймолча ба поккунӣ даромад.

– Ҳа, профессор, чӣ шуд, ин қадар уффас кашида ба обу арақ ғӯтта хӯрдед? Ягон воқеа шуд магар?

Виктор Василевич айнакашро рост карда баъд табассумкунон ба гап сар кард.

– Ростӣ гап, нохост «ба назди ман зуд дароед» – гуфтед, саросема шуда мондам. Охир ба назди муовини вазир ҳар рӯз ва беҳуда ҷеғ намезананд. Ҳазор фикру хаёл ба майнаат меояд, – дилсофона гуфт профессор.

Аз ин завқи Соҳибов омаду ҳавобаландона:

– Ташвиш нашавед, Виктор Василевич. Андакак кор баромад. Хостам, ки ректоратонро ташвиш надода ба худатон як супоришча диҳам, – гӯён ба профессор нигарист.

Виктор Василевич бошад, аз курсӣ хеста қариб ки онро афтонад, ду даст бо одати шарқиёна ба сари синааш монд.

– Умар Қамарович, о як кор не, сад кор, аз дастам ояд, барои шумо иҷро мекунам, –гӯён тамаллуқкорона таъзим кард. Рафтори профессор ба Умар Соҳибов ниҳоят писанд омад.

– Раҳмат, профессор. Ман аз шумо ҳамин гапро мунтазир будам, – гуфта баъди каме хомӯшӣ ба суханаш давом дод:

– Дар шӯъбаи ғоибонаи шумо имтиҳонҳо сар шудааст,

ҳамту не?

– Бале, сар шудааст, – гӯён ҷавоб дод Виктор Василевич.

Ана нисбати ҳамин имтиҳонҳо ман ба шумо илтимосаке дорам.

– Ба ҷону дил, – гуфт профессор.

– Дар курси сеюми ҳамон шӯъба Морозова Татяна гуфтанӣ духтарак таҳсил мекунад, – гӯён Соҳибов ба профессор нигарист. Хост фаҳмад, ки ӯ Таняро мешинохта бошад. Профессор дид, ки муовини вазир ба ӯ менигарад.

– Ҳа-а, як духтараки мавзунқомати зебояки мӯяш зард – Морозова ном дорад. Шояд ҳамун бошад.

– Бале, бале! – Хурсанд шуда гуфт Соҳибову ба гапаш давом дод:

– Ана ба ҳамин духтарак ҳаракат мекунед, ки касе аз муаллимон баҳо намонад.

– Баҳо намонад? – ҳайрон шуда пурсид профессор. – Мебахшед, ҳама илтимос мекунанд, ки баҳо монаду… – гуфта буд, ки Соҳибов гапашро бурид.

– Ҳа, ҳамин тавр ҳам мешавад, – гӯён Соҳибов муғамбирона табассум карду баъд профессор ягон фикри дигар накунад гуфта гапашро шарҳ дод: – Тааҷҷуб накунед, профессор. Гап дар сари он, ки ин духтарак дар Вазорати мо кор мекунад. Як одами бетамиз дар як давра лоф задаст, ки ана, ман ба коргари Вазорати маориф фалонӣ ёрӣ медиҳам. Аз ӯҳдаи ин кор гӯё дигарон намебаромада бошанд. Инро ба ман гуфтанду ман хостам, ки пеши роҳи ин марди лофзанро гирифта ӯро шарманда кунам, то дубора дар бораи шинос доштанаш лоф зада обрӯи шумоёнро дар ҳар ҷо паст назанад. Аз тарафи дигар бошад, ин духтаракро ҳам каме асабонӣ карданиям, то ки дар оянда агар кораш бошад, ба коргарони худи мо муроҷиат кунад. Дар бораи ҷой доштани баъзе гузаштҳо ба одамони худӣ дар Донишкадаи шумо овоза накунад, – худро дилсӯз нишон дода гуфт Соҳибов.

Профессор ин суханҳоро шунида рост бовар кард.

– Ҳа, ҳа, Умар Қамарович, бисёр фикри оқилона. Ин хел одамонро дар ҷояшон шинондан лозим, – гуфт соддалавҳона.

– Вақте ки вай шарманда шуду имтиҳонҳоро насупорид, баъди чанде ӯро ман ба наздатон мефиристам. Шумо каме насиҳат карда, баҳояшро дуруст карда медиҳед.

Профессор боз аз ҷояш таъзимкунон хеста:

– Барои чунин ғамхориатон нисбати донишкадаи мо ва нигоҳ доштани обрӯи вазорат ман ба як кас не, ба даҳ кас баҳо гирифта медиҳам, – хурсандона гуфт профессор, ки ба гапи Соҳибов тамоман бовар карда буд.

– Офарин профессор! Ман ба ақлу фаросати шумо боварӣ доштам ва хато ҳам накарда будаам, – гӯён Соҳибов Виктор Василевичро таъриф кард.

– Ба хизмататон доимо ҳозирам, Умар Қамарович.

Баъди рафтани профессор Соҳибов Яҳёевро ба наздаш даъват карда ба ӯ даъватномаи ба сессияи зимистона рафтани Татянаро дода гуфт:

– Шумо дар бораи ба Таня додани ёрдампулӣ пешниҳод навишта аз номи худатон биёред. Ман ба он имзо мегузорам, – ва каме фикр карду ба худатон ва боз ягон коргари дурусту Таня як фармони дигар барои мукофот ҳам навишта биёред.

Яҳёев ҳайрон шуда китфонашро дарҳам кашида ба Соҳибов нигарист.

– Ҳа, чӣ ба ман нигоҳ карда мондӣ? Бефаҳм. Ба хотири ҳамин духтарак шуморо низ мукофот диҳам, ганда-мӣ?!

– Ака, ман ба ақлу кордониатон қоил-дия. Шумо бо як тир се нишон ҳам зада метавонед. Дутояш он сӯ мондан гирад, – гуфту коғазҳоро бардошта ба Соҳибове, ки ба ӯ қавоқ гиронда нигоҳ мекард, дигар аҳамият надода аз назди ӯ баромад.

Вақте ки Яҳёев ба Татяна хабари як моҳона ёрдампулӣ ва мукофотониданашро расонд, хурсандиашро пинҳон карда натавонист.

– Барои ғамхориатон, Карим-ака , – гуфта буд, ки Яҳёев «ташаккур ба ман не, ташаккурро ба Соҳибов гӯй, ки дар арафаи Соли нав чунин олиҳимматӣ кардааст», гуфт.

Бегоҳӣ, вақте ки Татяна яку якбора ду маошашро ба Борис нишон дода аз куҷо будани ин пулро гуфт, вай ҳам хурсанд шуд.

– Қанд зананд, роҳбарони ғамхори шумо! Кошкӣ роҳбарони мо ҳам дар Соли нав ягон тӯҳфа мекарданд.

– Ана, акнун ҳам мебели навро мешӯему ҳам Соли навро мисли одам қайд мекунем, – гуфтанд хурсандона, бечораҳо аз куҷо медонистанд, ки ба сари оилаи онҳо боз ин Соҳибови маккор ба ин «олиҳимматаш» балои навба-

тиро оварданист.

Рӯзи 30-юми декабр дар шӯъбаи Яҳёев ба шарафи Соли нав зиёфатчае оростанду Соҳибовро ҳам даъват карданд. Вай гӯё чизе нашуда бошад, ба он ҷо даромада баъди аҳволпурсӣ бо омади Соли нави 1963 ҳамаро табрик кард. Шишаи шампонро кушода, ба қадаҳҳо рехтанду ҳама ба Соҳибов нигаристанд, ки вай ҳамчун шахси вазифадору мӯътабар чанд сухане гӯяд. Ӯ самимона ба ҳама дар Соли нав хотири ҷамъ, саломатии бардавому вақти хуш орзу намуд. Ҳама баробар қадаҳҳоро бардоштанд.

Таня аз ҳузури Соҳибов худро каме нороҳат ҳис карда бошад ҳам, баъди сухан гуфтану нӯшидан узрхоҳон ба баҳонаи кори зарур баромада рафтани ӯро дида,оҳи сабуке кашид. «Зиёфатча» анча тӯл кашид. Сӯҳбат тасфида, гузаштани вақтро надониста monданд. Вақте ки ба берун баромаданд, аллакай бевақт шуда буд. Ҳама саросема пароканда шуданд. Татяна низ ба сӯи истгоҳи автобус шитофт. Нав ба он расида буд, ки як мошини Газ-21 омада дар наздаш истод, ронандаи он дари пешро кушода:

– Татяна, марҳамат шинед, гирифта барам, – гуфт.

Таня овози шиносро шунида хам шуда Соҳибовро дид. Хост қафо гардад, лекин Соҳибов бо исрор:

– Таняхон, ман ба тарафи шумо рафта истодаам. Натарсида шиштан гиред, – гуфт.

Таня дид, ки дар истгоҳ будагон ба онҳо аҳамият дода истодаанд, дигар илоҷе наёфта, ба мошин нишасту «раҳмат» гуфта, ба Соҳибов аз рӯи одоб миннатдорӣ изҳор кард.

Соҳибов мошинро бисёр моҳирона меронд. Онҳо аз назди меҳмонхонаи зебои Душанбе ба кӯчаи Айнӣ гузашта, ба хонаи Таняино наздик мешуданд, ки Соҳибов мошинро ба як тангкӯчае гардонду аз роҳ дур нарафта истод. Таня ба ташвиш монда, «ин мард боз чӣ мақсад дошта бошад», гӯён дилаш шуввас зада рангаш канд, вале овози Соҳибов ӯро ба худ овард.

– Таняҷон, маро бисёр мебахшед. Ман намехоҳам, ки дар байни ману шумо дар Соли нав ягон кудурате боқӣ монад. Аз ин рӯ, ман то аз идора баромаданатон роҳи шуморо мепоидам. Шукр, ки тез баромадед, набошад, чи хеле, ки дида истодаед, печи мошин кор накарда истодааст. Ман аз хунукӣ шах мешудам. Русҳо як одати бисёр хуб

доранд. Гуноҳи якдигарро дар Соли нав мебахшанд, аз ин рӯ ман ҳам ба одати хуби онҳо такя карда хостам, ки ба бахшиши шумо сазовор шавам.

Татяна каме хаёл кард, «кори шудагӣ шуду мондагӣ монд», мегӯянд. Аз ман чӣ меравад, биё «бахшидам» гӯяму аз ӯ тезтар халос шавам, набошад, кӣ медонад, ӯ боз чӣ қадар вақти маро мегирад. Охир дар хона Борис ҳам омада, маро надида интизор будагист, – гӯён аз дил гузарониду оҳиста гуфт.

– Майлаш, Умар Қамарович, гуфти шумо шавад. Ман шуморо бахшидам, – гуфта хост аз мошин фарояд. Вале Соҳибов ӯро аз дасташ дошта:

– Не-я, Танячон. Ин хел намешавад. Мувофиқи одати русҳо шумо бояд дар ҳолати бахшидан бо ман як қадаҳ шампон нӯшед, то ба гапатон бовар кунам. Набошад бахшиданатон раво нест, – гӯён зуд як шиша шампонро бароварда онро моҳирона кушоду аз ғалладони пеши мошин ду стакани нафиси зебоеро бароварда, ба онҳо шампон рехт.

Татяна дигар илоҷе наёфта, шампонро нӯшиду стаканро ба ҷояш гузошта:

– Хуш бошед, Соли наватон хуб гузарад, – гӯён тез-тез қадам монда аз мошин дур шуд. Соҳибов ба қаду қомати зебою роҳравии бохироми Татяна нигариста, боз як стакан шампон рехта барои барори кор, илоҳо дар Соли нав ту аз они ман шавӣ, – гӯён шампонро ба ҳалқаш рехт.

Соли нав ҳам гузашту баъди чанд рӯз Татяна ба сессияи зимистона ба Донишкадаи омӯзгорӣ омад, вале агарчанде ки ба имтиҳонҳо тайёрӣ дида буд, ягонтояшро супорида натавонист. Ӯ дар ҳайрат буд, ки чаро муаллимҳо ба ӯ хӯрдагирӣ мекунанду саволборонаш менамоянд. Ҳол он ки дигарон нисфи ҷавоби ӯро надода баҳо гирифта мебароянд. Ӯ бисёр хафа гашта, бо табъи хира ба кор баромад. Қариб як моҳ хафаю бедимоғ гашт. Рӯзе ӯро дар айвони вазораташон Соҳибов дида, хоҳиш кард, ки ба назди ӯ дарояд. Вақте Татяна ба наздаш даромад, ӯ аҳволпурсӣ карду гуфт:

– Чаро шумо ғамгин менамоед? Шояд аз супорида натавонистани имтиҳонҳоятон хафа шуда бошед?

Таня ҳайрон шуд, ки Соҳибов аз куҷо насупоридани имтиҳонҳоро фаҳмида бошад? Охир ман ба касе дар ин

бора гап накушодаам-ку?

– Не, ҳамааш хуб гузашт. Ман хафа ҳам нестам, – дурӯғ гуфт Татяна.

– Дурӯғ гуфтан хуб не, Танячон. Ман дирӯз деканатонро фавқуллода вохӯрда, дар омади гап аз шумо пурсон шудам, вай ин гапро ба ман гуфт. Ман ӯро коҳиш кардам, ки наход як корманди Вазоратро эҳтиром накарда аз имтиҳонҳо афтондаанд. Деканатон хоҳиш кард, ки шумо пагоҳ ба наздаш дароед. Ҳаминро ба шумо расонам, гуфта шуморо даъват кардам. Шумо, албатта, шарм надошта пагоҳӣ ба кор наоеду рост ба назди Виктор Василевич дароед. Агар ягон гап шуд, маро огоҳ кунед, – гӯён Таняро гуселонд.

Рӯзи дигар пагоҳӣ, мувофиқи гуфтаи Соҳибов, Татяна ба донишкада рафта ба назди Виктор Василевич даромад. Вай Таняро дида:

– Ҳа, рафиқа Морозова! Биёед, марҳамат! Охир, корҳоятон ба ин ҷо расидаасту чаро як даҳан ба ман нагуфтед? Наход ки ман ба коргари Вазорати худамон ёрӣ дода натавонам? Аз рӯи шумо аз рафиқ Соҳибов хеле гапҳои пасту баланд шунидам. Ин коратон хуб не, – гӯён котибаашро даъват карда: «фармони дина баровардаамонро гирифта ба назди ман дароед, ведомости алоҳида навишта ҳамаи фанҳои қарздориашро низ нишон диҳеду панҷ рӯз мӯҳлат диҳед, ки ин кас имтиҳонҳояшонро супоранд», – гуфта супориш дод.

Баъд ба Татяна рӯй оварда:

– Дафтарчаи имтиҳонотатон куҷост? – гуфта пурсид.

Таня аз сумкааш дафтарчаи имтиҳонотиашро бароварда ба Виктор Василевич дароз кард. Вай онро варақ зада баҳоҳои пештар аз имтиҳонҳо «хубу аъло» гирифтаи ӯро дида:

– О, бад не-ку, чаро имсол ба имтиҳонҳо бе тайёрӣ омадед? Охир шумо худатон ҳам пештар хуб мехондаед-ку? – гуфта савол доду баъд аз саволи додааш пушаймон шуд. Ба ёдаш расид, ки Соҳибов «ба ин Морозова касе ёрӣ медодаасту таъриф ҳам кардааст» гуфта буд. Маълум, ки Соҳибов рост мегуфтааст. Набошад ин духтарак аз куҷо ин хел баҳо мегирифт? – гӯён профессор ба худ савол дода дид, ки Таня аз ҳаё сурх шудааст.

Вай зуд дар ислоҳи хатояш:

– Ҳеҷ гап не, духтарам. Ҳамааш хуб мешавад. Шумо

ведомостро гиреду ба назди муаллимҳо дароед, он тарафаш худаш ҳал мешавад, – гӯён маънидорона ба ӯ чашмак зада ӯро гусел кард.

Дар давоми се рӯз Татяна ҳамаи имтиҳонҳоро бо баҳои «хубу аъло» супорид. Вай бисёр ҳайрон буд, ки муаллимҳое, ки ӯро дар вақти имтиҳонсупории аввала «ҷонашро ба гулӯяш» оварда буданд, аз ӯ ҳатто чизе напурсида, баҳо мемонданд. Боз ба ӯ хушомад ҳам зада, ӯро аз дари кабинетҳояшон гусел карда «барори кор» металабиданд.

Ӯ ведомостро ба деканат супорида, ба Виктор Василевич миннатдорӣ карда рафтанӣ буд, ки вай:

– Шарм надоред. Соҳибов зинда бошад, донишкадаро бо дипломи сурх ба итмом мерасонед, – гуфта шӯхӣ ҳам кард. Ин шӯхӣ ба Татяна нафорида бошад ҳам, ҳис кард, ки дар ин ҷо Соҳибовро эҳтиром мекунанд, ҳатто аз ӯ метарсанд.

Баъди ин кор боз Татяна ба Соҳибов эҳтиром зоҳир карда, «ман беҳуда аз ин одами хуб гумони бад бурдаам. Албатта, чӣ тавре ки ӯ худаш ба ман гуфт, агар ӯро ман дар ҳолати мастӣ дар ҷои Борис қабул намекардам, вай ҳеҷ гоҳ ба ман намерасид» – гӯён худашро бовар мекунонд.

Ба кор омада, бе ҳеҷ як кинаю кудурат ба назди Соҳибов даромада, ба ӯ барои ёриаш миннатдорӣ баён кард.

– Ин кирои миннатдорӣ ҳам не, – гӯён шӯхикунон ба ӯ рӯ овард. – Бо муваффақият супоридани имтиҳонҳоро кай ҳамроҳ мешӯем? – гӯён пурсид.

Таня инро ҷиддӣ ҳисобида ба хаёл рафт. Фикр кард, ки дар ҳақиқат ҳам Соҳибов рост мегӯяд, охир «раҳмат»-и хушку холӣ ба кӣ даркор? – гӯён аз дил гузаронду фикре ба ёдаш омад. Агар ман бо Борис маслиҳат карда ӯро ба хонаамон даъват карда меҳмондорӣ кунем, розӣ мешуда бошад?!

– Майлаш, ман бо шавҳарам маслиҳат карда шуморо ба меҳмонӣ даъват мекунам, – гуфт сурх шуда.

Соҳибов ба ин таклифи Татяна ҳайрон монду аз хаёлаш гузаронд: «Аз афташ дилаш мулоим шудагӣ барин, канӣ ман ӯро таклиф кунам, розӣ мешуда бошад», – гӯён ба гап даромад.

– Татянахон, шумо ташвиш накашед. Ба фикрам,

шавҳаратон аз ин огоҳ нашавад, беҳтар. Кӣ медонад, ӯ чӣ гумон мекунад. Хубаш ба таклифи ман розӣ шавед. Имрӯз ману шумо якҷоя ба ягон гӯша рафта нисфирӯзӣ хӯрок мехӯрем. Ҳам ман хурсанду ҳам шумо аз «қарзатон» халос мешавед, – хандида гуфт ӯ.

Таня каме фикр карду хайр чӣ, як бор ҳамроҳаш ба хӯрокхӯрӣ равам, ҳеҷ гап намешудагист, – гӯён аз хаёл гузаронду ба таклифи Соҳибов розӣ шуд.

Соҳибов ба куртааш намеғунҷиду баъди баромада рафтани ӯ аз пайи ташкили зиёфат шуд. Дар кӯчаи Свириденко Ороста ном занеро медонист,ки хонаашро барои вохӯрии ишқбозон месупурду аз онҳо барои хизматаш пул миситонд. Ӯ борҳо аз хизмати ин зан истифода бурда буд. Ӯ бо мошини шахсиаш, ки дар ҳавлии вазорат нигоҳ медошт, ба бозор рафта хариди бисёре карду ба хонаи ҳамон зан бурда, хӯрок фармуда ба ҷои кораш баргашт.

Татянаро каме дуртар аз иморати бонки давлатӣ ба мошинаш савор карда, ба хонаи Ороста омад. Таня дастархони шоҳонаро дида ҳайрон монд. Бо хоҳиши Соҳибов дили Таня дур наравад, гуфта Ороста ҳам бо онҳо нишаст. Соҳибов «барои иштиҳо» гуфта як стаканӣ шампон рехта нӯшиданд. Баъд ба латифагӯӣ даромада, занҳоро хандонида, боз як стакани дигар шампон рехт ва Татяна ноилоҷ онро ҳам нӯшид.

Соҳибов боз як шиша шампонро кушода:

– «Шарти қозӣ то се бор» гуфтаанд. Мо набояд ин шартро вайрон кунем, – гӯён боз як – стаканӣ шампон рехта, ба занҳо дароз карду ба Ороста чашмакӣ зада дид, ки Таня шампонро гирифт.

– Охир мо ба кор рафтанамон лозим. Ман инро гирам, маст шуданам мумкин. Чӣ хел ба кор меравам, – гуфта буд, ки Соҳибов:

– Ман ба Яҳёев гуфтам, ки шуморо ба коре ба ҷое роҳӣ кардам ва шояд наоед. Барои ҳамин бе ташвиш шиштан гиред. Шампонро нӯши ҷон намоед. Камтарак менишинему ман шуморо то хонаатон бурда мемонам, – гуфт.

Таня дигар илоҷе наёфта ин стакани шампонро ҳам нӯшид. Дар ин вақт Ороста ба берун баромаду дере нагузашта, як табақи пур аз оши паловро бардошта омад. Аз чӣ бошад, ки табақро ба Соҳибов, ки мехост аз дасташ гирад, надоду ба ӯ чашмакӣ зада, худаш онро ба рӯи дастар-

хон гузошт. Ошро бо иштиҳо мехӯрданд, ки ош тамом нашуда Таня аввал як сарашро дошту пеши чашмонашро туман гирифт.

– Эҳ, ба ман чӣ шуд? – гуфту аз ҷояш хест, қариб калавида ба рӯи дастархон меафтид. Ӯро Соҳибову Ороста нигоҳ дошта аз зери китфонаш гирифтанду ба хонаи дигар гузаронданд. Дар рӯи ҷойгаҳи бо ҷойпӯшҳои оҳарӣ пӯшонда хобонданд.

Соҳибов ба Ороста як садсӯмаи шираққосиро дода:

– Офарин, қоил кардӣ, апа – гӯён ӯро гуселонида дарро аз қафояш қулф кард. Сонӣ ба кашидани либосҳои Татянаи аз ҳуш рафта сар кард…

Бегоҳӣ, вақте ки Татяна ба ҳуш омад, боз худро дар оғӯши Соҳибов дида, дасти ӯро аз болои синаҳои зебояш гирифта партофту аз кат парида ба замин фаромад ва ба ҷустуҷӯи либосҳояш, ки Соҳибов пинҳон карда буд, даромад.

Соҳибов бошад бо шавқу завқ ба танаи булӯрину зебои ӯ, ба ҷунбиши синаҳои ӯ нигариста ҳаловат мебурд.

Татяна либосҳояшро наёфта бо қаҳру ғазаб ва нафрати бепоёне ба Соҳибов рӯ овард.

– Нокас! Фосиқ! Фиребгар!, – гӯён ӯро дашном доду либосҳояшро талаб кард.

Соҳибов оҳиста аз ҷояш хеста саросема нашуда эзорчаашро пӯшиду шимашро ёфта аз болои он кашида тӯгмаҳояшро гузаронида, тасмаашаро баст. Баъд аз паси кӯрпаҳо либосҳои Татянаро бароварда ба болои кат монда буд, ки вай саросема ба пӯшидани либосҳояш сар кард, Соҳибов бошад ба либоспӯшии Таня нигариста завқ мебурд.

Таня либосҳояшро пӯшида, ба сӯи дар роҳӣ шуд. Онро қуфл дида бо дасту пояш зада:

– Дарро кушоед, – гуфту лекин чизе ба ёдаш омада ба қафо гашт.

– Зуд дарро кушо, набошад ҳозир доду вой карда хонаро ба сарам мебардорам, – гуфт.

– Таняҷон, азизакам биё девонагӣ накун, ана дар ин ҷо нишину ба гапам гӯш деҳ, набошад то гапамро гӯш накунӣ, худатро кушӣ ҳам аз ин хона намебароӣ. Касе ҳам ба додат намерасад, – гуфта буд, ки Таня каме худро ба даст гирифту итоаткорона рафта дар курсие нишаст.

Соҳибов, ки худро бисёр оромона нигоҳ медошт, му-

лоимона ба гап даромад.

– Танячон, маро бодиққат гӯш кун. Баъд ба хулосае омада он чӣ ки дилат мехоҳад, онро бикун. Мани бандаю ғуломи ҳалқабадӯшатро хоҳ ба об мепартоӣ хоҳ ба оташ, ин кори ту. Ман дигар тоқати чудоӣ надорам. Ман бе ту зиндагӣ карда наметавонам. Ҳаётро бе ту тасаввур ҳам карда наметавонам. Туро бо тамоми ҳастиям дӯст медорам. Илочи дигар наёфта, ба ин роҳ дуюм бор мешавад, ки бо ту ҳамхоба мешавам. Дигар тоқати ҳичрон надорам. Ман бисёр роҳҳои бо ту наздикшавиро чустаму наёфтам. Ту барои ман дастнорас будӣ. Бо ту дар бораи ишқу муҳаббатам гап задан имкон набуд. То ҳол ба ин бовар намекардӣ. Ту зани покдоман ва танҳо ба шавҳарат содиқ будӣ. Ту ба ягон зане, ки пеш аз ту медонистам, монанд нестӣ. Баъзеи онҳо тайёр буданд ва тайёранд, ки ман ба онҳо ишорае кунаму онҳо чун сагбача аз пасам вингоскунон тохта ба ҳамаи гуфтаи ман розӣ шаванд. Лекин ту дигарӣ. Ана, ҳамин хислати ту, вафодориат, хулқу атворат, маро чун оҳанрабо ба худ мекашаду ман бовар бикун, ки аз кору зиндагиям мондаам. Хоҳ дар кор, хоҳ дар хона, хоҳ дар хоб бошам хоҳ бедор, ту мисли парии афсонавӣ дар пеши чашмонам астӣ. Хӯрду хӯроку хоби маро бароям ҳаром кардаӣ. Ин аст, ки ман дигар на парвои билети ҳизбӣ дораму на мансаб, на хонаю дар.

Ба ту бояд иқрор шавам, ки бори аввал ҳам туро бо супориши ман ба Варзоб бурда буданд. Он вақт ман аз кардаам сахт пушаймон шуда, тарсида будам. Вале баъди бо ту ҳамхоба шудан муҳаббати ман ба ту садчанд шуд. Илоче наёфта, худро бо ин роҳи паст ба ту расонидам. Илочи дигаре надоштам. Акнун бошад, ман бо ҳамаи ҳастиям дар назди ту. Чизе, ки ту гӯӣ, ҳамон мешавад, бароям ғайр аз ту чизе лозим нест. Бе ту шаби ман тор аст. Боқимондаашро худи ту фикр бикун, бигӯ, ки ман чӣ кор кунам? Ҳамаи ҳаёту мамоти ман имрӯз дар дасти туст. Чи хеле ки хоҳӣ, ҳамон хел рафтор кун. Ё дар оянда мани ошиқи зоратро аз дидорат шод месозию бандаи худ, ё ки бурда худи ҳозир ба милисаю прокурор месупорӣ, ин кори туст. Ман ба ҳама қарори қабул кардаат розӣ. Ва худат маро суд кун. Илочи дигаре надорам, гӯён аз чой хеста ба назди ӯ омада ба зону нишаста дасти ӯро гирифта бӯсид.

Таня, ки дар умраш чунин суханҳоро нашунида буд, бо

дарду алам, эҳсоси зиёде суханронии ин марди ҳузарби ба ҳама кор қодиреро, ки ҳама аз ӯ метарсанд ва ҳоло бошад дар назди ӯ ба зону зада, илтиҷо мекунад, дида худашро гум кард.

Вай ҳам Борисро дӯст медошту медонист, ки ишқ чист ва баъди фикри зиёде аз ҷояш хеста:

– Натарсед, ман ба ҷое намеравам, ба ман шармандагиатон даркор нест. Дарро кушоед, ки ман ба хонаам равам, – гуфт ӯ оромона.

Соҳибов, ки дар ёфтани дили занҳо устухон надошт, зуд фаҳмид, ки Таня ба муҳаббату суханҳояш бовар кардааст, аз ҷояш хест, либосҳояшро пӯшида дарро кушоду онҳо пасопеш ба берун баромаданд.

Соҳибов вақти гусел ба дасти Ороста як садсӯмаи дигар қапонда оҳиста пичирос зад:

– Ин аз нӯги хамир фатир, – ва ба кӯча баромад.

Таня ба ҳавлӣ баромада бевақт шудани рӯзро диду саросема шуд.

– Ман дар ин бевақтӣ ба хона рафта ба Борис чӣ мегӯям? Биё хубаш ба хонаи модарам мераваму дар бораи воқеаи имрӯза бо ӯ маслиҳат карда, баъд ҳамроҳаш ба хона меравам, – аз дил гузаронд ӯ.

Соҳибов бошад дар ин вақт мошинашро гарм кунонида ба назди ӯ омада истод. Вай ба мошин савор шуд. Онҳо тамоми роҳ хомӯш буданд. Таня дар назди хонаи модараш аз мошин фаромад. Ба «то боздид»-гӯии Соҳибов ҷавобе нагуфта, ба сӯи хонаи модараш роҳӣ шуд.

Модараш дар ин бевақтӣ пайдо шудани духтарашро дида ба ташвиш афтод.

– Ҳа, Таняҷон, тинҷӣ-мӣ? Дар ин бевақтӣ аз куҷо пайдо шудӣ? Ё бо Борис гапатон гурехт? – гӯён саволборон кард.

Таня хомӯшона дар курсие нишаста ба модараш тамоми воқеаи рӯйдода ва суханҳои Соҳибовро пурра нақл кард.

– Модарҷон, акнун чӣ кор кунам,– гӯён гирист.

Модар дуру дароз ба хаёл рафта оқибат ба гап даромад:

– Таняҷон, ман вазъияти туро хуб мефаҳмам. Ту дар байни ду оташ мондаӣ. Дар ҷои ту каси дигар ҳам сари калобаашро гум мекунад. Лекин ба ин вазъияти ту оқилона баҳо додан зарур. Аз тақдир гурехта намешавад, духтарам. Маълум, ки ин воқеаҳою гапҳо дар пешонаат аз

рӯзи азал навишта шуда будааст ва он хоҳу нохоҳ ба вуқӯъ мепайваст. Акнун ту ду роҳ дорӣ. Ё ки ба тақдират тан дода бо ду мард зиндагӣ мекунӣ. Ё ки аз баҳри кору хондан баромада, хонашин мешавӣ. Зеро вай Соҳибуфи мегуфтагият агар туро дӯст дошта бошад, рӯз намедиҳад. Охир вай гуфтааст ку: «Ба ман дигар на мансаб лозим асту на партия ва на хонаю дар». Ин, ҷонакам, ҳамин маъноро дорад, ки ин мард барои ба васли ту расидан, аз ҳеҷ чиз рӯ намегардонад, ба ҳар восита аз паят мегардад. Ин кор овоза шуда, худаш-ку беобрӯ, лекин туро ҳам расвою ради маърака мекунад. Агар ба гапам гӯш диҳию гапамро гирӣ, алоқаатро бо Соҳибов накан. Ман бисёр занҳои шавҳардорро медонам, ки ба ғайр аз шавҳарашон бо чанд каси дигар ишқварзӣ мекунанд. Соҳиби мансабу молу пули зиёд гаштаанд. Боз онҳоро ҳурмат ҳам мекунанд.

Ту бошӣ ҳоло дар зиндагӣ чизеро надидаию ба чизе ҳам соҳиб нашудаӣ. Ва Соҳибов он шахсест, ки ба ту дар ин бора ёрии калон мерасонад. Ту соҳиби маълумоту ҷои кор мешавӣ. Дар зиндагӣ роҳатро муайян месозӣ. Борисат бошад чӣ хеле ки ман мебинам, ба кори худ овора. Ба ғайр аз оне, ки туро дӯст медорад, ба ту чизе дода наметавонад. Ҳатто бин шабу рӯз кор мекунад. Ҳафтаю моҳҳо бо кори давлат банд шуда, ба сафарҳои хизматии дуру дароз меравад. Чор сӯми мегирифтагиаш ба худаш ҳам намерасад. Ту бошӣ метавонӣ набудани ӯро истифода бурда, бемалол бо Соҳибов ишқварзӣ кунӣ. Ӯро ба манфиати худ истифода барӣ. – Шаб аз нисф гузашта бошад ҳам, сӯҳбати маҳрамонаи модару духтар тамомшавӣ надошт. Нохост тақ-тақи дар онҳоро ба худ овард. Вақте дарро кушоданд, дар назди дар Борисро диданд. Ӯ Татянаро дида:

– Эҳ хайрияте, ту дар ин ҷою ман бошам милисаю беморхона намонда занг зада баромадам. Худаш чӣ гап? Чаро ба хона наомада, маро огоҳ накарда дар ин ҷо нишастӣ? – гӯён занашро коҳиш кард.

Татяна бошад ба баҳоначӯӣ даромад.

– Ҳа, тобам каме гурехт. Занг зада туро наёфта ба ин ҷо омадам, – гӯён узр пурсиду ба чашмонаш нигоҳ карда натавонист.

Аз дурӯғи гуфтааш сурх шуд.

Борис ба ӯ бовар карду онҳо ба хонаашон баргаштанд. Ҳамин тавр, дар ҳаёти Татяна давраи нав сар шуд.Акнун ӯ

ҳафтае як бор дар хонаи Ороста ё ягон ҷои дигар бо Соҳибов вомехӯрд. Вақтҳое, ки Борис дар сафари хизматӣ бошад, ҳатто бо баҳонаи «ба хонаи модарам меравам» Аня-холаро фиреб медод. Бо Соҳибов шабро рӯз мекард.

Соҳибов бошад аз ин омади кораш хурсанд шуда, чизеро аз Таня дареғ намедошт. Ба ӯ чанд ангуштарину соати тилло, гӯшворҳои зебою либосҳои қимматбаҳо харида медод.

Таня бошад, онҳоро дар хонаи модараш пинҳон мекард. Баъдтар «ин тӯҳфаҳоро модарам харид, инашро дар рӯзи таваллудам коргарон тақдим карданд, инашро худам харидам», гӯён оҳиста-оҳиста ба хона меоварду Борису Аня-хола ба ӯ бовар мекарданд.

Аз байн чанд сол гузашт. Дар ин муддат Борису Татяна ҳарду мактаби олиро хатм карданд. Соҳиби маълумоти олӣ шуданд. Борис баъди ба прокуратура гузаштанаш ба шӯъбаи ғоибона гузашта буд, қариб дар як сол баробари Татяна дорулфунунро тамом кард. Корҳояш хуб буду акнун ӯ дар ҷои пештарааш, дар вазифаи сармуфаттиши корҳои муҳимтарин кор мекард.

Татяна бошад, баъди хатми донишкада ба ҷои Яҳёев мудири шӯъба шуда буд.

Зиндагиашон агар баъзе дигаргуниҳо дар рафтори Татянаро ба инобат нагирем, мисли пештара бад набуд. Вале вақтҳои охир Борис медид, ки Татяна бо ҳар баҳона ба хона дер меомад. Бо ӯ дағалӣ мекунад. Хӯрок тайёр намекунад. Вақташро бештар дар назди телевизор мегузаронад ва ҳатто май мехӯрдагӣ шудааст. Вақте ки Борис сабаб пурсад, «вазифаи нав, маҷлис ё ягон ҷамъомад шуд», – гӯён баҳона мекард. Борис ба ин бовар мекард. Дар ин муддат Татяна ду-се бор ҳатто кӯдаки дар батнаш шударо ба таври сунъӣ гиронд. Метарсид, ки мабодо кӯдак ба Соҳибов монанд бошаду дар хонааш ҷангу ҷидол сар занад. Ба Борис бошад: «Духтурҳо ба ман кӯдак зоиданро манъ кардаанд» гӯён ӯро фиреб медод. Борис суханҳои ӯро насанҷида бовар мекард. Соҳибов чунон ба Татяна одат карда буд, ки бе ӯ зиста наметавонисту ҳар рӯз аз ӯ ком талаб мекард. Барои он, ки дигар ҷои вохӯрӣ накобад, ӯ хонаи духуҷрагии давлатиашро ба воситаи рафиқонаш ба номи Татяна гузаронду қариб ҳар рӯз онҳо ҳамон ҷо вомехӯрданду ишқбозӣ мекарданд. Оҳиста-оҳиста Татяна

ба ин одат карду аз олиҳимматии Соҳибов дилаш мулоим шуда, ҳатто ба ӯ меҳр баста буд. Бисёри вақтҳо аз муҳаббати ӯ чунон сер мешуд, ки ҳатто Борисро ба ҷойгаҳаш роҳ намедод ва касалиашро баҳона карда, ҷойгаҳашро дар дигар ҷой партофта хоб мерафт.

Ҳатто кор ба ҷое расида буд, ки Соҳибов агар ба ҷое сафари хизматӣ мерафт, Татянаро низ ҳамроҳаш гирифта мебурд.

Дар Вазорат қариб ҳама аз муносибати байни Соҳибову Татяна бохабар буданд, вале аз рӯирост гап задан метарсиданд. Рафиқони Борис ҳам борҳо Татянаро дар мошини Соҳибов дида бошанд ҳам, «ин аз рӯи одоб нест» – гӯён ба ӯ чизе намегуфтанд.

Борис бошад ба корҳои худ овора то даме, ки воқеае рӯй доду ӯ аз ин кор огоҳ шуд, хабар надошт. Ба Борис кори ҷиноии нисбати корманди прокуратураи шаҳрӣ Олимовро супориданд. Ӯ занашро бо ошиқаш дар ҷои хобашон дастгир мекунад. Ошиқи занашро кушта худи занро бошад, аз ошёнаи чаҳорум ба замин мепартояд. Дар натиҷа сутунмӯҳраи зан шикаста, дар бемористон ба ҳуш наомада аз дунё гузаштааст. Борис ба ин кори ҷиноятӣ шинос шуда, худ ба худ: «ин ваҳшигӣ-ку! Наход коргари прокуратура, қонуну қоидаро дидаю дониста ба чунин кори разилона даст занад? Агар, ки дилат накашад, ҷудо шаву мон-дия, аҳмақ!» – гӯён рафиқи ҳамкорашро сарзаниш мекард. Вақте ки Олимовро барои пурсиш ба наздаш оварданд, ӯро сарзаниш карда:

– Хуб одами беақл будай-дия! Наход, ки дигар роҳашро наёфтӣ? Хайр мезадӣ, мекуфтӣ, ҷудо мешудӣ. Куштан чӣ ҳоҷат буд? – гуфта пурсид.

Олимов аввал ба фикр фурӯ рафту баъди каме ба Борис рӯ оварда гуфт:

– Ман бисёр мехостам бинам, ки шумо баъди оне, ки Татянаатонро луб-лучи урён бо ҷонишини вазири маориф Соҳибов ҳамоғӯш дар хонаатон медидед, чӣ кор мекардед?!

Борис аз ин ҷавоби Олимов дар ҳайрат монд.

– Охир кори шумо ба Татянаву дигарон чӣ дахл дорад? – гуфта пурсиду дилаш алав гирифт.

– Ҳа, рафиқ Светозаров, алам кард? Ана ҳамин хел ба ман ҳам алам кард. Шабу рӯз нагуфта кор кунӣ, худат

нахӯрда зану бачаатро хӯронию оқибат занатро дар оғӯши дигарон бинӣ, алам мекунад. Вақте ки ман вай қанчиқро дар оғӯши он хирси чангалӣ дидаму оҳу-воҳи занакрою меҳрубониҳояшонро шунидам, ҷонам ба лаб расиду он лаънатиро бо корд задам. Занак бошад, аз тарс луб-луч худро аз тирезаи кушода ба замин партофт, – гуфт Олимову хомӯш шуд. Борис алави дар дилаш афтодаро дигар хомӯш карда натавониста аз Олимов пурсид:

– Танҳо росташро гӯед. Шумо чаро дар бораи зани ману Соҳибов сухан рондед? Оё чизеро дар бораи зани ман медонед?

Олимов аз гуфтааш пушаймон шуда каме фикр карду «ҳа, бало ба пасаш, ҳамаи занҳо ҳамин хел қанчиқанд», гӯён аз дил гузарониду баъд ба Борис нигариста пурсид:

– Борис Егорович, наход шумо дар бораи романи байни занатону Соҳибов, ки дар пеши биниатон се-чор сол боз ишқварзӣ мекунанд, чизе надонед?

Борис аз гапи Олимов бисёр оташин шуда, хаёл кард, ки вай ӯро таҳқир мекунад. Аз ин рӯ, аз ҷояш ҷаста хесту аз гиребони ӯ дудаста дошт.

– Лаънатӣ! Ин тӯҳмат, ту ба зани ман тӯҳмат мезанӣ. Лекин бо ин гуноҳат кам намешавад, – гӯён хост, ки муште ба сари Олимов фарорад, лекин базӯр худро нигоҳ дошту гиребонашро сар надода, як таконду баъд сар дод. Олимов аз ин дар ҳайрат шуда аз дил гузаронд: «Ин галӯи бечора ҳам ба кор овора шуда, аз дунё хабар надоштагӣ барин. Биё як чашмашро кушоям, канӣ бинам, ки худаш чӣ кор мекарда бошад», гӯён ба гап сар кард.

– Борис Егорович, маро бубахшед. Ман хаёл карда будам, ки Шумо аз ин хабар доред. Ман, ба виҷдонам қасам, ки бо ин гапам шуморо таҳқир карданӣ набудам. Вале борҳо занатонро бо Соҳибови лаънатӣ дидам. Ҳатто дар куҷо вохӯрданашонро ҳам хуб медонам. Ин лаънатии Соҳибов дар бинои мо як хонаи дуҳуҷрагӣ дорад. Танҳо ман дар ошёнаи чоруму вай бошад дар дуюм зиндагӣ мекунад. Агар бовар накунед, шумо метавонед, онҳоро ҳар рӯз дар он ҷо дастгир кунед. Охир онҳо ба он ҷо нисфирӯзӣ хӯрокхӯрӣ меоянд. Баъзан бегоҳиҳо низ он ҷо пайдо мешаванд. Ҳатто баъзе вақтҳо шаб дар он ҷо мемонанд.

Пеши чашмони Борис торик шуд. Дилаш ба задан даромад, ранги рӯяш канд, қариб буд, ки аз курсиаш ба за-

мин афтад. Олимов чаққонӣ карда ӯро нигоҳ дошту ба рӯяш об пошида, ба худ овард. Баъд дӯлчаи обро ба ӯ дароз карда:

– Бинӯшед, ҳолатон хуб мешавад, – гуфт.

Борис обро нӯшида «у-фф» гӯён лабонашро пок кард. Баъди каме ба худ омадан, ӯ ба Олимов рӯй овард.

– Ҳушёр бош. Агар гапат дурӯғ бошад, барои тӯҳматат бӯғӣ карда мекушам, – гуфту посбонро ҷеғ зад.

– Баред инро! – гӯён фармон дод. Ба соати дастиаш, ки тӯҳфаи Татяна буд, нигариста:

– Ҳа, вақти хӯроки нисфирӯзӣ шуда истодааст. Гуфтаи Олимовро санҷидан даркор, – гуфту зуд дари ҳуҷраи кориашро маҳкам карда ба ҳавлии прокуратура баромад. Як шиносашро дид, ки дар назди мошинаш истода бо латта онро тоза мекунад, хурсанд шуд. «Акнун агар рост бошад, аз дастам халос намехӯрад», – гӯён ба назди шиносаш омад.

– Раҳматҷон, як хизмат кун. Як одамро дастгир карданам даркор. Бе мошин намешавад, – гуфт.

– Бо ҷону дил, – гӯён дари мошинашро кушод. Онҳо ба кӯчаи Кӯйбишев гузашта, поёнтар аз идораи вазорати маориф истоданд. Соат ба як наздик шуда буд.

Борис дид, ки Татяна аз бино баромада ба сӯи бинои бонки давлатӣ равон шуд. Онҳо хостанд, ки аз қафояш бираванд, ки аз ҳавлии вазорати маориф мошини «Волга» Газ-21 ба суръати тез баромада, қариб ба мошини онҳо бархӯрда буд. Дар мошин Соҳибовро дида, Борис сарашро паст кард, то ки ӯро набинад.

Соҳибов саросема мошинашро ба сӯи бонк ронд.

Раҳматҷон бо ишораи Борис мошинашро ба ҳаракат даровarda, аз паси мошини Соҳибов роҳӣ шуд. Ба бинои бонк баробар шуда буданд, ки Соҳибов аллакай ба кӯчаи Ленин гузашта, дар назди меҳмонхонаи Вахш истод ва Татяна ба мошинаш савор шуд. Мошин ба сӯи бозор, ба кӯчаи Чехов ҳаракат кард.

Борис ба Раҳматҷон:

– Аз ҳо ана, ҳамон «Волга» қафо намон, ки аз чашмамон дур нашавад, – гуфта супориш дод.

– Хуб, ако, – гӯён Раҳматҷон аз паси «Волга» 20-30 метр дуртар мошинашро меронд.

Мошини Соҳибов дар чорраҳаи назди бозор ба кӯчаи

Лоҳутӣ гашта аз он ҷо бошад, ба кӯчаи Беҳзод гузашта ба студияи телевизион нарасида, ба тангкӯчае даромад. Баъди каме ҳаракат кардан дар назди хонае истод. Таня аз мошин фаромад. Соҳибов дарҳои мошинашро қулф карду онҳо ба хона даромада ғайб заданд.

Борис чӣ кор карданашро намедонист. «Фароям ё нафароям» – гӯён дудилагӣ мекард. Баъд қарор дод, ки то тамом шудани танаффуси нисфирӯзӣ онҳоро нигоҳ карда шинад. Борис ба ин қарор омада ба Раҳматҷон рӯ овард:

– Ташаккури зиёд ба ту! Ин тарафашро худам ҳал мекунам, – гуфту ӯро ҷавоб дод.

Ба гӯшаи панаҳтаре гузашта, дар паси чанори сари роҳ, ки кундаи ғафс дошт истоду ба фикр фурӯ рафт. Дар пеши чашмаш лаҳзаҳои шиносшавӣ, ишқварзӣ ва хонадоршавиашон ҷилвагар шуд.

«Ӯ чӣ қадар меҳрубону дилбар буд», аз дил мегузаронд ӯ. Баъд ба ӯ чӣ шуд? Дар ду-се соли наздик гӯё, ӯро дигар карда бошанд, дағалу номеҳрубон шудааст. Танҳо ба пардозаш овора аст. Агар бо ӯ ҷиддитар гап занӣ, ҷангу ҷидол бардошта қаҳр мекунад. Ба хона дер меомадагӣ шудааст. Ҳатто бисёр вақтҳо навозишҳои маро қабул накарда танҳо хоб мекунад», аз дил мегузаронд Борис.

Наход гапи Олимов рост бошад? Ё ки ин тӯҳмат аст. Хайр, бинем-чӣ, агар дар давоми танаффусу нифирӯзӣ бароянд, гуфтаҳои Олимовро санҷидан лозим аст. Агар дер бароянд, масъала ҳал. Олимов ҳақ аст, – гӯён қарор дод, ки аз ҷояш наҷунбида мунтазири баромадани онҳо шавад. Вақт ниҳоят оҳиста мегузашт. Борис азоб мекашид. Пайи ҳам сигор мекашид. Ана вақти танаффуси нисфирӯзӣ ҳам тамом шуд, лекин Соҳибову Таня наменамуданд. Боз якду соати дигар ҳам гузашту аз онҳо дарак набуд. Дили Борисро гургҳо тала мекарданд. Ӯ чанд бор хост, ки рафта дари ҳуҷраи 32-ро, ки ба ӯ Олимов гуфта буд, зада шиканад. Ҳардуи онҳоро ҷазо диҳад, вале боз худашро даст мегирифту мегуфт: «Пагоҳӣ бечораи Олимовро таъна зада, насиҳат мекардам, ки чаро ту ин тавр кардӣ? Агар худам ин корро кунам, пас фарқи байни ману Олимови ҷинояткор чӣ мемонад?»Қатъиян аз фикраш гашту ба соат нигарист. Он 16-ро нишон медод. Ӯ мунтазири завҷаашу Соҳибов нашуда ба коргоҳаш баргашт. Аз кӯчаи Беҳзод то коргоҳаш ҳамагӣ 15 дақиқа роҳ будааст. Вай зуд ба кор-

хонааш расид, вале дасту дилаш ба кор намерафт. Коғазҳояшро ҷо ба ҷо карду дарҳои сейфашро қулф карда аз корхона баромада ба хонаашон рафт. Соати 17 ба хонаашон расид. Дар хона касе набуд. Анна-холааш низ аз кор барнагашта будааст. Вай барои каме аҳволаш беҳтар шудан об ҷӯшонда як дӯлча қаҳва тайёр карда хӯрда буд, ки аввал холаашу баъд Татянаи каме сархуш даромада омаданд.

Таня ба Борис нигоҳ ҳам накарда ба ташноб даромада то дер оббозӣ кард. Баъди аз он ҷо баромадан ба ошхона гузашта буд, ки Борисро дида: Имрӯз ту ин қадар барвақт ба хона омадӣ? Ягон гап шуд-мӣ? –гӯён, гӯё ки чизе нашуда бошад табассумкунон пурсид.

– Ҳа, туро соати ҳабдаҳ кофта наёфтаму ташвиш шуда ба хона омадам, – гӯён Борис ба чашмони занаш нигарист.

Вале занаш аз ӯ чашм гурезонда:

– Ҳа, маро барои тафтиши як мактаб фиристоданд, дар он ҷо будам. Навакак аз он ҷо омадам, – гуфт.

Борис базӯр худро нигоҳ дошта:

– Чӣ, дар вақти тафтиш ҳам шумо арақ мехӯред? – гуфта пурсид.

– Хайр чӣ шудааст? Маро зиёфат карданд. Не, гуфта натавонистам.

Борис ин дурӯғи занашро шунида: «Ҳа, ин маккора кайҳо вайрон шудааст. Дурӯғ гуфта, ҳатто сурх ҳам намешавад-а» гӯён аз дил гузаронида, якбора оташ гирифт.

– Чаро ту шарм надошта дурӯғ мегӯӣ? Охир ту аз соати 13 то охири рӯз дар кӯчаи Беҳзод ҳамроҳи Соҳибов маишат надоштӣ?!

Татяна ба ҷои ҷавоб додан якбора авзояш дигар шуду ба ҳуҷум гузашт.

– Чӣ, ту ҳоло аз паси ман ҷосусӣ ҳам мекунӣ? Хайр, ана ман бо ӯ будам, баъд-чӣ?

Борис инро шунида тоқат накарду: Қанчиқ! – гӯён шаппотие ба рӯяш фароварда буд, ки вай алов гирифт.

– Ҳе ту Шерлок Холмси ношуд. Аз ин моҳона ба он моҳонаат тин ҳисоб мекунӣ. Дар 6-7 соли хонадориамон ман ёд надорам, ки барои ман ягон чизи назаррасе харида бошӣ. Дар хонаи аз ким-кӣ мондагӣ бо беваи холаат зиндагӣ мекунӣ. Не ҷои гаштан ҳасту на истироҳат кардан. Ту дар ин қадар сол бо ман чӣ кардӣ? Соҳибов бошад ба

ман кор дод. Маълумоти олиро ҳам бо ёрии ӯ гирифтам. Дар ҳар вохӯриамон ба ман гӯшвору ангуштаринҳои тилло тӯҳфа мекунад, либосҳои зебое, ки ту мебинӣ ҳамаашро ӯ харидааст. Дар 3-4 сол маро то сардори шӯъба расонд. Хона гирифта дод. Онро пур аз мебелу қолин кард. Ҳамчун мард ҳам вай аз ту даҳ бор зӯртару хубтар аст, – гуфта буд, ки Борис ба гарданаш чунон муште фаровард, ки вай чаппа шуда ба рӯи фарш афтид. Шояд ӯро боз мезад, вале холааш, ки дар паси дар ҳамаи гапҳои онҳоро мешунид, ба ошхона тохта даромаду ӯро оғӯш карда:

– Борисҷон, ором шав. Худатро ба даст гир. Вай аҳмақ бошад, ту хуб шав. Ҳамсояҳо шунаванд, чӣ мегӯянд? – гӯён кашолакунон ба дигар хона гузаронд. Таня аз ҷояш хеста, лаби кафидаю хуншорашро дошта, ба назди ҷумаки об рафта, лабу даҳонашро мешуст:

– Лаънатӣ! Ношуд! Авбош! – гӯён ба хонаи хобаш гузашта ҷомадонашро гирифту сарулибосу зару зеварашро ҷамъ карда аз хона баромада рафт. Касе аз пасаш набаромад. Касе ҳам ба ӯ ҳарфе назад.

Як ҳафта буд, ки Борис Светозаров аз хонаашон набаромада ба майнӯшӣ овора буд. Инро дида Аня-холааш:

– Писарам, аз майнӯшӣ касе ба ҷое нарасидааст. Обрӯятро нарезон. Аз рӯи зан худатро шарманда накун. Охир тухми зан қаҳт назадааст. Аз вай хубашро меёбӣ, – мегуфт.

Борис ба ин аҳамият надода, аз пагоҳ то шом, то масту аласт шуда афтидан арақ менӯшид. Ба рӯи касе дарашро намекушод. Вай мехост, ки ба воситаи майнӯшӣ ғаму дардашро, бевафоии занашро фаромӯш кунад. Вале ин муяссараш намешуд. Ҳамин ки ҳушёр мешуд, боз ҳамон саҳнаи рӯирост таҳқир кардани зани дӯстдоштааш дар назараш баръало намоён мешуд ва ӯ боз ба майнӯшӣ медаромад.

Ришаш сих зада баромада, чашмони аз майнӯшӣ кабудшудаю варамидааш ӯро ба як майпарасти гузаро монанд карда буд. Дар рӯзи ҳаштуми ба кор нарафтани Светозаров касе дари онҳоро кӯфт.

Аня-хола дарро кушода, сардори шӯъбаи тафтишотии прокуратураи ҷумҳурӣ Давронбековро дид, ки борҳо ба хонаи онҳо омада меҳмон шуда буд.

Ӯ бо Аня-хола саломуалейк карда дар куҷо будани Бо-

рисро пурсид. Аня-хола оби чашмашро бо дастонаш пок карда бо имои чашм ба хонаи хоби Борис ишора кард. Давронбеков ҳис кард, ки ба шогирди дӯстдоштааш воқеае шудааст. Бинобар ин зуд ба хонаи хобаш даромад.

Борис овози ӯро шунида, аз ҷойгаҳаш хеста либос мепӯшид. Давронбеков ба чеҳраи варамидаю риши нотарошидаи Борис нигариста, қариб ӯро нашинохт.

– Борис, ин ту-мӣ? – гӯён бо тааҷҷуб пурсид.

– Ҳа, ман, чӣ шудааст?

– Як худатро рафта дар оина бин, баъд чӣ шудаастро худат мефаҳмӣ.

Борис дар ҷавоб чизе нагуфта барои дастурӯшӯӣ ба ҳаммом даромад. Дасту рӯяшро шуста ба назди Давронбеков баромада аз киссааш калидҳои идораашро бароварду ба ӯ дароз кард.

– Маро бубахшед, ман нотобам. Шояд чанд вақт ба кор набароям, – гуфт.

Ба саволҳои Давронбеков, ки куҷоят дард мекунад? Ба ту чӣ шудааст? Оё ба духтур муроҷиат кардӣ ё не? Борис дили бедилона «ҳа ё не» гӯён ҷавоб медоду ҳавсалаи гап задан надошт.

Давронбеков ба чизе сарфаҳм нарафта:

– Хайр майлаш, гап задан, ки нахоҳӣ, ихтиёрат. Ман шитоб дорам, ҳамон Олимов шикоят навиштааст. Кор (дело) дар дасти ту. Чанд рӯз боз одам роҳӣ мекунам, касе дар хона туро намеёбад. Касе дар куҷо буданатро намедонад. Аз ин рӯ, ман пагоҳӣ барвақт омадам, ки туро пайдо кунам. Хайр, бемор ки бошӣ, табобат кун. Ман рафтам, – гӯён бо Борис хайрухуш карду баромада рафт.

Аня-хола дид, ки Борис ҳатто бо сардораш гап задан нахост. Ҳис кард, ки «касалии ӯ даво надорад». Агар ӯ худашро ба даст нагирад, нобуд мешавад. Аз ин рӯ, ба кор рафта истода ба почтаи сари роҳ даромаду ба падари Борис телеграмма навишт.

«Борис касали сахт аст. Зуд расида биё. Анна.»

Пагоҳии рӯзи дигар ҳоло Борис аз хоб нахеста буд, ки садои занги дар баромад. Аня-хола, ки навакак хеста дар ошхона ҷумбуҷӯл дошт, дарро кушода домодаш – Егор Иванович Светозаровро дида, хурсанд шуд. Ӯро ба ошхона дароварду паст-паст дар бораи воқеаи бо Борис рӯйдода, бевафоии занаш ва баромада рафтани ӯ ва ба ин

тоқат накарда, як ҳафта боз беист майнӯшӣ карданашрову, ба насиҳати касе гӯш накарданашро ҳасрат кард. Егор Иванович бодиққат ба гапи Анна-хола гӯш карда, баъд оҳи вазнин кашида:

– Ҳа, аз дасти занҳо ҳар кор меояд. Беҳуда нагуфтаанд, ки «шоҳ ҳам кунад мардро зан мекунаду гадо ҳам». Лекин ман аз Борис ин хел умедам набуд, ӯро марди боирода ҳисоб мекардам. Наход хато карда бошам? – гуфта буд, ки ба ошхона Борис даромад. Ӯ падарашро диду шах шуда монд.

Егор Иванович ба афти писараш нигариста «оббо, ин муҳаббати зан ва бевафоии вай мардро ба чӣ аҳвол намеовардааст», гӯён аз дил гузаронду сир бой надода аз ҷояш хеста:

– Салом Борисҷон, – гӯён писарашро ба оғӯш кашид. Борис дар оғӯши падар ба худ омада, ғусса гулӯгираш карду аз оғӯши падар худро озод кард. Аз ошхона тозон баромада, ба ҳаммомхона даромад. Баъди чанде ӯ дар ташноб оббозӣ кард. Ришашро тарошида ба «одам» монанд шуда, ба назди падараш баромад. Падараш инро дида:

– Бале, писарам! Ана, ин гапи дигар! Канӣ биё, ҳардуямон тухмбирёни холаат тайёркардаро хӯрем-чӣ, – гӯён писарашро ба сари дастархон даъват кард.

Онҳо хомӯшона хӯрок хӯрданд.

Анна-хола ба кор рафту падару писарро танҳо гузошт.

Егор Иванович бо писараш то дер сӯҳбат карда, чи будани воқеаро аз забони худи Борис фаҳмид. Баъд ба хаёл рафту баъди чанде ба сухан даромад. Вай гапашро аз дур сар карда:

– Медонӣ, Борисҷон, ман соли 1935 ҳамроҳи оилаи аввалаам Тамарахон, модари Элвираи апаат ба Тоҷикистон омадем. Маро дар вилояти Қӯрғонтеппа ба кор таъин карданд. Аввалин одаме, ки дар он ҷо ман вохӯрдам, падари ҳамин гӯрсӯхтаи Умар-Қамар Соҳибов буд… Ва Светозарови калонӣ тамоми азобу кулфате, ки аз рӯи Қамар Соҳибову падарарӯси Умар-Абдулло Холматов кашида буд, аз аввал то ба охир ба писараш нақл карда дар охир гуфт:

– Ана, ҳамин хел писарам! Дар ноҳияи Сталинобод ҳам бо ин Соҳибов сар ба сар шудам. Вай маро маҷбур кард,

ки барои иҷрои нақшаву ӯҳдадориҳои совхоз изофанависӣ кунам ё илоҷашро ёфта нақшаҳои гӯё ба онҳо Партияи Коммунистӣ супориш додаро иҷро намоем. Аммо ман ба ин зид баромада, ҳатто ба котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон Абдулло Холматов низ, ки маро аз барои чуртгӯию поквиҷдониям дӯст намедошт, сар ба сар шудам. Оқибат онҳо чанд виговорро ба гӯшам бастанду ман тоқат накарда ба Москва рафта, дар бораи корҳои гӯшношунидаи арбобони навбаромади Партия шикоят кардам. Дере нагузашта ба ин ҷо муфаттишҳои зиёдеро роҳӣ карданд. Оқибаташро ту худат аз ман беҳтар медонӣ. Борис бори аввал аз падараш донист, ки аввалин одамоне, ки барои кори «пахта»-ро сар кардан сабаб шудаанд, якеаш падари ӯ Егор Иванович Светозаров будааст. Ана худат дидӣ, ки Холматовашро аз кор гирифта қариб суд карданд. Соҳбовҳо ва тимсоли онҳо бошанд, дар ҳабсхонаи давлатӣ хобанд. Ва чӣ хеле, ки ту гуфтӣ кори Соҳибовҳоро ту бурда молу мулкашонро мусодира кардӣ. Онҳо 10-15-солӣ аз озодӣ маҳрум шуданд. Худат фикр кун, оё инро писари Соҳибов мебахшад? Ҳаргиз не! Ту ҳам, ки бошӣ агар бо ман чунин рафтор кунанд ҳар чизе, ки набошад, дар дилат сиёҳие мемонаду вақташ ояд қасос мегирӣ.

Ана, писари Соҳибов зӯраш, ки ба ту нарасидааст, аз пайи зани ноустувор, беиродаи ту афтодаасту ба воситаи ӯ аз ту қасос гирифтанист. Ана мебинӣ, ки ин аҳмақи Таня дере нагузашта, инро мефаҳмад. Аз кардааш пушаймон мешавад, вале он вақт пушаймониаш суде надорад. Ту бошӣ, писарам, бояд мардона рафтор кунӣ. Занам рафт, гуфта ҳаётатро насӯзӣ. Баръакс, коре кунӣ, ки ин Татянаи бадзотат ҳасад барад. «Бадхоҳи касон ҳеҷ ба мақсад нарасад» мегӯянд тоҷикон ва боз онҳо «бад ҷӯӣ, бад мебинӣ» ҳам мегӯянд. Онҳо, ки дар ҳаққи ту бадиро раво дидаанд, ҳаволаашонро ба Худо куну коратро сахт дор. Ана нагуфта мебинӣ, ки худи онҳо шарманда мешаванд. Чи хеле, ки мегӯянд: «дар кӯчаи мо ҳам тӯй мешавад». – Егор Иванович Светозаров писарашро дуру дароз насиҳат карда, роҳи зиндгиашро мефаҳмонад.

Борис бо омадани падару насиҳатҳои оқилонаи ӯ боз ба ҳаёти ҳаррӯзааш баргашту каме ҳам, ки бошад ғаму андӯҳашро фаромӯш намуд.

Рӯзи дигар вай бо падараш ба тамошои шаҳр баромад.

Егор Иванович, ки тайи чанд сол Душанберо (Сталинобод соли 1961 Душанбе ном гирифта буд) надида буд, аз тамошои кӯчаю хиёбонҳои нав, иморатҳои баландошёнаю микрорайонҳои калону нав ба нав бунёдёфта, шаҳри аз як деҳаи калон ба шаҳри бузурги серодам табдилёфтаи Душанбе завқ бурда кӯдаквор шодӣ мекард. Бисёр афсӯс мехӯрд, ки тақдир ӯро аз сарзамине, ки тамоми умри бобаракаташро сарфи ободии он карда буд, ҷудо кардааст.

* * *

Вақте ки Татяна бо ҷомадони пурбор ба хонаашон омад, модари ӯ Серафима-хола зуд фаҳмид, ки воқеае рӯй додааст, ки ӯ чанд соли охир интизор буд. Охир «Офтобро бо доман пӯшонда намешавад», мегӯянд. Вақте ки Таня ҷомадонашро ба зери либосовезак монду «у-фф» – гӯён ба курсӣ нишаста «ҳамааш тамом» гуфт, модар ба дуруст будани ақидааш бовар кард.

Таня хастагиашро бароварда аз хомӯшии модараш ҳайрон буд, ки чаро ӯ хомӯш истода аз ӯ чизе намепурсад. Аз ин рӯ худаш ба модараш бо ғазаб часпид.

– Чаро аз ман чизе намепурсӣ? Чаро намегӯӣ, ки бо ҷомадон пайдо шуданат чӣ маъно дорад? Аққалан пурс, ки ман бо ҷомадон аз куҷо омадам? – гӯён гириста фиристод.

Модар чизе нагуфта ҷомадонро аз зери либосовезак гирифта, ба хонае, ки пеш духтараш хоб мерафт, дароварда монд. Ӯ хост, ки духтараш гиря карда каме худро сабук кунад. Пас аз он ки Татяна чанде гиристу ором шуд, модар ба духтараш рӯй овард.

– Инро ман ду сол пеш, аз он рӯзе, ки ту бо Соҳибов наздик шудӣ, чашмдор будам. Охир, духтарам, як рӯз не, як рӯз бояд инро шавҳарат мефаҳмид. Шаҳри мо он қадар калоне нест, ки сирре пӯшида монад. Ба болои ин идораҳои тӯю Борис чунон наздик, ки агар сулфида монед, якдигарро мешунавед. Аз ин рӯ, оқибати кори ту ба ин ҷо оварда мерасонд, вале ман боз ту ба ягон номаъқулии дигар даст назанӣ гуфта, туро дастгирӣ кардам, ки аз Соҳибов ҷудо нашавӣ. Чунки ту ӯро ганда ҳам мекардӣ, аз тарафи дигар таъриф карда бо ӯ вохӯрам, нахӯрам, гуфта дудила будӣ. Борис бошад, ба кори худ андармон буд. Ба ту чандон диққат намедод. Дар асл гирем, ба хислати ту

«кафтари дубома» рост намеомаду ту ҳам мехостию ҳам виҷдонат азоб медод. Акнун бошад, ту озодӣ. Чизе, ки хоҳӣ мекунӣ. Аз рӯи суҳбатҳои охири бо ман кардаат, ту дигар Борисро дӯст надошта ба Соҳибов дил бастаӣ. Ба ӯ бештар муҳаббат зоҳир мекунӣ. Акнун касе ба ту халал намерасонад. Озодона бо Соҳибов вомехӯрӣ. Метавонӣ бемалол ба хонаи ба ту бахшидааш гузарӣ ва чи хеле, ки дилат мехоҳад, зиндагӣ кунӣ. Ба фикрам, Борис он ҷавоне нест, ки баъди «хиёнат»-ро ошкор кардан, аз паси ту гардад. Вай инсонест, ки аќиќи софро мемонад ва чирку ифлосиро ба худ қабул намекунад. Албатта, ӯ аз бевафоии ту чанде азоб мекашад. Ғам мехӯрад, вале боз ҷароҳатҳояшро сиҳат намуда зиндагиашро аз сари нав мекунад, паст не, ӯ баланд меравад. Ман ин қабил одамонро хуб медонам. Онҳо хушбахтии худро бештар дар оила не, дар меҳнат мебинанд. Ин хел одамон ҳама вақт барои ҷамъият шуда, худро қурбон мекунанд, барои онҳо аз хушбахтии хеш дида, хушбахтии ҷамъият авлотар аст. Онҳо танпарасту мансабпараст, молпараст нестанд.

Суханҳои модар чун хор ба бадани Татяна халад ҳам, вай ҳақ будани ӯро фаҳмида бо сари хам хомӯш буд.

Баъде ки модар гапашро тамом карда хомӯш монд, Татяна каме фикр карду баъд:

– Хайр, акнун ману ту чӣ кор мекунем? – гӯён пурсид.

– Ман ба ту чӣ кор карданатро гуфтам. Ба хонаи худат мегузарӣ ва бо ӯ бемалол ишқварзӣ мекунӣ. Ҳаракат мекунӣ, ки ҳарчӣ бештар аз ӯ ва вазифааш истифода барӣ. Ва агар аз ҳад гузаронӣ, маҷбур мекунӣ, ки ӯ низ аз оилааш ту барин ҷудо шуда бо ту хонадор шавад. Фарзанддор мешавед, он тарафаш худаш маълум шуда рафтан мегирад. Ба шарте, ки байни шумо хунукие пайдо нашавад, – ҷавоб дод модар.

Татяна, ки ҳақ будани модарро медонист, рӯзи дигар ба суд ариза навишт, ки никоҳашонро бекор кунанд. Баъди чанде суд никоҳи онҳоро бекор кард.

Татяна тамоман зани озод шуд. Соҳибов, ки аз рӯзи аввал инро чашмдор буд, аз зарбаи ба Светозаров задааш шод шуд.

Вақте ки баъди мурофиаи суд, Соҳибов Татянаро бо тантана ба мошинаш шинонда аз назди Бориси сархам мегузашт, худро ғолиб ҳисоб мекард. Он рӯз то нисфи шаб

дар хонаи модари Таня Серафима-хола Соҳибови ҳавобаланду мағрурро ба Борис муқоиса карда ба хулосае омад, ки ӯ бо Татяна дер алоқа намекунаду имрӯз не, фардо агар зани зеботару таннозтари дигареро ёбад, аз баҳри Татяна мегузарад. Борис барин не, ӯ бозингар асту зуд як мақом ба дилаш мезанад, – аз дил гузаронд Серафимахолаи дунёдида. Пешгӯиҳои пайғамбаронаи Егор Иванович Светозарову Серафима-хола чанде нагузашта ба вуқӯъ омад. Дунё барои Татянаву Соҳибов ранги дигар гирифт.

Гап дар он буд, ки баъди аз кор гирифтани падарарӯсаш Абдулло Холматов, Соҳибов, ки ба духтари ӯ Сабоҳат бо маслиҳати падараш хонадор шуда буд, ӯро дӯст намедошт, ҷудо шуда бо Татяна зиндагӣ мекардагӣ шуд.

Сабоҳат аз ин муносибати шавҳараш нисбати ӯ ва фарзандонаш ба ғазаб омада, аз болои ӯ ба Кумитаи Марказии Партияи Коммунисти Тоҷикистон (КМ ПК) шикоят навишт. Аризаи Сабоҳат Холматоваро тафтиш карда Соҳибовро аз вазифаи муовини вазир озод карданд. Ба ӯ ҷазои ҳизбӣ доданд. Ӯро дар яке аз мактабҳои шаҳр директор таъин карданд. Баъди ин воқеа Соҳибов бисёр дилшикастаю ғамгин шуда сабабгори асосии ин мусибаташ Татянаро медонист. Татяна баъди аз Борис ҷудо шуданаш аз Соҳибов талаб мекардагӣ шуд, ки аз оилааш ҷудо шуда ӯро ба никоҳаш дарорад.

– Маъшуқаи пинҳонии ту шуда гаштан ба дилам зад. Ман шабу рӯз роҳи туро мепоям. Ту бошӣ кайе, ки дилат хоҳад пайдо мешавӣ ё ки тамоман намеоӣ. Ту маро аз хонаю дарам ҷудо кардӣ. Агар дар ҳақиқат ҳам маро дӯст дорӣ, аз оилаат ҷудо шуда, маро ба никоҳат дарор. Ман мехоҳам, ки бо ту дар кӯчаҳои шаҳр, мисли дигар зану шавҳарони ҳақиқӣ сайругашт кунам, ба киною театр равам. Дар тӯю маъракаҳо иштирок намоям, – мегуфт Татяна.

Соҳибов ба ҳар баҳона беҳудаю баҳуда бо Сабоҳат ҷангу ҷидол мебардошт, ӯро дашном дода, ҳатто ба сараш мушт мебардоштагӣ шуд. Инро ӯ барои он мекард, ки Сабоҳат аз ӯ дилхунук шуда, ҷудо шаваду ҷонаш халос шавад. Шояд бо ягон «виговор» халос шаваму даврамро ба хушию хурсандӣ гузаронам. То ба кай ман бандаи ҳалқабардӯши Холматовҳо мешавам?! – аз дил мегузаронд Соҳибов.

Вале тираш хок хӯрду ӯ аз вазифаю ҷой монда вигово-ри қатъии ҳизбӣ гирифт. Директори як мактаб шуда да-маш ба дарун зад. Вай бисёри вақтҳо ба хонаи Таня масту аласт ва нисфҳои шаб меомад, вақте ки Татяна ӯро коҳиш кунад, дағалӣ мекард.

Як рӯз Соҳибов чунон масти бехабар ба хона омад, ки аз дари хона даромадан замон, калавида дар даромадгоҳ афтида дароз кашид. Татяна ӯро базӯр ба хона кашола карда даровард. Аз кисаи Соҳибов чизи вазнине ба болои пои Татяна заду вай «воҳ!» – гӯён ба зери пои зарбхӯрдааш нигариста, як чизи латтапечеро дид. Вай Соҳибовро ба рӯи диван хобонда баъд рафта чизи латта-печро аз замин бардошту латтаашро кушода ранги рӯяш канд. Аз даруни латта таппончаи равғанолуди тамғаи «ТТ» баромад. Татяна як ба таппончаю як ба соҳиби масту аласти аллакай хобаш бурда нигариста, саросема шуд. Намедонист, ки чӣ кор кунад. Дастонаш меларзиду қуввати бардоштани таппончаро ҳам надошт.

Вай базӯр худро ба даст гирифта, таппончаро ин сӯ – он сӯ гардонда тарсид. Тирдон бе тир буд.

– Ин лаънатӣ таппончаро аз куҷо гирифта бошад? Ӯ таппончаро чӣ кор мекарда бошад? Чаро тирдони таппон-ча бе тир? Наход, ки ӯ касеро парронда, тирҳояшро тамом карда бошад? Охир вай беҳуда чанд рӯз пеш «Ман қанчиқи Сабоҳатро мепарронам» нагуфта будааст. Наход, ки ин разил дар ҳақиқат ҳам занашро парронда бошад? Он гоҳ ӯро суд мекунанду ман чӣ мекунам? – гӯён ба худ саволҳои беҷавоб медод.

Баъди фикру андешаи бисёр Татяна таппончаро ба лат-таи худаш печонда, бурда зери ташноби хонааш гузошта аз паси он латта-путтаҳои бисёреро тиқонду онро пинҳон кард. «Пагоҳ ҳамааш маълум мешавад, бедор, ки шуд аз ӯ ҳама чизро фаҳмида мегирам», – гӯён либосҳои Умарро кашида ба болояш як кампалро партофт. Баъд худаш ба хонаи хобаш даромад.

Пагоҳии рӯзи дигар Соҳибов аз ҷояш хеста, кисаҳояшро чапаю роста карда чизеро кофта наёфту ба Татяна, ки ба ҳаракатҳои ӯ назорат мекард. нигариста:

– Ту аз кисаи ман ягон чизро нагирифтӣ? – гуфта пур-сид.

– Не, – худро ҳайрон нишон дода гуфт Татяна ва:

– Вай чӣ будааст, ки ман мегирифтам? Чӣ, ба ман ягон тӯҳфа оварда будед? – гӯён бо ишваю нози сохта пурсид.

Соҳибов чизе ҷавоб надода, саросема шуда таги мизу кат ва тамоми ҷойҳои ба фикраш афтида мондани чизи гумкардаашро кофта наёфту худ ба худ «ин сабилмондаро ман дар куҷо монда ё афтонда бошам», – гӯён ба Таня чизеро нагуфтаю нафаҳмонда, саросема либосҳояшро пӯшида, аз хона баромада рафт.

Аз ин рафтори Соҳибов Татяна дар ҳайрат монд. Дилаш сиёҳ шуд.

– Ин хонасӯхта ягон кор кардагӣ барин. Охир пеш мор барин ба ман печида хушомад мезаду имрӯз ба ӯ чӣ бало шуда бошад, ки аз ман сир медуздонад? Ё дар ҳақиқат ҳам вай Сабоҳатро кушта, акнун таппончаашро мекобаду намехоҳад, ки ин ҷиноятаашро ба ман гӯяд? – гӯён ба фикр фурӯ рафту нохост чеҳрааш кушода шуд.

«Канӣ, биё, ба дӯсти ҷудонашавандааш Яҳёев як занг зада бинам, албатта, вай аз ҳама кор бохабар» – гӯён гӯшаки телефонро бардошта ба Яҳёев занг зад.

– Яҳёев шуморо гӯш мекунад, – овоз омад аз он сӯйи телефон.

– Карим Яҳёевич, ман Таня. Корҳоятон чӣ тавр? Саломатии худатону аҳли оилаатон чӣ тавр? – гӯён пурсида ҷавоб гирифту баъд аз Яҳёев пурсид:

– Мебахшеду дирӯз шумо бо Умар Қамарович-ку ҳамроҳ набудед?

Вақте ки ҷавоби Яҳёевро, ки «ҳа, мо то бевақтии шаб дар хонаи як рафиқамон будем», гуфт, Таня боз савол дод.

– Умар шаб масту аласт омаду пагоҳӣ ҳама ҷоро тагурӯ карда чизеро кофта, ба ман ҳатто гап назада баромада рафт. Шумо намедонед, ки ба ӯ чӣ шуда бошад? Чӣ мекобад? Ранги рӯяш ҳам бисёр кандагӣ.

– Шаб ҳама тинҷ буд. Хурсанду хандон буд, ягон ташвише надошт. Мо ӯро ба хонаатон бурда мондем. Аз назди дар гаштем. Дигарашро намедонам, – гуфта буд, ки Таня боз ҳам ҳайронтар шуда:

– Мебахшед, мабодо бо Сабоҳату бачаҳояш ягон чиз харида бошаду онро гум карда, аз ман паноҳ доштагист, – гӯён маккорона фаҳмиданӣ шуд, ки Яҳёев дар бораи оилаи ӯ чӣ медонад.

– Сабоҳат корашро кард, Умар ба ӯ дигар сарукор ҳам надораду дар бораи онҳо фикр ҳам намекунад. Фақат дар даҳонаш таърифи шумо, – гуфта буд, ки Татяна каме ором гирифта:

– Хайр, мебахшед, ман шуморо ташвиш додам, – гӯён узрхоҳона хайрухуш карда гӯшакро ба ҷояш монд.

Рӯзи истироҳат буд. Татяна баъди бо Яҳёев гап задан каме ором шуда, ба ҷомашӯӣ машғул шуд. Қарибиҳои соати 15 Соҳибов шалпару бемадор ба хона баргашта, либосҳояшро кашида либосҳои хонагиашро пӯшиду хӯрок пурсид.

Татяна зуд дастархон ороста, шӯрбои бо гӯшти гӯсфанд пухтаашро бо чанд самбӯсаи варақину чойю нон оварда ба назди ӯ гузошт.

Соҳибов, ки гурусна буд, сарашро аз коса набардошта ба хӯрдан сар кард.

Татяна ба ӯ халал нарасонид, то хӯрок хӯрдану чой нӯшиданаш хомӯш нишаст. Баъди дастархонро ғундоштан аз ӯ пурсид:

– Умарҷон, ба ту чӣ шуд? Аз ман-ку сирри пинҳон надоштӣ?! Чаро имрӯз ба саволҳоям ҷавоб надода, ҳамаи хонаро чапаю роста карда кофтӣ? Чизе нагуфта баромада рафтӣ. Ман аз ин рафтори ту ниҳоят дар ташвиш монда худамро бад ҳис мекунам. Ягон чизат гум шуда, маро гумонбар набошӣ, магар?

Соҳибов, ки аллакай нисфи рӯз ҳама ҷоро гаштаю таппончаи гумкардаашро наёфта, умедашро аз он канда буд, оромона рафта як даста пулро аз кисаи костюмаш оварда ба назди Татяна гузошт.

– Дина маош гирифта дар идора мондаам. Онро гум кардам, гуфта ҳама ҷоро кофта наёфтам. Барои ҳамин ба ту чизе нагуфта ба ҷустуҷӯи пул шудам, – гӯён хеста, Таняро оғӯш карда бӯсид Соҳибов.

Таня бошад, гӯё ки ба гапи ӯ бовар карда бошад, оҳи сабуке кашиду:

– Барои чор сӯм пул шуда одам худашро ба ҳамин ҳол андохта дигаронро гурдакаф мекунад-мӣ? Боз ман ягон чизи тиллоӣ харида гум кардаӣ, – гӯён гумон кардам. Вай ҳис кард, ки Умар ҳеҷ гоҳ ба ӯ дар бораи таппонча доштану онро гум карданаш чизе намегӯяд.

«Аз афташ ин ягон сабаб ҳам доштагист», – аз дил гу-

заронд Таня. Ҳамин тавр, таппонча дар дасти Татяна монду вай қарор дод, ки агар то худи Соҳибов дар бораи он гап накушояд, ӯ ин таппончаро гардонда надиҳад. Бо ҳамин мехост, ки Соҳибовро аз содир кардани куштори занаш, ки вай борҳо инро гуфта, таҳдид карда буд, нигоҳ дорад.

Бечораи Татяна аз куҷо медонист, ки ин таппонча рӯзе ба сари ҳам худашу ҳам Соҳибов балои азиме меорад.

Умар Соҳибов баъди аз кор рафтанашу аз оилаю фарзандонаш ҷудо шудан аз зиндагию кор дилаш хунук шуда, рӯзашро бо майнӯшию занакбозӣ мегузаронд. Барои ин пулҳои аз падараш ба ӯ монда имконият медод. Ӯ аз Татяна ҳам дилхунук шуда, роҳи халосиро меҷуст. Нисбати Татяна чунин ақида дошт:

Аз Светозаров, ки қасос гирифтам, занашро аз ӯ баровардаму як сол зиёд шуд, ки бо ӯ зиндагӣ мекунам, лекин мақсад ин набуд-ку! Ҳоло ман он қадар пир нашудаам. Бо пулу моле, ки дорам, ҳоло боз як духтари бикрро ҳам гирам, мешавад. Чӣ лозим, ки ман умрамро бо пасмондаи Светозаров гузаронам?

Вай дилхунукиашро ба Татяна ошкор накунад ҳам, лекин баҳона меҷуст, ки худи Татяна аз ӯ дилхунук шаваду дигар аз пасаш нагардад. Вале ягон баҳонае наёфта, ҳайрон буд, ки чӣ кор кунад. Воқеае рӯй доду масъала худ ба худ ҳал шуд.

Як рӯз Татяна ба ӯ гуфт, ки чандрӯза ӯро ба вилояти Ленинобод ба сафари хизматӣ роҳӣ мекунанд.

Умар кай ба сафар баромадану омадани Татянаро аниқ карду баъди рафтани ӯ як муаллимаи зебои ҷавонеро, ки дар мактабаш кор мекард, ба гап даровароа ба хонааш овард ва хост, ки дар набудани ӯ маишат кунад. Чанд рӯзро бо муаллима гузаронид. Дар рӯзи охирине, ки бояд Татяна аз сафар меомад, боз муаллимаро ба хонааш таклиф кард. Шабро бофароғат гузарониданду пагоҳӣ дар хоб монданд.

Нохост дари хона кушода шуда, Татяна даромада духтарро дар оғӯши Соҳибов дида, ҳуш аз сараш парид.

Умару духтарак якдигарро дар оғӯш гирифта масти хоб буданд. Татяна онҳоро дида чунон ба қаҳру ғазаб омад, ки гӯё дунё ба сараш чаппа шуда бошад. Вай курсии дар наздаш бударо бардошта:

– Ҳой фосиқҳо! Лаънатиҳо! – гӯён ба сари Умару духтарак фаровард, ки онҳо аз зарбаи сахт ва овози пурдаҳшати Таня тарсида ҳарду додгӯён бо тани урён аз ҷойгаҳ худро ба замин партофтанд.

Татяна боз бо курсии як пояаш шикаста ба тахтапушти духтарак фароварда буд, ки вай «вой очаҷон, мурдам» гӯён хеста ба хонаи дигар гурехт. Вақте ки Татяна боз курсиро бардошта хост, ки онро ба сари Умар занад, вай аллакай ба по рост шуда худро ба даст гирифта буд, аз пояи курсии Таня, ки ба сараш ӯ заданӣ буд, дошт.

– Ҳа, хонум, худаш чӣ гап? Ту чӣ ин қадар валвала бардоштӣ? Худи ту кистӣ ва ба ман кию чӣ мешавӣ, ки ману меҳмони маро мезанӣ? Ман туро барои шавҳари аблаҳат Светозаров шуда, ба ин хона роҳ додам. Вай падари маро ҳабс карда буд. Ман аз ӯ ба воситаи ту қасосамро гирифтам. Ҳоло бошад, ту ба ман даркор нестӣ. Калидҳои хонаро мону зуд аз хонаи ман дафъ шав! Дар ин ҷо ман дигар ранги рӯятро набинам. Набошад зада ҳозир абгорат мекунаму як сол пою дасти шикастаатро табобат мекунӣ, – гӯён Татянаро тела зада-тела зада аз дари хона бароварду аз пасаш дарро қулф кард. Татяна чӣ тавр ба ҳавлӣ баромаданашро надонист. Ҳатто ӯ ҳамсояҳоро, ки бо кӯдакони дӯстрӯяшон дар ҳавлӣ машғули бозӣ буданд, ӯро дида, салом доданд, намедид. Ҳамсояҳо бошанд, Татянае, ки доимо онҳоро дида боодобона саломуалейк мекарду аз ҳолу аҳволашон мепурсид, кӯдаконашонро бо конфетҳои қимматбаҳо зиёфат мекард, аҳамият надода, аз наздашон гузаштаро дида, ҳайрон шуданд. Онҳо бо тааҷҷуб ба якдигар нигаристанд. Охир аз куҷо медонистанд, ки дили Татяна чӣ туғён дораду бо ӯ чӣ рӯй додааст. Ҳатто дидагони ашкбори ӯро надиданд.

Татяна чӣ тавр ба кӯча баромада, ба кадом сӯ рафтанашро ҳам намедонист. Вай ҳатто роҳгузарҳое, ки зани зебои чун одамони маст калавида рафта истодаро бо дидагони пури ашк дида, аз роҳравӣ боз меистоданду аз қафояш бо ҳайрат менигаристанд, намедид. Роҳ мерафту дар хаёлаш воқеаҳои дар чанд соли охир рӯйдода мисли лентаи кино пайдо мегашт. Аввал воқеаҳои чи тавр дар бӯстонсаро ба ӯ доруи беҳушӣ дода, ҳамхоба шудани Соҳибов, баъди ин ба худкушӣ даст заданаш, аз кӯдак ҷудо шуданаш, дубора Соҳибов дар хонаи Ороста доруи беҳушӣ дода бо ӯ ҳамхоба

шуданаш, аз шавҳари дӯстдоштааш Борис ҷудо шуданаш ва оқибат бо зани дигар дар вақти хиёнаташон дастгир карданни Соҳибову ӯро таҳқир карда аз хона бароварда пеш карданашро ба ёд меоварду аз аламу дард мегирист.

– Ин лаънатиро мекушам. Ягона илоҷи таскини дарди ман марги туст, Умар! – гӯён худ ба худ гап мезад Татяна.

Вай бо ҳамин фикру хаёлҳо чи тавр ба назди бозори Шоҳмансур расиданашро ҳам надониста монд.

Ӯро аз ин ҳолати ноҳинҷор овози баланди:

– Ҳой, оимча! Таня, Татяна! – ба худ овард, ки касе аз пасаш ҷеғ мезад. Вай аз роҳгардӣ бозистода, ба қафояш нигарист. Дид, ки Ороста бо як духтараки руси сурхию сафедазада аз қафояш меоянд. Онҳо ба ӯ расида гирифта Ороста бо гилаю ҷингила:

– Ҳа, Таняҷон! Назарат ҳам намегирад-а?! Аз наздамон гузаштию ҳатто саломи худоҷониро ҳам фаромӯш кардӣ, – гуфту баъд чашмони пуроби Татянаро дида, ӯро ба як гӯшаи хилваттаре бурд. Худаш чӣ гап? Чаро ин қадар ранги рӯят кандагӣ? Чашмонат пури об? Ба ту чӣ шуд, хоҳаракам? Кӣ туро ба ин ҳол овард? – гӯён Татянаро саволборон кард.

Татяна каме ба худ омада, Оростаю духтараки ҳамроҳашро акнун шинохта, оби чашмонашро бо рӯймолчааш покиза кард.

– Апаҷон, напурсед, напурсед. Маро, маро ба замин заданд. Ба хоки сиёҳ яксон карданд, ба рӯям туф карданд… – гуфта боз гиря гулӯгираш карду аз чашмони суп-сурх шудааш боз мавҷи ашк ҷӯш зада баромад.

Ороста, ки аз суханони пур аз сӯзу гудози Татяна чизеро нафаҳмида буд, ҳайрон-ҳайрон ба ӯ нигарист.

– Кӣ туро зад? Кӣ туро ба хок яксон кард? Кӣ ба рӯи ту туф кард? – гӯён гуфтаҳои Татянаро такрор кард.

Татяна базӯр худро ба даст гирифта, воқеаи навакак дар хонааш рӯйдодаро нақл карда:

– Мекушам лаънатиро! Агар ин тамоми бисотамро ҳам талаб кунад, мефурӯшаму ӯро мекушам! – гӯён Татяна боз гирист.

Ба ёди Ороста, ки Соҳибоврo бисёр хуб мешинохт, расид, ки чӣ тавр Соҳибов Татянаи зебoро бо фиреб ба хонаи ӯ оварду аз Ороста илтимос кард, ки ба оши ӯ доруи хоб пошад. Сипас Татянаро ҳамхобаи худ карда буд. Ороста

хуб медонист, ки Соҳибов чӣ қадар барои ба даст овардани дили Татяна пулу мол сарф кардаасту шабҳои бедориро рӯз. Вале ҳайрон буд, ки чаро ин мард нисбати ин духтар чунин ваҳшигариро раво дида, бо чунин хорию зорӣ аз хонааш пеш кардааст. «Аҷиб. Ҳам дуздию ҳам зӯрӣ». Ҳам ба хонаи ин занак зани дигарро оварда ишқбозӣ кунию ҳам соҳиби хона, зани дӯстдоштаатро аз хонааш зада пеш кунӣ» – аз дил мегузаронд Ороста.

Ороста баъди андешаи зиёд ба Татяна рӯ овард.

– Ҳе, садқаи як тора мӯят шавад, ин хиштакҳароми малъун! Барои ҳамин занакбози порахӯр шуда, ту оби дида мерезию худатро обу адо мекунӣ! Охир вай аз куҷо донад, ки ба ҳар тора мӯи ту сад ҷавонмард овезон мешавад. Як нигоҳи чашмони шаҳлои ту бас аст, ки аз думат даҳҳо Соҳибовҳо кашола шаванд. Ту рӯзатро шоҳона гузаронӣ. Агар хоҳӣ, ман ба ту чунон ҷавонмарди зебою серпулро шинос кунам, ки…

Ҳамин тавр, «буз дар ғами ҷону қассоб дар ғами чарбу», гуфтагӣ барин Татяна дар ғами худ буду Ороста бошад аллакай дар ғами он буд, ки чӣ тавр дили ин духтарро ба даст гираду «меҳмонхона»-и касодшудаашро боз аз ҳисоби Татянаву дугонаҳояш обод гардонад. Охир вай зани дала буду хонааш фоҳишахона!

Татяна ба гуфтаҳои Ороста гӯш дода фаҳмид, ки ӯ чӣ мехоҳад.

– Не, не! Холаҷон, хонаи шумо ба ман маъқул не! Дар он ҷо ман бо Соҳибов вохӯрда ба ин рӯзҳо расидам, – гуфту хайрухушкунон аз Оростаю духтараки ҳамроҳаш ҷудо шуда роҳи хонаи модарашро пеш гирифт.

Дар наздикии мағозаи «Олами кӯдакон» овози зане ӯро аз роҳ боздошт.

– Татянаҷон, исто! Ин қадар тез медавӣ? Базӯр ба ту расидам, – гӯён ӯро фарёд мекард.

Татяна ба сӯи овоз нигариста духтараки сурхию сафедизадаи ҳамроҳи Ороста бударо дид, ки нафасгир шуда аз пасаш тохта ӯро садо мекард. Духтарак ба ӯ расид.

– Хайрияте, чунон метозӣ, ки асп барин. Базӯр туро доштам-а! – гуфту хандид. Баъд ба Татяна рӯ оварда:

– Номи ман Зоя. Зоя Ивановна, – гӯён дасташро ба Татяна дароз кард. – Биё, шинос шавем.

– Ман Татяна, Таня! – гуфта Татяна дасти ӯро фишурд.

– Ман аз шиносшавиам бо ту шодам, – гуфт Зоя.

– Ман ҳам, – беэътиноёна ба ӯ нигариста гуфт Татяна.

– Медонӣ чӣ Татянаҷон? Ман суханҳои ба Ороста гуфтаву дарди дил карданатро шунида, дилам ба ту бисёр сӯхт. Дар ҳақиқат ҷазои чунин мардони бевафои ҳаром марг аст. Ту дар вақти гап заданат гуфтӣ, ки «агар ҳамаи давлатам равад ҳам, ман ин бадзотро мекушам». Агар ту инро ҷиддӣ гуфта бошӣ, ман метавонам ба ту барои ёфтани одаме, ки метавонад ин лаънатии Соҳибовро кушад, ёрӣ диҳам. Вай нав аз ҳабсхона баромадаасту барои зиндагиаш пул меҷӯяд. Агар ту розӣ бошӣ, ман ӯро розӣ мекунонам, ки бо се-чор ҳазор сӯм Соҳибовро кушаду қасоси туро бигирад, – гӯён Зоя синчакорона ба Татяна нигарист.

Татяна, ки аз Ороста халос шуда боз дар фикри чӣ гуна аз Соҳибов қасос гирифтан буд, чун дид, ки масъала худ ба худ ҳал мешавад, хурсанд шуда рафт.

– Чӣ, ту ба ростӣ Зояҷон, ҳамин хел одамро меёбӣ? Ту шӯхӣ накарда истодаӣ? – гӯён аз роҳравӣ истода, дасти Зояро дошт.

Зоя, ки худаш низ аз ин «ёрӣ» дасти холӣ баромаданӣ набуду пули калон кор карданашро ҳис карда буд, ранҷидагӣ барин шуда:

– Агар ту шӯхӣ накунӣ. Ман ин хел шӯхиҳоро намефаҳмам. Ба фикрам, одамро куштан ин кори ҳар кас нест. Махсусан ману ту ба ин қодир нестем. Чунки мардҳо аз мо зӯртар буда, агар онҳоро ғафлат наёбӣ ба он коре, ки даст заданӣ, муваффақ нашуда худат қурбон шуданат аз имкон дур нест. Аз ин рӯ, ману ту баринҳо танҳо метавонем, ки ин корро бо дасти дигарон ба ҷо орем. Танҳо мутахассисон ин корро мекунанду ҳам пинҳон шуда метавонанд, ману ту бошем агар ин корро иҷро кунем, худи ҳамон дам ҳам ба даст меафтему дар ҳабсхона пӯсида меравем. Ё гапам нодуруст аст?

Татяна дид, ки Зоя духтари беақл нест. «Вай аз афташ таҷрибаи калони зиндагӣ дорад. Ҳатто он чизҳое, ки ақли ман намерасад, ӯ мефаҳмад. Оқибати корро хуб дарк карда метавонад. Канӣ ӯро санҷам-чӣ?» – гӯён аз дил гузаронду аз Зоя пурсид:

– Ту ин хел одамро аз куҷо меёбӣ?

– Охир ман ба ту гуфтам, ки як шиноси ман нав аз

ҳабсхона баромада, пул кофта гаштааст. Пеш ҳам барои одамкушӣ суд шуда буд. Ҳашт сол шишта баромад. Ман ӯро аз кӯдакиям мешиносам. Мо дар як кӯча калон шудем. Барои вай куштани одам мисли тарбуз куштан аст, –гуфт боҳарорат Зоя.

Татяна инро шунида аз Зоя дилаш пур шуду онҳо ба хараки дар зери сояи чанор буда, ки аз роҳ дур, дар ҷои хилвате меистод, нишаста ба маслиҳат даромаданд. Маслиҳати онҳо дуру дароз давом кард. Оқибат ба хулосае омаданд, ки Зоя марди шиносашро соатҳои ёздаҳ ба назди хонаи Татяна меорад. Татяна он мардро қабул мекунаду ҳаққашро дода ҷойҳои пайдо шудани Соҳибов, инчунин сурат ё худи ӯро аз дур ҳам, ки бошад, ба он мард нишон медиҳад. Ва ба Зоя бошад ҳаққи хизматашро медиҳад. Бо ҳамин маслиҳаташон тамом шуду онҳо аз ҷой хестанд. Қариби раворав Татяна чизе ба ёдаш омаду сумкачаашро кушода аз он ҳамёни чармини дар вақти яке аз сафарҳои хизматӣ харидаашро, ки дар он бисёр чизҳоро ҷой кардан мумкин буд, гирифта аз дарунаш як даста пули биступанҷсӯмаро бароварда баъд шумурда, дусад сӯм ба Зоя доду:

– Зояҷон, ин аз нӯги хамир фатир, – гуфта хандид. – Боқимондаашро баъди анҷоми кор мегирӣ, – гуфту ҳарду хайрухушкунон аз ҳам ҷудо шуданд.

Табъи Татяна чоқ шуда буд. Вай аз он шод буд, ки дар рӯзҳои наздик аз Соҳибов қасос мегирад. Ҳатто фикр кардан ҳам намехост, ки ӯ бо ин амалаш зиндаеро беҷон мегардонаду фарзандони ӯро ятим месозад. Худаш ҳам ба ҳабсхона афтиданаш мумкин. Дар сари ӯ фикри танҳо аз Соҳибов қасос гирифтан буду бас. Дигар фикрҳоро ӯ ба сараш ҷой додан намехост. Мехост, ки яку якбора аз шахсе, ки ӯро бадбахту дар назди дигарон таҳқиру шарманда кардааст, халос шавад. Дар бораи пули ба қотили зархарид медодагиаш парвое ҳам надошт. Дар дасташ панҷ ҳазор сӯме, ки як вақтҳо Соҳибов дар вақти мастиаш дода буд, пинҳон буд. Соҳибов инро фаромӯш карда дар давоми зиндагиашон боре ҳам суроғ накарда буд.

Татяна ҳам ин пулҳоро ба ӯ пас гардониданӣ набуд.

Рӯзи дигар соати расо ёздаҳ Татяна хонаашро хабар гирифту ба кӯча баромада, Зояро бо як марди хирсҷуссаи бадқавоқе дид. Аз чашмони муғулмонандаш хун меборид. Пас аз саломуалейк Зоя онҳоро шиносонд.

– Ана, ҳамон марди ман гуфтагӣ ҳамин кас, – гуфта хандид.

Татяна дасташро ба сӯи мард дароз карда:

– Ман Татяна, – гуфту мард дасти ӯро фишурда бо овози ғавси нофорам:

– Ман «қотили зархарид», – гуфта буд, ки ҳар се хандиданд. Татяна хандида бошад ҳам аз овози нофораму шакли бадвоҳима ва ман «қотили зархарид» – гуфтани мард тарсида дар баданаш мурғак дамид, вале худро бой надода:

– Бубахшед, ман аз шумо чӣ қадар қарздору пулро шумо дар куҷо гирифтаниед? –гуфта пурсид.

Ба ҷои ӯ Зоя ҷавоб дод:

– Нарх нархи охирини маслиҳатамон. Агар пул ҳамроҳатон бошад, бо сурату нишона метавонед ҳозир ба ӯ диҳед, –гуфт. Мард ҳам бо сарҷунбонӣ гапи ӯро тасдиқ кард.

Татяна дид, ки Зоя бо ин мард бисёр қарин аст. Онҳо аз якдигар аз афташ, гапи пинҳонӣ надоранд, бинобар ин онҳоро ба хонааш таклиф кард.

Вақте ки онҳо ба хона даромаданд, Татяна онҳоро ба ошхона даровarда:

– Ман ҳозир, – гӯён беэҳтиётона барои гирифтани пул, ки дар таги ташноб бо ҳамроҳии таппончаи Соҳибов меистод, даромад.

Вақте ки пулҳоро кашида аз зери ташноб мебаровард, таппонча дар вақти кушодани тугунча вазнинӣ карда аз дасти Татяна ба замин афтода тараққос садо баровард. Зоя ва он мард чӣ бало шуд, гӯён ба ташноб даромада таппончаи дасти Татянаро дида, тарсида худро қафо кашиданд. Ҳатто гурехтанӣ шуданд. Инро дида, Татяна ба худ омада хандида фиристод.

– Қотилони зархаридро бинед! Аз дидани таппончаи бетир метарсанду боз мехоҳанд, ки касеро бикушанд, – хандакунон гуфта буд, ки Зоя ва он мард каме ором шуда, боз гашта ба ошхона даромаданд.

Татяна чор ҳазор сӯм ҳисоб карду боқимондаи пулро печонда бо таппонча дар ҷои аввалааш монд. Пулҳоро дар назди марди бадқавоқ монд.

– Марҳамат, чор ҳазор сӯм, метовонед боз ҳисоб кунед, – гуфт.

Мард пулҳоро нашумурда ба киссаи бетаги костюмаш андохту каме фикр карда, баъд бо овози дурушташ гуфт:

– Хонум, агар хоҳед, ки корамро осон кунед, таппончаро ба ман диҳед, ба хаёлам вай ба шумо дигар лозим намешавад.

Татяна каме фикр карда:

– Ҳа, бало ба пасаш, ин дарди сар ба ман чӣ лозим? Агар ба дасти шӯрапушти Соҳибов афтад, гумон аст, ки ман дигар ҷон ба саломат барам. Охир вай ҳатто таппончадориашро ҳам аз ман руст карда буд. Худо медонад, ки онро ба кадом мақсад гирифта мегашт. Вақте ки вай модари фарзандонашро куштанӣ шудааст, пас чаро маро накушад? – гӯён аз хаёл гузарониду таппончаро бароварда ба он мард дод.

Мард таппончаро санҷида:

– Ана ин мол аст. Моли бебаҳо, бо ин як маъшуқи шумо не, даҳҳоро мекушию яке аз онҳо ба ту наздик шуда наметавонанд. Ҳе-ҳе-ҳе, – гӯён гулдурросзанон хандида бо хандааш занҳои ба гапаш гӯшдодаро тарсонд. Баъд ӯ ба Татяна рӯ оварда.

– Тирҳояш канӣ, хонум? – гӯён пурсид.

– Таппонча тир надошт. Инро ман аз киссаи шавҳаршавандаам ёфта пинҳон кардам, – гуфт Таня.

– Хайр, майлаш. Тирашро худам меёбам. Акнун корам осон шуд. Ба хушдорат даст ба гиребон нашуда, ҷонашро ба ҳазрати Абдуҷаббор мефиристам.

Баъд расми Соҳибовро гирифта ҷои кору хонаи кооперативиашро дар коғазчае навишт. Ҳангоми гусел Татяна Зояро дар таги дар дошта, ба дасташ чизеро қапонда:

– Ин ҷо панҷсад сӯм, кам бошад, боз медиҳам.

– Инаш ҳам зиёдатӣ. Раҳмат, – гӯён Зоя аз қафои марди хирсмонанд тез-тез қадам монда рафт.

Баъди се-чор рӯзи ин воқеа тамоми милисаву прокуратураи ҷумҳурӣ ба по хеста буд. Охир шӯхӣ не: дар шаҳре, ки дар як сол ду-се куштор ба қайд гирифта мешуд, яку якбора дар ду-се рӯз се касро бо яроқи оташфишон куштаанд. Ин як афсона менамуд. Касе дар Душанбе чунин ваҳшиёна куштани одамонро дар ёд надошт.

Қотил ба болои куштанаш, ҷабрдидаи аввалаашро, ки зани ҷавоне буда Зоя Ивановна Бирюкова ном дошту дар бемористони Қарияи Боло ёрдамчии тиббӣ шуда кор ме-

кардааст, аввал ба номусаш таҷовуз карда, баъд паррондааст. Пулу чизҳои гаронбаҳояшро бурдааст.

Вақте ки ҳамсояҳо шабона аз овози баланди радио, ки беист кор мекардааст, ба милиса хабар додаанд, онҳо омада дарро шикаста дидаанд, ки Зоя Ивановна бараҳна бо сандуқи синаи пурхун дар назди ҷои хобаш ба пушт афтода, бо чашмони пурҳароси шах шуда мондааш беҷон мехобидааст. Тамоми анҷоми хонааш титу дар ҳар ҷо пахну парешон буд.

Духтурон маълум кардаанд, ки Зоя Ивановна тахминан шаш соат пеш аз ёфт шуданаш бо яроқи оташфишон паррондa шудааст.

Дар ҷои воқеа дар ошхонаи хонаи якҳуҷрагӣ як шишаи холии «арақи русӣ» ва ду дӯлча ёфт шудааст. Дар яке аз дӯлчаҳо изи дасти Зоя Ивановна ва дар дӯлчаи дигар бошад, изи дасти шахси номаълуме пайдо карда буданд. Ҳамин хел изҳо дар дигар асбобу анҷомҳои хона низ ёфт гардиданд. Маълум буд, ки шахси номаълум дар вақти кофтукови ашёҳои Зоя Ивановна изи дасташро мондааст.

Қурбонии дуюм ин марди яҳудии тоҷире буд, ки Мардхаев Борис ном дошта, пештар барои савдои маводи нашъаовар суд шуда, як сол пеш аз тахти назорати милиса халос шуда, боз касби пештараашро давом додааст. Ин дар натиҷаи кофтукови хонааш, ки миқдори зиёди моддаҳои нашъаовар ёфт гардид, маълум шуда буд. Мурдаи Мардхаевро хешу таборонаш, ки ду рӯз пеш аз ин ба Бухоро ба меҳмонӣ рафта аз он ҷо баргашта буданд, ёфта ба милиса хабар доданд. Аз рӯи гуфтаи онҳо, вақте ки ба хона даромадаанд, радио бо тамоми овозаш кор мекардааст. Дарҳои хона ҳама кушода будааст. Вақте ки мурдаро аз назар гузарониданд, дар сандуқи синааш тирро ёфтанд. Аз рӯи гуфтаи хешу таборони Мардхаев аз хона баъзе асбобҳои зару зевари тиллоии занона ва даҳ ҳазор сӯми барои мошин харидан захира кардаи Мардхаев гум шудааст. Гарчанде дар хонаи Мардхаев қариб шаст адад қолинҳои зебои туркманӣ ва молу ашёи дигаре буданд, ҷинояткор ба онҳо даст нарасонидааст. Аз титу парешон ва ба ҳар сӯ партофтани ашёҳо ба хулосае омаданд, ки шояд ҷинояткор нашъаманд будаасту аз Мардхаев нашъа талаб кардааст, вай ба ӯ надодааст ва аз ин рӯ қотил ӯро паррондааст.

Дар ҷои воқеа чунон изи дасти бисёре буд, ки барои

муайян кардани онҳо кормандони милиса маҷбур шуданд аз марҳум сар карда, изи дасти ҳамаи аъзои хонаводаро низ бигиранд, то ин ки аз байни онҳо изи бегонаеро ёфта аз пайи қотил бишаванд.

Духтурон муайян кардаанд, ки Мардхаев тахминан чор-панҷ соат пеш аз пайдо карданаш бо яроқи оташфишон кушта шудааст.

Лекин қурбонии сеюм чӣ тавре, ки коркунони милиса ва прокуратура аз лаҳзаи аввал ба хулоса омада буданд, ба худкушӣ монандӣ дошт.

Ин одам Умар Қамарович Соҳибов буд, ки дар хонаи кооперативиаш, ки дар микрорайони 46-и шаҳр воқеъ буд, дар паси мизи меҳмонқабулкуниаш дар курсие бо сари тирхӯрдааш ёфт шуд. Дар дасташ таппончаи «ТТ» рақами давлатиаш…..соли баромади яроқ бошад 1932 буд. Дар рӯйи миз шишаи нимаи коняки арманӣ ва дар назди он бошад танҳо қадаҳчаи майнӯшии холӣ меистод. Дар ин ҷо бошад «худкушӣ» гуфта, кормандони милиса ва прокуратура ба дида баромадани хона он қадар мароқ зоҳир накарда, хонаро рӯякӣ аз назар гузарониданд. (Ин камбудиашон баъдтар ба кашола шудани кор оварда расонд). Аз рӯи ин ҷиноятҳо се кори ҷиноятӣ кушода тафтишоташро ба муфаттиши прокуратураи шаҳр Ҳусейн Хайруллоев супориданд. Як ҳафтаи дароз кормандони милиса бо Хайруллоев одамони бисёр, хешу табор, ёру дӯстон, ҳамсояҳоро пурсиданд, вале касе дар бораи қотил чизе намедонист ва касе ҳам дар ҳар се ҳолат овози тирро нашунида буд. Аҷоиботи кор дар он буд, ки ҷиноятҳо ҳамаашон нисфирӯзӣ рӯй дода, одамон дар хонаҳояшон набуданд.

Дар картотекаи милиса изи дасти аз ҷойҳои воқеа ёфт шуда ба ҳисоб гирифта нашуда кори онҳоро боз душвортар кард. Лекин баъди як ҳафта, вақте ки экспертизаи баллистикӣ гузарониданд, маълум шуд, ки Бирюковаю Мардхаев ва Умар Соҳибов аз як таппонча парронда шудаанд. Ин таппонча дар дасти мурдаи Умар пайдо шуд. Ҳама хурсанд шуда ба хулосае омаданд,ки Умар Соҳибов Зоя Бирюковаро ба номусаш таҷовуз карда, аз тарси кушодашавии ҷинояташ кушта, барои он ки аз каси дигар гумон баранд, молу амволашро ба чор сӯ ҳаво дода, гуноҳашро ба «ғоратгари» дигар партофтанӣ шудааст.

Ба хонаи Мардхаев бошад, барои нашъа ё кукнор омада

будааст ва вақте ки ӯ нашъафурӯшиашро инкор кардааст, ӯро низ кушта боз дуздиро ташкил кардааст. Баъди ин ҷиноятҳо аз кушодашавии онҳою беобрӯю бадном шуданаш тарсида худро ба қатл расонидааст.

Ба ин хулоса омада муфаттиши прокуратура Ҳусейн Хайруллоев далелҳои кушторро ба назар нагирифта, ҳар се корро ба яктоаш қарор навишта пайваст карду баъд дар бораи қатъ кардани кори ҷоноятӣ қарор баровардa, онро бо розигии ҷонишини прокурори шаҳр ба бойгонии прокуратура супурд.

Мӯҳсин Давронбеков, сардори шӯъбаи тафтишотии прокуратураи Тоҷикистон, марди бисёр пухтакору пуртаҷриба буд. Бисёри кормандони прокуратураи ҷумҳурӣ шогирдони ӯ буданд. Бо чунин устоди пухтакору нуқтасанҷ кор кардан ва кор омӯхтанро шарафи бузурге медонистанд. Як хислати Давронбеков он буд, ки дар вақти тафтиш бурдан ба ҳама пастию баландии кор ба ҳар «ҳа»-ю «не»-и корҳои ҷиноӣ ва далелҳои шайъӣ аҳамияти калон дода, то нуқтаҳои охиринаш гуноҳ ва бегуноҳ будани гунаҳкоронро санҷида мебаромад. Ӯ аз шогирдонаш низ ҳаминро талаб мекард.

«Барои мо кори хурду калон набояд фарқ дошта бошад. Мо набояд ба тақдири одамон рӯякӣ нигоҳ кунему кор барем. Кори мо кори ҷарроҳеро мемонад, ки Худо накарда ба ҷои як узв узви дигареро бурад ва ё корди ҷарроҳиашро дар даруни бемор фаромӯш кунаду ӯро ҳалок созад, монанд аст» мегуфт вай. Нуктаи дӯстдоштаи ӯ аз қонун ин буд, ки «набояд ягон гунаҳкор бе ҷазо монад ва ягон бегуноҳ ба ҷавобгарӣ кашида шавад». Ҳамин буд, ки ягон кори ин марди оқил дар давоми кораш аз судҳо нагаштааcту ҳамаи суду ҳимоятчиҳо ва хусусан гунаҳкороне, ки корашонро ӯ ба суд гузаронидааст, аз ӯ хурсанду розӣ буданд. Вақтҳое мешуд, ки гунаҳкорони ба мӯҳлатҳои дароз судшуда аз ҷойҳои ислоҳотӣ баргашта, барои виҷдони поку меҳрубоние, ки ба онҳо содир кардааст, омада ба ӯ изҳори миннатдорӣ мекарданд.

Қатъ карда шудани кори ҷиноятӣ нисбати Бирюковаю Мардхаев ва Соҳибов Давронбековро ба шубҳа овард. Ӯ корро барои омӯхтан аз прокуратураи шаҳр талаб карда гирифта чанд рӯз бодиққат хонд. Баъд сармуфаттиш оид ба корҳои муҳимтарини прокуратураи ҷумҳурӣ Борис

Светозаровро, ки яке аз беҳтарин муфаттишон ҳисоб мекард, ба наздаш даъват кард.

Вақте ки Борис Светозаров ба наздаш даромад, Давронбеков ба ӯ нигариста:

– Борис Егорович канӣ ба ин ҷо гузашта шинеду ба ман гӯш диҳед, – гӯён курсиеро барои нишастан нишон дод.

Борис Светозаров рӯ ба рӯи ӯ нишаста бо нигоҳи саволомез ба ӯ нигарист.

Давронбеков кори ҷиноии доир ба қатли Бирюкова, Мардхаев ва худкушии Соҳибовро ба даст гирифта:

– Борис Егорович, ба қарибӣ паси ҳам се куштори вазнине бо истифодаи яроқи оташфишон дар шаҳри мо содир шударо ёд доред?

– Ҳа, охир бо ин кор ҳамаро ба по хезонда буданд. Ҳатто ба ҷои қатли Бирюкова ман рафта ҷои воқеаро ҳамроҳи муфаттиши шаҳр Хайруллоев аз назар гузаронда будам.

– Ҳа, бале! Медонед, ҳамон корро Хайруллоеви гуфтагиатон қатъ кардааст. Ман онро талаб карда хондаму рости гап, аз бераҳму бешафқатии баъзе коргаронамон ба ғазаб омадам. Ба болои он ки се нафар аз ҳаёт маҳрум шудаанд, зану фарзанди онҳо дар кӯча монда хешу таборашон хун хӯрда гаштаанд, коргарони мо роҳи осони корро ёфта, ҳамаи далелҳоро ба ҳисоб нагирифта, экспертизаҳои асосиро нагузаронида, корҳои асосии ҷиноятро иҷро накарда, корро хобинадаанд.

Ман имрӯз ба назди прокурори ҷумҳурӣ даромадам, қарори нодурусти онҳоро бекор кардам ва мехоҳам, ки ин корро барои тафтиш бурдан ба шумо супорам, – гӯён кори ҷиноятии дар дасташ бударо ба Борис дароз кард.– Ман дар он ҷо баъзе фикру мулоҳизаҳои худро навиштаам, агар онҳоро истифода барем, ба фикрам бад намешавад. Лекин худатон боз як бори дигар онро пурра ва чуқур хонед. Нақшаи корро кашида ба кор сар кунед, – талаб кард ва боз илова намуд:

– Дар ин кор, ба фикрам, баъзе одамони шиноси шумо ҳам мегузаранд, лекин ман боварӣ дорам, ки ин ба рафти корбарии шумо халал намерасонад, – гӯён Светозаровро ҷавоб дод.

Светозаров ба утоқи кориаш даромаду дигар корҳояшро ҷамъ карда ба даруни сейфаш гузошта хост, ки ба кори ҷиноятии нав ба ӯ додаи Давронбеков шинос ша-

вад. Ба муқоваи кори ҷиноятӣ назар карда чашмаш ба насабу номи шинос афтида ҳайрон шуд.

– Соҳибов Умар Қамарович? – худ ба худ савол дод ӯ. – Наход Соҳибовро куштаанд? – гӯён корро варақ зада ҷои лозимашро 0451 ёфт. Дар он ҷо навишта буданд, ки Соҳибовро бо сари аз зарби тир сӯрох дар хонааш ёфтаанд, ки дар дасташ таппонча ҳам будааст.

– Наход Умар худкушӣ кардааст? – Ҳайрон шуда аз дил гузарониду ба ёдаш воқеаи Татянаро ҳамхонаи худ карданаш омад ва беихтиёр: «Ба саг марги сагона», – гуфту ҳамон лаҳза аз гуфта пушаймон шуд. Ба ёдаш гапҳои навакак гуфтаи Давронбеков расид, ки ман аз кори баъзе кормандони бераҳму шафқати корхонаамон дар ғазаб омадам, ки ба марги дигарону оби чашми сағирамондагон нигоҳ накарда, корро хобонидаанд, – гуфта буд ва пеш аз идорааш баромадан бошад: «дар ин кор баъзе шиносони шумо ҳам мегузаранд, лекин ман боварӣ дорам, ки ин ба рафти корбарии шумо халал намерасонад», – гуфта буд.

– Ана вай чиро дар назар доштааст, – аз дил гузаронд Борис Светозаров аз гуфтааш пушаймон шуда.

Ӯ эҳсосотро ба як сӯ гузошта ба хондани кори ҷиноятӣ сар кард. Баъди пурра хондани он ба хулосае омад, ки Ҳусейн Хайруллоев корро нодуруст ва яктарафа бурда, бисёр ҷойҳои баҳсталаби корро муайян накардааст. Ҳақ ба ҷониби Давронбеков аст.

Вай нақшаи корро пурра тартиб дода бисёр афсӯс хурд, ки хонаи Умар Соҳибовро рӯякӣ аз назар гузаронидаанд ва бо гузашти вақт дигар чизеро муайян карда намешавад.

– Аблаҳҳо, аққалан шишаи коняку қадаҳ ва таппончаро аз назар гузаронида, дар он ҷо изи дасти кӣ монданашро маълум мекарданд, чӣ мешуд?

Борис баъди нақшаи қарор кашидан ба назди Давронбеков даромада, онро ба вай нишон дод.

Давронбеков ба нақшаи кашидаи Светозаров бодиққат шинос шуда:

– Умедам ба шумо, Борис Егорович! Фаромӯш накунед, ки ин обрӯи ману шумо ва прокуратура аст, – гӯён ӯро ҷавоб дод.

Борис Светозаров аз рӯйи нақшаи кашидааш ба кор сар кард. Барои пурзӯр кардани тафтишоти кори ҷиноятии ба Светозаров супурда шуда, гурӯҳи тафтишоти фаврӣ таш-

кил карда шуд, ки дар он сарнозири раёсати кофтукови Вазорати корҳои дохилӣ капитани милиса Умаров, сарнозири шӯъбаи кофтукови раёсати корҳои дохилаи шаҳри Душанбе капитани милиса Собиров ва нозири минтақавии ноҳияи Маркази шаҳри Душанбе Саъдулло Лутфуллоев дохил шуда буданд. Роҳбари гурӯҳ Светозаров таъин шуда буд.

Дар вақти хондани кори ҷиноятӣ Светозаров ба бисёр лаҳзаҳое, ки кормандони милисаю муфаттиши прокуратура Ҳусейн Хайруллоев аҳамият надода буданд, диққати ҷиддӣ медод. Хусусан ӯ аҳамият дода буд, ки дар хонаи Бирюковаю Мардхаев изи дастҳое ёфт шудаанд, ки ба якдигар монандӣ доранд. Аз ин рӯ, ба Умаров супориш дод, ки пеш аз ҳама қарори экспертизаи дактелоскопиро барои муайян кардани идентификатсияи изи дастҳо дактапленкаҳоро бо изи дастони Соҳибову дигарон ба экспертҳо бурда супорида кори онҳоро тезонад.

Ғайр аз ин, Светозаров ба экспертизаҳои тиббӣ ва биологӣ шинос шуда ба хулосае омада буд, ки Бирюковаро касе таҷовуз накарда, балки алоқаи ҷинсии ӯ бо марди номаълум аз рӯи розигии тарафайн ба вуқӯъ омадааст. Чунки мувофиқи экспертизаи судию тиббӣ дар бадани Бирюкова ба ғайр аз захми тир ягон ҷароҳат ва ё кабудие аз зарб ё таъсири ягон ҷисме ёфт нашуда буд. Ғайр аз ин, чи тавре ки экспертизаи биологӣ муайян карда буд, гурӯҳи хуни аз нутфаи аз бадани Бирюкова ёфтшуда ба хуни Умар Соҳибов рост намеомад. Ин маънии онро дошт, ки Бирюкова бо Соҳибов нею бо шахси дигар хуфтухоб кардааст, вале бо кӣ, номаълум мондааст. Аллакай ин ду чиз ба он далолат мекард, ки ба куштани Бирюковаю Мардхаев Соҳибов ягон дахолате надорад, ба шарте ки ӯ бо қотил ҳамфикр набошад.

Ғайр аз ин, дар кори ҷиноятӣ (шояд махсус бошад) оилаи Соҳибову хешу табораш дар бораи тамоку кашидан ва ё накашидан, истеъмол кардани моводи нашъаовар низ пурсида нашуда буданд, зеро ин метавонист иштироки Соҳибовро дар қатли Мардхаев равшан созад.

Аз ин рӯ, Светозаров ба Собиров супурд, ки дар бораи тамоку ва чизҳои нашъовар кашидан ва ё накашидани Соҳибов ва аз хонаи ӯ ягон чиз гум шудан ва ё нашуданаш аҳли оилаи ӯро пурсида биёяд.

Ба Лутфуллоев бошад супориш дод, ки ҳамсояҳо, ҳамкорон ва хешу табори Бирюковаро пурсида боз як бори дигар бо киҳо рафтуо доштан ва аз мардҳо бо кӣ шинос буданашро муайян созад.

Баъди рафтани онҳо Светозаров ба номи вазири корҳои дохила мактуб навишта хоҳиш кард, ки мувофиқи картотекаи мавҷудаашон тафтиш намоянд, ки «оё таппончаи аз хонаи Соҳибов ёфт шудагӣ дар байни яроқҳои гумшуда вуҷуд дорад ё не? Агар вуҷуд дошта бошад, пас ӯ ба кӣ тааллуқ дошта, чӣ хел, кай, дар куҷо гум шудааст?

Чунин номаро ӯ ба раиси Кумитаи бехатарии ҷумҳурӣ низ навишта, ҳардуи ин номаро ба шогирдаш Татяна Миляева дод, ки бурда супорида ҷавобашро биёрад. Рӯзи дигар мувофиқи маслиҳат пагоҳӣ ҳамаи аъзои гурӯҳ ва аз ҷумла Татяна Миляева низ дар назди Светозаров ҷамъ омаданд.

Вақте ки ҳама ҷо ба ҷо нишастанд, Светозаров бо навбат аз онҳо маҳсули кори якрӯзаашонро пурсид.

Умаров аз даруни дипломаташ хулосаи экспертизаи дактелоскопиро бароварда ба Светозаров дароз кард.

Светозаров ба хулоса шинос шуда, охири онро ба овози баланд хонд: «Изи дастҳои аз хонаҳои Бирюковаю Мардхаев ба экспертиза пешниҳод кардашуда ба изи дастони Соҳибов тааллуқ надошта, аз они шахси дигар мебошад. Эксперти калони ОТО-и ВКД-и ҷумҳурӣ М. Барсуков».

– Аз ин маълум мешавад, ки Соҳибов дар хонаи Мардхаеву Бирюкова набудааст, – хулоса баровард Светозаров.

– Ҳа, ҳамин хел барин, – риштаи гапро ба даст гирифта гуфт Собиров. – Ман дирӯз зану фарзанд, ҳамсояҳо ва баъзе хешовандони Соҳибовро пурсидам. Ҳамаи онҳо бо як овоз «Соҳибов дар умраш на сигор мекашиду на ягон чизи нашъовар» гуфтанд онҳо, – гӯён як даста коғазҳоро аз ҷузвдонаш бароварда ба Светозаров дароз кард.

– Ана ҳамин тавр мо гумонбарии нисбати Соҳибовро қисман аз куштори Мардхаеву Бирюкова дониста гирифтем. Лекин аҷоиботи кор дар он аст, ки тирҳое, ки аз бадани ҳамаи қурбониҳо гирифта шудааст, ба таппончаи аз хонаи Соҳибов, дурустараш, аз дасти ӯ ёфт шуда, тааллуқ доранд.

– Аз ин хулосае бармеояд, ки Соҳибовро ҳам шахси Мардхаеву Бирюковаро парронда, куштааст ва барои

пинҳон кардани гуноҳаш худкушии ӯро бофта, таппончаашро ба дасти ӯ гузоштааст. Албатта, ин мулоҳизаи ман аст. Дар асл дигар хел шуданаш низ мумкин аст. Мисол, қотил метавонист бо Соҳибов шарик буда, шояд барои чизе баҳс кардаанду қотил Соҳибовро кушта таппончаро ба дасташ тиққондааст, ки ҳамаи ҷиноятҳоро ба ӯ бор кунад, – гуфта ба аъзои гурӯҳ нигарист Светозарову фикри онҳоро фаҳмиданӣ шуд. Ҳама ба фикри ӯ розӣ буданашонро баён карданд.

Баъди ин масъаларо ҳал кардан, Лутфуллоев аз корҳои дирӯз иҷро кардааш маълумот дода, ҳамаро қоил кард. Вай гапашро чунин сар кард:

– Медонед, ман бо ҳамкорон, ҳамсояҳо ва хешу табори Бирюкова Зоя Ивановна сӯҳбат намуда маълум кардам, ки вай се бор қонунию шартӣ ба шавҳар баромада, вақтҳои охир бо Ороста гуфтанӣ зан рафтуой доштааст. Оростаро ман хуб мешиносам, вай дар назорати шӯъбаи милисаи ноҳияи Марказӣ буда, ҳамчун нигаҳдорандаи фоҳишахона маълум аст ва ҳатто барои ин кораш ҷазо ҳам гирифтааст. Ғайр аз ин, қариб ду-се ҳафта будааст, ки вай бо «Бурят» гуфтанӣ марди қоматбаланди бадшакли хирсмонанде, ки ба муғулҳо монандӣ доштааст, вомехӯрад. Ин мард бисёри вақтҳо дар хонаи ӯ хобухез мекардааст. Дар рӯзи содир шудани ҷиноят низ ӯро бачаи 14-солаи ҳамсоя Виктор Безуглов дар ҳавлии Бирюкова дида будааст, – гӯён Лутфуллоев низ як дастаи калони коғазҳоро ба Светозаров пешниҳод намуд. Ҳама дар бораи гуфтаҳои Лутфулоев ба баҳсу мунозира даромаданд. Ба хулосае омаданд, ки аз рӯйи баёноти шоҳидоне, ки «Бурят»-ро диданд, хостанд, ки фоторобот ташкил бидиҳанд.

Татяна Миляева бошад, ду варақ коғазро ба Светозаров дароз карда:

– Марҳамат, шинос шавед, – гуфту хомӯш монд.

Светозаров коғазҳоро хонда баъд бо мазмуни онҳо рафиқонашро шинос кард.

Дар ҳарду ҷавоби номаҳои ба ВКД ва КБД навиштаи Светозаров қариб ба як мазмун ҷавоб навишта буданд:

«Таппончаи рақами давлатиаш… соли баромадаш 1932 ба муфаттиши раёсати НКВД-и вилояти пештараи Қӯрғонтеппа Икром Ҳотамов тааллуқ дошта, соли 1938 ҳамроҳи соҳибаш гум шудааст. Бо факти бедарак гум шу-

дани Ҳотамов кори кофтуковӣ кушода шуда, он ба сабаби гузаштани вақт, қатъ карда шудааст. Имзо».

– Ана ёбу гиру кобу гард, – гуфт Умаров, ки ба кофтукови одамони бедарак гумшуда сарукор дошт.

– Наход аз соли 1938 то ин дам мардак гум шаваду то ҳол кори ҷиноятӣ оғоз накарда бошанд-а?! – савол дод Умаров.

– Ана, боракалло. Ба ин кор худи шумо кор бурда ҷавобашро омада мегӯед, – табассум карда гуфт Светозаров. Собирову Лутфуллоев бошанд, хонаи Оростаро ноаён бо навбат дар зери назорат гирифта, ба он ҷо кӣ дарою баро карданашро муайян кунанд.

– Агар мабодо марди муғулмонандро бинед, ӯро дошта ба назди биёред. Лекин танҳо баъди расми ӯро дар фоторобот муайян кардан. Барои ҳамин пагоҳ ҳамаи шоҳидҳои асосиро дар шӯъбаи техникӣ-фаврӣ (ОТО) ВКД ҷамъ оварда, аз рӯи баёноти онҳо фоторобот тартиб медиҳему баъд ба кор сар мекунем.

– Татянаро бошад, таъҷилан ба шаҳри Тошканд ва ё Москва роҳӣ мекунем то ки аз рӯи изҳои дактелоскопӣ ба кӣ тааллуқ доштани изҳои дар хонаи Бирюковаю Мардхаев ёфт шударо аз маркази ахборотии Вазоратҳои корҳои дохила муайян карда биёяд. Аз чӣ бошад, ки дили ман гувоҳӣ медиҳад, ки ин «Бурят» ё шахси дигари ба кушторҳо алоқаманд пеш доғи судӣ дорад. Ва ӯ дар Тоҷикистон не, дар дигар ҷо суд шудааст, – хулоса баровард Светозаров.

Ба ғайр аз Татяна ҳама аз пайи иҷрои супоришҳои Светозаров шуданд.

Светозаров бошад, баъди рафтани онҳо ба суроғаи ВКД-и СССР ва Ӯзбекистон нома тайёр карда, дар он ба Миляева ёрӣ доданро хоҳиш мекард.

Баъди дар мошинка чоп шуданашон ба номаҳо имзо гузошта ба Татяна дод. Худи ҳамон бегоҳ Миляева ба Тошканд парид.

Татяна Миляева духтараки қоматбаланди чеҳракушоди зебое буд. Дар курси чоруми факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон таҳсил мекард. Моҳи дуюм буд, ки барои таҷрибаомӯзӣ ба Прокуратураи ҷумҳурӣ омада буд.

Ӯро аз рӯзи аввал ба муфаттиши кордону пуртаҷриба Светозаров вобаста карданд. Шахсони ин корро кардагӣ

ҳатто гумон ҳам надоштанд, ки ин кори онҳо ба дили Светозаров марҳам мешавад.

Вай дарду андӯҳи пештараашро фаромӯш карда ба Татянаи дигар дил мебандад. Рӯзҳои аввали таҷрибагузаронӣ Светозаров ба корҳои худ андармон шуда, ҳатто ба Татяна Миляева аҳамият ҳам надода, корҳои сабукро месупурд.

Вале Миляеваи кунҷкову зирак ӯро бо саволҳои пухтаю хулосаҳои амиқе, ки аз рӯи корҳои ба ӯ супорида мебаровард, Светозаровро маҷбур кард, ки ба ӯ ҷиддӣ машғул шавад. Татяна ба ӯ саводнокӣ ва аз ӯҳдаи кор баромаданашро исбот карда буд, ки Светозаров ба ӯ корҳои ҷиддитар ва ҳалталабро месупурдагӣ шуд.

Миляева аз ӯҳдаи он корҳо баромада, Светозаровро ҳайрон мекард.

Рӯзе онҳо то дергоҳ ба кор машғул шуда, гузаштани вақтро надониста монданд. Вақте аз кор баромаданд, қариб нисфи шаб шуда, ҳаракати нақлиёт дар шаҳр кам шуда буд.

Светозаров инро дида, ба куҷо рафтани Миляеваро пурсид.

– Ман дар шаҳрчаи Калинин зиндагӣ мекунам. Он ҷо меравам, – гуфт.

Светозаров каме фикр карду «Агар ман ӯро гусел кунам, хуб мешудагист», – гӯён аз дил гузарониду инро ба Татяна гуфт.

Татяна аввал нею нестон карду баъди якравии Светозаров розӣ шуд.

Автобусе, ки ба шаҳрчаи Калинин мерафт, то дер наомаду онҳо маҷбур шуданд, ки то Қарияи Боло бо як автобуси роҳгузар савор шаванд. Баъд пиёда-пиёда қарибиҳои нисфи шаб ба хонаи Татяна омаданд.

Татяна Миляева дар хонаи холааш, ки бевазани танҳое будааст, зиндагӣ мекардааст. Падару модараш бошанд бо додару хоҳараш дар ноҳияи Колхозобод зиндагӣ мекардаанд.

Вақте Борис Светозаров Татянаро то дарвозаи хонаашон гусел карда ақиб гаштанӣ шуд, ӯро Татяна ба ҷону ҳолаш намонда:

– Дар ин ними шаб ба куҷо меравед? – гӯён кашолакунон ба хонаашон даровард.

Холаи Татяна Мария Ивановна зани бисёр ҳалиму

меҳрубоне будаасту овози Татянаро шунида ба берун баромаду ӯро бо ҷавони зебое дида:

– Хайрият, ин духтар ҳам ақлаш даромадааст. Охир аввалин бор ӯро бо ҷавоне мебинам, – гӯён шод шуд. Ӯ Борис Светозаровро хушдори Татяна гумон карда, онҳоро ба ҳавлӣ таклиф кард. Ҳавлӣ ниҳоят калон ва пур аз дарахтони мевадор буд, ки дар равшании чароғи барқӣ маълум шуда меистод.

Мария-хола вақте донист, ки Светозаров устоди Татяна асту ӯро танҳо намонад, гуфта гусел кардааст, каме дилгир шуду баъди оне, ки ба саволи ӯ «Шумо оила доред?»

Светозаров ҷовоб дод, ки– Доштаму мо ҷудо шудагӣ, Мария-хола хурсанд шуда:

– Чӣ хубе! Ман қариб ноумед шуда будам. Охир дар чор соли хондану дар хонаи ман зистанаш Татянаро бори аввал бо мард дида, аз дил гузаронидам, ки хайрият ӯ ҳам дар бораи ояндааш фикр мекардааст. Лекин Шуморо «устодам» гуфту тарбузам аз бағал афтид. Лекин боз шумо ҳоло ман зан надорам, гуфтеду дилам шод гашт. Охир Таняҷони ман аз кӣ кам? Ба ҳар қошаш бояд, ки як ҷавон овезон бошад. Вале ин духтарак «Ҳоло барвақт, вақти ин гапҳо не, хола», – гуфта маро дилхунук кардааст.Охир дар синну соли ӯ ман аллакай Олгаю Серёжаҷонамро таваллуд карда будам, – гӯён кампир нафаси чуқур кашида дамашро рост кард.

– Ана онҳоро калон карда парронҷак кардаму як худакам дар ин ҷо мезистам, ки Таняҷон пайдо шуд. Вай аз духтарам кам не. Охир модари ӯ хоҳари хурдии ман мешавад. Шумо дуятон ҳам чунон зебо, ба якдигар мувофиқ, ҳамкасбед. Кош ҳамхона мешудед, – гӯён суханашро тамом карду ҳарду ҷавон аз шарм суп-сурх шуданд.

Светозаров шаб дар хонаи Мария Ивановнаи хушчақчақ меҳмон шуда, рӯзи дигар ҳамроҳи Татяна ба кор омад. Аз ҳамон рӯз сар карда, муносибати Борису Татяна боз ҳам наздиктар шуд. Светозаров аз ғами пештара худро озодтар ҳис карда, бо Татяна унс гирифт. Оҳиста-оҳиста онҳо ба киноию театр ва дигар ҷойҳо мерафтагӣ шуда буданду қариб аз якдигар ҷудоӣ надоштанд.

Ва инак, Светозаров Татянаро ба Тошканд гусел мекард.

Дар вақти гусел:

– Таняҷон, худатро эҳтиёт кун. Шаҳри бегона, боз ягон

гап шуда намонад, – гуфта буд, ки Таня худро ба ӯ ҷафс карда ишвакорона:

– Ҳа, бахилӣ мекунӣ, рашк мебарӣ-а? Набошад худат рав, ман ин ҷо мемонам, – гуфту ҳарду хандида, якдигарро бӯсиданд.

Светозаров Татяна Миляеваро ба Тошканд гусел карда баргашт,ӯро дар ҷои кораш Умаров интизор буд.

Вай Светозаровро дида:

– Қариб буд гашта равам, хайрият ки омадед, – гуфту аз пасаш ба ҳуҷраи кории ӯ даромад. Арз кард, ки бо факти гумшавии Ҳотамов ягон кори ҷиноятӣ оғоз шудану нашуданаш дар шӯъбаи ахборотии Вазорати корҳои дохилию Комитети бехатарии давлатӣ мавҷуд нест.

Ва Светозаров бо ин факт низ кори ҷиноятӣ оғоз кард, нохост саҳнаи рӯ ба рӯ кардани Сафарову Қамар Соҳибов, ки дар вақти бурдани кори «пахта» шуда буд, ба ёдаш омад.

Сафарову Соҳибов ба якдигар часпида, ҳамдигарро муштборон мекарданд. Ногоҳ Соҳибов мушти сахте ба рӯи Сафаров заду чашмаш сип-сиёҳ шуд. Он гоҳ Сафаров ба ӯ рӯ овард: – «Ҳо лаънатие, боз ҳоло ман дар бораи таппонча доштанат нақл накардаам».

Вале он вақт таппонча ёфт нашуда буд. Светозаров инро ба ёд оварда ба Умаров нақл карда гуфт:

–Агар фарз кардем, ки Сафаров рост гуфта бошад, он гоҳ вай бояд он таппончаро шиносад, чӣ мешавад, ки мо ҳабсхонаи Сафаров хоб рафтагиро муайян карда, ӯро пурсида, таппончаро бо чанд таппончаи дигар ба ӯ нишон диҳем. Агар вай шиносад, маълум мешавад, ки ин таппончаи Соҳибов будааст. Дар вақти кор бурдани мо шояд Қамар Соҳибов таппончаро ба писараш Умар дода, онро аз мо паноҳ доштааст. Шояд бо ҳамин баҳона ҷинояти дигар, сабаби гумшавии муфаттиш Ҳотамовро низ муайян кунем.

Умаров бо супориши Светозаров зуд ба маркази ахбороти ВКД рафта дар куҷо будани Сафарову Соҳибовро муайян кард. Маълум шуд, ки ҳарду ҳам дар лагерҳои ислоҳотии шаҳри Душанбе будаанд. Умарову Светозаров хостанд, ки рӯзи дигар баъди тартиб додани фотороботи «Бурят» ба он ҷо раванд.

Рӯзи дигар дар лабороторияи ОТО-и ВКД дар асоси

баёноти шоҳидон шакли муғулмонанди бадафте тартиб дода шуда ин расмро гирифта ба ҳамаи шӯъбаҳои милитсия паҳн намуда супориш доданд, ки агар бо ҳамин шакл одамеро ёбанд, ҳатман дастгир карда, ба Светозаров ё ки Умар Собиров хабар диҳанд. Баъди нисфирӯзӣ Светозарову Умаров ба лагери ислоҳотӣ рафтанд.

Сафаров Светозаровро дида, хурсанд шуд. Ҳолу аҳвол пурсида аз аҳволи падараш пурсон шуд. Баъди пурсуҷӯҳои расмӣ Сафаров мақсади ба ин ҷо омадани онҳоро фаҳмида, гапи пештараашро дар бораи таппонча доштани Соҳибов такрор кард. Вақте ки ӯ дар байни ду таппончаи дигар таппончаи аз хонаи Умар Соҳибов гирифтаашонро нишон дод, Сафаров каме фикр карда:

– Ана ҳаминаш, – гуфт, – вақте ки Соҳибов маст шуда онро ба ман нишон дода буд, ман онро хуб тамошо карда будам. Дар куҷояш ҳатто ҳарфи «И. Х.»-ро ҳам дида будам.

Вақте ки бодиққат таппончаро аз назар гузарониданд, ҳаққонӣ дар дастаи он ду ҳарфи қариб кӯршудаи «И. Х.»-ро ёфтанд.

Рӯзи дигар Соҳибов дар вақти рӯ ба рӯкунӣ бо Сафаров қоил шуд, ки ин таппончаро ба ӯ Шокиров Сафар гуфтанӣ як шиносаш, ки кайҳо мурда рафтааст, соли 1938 тӯҳфа карда буд.

Баъди қоил шуданаш Қамар Соҳибов хеле фикр кард, баъд узрхоҳона аз Светозаров пурсид:

– Мебахшед агар мумкин бошад, намегӯед, ки ин таппончаро Шумо аз куҷо ёфтед, ки баъди 5-6 сол ба ман нишон медиҳед?!

Светозаров фаҳмид, ки Қамар Соҳибов аз марги писараш ҳоло хабар надорад, андешаи бисёре карда баъд ба ёдаш омад, ки ҳоло аз Соҳибов чӣ хел ба дасти писараш афтодани таппончаро напурсидааст. Аз ин рӯ, дигар чизеро пинҳон надошта:

– Инро мо аз дасти Умар гирифтем, – гуфта буд, ки мӯйсафеди Соҳибов:

– Оббое, лаънатие, гуфта будам, ки ба ин таппонча нарас, боз ба сари ман ягон бало меорӣ, гапро гӯш накардааст-дия! – Гуфта афсӯс хӯрд.

Вақте ки Светозаров ба ӯ дар бораи марги фоҷиавии писараш ҳикоят кард, Қамар Соҳибов худро дошта ната-

вониста «Во балам», – гӯён бо овози баланд ба гиря даромад. Ин саҳна дили нишастагонро ба риққат овард. Вале чӣ илоҷ, «банда муранда», гуфтаанд. Вақте аҷал расид, аз дасти касе чизе намеояд.

* * *

Барои дурустии баёноти Қамар Соҳибов, Светозаров дар бораи Сафар Шокиров ба маълумот ҷамъкунӣ сар кард.

Пеш аз ҳама ӯ ба комиссариати ҳарбии ноҳияи Қӯрғонтеппа, ки Сафар Шокировро ба хизмати ҳарбӣ даъват карда, ба ҷанг роҳӣ карда буд, нома навишта ҷавоб гирифт.

Дар ҷавоби комиссари ҳарбӣ чунин омада буд:

«Сафар Шокиров соли 1918 дар ноҳияи Дарбанд таваллуд шуда, соли 1941 аз тарафи комиссариати ҳарбии Қӯрғонтеппа ба ҷанг сафарбар карда шудааст. Соли 1943 дар яке аз муҳорибаҳои назди шаҳри Сталинград беному нишон гаштааст.

Комиссари ҳарбӣ: Кабиров».

Светозаров номаро бодиққат хонда, баъди хеле андеша худ ба худ фикррронӣ мекард:

– «Беному нишон гум шудааст», навиштан осон, вале кӣ ӯро кофтааст? Агар Шокиров зинда бошад-чӣ? Магар кам одамони беному нишон баъди 10-солаҳо боз пайдо шуда ба ҷою маконашон баргаштанд? Не-не! Бо ин ҷавоби хушку холӣ қаноатбахш шудан мумкин не, ман бояд инро пурра ва ҳаматарафа санҷида бароям. Пеш аз ҳама бояд хешу табори Шокировро пайдо кард. Шояд, ки онҳо аз ӯ дараке дошта бошанд. Аввал ба Қӯрғонтеппа ва агар лозим шавад, ба зодгоҳи Шокиров Дарбанд рафта аз ӯ пурсон мешавам. Илова ба ин, дар Қӯрғонтеппа якбора ба кӣ тааллуқ доштани таппончаро маълум мекунам.

Ӯ ин фикру хаёлро аз сар гузаронида гузаштани вақтро надониста монд. Вақти корӣ тамом шуда дар идора ба ғайр аз посбон дигар касе намонда буд.

Борис Светозаров низ ҳуҷҷатҳои болои мизашро ҷамъ карда, ба қутии оҳанин қулф карду бо посбон хайрухуш карда оҳиста-оҳиста ба сӯйи хонаашон раҳсипор шуд.

Рӯзи дигар вай аз роҳбарон иҷозат гирифта ба Қӯрғонтеппа сафар кард.

Дар Қӯрғонтеппа ӯ пеш аз ҳама ба идораи корҳои дохилаи вилоят даромада аз роҳбарони он хоҳиш кард, ки дар бораи ба кӣ тааллуқ доштани таппончаи «ТТ» рақамаш 005620 маълумот диҳанд. То оне, ки ин супоришаш иҷро мешуд, ӯ бо нозири минтақавии милиса ба кофтукови авлодони Сафар Шокиров шурӯъ кард.

Дере нагузашта, яке аз куҳансолони деҳае, ки Шокиров зиндагӣ мекард, дар бораи ӯ чунин маълумот дод: Сафар Шокиров касе надошт, дар хонаи як ҳамдеҳаашон, ки ӯ ҳам аз олам гузаштааст, зиндагӣ мекард. Падару модараш баъди ба водии Вахш муҳоҷир шуданашон аз касалии вараҷа вафот карда, ӯ яккаву танҳо монда буд. Аз ҳамдеҳаҳои Сафар дигар касе ӯро ёд надошт. Ва аз рӯйи гуфтаи ҳамон шоҳид дар ҷойи таваллуди Сафар ҳоло касе зиндагӣ намекардааст.

Умеди Светозаров аз ин маълумоти гирифтааш дар бораи Шокиров басе коста шуда бошад ҳам, вале ӯ ба дигар расонаҳои ахбор умед мебаст.

Дар бораи таппонча бошад дар Идораи милисаи вилоят ба ӯ чунин ҷавоб доданд:

«Таппончаи №005620 тамғаи «ТТ» ба корманди НКВД Икром Ҳотамов тааллуқ дошта, Ҳотамов соли 1938 бедому нишон ғайб задаст. Сардори идора Урмонов».

Светозаров ҷавобро гирифта аз сардори идораи милиса ва прокурори вилоят хоҳиш кард, ки бойгониҳояшонро бодиққат аз назар гузаронида дар бораи беному нишон гум шудани корманди НКВД Ҳотамов маълумоте диҳанд.

Рӯзи дигар дар болои мизи кории Светозаров парвандаи ҷиноӣ нисбати беному нишон гум шудани муфаттиши НКВД-и вилояти Қӯрғонтеппа Икром Ҳотамов бо варақҳои зардшудаю даридааш мехобид.

Борис Светозаров парвандаро варақ ба варақ бодиққат хонда баромаду маълум кард, ки «Икром Ҳотамов дар рӯзи истироҳаташ ба аёдати хешовандонаш аз Қӯрғонтеппа ба шаҳрчаи Уялӣ рафта барнагаштааст». Дар он ҷо низ қайд шуда буд, ки «Ҳотамов дар танаш яроқ дошта» ва дар бораи ҳамон таппончаи «ТТ» маълумотнома дӯхта шуда буд.

Вале аз ҳама маълумоте, ки диққати Светозаровро ба худ кашид ин рӯйхати шахсоне буд, ки дар соли 1937-38

Икром Ҳотамов ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашидааст. Дар он рӯйхат фамилияи Назир Соҳибов ба ӯ шинос намуд.

– Наход ин падари Қамар Соҳибов бошад? – Аз дил гузаронд ӯ. Ва боз ба ёдаш оварда:

– Аз рӯйи нақли падарам соли 1937 падари Соҳибовро, ки трактори колхозро дар ботлоқ ғарқ карда буд, суд карда буданд. Ва чи тавре, ки маълум аст, корро Икром Ҳотамов бурдааст. Наход, ки Қамар Соҳибов қасоси падарро аз Ҳотамов гирифта ӯро нобуд карда бошад?

– Ҳоло гуноҳро ба Сафар Шокиров гардонданист. Инро ҳарчи зудтар маълум кардан зарур, – аз дил гузаронд Борису даст ба телефон бурд. Гӯшаки онро бардошта, чанд рақам гирифта хоҳиш кард, ки ӯро ба прокурори вилояти Қӯрғонтеппа пайваст кунанд. Дере нагузашта, онҳоро пайваст карданд. Борис аз прокурори вилоят хоҳиш кард, ки аз бойгонии суди вилоят корро бо айбдории Назир Соҳибов ба ӯ роҳӣ намоянд.

Баъди ду рӯз ӯ ин корро гирифта дар он баёноти падарашро хонду ба гуфтаҳои падар «Эҳ писарам! Чӣ рӯзҳоеро ба ман ин Соҳибов нишон дод», сарфаҳм рафт.

– Ҳа, Қамар Соҳибов аноӣ набудааст. Вақте ки зӯраш омад, аз падараш рӯй гардонид. Маълум, ки вай барои соф кардани худу писараш аз ягон тӯҳмату бӯҳтон рӯй наметобад.

Сафар Шокиров низ шояд яке аз ҳамин қабил одамоне бошад, ки ба тӯҳмати ин марди бадсиришт гирифтор шудааст. Инро ман бояд аниқ намоям, набошад боз як номи нек доғдор шуданаш мумкин. Лекин чӣ тавр? Бо кадом далел? Инро чӣ тавр исбот кунам? Ҳотамову Шокиров ҳарду беному нишон ғайб зада бошанд, ягон шоҳиде нест, ки дар бораи айбдории Соҳибов гап занад. Чӣ гуна бе далел Соҳибовро айбдор кунам? Танҳо барои он, ки падари ӯро Ҳотамов ҳабс карда бадарға карда буд? Канӣ исботи оне, ки Шокиров нею Соҳибов Ҳотамовро кушта, таппончаашро соҳибӣ кардааст ва ё ман ҳақ дорам, ки яке аз ин ду шахс Ҳотамовро куштааст гӯям? Охир ҷасади Ҳотамов агар кушта бошанд, дар куҷост? Ҳамин тавр Светозаров то нисфи шаб дар бораи муаммои сарбастаи ба ӯ ҳавола кардаи Соҳибов меандешиду чора меҷуст.

Дар охир ӯ ба қароре омад, ки боз дар бораи Ҳотамову

Шокирови бедарак гумшуда маълумот ҷамъ намуда, баъд бо Соҳибов вохӯрад.

Ӯ ба номи Вазири корҳои дохила мактуб навишт. Дар он аз хусуси ҷамъ намудани ахборот дар бораи беному нишон гум шудани Ҳотамову Шокиров, дар куштори Ҳотамов гумонбар донистани маҳбуси дар муассисаи онҳо адои мӯҳлати ҷазояшро гузаронида истода Қамар Соҳибов маълумот дода, аз вазир хоҳиш намуд, ки дар ин бора корҳои тафтишотӣ-ҷустуҷӯӣ гузаронида, инчунин бо маҳбус Соҳибов кор баранд.

Светозаров боз ду номаи дигарро ба номи Комиссариати ҳарбии РСС Тоҷикистон ва Вазорати мудофиаи СССР навишта аз онҳо хоҳиш намуд, ки дар бораи ҷустуҷӯи Сафар Шокирови дар ҷанг беному нишон гумшуда ба ӯ маълумоте диҳанд.

Баъди номаҳоро бори охир аз назар гузаронидан Светозаров онҳоро имзо карда дар лифофа андохта, суроғаҳояшонро навишт. Сипас сигоре даргиронду аз паси миз баромада дар утоқаш ба қадамзанӣ даромад. Баъди чанде чизе ба хаёлаш омаду зуд омада аз ғалладони мизаш бланкае бароварду онро дар мошинка ҷой карда ба чопкунӣ даромад.

Ин хоҳишнома ба маркази ахбори ВКД СССР (ГИТС) дар бораи шахси беному нишон бедаракшуда Сафар Шокиров буд. Светозаров ин манбаи ахборотро низ барои «мабодо» истифода бурданӣ шуд, ки агар мабодо Шокиров зинда бошаду бо ягон гуноҳаш суд шуда бошад, албатта, дар картотекаи ГИТС ҷой мегирад. Баъди иҷрои ин корҳо ӯ ба соаташ нигарист.

– Оҳ-ҳо! Нисфи шаб шудааст-ку! – гӯён як хамёзаи сахте кашиду ҳуҷҷатҳоро ҷо ба ҷо карда, роҳи хонаашро пеш гирифт.

* * *

Баъди даҳ рӯзи номаҳоро роҳӣ кардан пасу пеш аз Комиссариати ҳарбии ҷумҳурӣ ва Вазорати мудофиаи Иттифоқи Шӯравӣ ҷавобномаҳо омад, ки ба ҷавоби навиштаи комиссари ҳарбии ноҳияи Қӯрғонтеппа ҳамранг буд. Танҳо дар номаи аз Вазорати мудофиа омада чанд чизи дигар илова шуда буд:

«Шокиров бедарак гум шуда, барои корнамоиҳояш бо

ордени Шараф дараҷаи 3-юм ва медали «Барои шуҷоат» мукофотонида шудааст.»

Светозаров номаҳоро хонда:

– Ба ҳаминаш ҳам ташаккур, ҳаминаш аниқ, ки Шокиров агар ҷинояткор мебуд, ҷанг накарда роҳашро меёфт, ҳеҷ набошад ба тарафи немисҳо мегузашт. Вай бошад бо ордену медалҳои олии Ватан сарфароз шудааст. Не-не! Чунин одам Ҳотамовро кушта наметавонист ва барои ин асос ҳам надошт. Сағерабачаи камбағал ба корманди НКВД чӣ кор дорад?! Охир падари Шокировро мисли падари Соҳибов бадарға накардаанд-ку! – гӯён таҳлил мекард Светозаров.

Дар ҳини фикррониаш котибаи шӯъба, духтараки чеҳрахандони дӯстрӯй ба ҳуҷраи кории Светозаров даромада салом дод.

– Ана, ба шумо боз як номаи дигар аз Вазорати корҳои дохилаи СССР, – гӯён онро ба Борис дароз кард.

Ӯ лифофаи начандон сабзрангро аз дасти котиба гирифта саросема як ба суроғааш нигаристу зуд як тарафашро даронд, аз даруни лифофа ҳамон илтимосномаи худаш баромад. Дар қафои ҳуҷҷат чунин сатрҳо чоп шуда буданд.

« Идораи ахбороти марказӣ давлатии ВКД СССР ба Шумо хабар медиҳад, ки Шокиров Сафар соли таваллудаш 1918, зодаи ноҳияи Сарбанд Ҷумҳурии Сотсиалистии Тоҷикистон соли 1945, баъди аз асирии лагерҳои Германияи фашистӣ озод шуданаш ба муддати 10 сол аз озодӣ маҳрум карда шуда, ҷазоро дар ҷойҳои ислоҳотии вилояти Кемерово гузаронидааст.» Имзо.

Светозаров ин ахбороти нодирро хонда аз хурсандӣ аз ҷояш парида хеста аз бари рӯи котиба бӯсида, ӯро моту мабҳут намуд. Котиба, ки Светозаровро ҳамчун марди тарбиятдида медонист, аз ин кори ӯ ҳайрон шуда:

– Ҳа, Борис Егорович, чӣ шуд, хатро хонда қаҳрамон шудед? – пурсид табассумкунон.

– Маро барои ин корам бубахшед, – каме сурх шуда гуфт Светозаров. – Лекин аз он чизе, ки Шумо овардед, агар барорашро диҳад, ҳисоб кунед, ки мо боз як ҷиноятеро, ки даҳсолаҳо нокушода хоб буд, мекушоем.

– Ҳа-а, ин тавр гӯед, боз ман гумон кардам, ки маро дӯстдорӣ карданӣ шудед, – ҳазломез гуфт котиба.

– Ин маълумотатон ба даҳ дӯстдорӣ меарзад. Агар маъқул шуда бошад, биёед боз Шуморо бибусам, – гӯён Светозаров хост, ки котибаро бибӯсад, вале ӯ ноз карда, тоб хурду гурехта берун баромад.

Баъди рафтани ӯ Светозаров ҳамон замон воқеаи рӯйдодаро фаромӯш карда, ҳушу ёдаш ба кор шуду ба андешаронӣ даромад:

– Ҳе, бечорае! Ҳам дар лагери фашистӣ азоб кашидаасту боз даҳ сол ҳабсаш кардаанд. Ана акнун адолатро бинед!

Одами барои корнамоияш ба ордену медалҳо мукофотонидашударо барои он ки дар асорат будааст, боз суд кардаанд. Оё ин бемаънигӣ, беадолатӣ нест? Охир дар лагерҳои фашистӣ чӣ тавре, ки дар китобҳою кинофилмҳо менависанду нишон медиҳанд, чӣ азобҳое кашидаанд. Хаёлам, азоби дӯзах ҳам ҳамон қадар будагист. Ба болои ин, боз дар Ватани худ «ту ба асирӣ афтодӣ», гуфта туро боз ба ҳабс гиранду солҳои дуру дароз маҳкум намоянд, ин чӣ бемаънигӣ?

Хайр, шояд дар замони ҷангу баъди ҷанг ин чиз лозим буд, охир бисёр одамоне ёфт мешуданд, ки ба асирӣ афтода ба немисҳо ҳамкорӣ мекарданд, шояд ин Шокиров низ чунин бошад? –аз дил мегузаронид, боз фикрҳои пештараашро инкор карда Светозаров.

– Хайр, ҳар чизе бошад, ман бояд Шокировро ёфта ба ин саволҳояму ба саволҳои дигарам ҷавоб гирам. Муҳимаш он ки вай зинда бошад, ба дигараш Шокирову дигарон ҷавоб диҳанд, – худро осуда мекард Светозаров.

– Агар вай 10 сол гирифта бошад, соли 1953 ба авфи умумии эълоншуда афтида аз ҳабс озод шудагист. Вале барои чӣ то ин дам ӯ ба Ватан барнагаштааст? Чаро аз худ дарак надодааст? Пас ӯ ба куҷо рафта бошад? Шояд ӯ оиладор шуда, дар Русия макон карда бошад. Барои ин худи фардо ман бояд ба вилояти Кемерово рафта ба ҷустуҷӯи Шокиров машғул шавам. Агар ёбам, ҳатман ӯро ба Тоҷикистон гирифта меорам.

* * *

Дар рӯзи даҳуми сафари хизматӣ ба Светозаров муяссар шуд, ки дар бораи Сафар Шокиров маълумоти аниқе

ёбад. Ӯ дар ҳақиқат 8 сол дар маҳбаси шаҳри Кемерово адои ҷазо карда, бо баромадани Қарори авфи умумӣ ҷавоб шуда будааст. Мувофиқи ахбороти охирин дар яке аз хоҷагиҳои ҷангали вилояти Кемерова кор мекардааст.

Светозаров то ин хоҷагӣ аз сабаби набудани роҳ бо вертолёт парида омад. Шокировро баъди ду рӯзи омаданаш аз як бригадаи дурдасти Чӯббурон пайдо кард. Вай марди қавиҳайкал, шонавасеъ буда, пои чапаш каме мелангид. Ба саволҳои Светозаров кӯтоҳакак «ҳа» ва «не» гуфта аввал ҷавоб медод. Лекин баъди он, ки вай аз Тоҷикистон барои дидани Шумо як моҳ боз саргардонам гуфт, чеҳраи Шокиров, ки доимо ғамгин менамуд, кушода шуд.

– Чӣ-чӣ гуфтед? Аз Тоҷикистон, охир ин Ватани ман аст. Ман он ҷо таваллуд шуда камол ёфтаам, – гуфту чеҳраи як лаҳза шукуфонаш аз чӣ бошад, боз ғамгин гашта хомӯш шуд. Ӯ сарашро хам карда дер боз ба хаёл рафт. Шояд давраҳои бачагӣ ва рӯзҳои дар Ватан буданашро аз лавҳи хотир мегузаронд. Хомӯшии тӯлониро Светозаров вайрон кард. Ӯ дид, ки ин марди камгапро агар худаш ба гап надарорад, соатҳо метавонад хомӯш нишинад. Аз ин рӯ, вай ду-се бор сохта сахт-сахт сулфиду баъд ба Шокиров рӯ оварда.

– Акои Сафар! Ман ба Шумо саломи бисёре овардам. Ба Шумо ҳамшираҳоятон ва хусусан Қамар Соҳибов саломи бисёре расониданд.

Сафар аз шунидани номи Қамар як ҷунбиду баъд теғ кашида ба рӯи Светозаров нигарист.

– Маро ба ҷои бародараш ба ҷанг маҷбурӣ роҳӣ карду боз ин Қамар чӣ мехостааст? – гӯён пурсид.

Светозаров зуд фаҳмид, ки Қамар Соҳибов иштибоҳи калоне кардааст. Чунки аз шунидани як номи ӯ Шокиров ба ғазаб омада, дигар шаф-шаф накарда, зуд ба сари мақсад омад.

– Соҳибов мегӯяд, ки ба ӯ Шумо соли 1938 ана ин таппончаро тақдим кардаед, – гӯён Светозаров аз портфелаш расми калони таппончаи «ТТ»-ро нишон дод.

– Чӣ-й? Ман ба ӯ таппонча додам, инаш боз чӣ номаъқулӣ? Ман то ба ҷанг омаданам ба ғайр аз камонғӯлаку таёқи чӯпонӣ яроқеро намедонистаму чӣ тавр ба ӯ таппонча дода будаам? – ба савол бо савол ҷавоб дод

Шокиров.

– Ана инашро ман намедонам, вале Қамар Соҳибов инро дар назди чанд одам ба мо гуфт ва ана ин баёноташ, – гӯён Светозаров барои хондан ба Шокиров баёноти Қамарро пешниҳод кард.

Шокиров баёноти Соҳибовро хонда:

– Уф-ф! Ин лаънатӣ дар ҳамин ҷой ҳам маро ором зистан намонд-е! Дар дари хонаи онҳо ғулом барин кор мекардаму аз онҳо шатта мехӯрдам. Ба ҷои худашон, ҷанг сар шудан баробар ба ҷангам роҳӣ карданд, чанд бор дар ҷанг ярадор шуда, оқибат дар зери хоки тиру тӯп монда асир афтода, азоби гӯрро дидам. Ҳашт сол дар маҳбас будам. Чӣ азобҳое накашидам. Нав чанд сол шуд, ки хонадор шуда, соҳиби зану фарзанд шуда осуда нафас кашам гӯям, аз бом тароша афтидагӣ барин, Шумо бо ин хабари шуматон пайдо шудед. Худоё, ту кай раҳми мани бечораро мехӯрда бошӣ. Дар кӯдакӣ ятимам кардӣ, пеш-пеши пои ҳар касу нокасам кардӣ, дар лагерҳои немису рус дучорам кардию як ҷои бадани ободам намонд, боз чӣ балое ба сарам овардание? – гӯён Шокиров сарашро байни дастонаш гирифта ба замин хам шуда хомӯш монд. Алам гулӯгираш карда буду лекин ғурур ӯро гиристан намемонд. Ӯ оби даҳонашро фурӯ бурда аламашро паст кардани мешуд. Светозаров, ки дилаш ба ҳоли ин мард месӯхт, оҳе кашида ӯро ором гузошта сигарет даргиронду ба ӯ низ дароз кард, Шокиров сигаретро бо дасти ларзон гирифта даргиронду хомӯшона ба сигареткашӣ машғул шуд.

Дуди сигарет ӯро ба худ овард, ӯ ба Светозаров муроҷиат намуд:

– Хайр, акнун чӣ кор мекунем, рафиқ муфаттиш? Чӣ, шумо маро бо тӯҳмати Соҳибов кардагӣ ба ҳабс мегиред?

– Не, шуморо касе ҳабс карданӣ нест. Танҳо ман аз Шумо як хоҳиш дорам.

– Хайр, чӣ хоҳиш?

– Бо ман ба Душанбе рафта бегуноҳиатонро исбот кунед. Ба Соҳибов рӯ ба рӯ шуда дурӯғашро фош мекунед.

Шокиров каме фикр карду баъд:

– Майлаш, ман розӣ, кай меравем?

– Пагоҳ, агар нақшаи дигаре надошта бошед.

– Майлатон, чизе, ки Шумо гӯед, ҳамон хел мекунам. Агар иҷозат диҳед, ман рафта ба сафар тайёр шавам.

– Бисёр хуб. Фардо соати 10-и пагоҳӣ ин ҷо биёед, вертолёт меояду парида ба Кемерово ва аз он ҷо ба Душанбе парида меравем, ҳа, нагуфта намонад, харҷи роҳ аз тарафи давлат мешавад. Шумо зараре намебинед. Илова ба ин, Ватанатонро мебинед. Наход пазмон нашуда бошед?

Шокиров оҳи бадарде кашиду:

– Эҳ ҷавони содда, кӣ аз Ватанаш безор аст? «Хоки Ватан аз тахти Сулаймон беҳтар» мегуфтанд авлодони ман, локин мани бекасу бекӯй ба кӣ даркор? – гӯён тарки Ватан карда дар ин хунукиҳои Сибир умр мегузаронам. Шояд омадани Шумо сабаб шаваду дили ман баъди ба Ватан рафтанам ба он гарм гашта ба он ҷо кӯчам. Оилаам низ аз нақлҳои ман дар бораи Тоҷикистони офтобрӯяи ҳамешабаҳор орзӯи дидани он ҷоро дорад.

– Хайр, чӣ ба Шумо халал мерасонад?

– Ҳеҷ чиз. Фақат як чиз азоб медиҳад, ба куҷо? Ба хонаи кӣ? Ба назди кӣ?

– Охир шарт набудагист, ки Шумо ба хонаи кӣ меравед. Душанбе ниҳоят обод шудааст. Дар он зиёда аз 100 ҳазор одам зиндагӣ мекунад. Аввал дар ҷое иҷора мешинед, баъд хона хариданатон мумкин.

– Ҳа-а, ҳамин тавр-куя, локин ба ин ҷойҳо одат карда боз хор нашавам, метарсам, охир «моргазида аз банди ало метарсад» мегӯянд, – гуфт оҳи бадарде кашида Шокиров. Хомӯшие ба миён омаду баъди чанде ин хомӯширо Шокиров вайрон кард.

– Мебахшед, рафиқ муфаттиш, агар ман рухсатии меҳнатӣ гираму пагоҳ бо зану духтарчаам бо Шумо ҳамроҳӣ кунам, чӣ мегӯед?

Светозаров каме андешиду баъд хандида гуфт:

– Нуран ало нур мешавад. Бо як тир Шумо ду нишон мезанед. Ҳам худатон ба Ватан рафта, ҳам аз даъвои занатон низ озод мешавед.

– Ташаккур ба Шумо! Худоба шукр, ки дар дунё одамони хуб бисёранд, набошад ин дунё зулмобод мегашт.

Баъди ду рӯз аллакай Шокиров бо духтарчаю завҷааш Светлана Ивановна дар кӯчаҳои Душанбе гашту гузор карда бо фахр ба онҳо Ватанашро намоиш медод.

* * *

Вақте ки Қамар Соҳибов аз зинда будани Сафар Шоки-

ров огоҳ шуд, гӯё чизе дар қафаси синааш канда шуда бошад, «оҳ!» – гӯён дилашро қапида ранги рӯяш канду дуру дароз ба худ наомад.

Дар вақти рӯ ба рӯ шудан ӯ ба чашми Сафар нигариста натавонист.

– Ҳа, ман хомӣ карда ба ӯ тӯҳмат задам, таппончаро ӯ ба ман надода буд, – гуфта ӯро сафед кард.

– Ин тавр бошад, ин таппончаро Шумо аз куҷо гирифтед?

Пас Соҳибов «оҳу воҳ» – кунон чунин воқеаро нақл кард:

– Ману хешбачаҳоям Акбар Ҳомидову Сафар, ҷияни Шамсов, сардори ҳамонвақтаи МТС-и Қӯрғонтеппа баҳори соли 1938 дар як рӯзи боду борони сахт аз Душанбе ба Қӯрғонтеппа мерафтем. Торик шуда буду дар равшании чароғ ман нохост ба Икром Ҳотамов монанд одамро дида, аз Сафар, ки ронандаамон буд, хоҳиш кардам, ӯро савор кунад. Ҳотамов дар борон шип-шилтиқ шуда буду ҳатто ба мо нигоҳ ҳам накарда, ба мошин нишаст. Дар роҳ ман, ки ширакайф будам, падару модару бародари хурдиамон Ҳомидбойро бадарға кардани Ҳотамовро ба ёд оварда, хун ба сарам заду вақте ки аз кӯпруки дарёи Вахш мегузаштем, аз Сафар хоҳиш кардам, ки мошинро дар мобайни кӯпрук боздорад. Сафар мошинро манъ карда буд, ки ман ба амбӯри аз ғалладони назди ронанда ёфтагиам ба сари Ҳотамов задам. Ӯ аз ҳуш рафт. Баъд ман ба бачаҳо кӣ будани ин одамро гуфтаму онҳо ба ман ёрӣ доданд, ки Ҳотамовро ба дарё партоям. Пеш аз партофтан ман таппончаашро гирифтам. Оби дарё чунон баланд шуда буд, ки қариб ба кӯпрук мерасид. Дар як он Ҳотамовро ба комаш кашид. Ман Сафару Акбарро тарсонидам, ки дар ин бора ба касе нагӯянд, ки ҳамаашонро мепарронам. Ана ҳамин тавр, ин сир то ин дам пинҳон монд. Таппончаи Ҳотамов қасоси соҳибашро гирифта, писари ман Умарро кушт ва инак, навбати ҷазои ман расид, – гӯён Соҳибов хомӯш шуд.

* * *

Кӣ будани «Бурят» баъди омадани Татяна Миляева маълум шуд. Ӯ Ковалев Василий Валентинович, соли таваллудаш 1940, ҷои таваллудаш шарҳи Улан-Удэ будааст.

Вай бо волидонаш соли 1950 ба Душанбе омадааст. Ҳамон сол ӯро барои куштани як рафиқаш дар Тошканд суд карданду соли 1968 аз ҳабс озод шуда, ба шаҳри Улан-Удэ роҳхат гирифтааст. Мақомоти корҳои дохилаи Ӯзбекистон дар бораи ӯ дигар маълумот надоштанд.

Татяна сурати Ковалёвро бо изи дастонаш, ки дар делои шахсии ӯ маҳфуз будааст, низ гирифта оварда буд. Экспертиза нишон дод, ки изи дастҳои дар хонаи Бирюковаю Мардхаев ёфтшуда изи дасти Ковалёв будааст. Ҳамин тавр, мақомоти милитсия барои кофтукови Ковалёв тамоми қувваашонро сарф мекарданд. Тамоми таҳхонаю болохона, меҳмонхонаю беморхона, вокзали роҳи оҳану аэропорт, автовокзалҳо, хуллас, тамоми ҷойҳое, ки ӯ пайдо шуда метавонист, дар зери назорати милитсия буд.

Дар рӯзи даҳуми кофтуков нохост Ковалёв дар назди хонаи Ороста бо ду духтар пайдо шуду худаш надониста монд, ки чӣ тавр кормандони милитсия пайдо шуда ба дасташ завлон заданд.

Дар вақти тафтиш Ковалёв бо ҳар роҳ мехост, ки «бегуноҳ» буданашро нишон диҳад. Ҳатто ному насабашро ҳам дигар гуфт. Чунки ҳамроҳаш ягон хел ҳуҷҷат надошт. Вай дар назди Светозарову Зокиров пойҳояшро болои ҳам монда бовиқор менишасту аз онҳо талаб мекард, ки ӯро беасос доштаанд, ҷавобаш диҳанд.

Вақте аз ӯ пурсиданд, ки оё ӯ Бирюковаю Мардхаеву Соҳибовро мешиносад ё не? Вай ба онҳо ришханд зада:

– Ман ин ному насабҳоро бори аввал мешунавам, – мегуфт.

Вале ӯ оҳиста-оҳиста фаҳмид, ки дар бораи ин ду ҷавоне, ки ба қавли ӯ «аз дасташон чизе намеояд», гуфта аз дилаш мегузаронд, хатогии калоне кардааст. Онҳо дар дасташон дар бораи ӯ маводҳои бисёре доранд. Ҳатто кай ва дар куҷо таваллуд шудан, падару модараш дар куҷо зиндагӣ кардан, суд шуданашро медонанд. Худро ноpоҳат ҳис кардан гирифт. Ӯ худ ба худ аз дил мегузаронд: – Ин лаънатиҳо гӯё, ки бо ман калон шуда бошанд, ё ки аз паси ман аз кӯдакӣ мепоида бошанд, ҳамаи тарҷумаи ҳоли маро аз худам ҳам хубтар медонанд. Ин маводҳоро аз куҷо гирифта бошанд?

Вақте ки Светозаров:

– Мо Шуморо ба куштани Бирюкова Зоя Ивановна, Мардхаев Борис ва Соҳибов Умар Қамарович гумонбар ҳисоб мекунем, – гуфт, Ковалёв аз ҷояш парида хест.

– Ин дурӯғ! Тӯҳмат! Шумо асос надоред, ки ба гардани ман ин гуноҳҳоро бандед, ман касеро накуштаам ва куштанӣ ҳам нестам. Шумо як бор дар бачагиям беақлӣ карда одамро куштанамро дониста, ин ҷиноятҳоро ба сари ман бор карданиед, – гӯён доду вой бардошт.

Светозаров, ки дар даҳ соли кораш аллакай хислати ҷинояткоронро омӯхта буд, оромона:

– Агар накушта бошед, чаро доду вой мекунед? Дар ҷоятон ба ҳузур нишаста бегуноҳиатонро исбот кардан гиред. Мо бошем ба шумо исбот мекунем, ки шумо қотилед.

Ковалев каме ором шуда, дар ҷояш нишаст. Умед дошт, ки онҳо далеле надоранд. Танҳо ӯро тарсониданианд, аз ин рӯ:

– Хайр фарз кардем, ки гапи шумо дуруст бошад, канӣ далелҳоятон? – гӯён бо тамасхур ба онҳо нигарист.

Светозаров хост, ки як бори дигар устувории Ковалёвро санҷад, барои ҳамин ҳам ба ӯ чунин савол дод:

– Ҳамсояҳои Бирюкова, ҳамкоронаш расми шуморо шинохта бо як овоз мегӯянд, ки шумо ба хонаи Зоя Ивановна рафтуомад доштед. Баъзе шабҳо ҳам дар хонааш мемондед. Шумо ба ин чӣ мегӯед?

Ковалёв дар ҷояш як ҷунбиду лекин худро бой надода:

– Рафиқ начальник, ман бо занҳое, ки хобухез мекунам, ному фамилияашонро намепурсам. Ман ягон хел Бирюкова Зоя Ивановнаро гуфтам-ку, надидааму намешиносам. Дар дунё одамони ба ҳам монанд бисёранд. Шояд ҳамсояҳою ҳамкорони Бирюкова иштибоҳ карда, маро ба касе монанд карда бошанд, – гуфта ҷавоб дод.

Светозаров дид, ки бо Ковалёв бо «хола-хола» кор буд намешавад. Вақташ беҳуда мегузарад, аз далелҳои шайъӣ сар кард.

– Дар хонаҳои Бирюковаю Мардхаев изи ангуштони шумо мондааст, шумо ба ин чӣ мегӯед?

– Шумо одами қизиқ будаед, начальник. Охир ман онҳоро надонам, аз куҷо дар хонаи онҳо изи ангуштони ман мемондааст? – ба саволи Светозаров савол дод Ковалёв.

– Ба шумо хулосаи эксперти дактелоскопӣ пешниҳод

карда мешавад, ки изи дар хонаи Бирюковаю Мардхаев ёфтшуда изи дастони шумост. Шумо ба ин чӣ мегӯед? – гӯён Светозаров ба Ковалёв хулосаи экспертиро нишон дод. Вай дуру дароз ба он шинос шуда фаҳмид, ки дигар ҷои гурез надорад. Аз ин рӯ:

– «Ҳа шумо зӯр баромадед», – гӯён ба гап сар кард:

– Баъди аз ҳабсхона ҷавоб шуданам, се-чор моҳ дар Тошканд гашта, баъд ба Душанбе омадам. Бо ин зани фоҳиша, Бирюкова Зоя Ивановнаи мегуфтагиатон шинос шудам. Дар вақти ба ин ҷо омаданам дар вагони поезд аз як марди ношинос таппонча харидам, тамғаашро намедонам.

Ин зан таппончаамро як рӯз дар вақти маст буданам ёфта бо он бозӣ кардааст, ки тир холӣ шуда худашро паррондааст.

Ман тарсида аз хонааш таппончаро гирифта гурехтам.

Дар роҳ ин яҳудиро вохӯрдаму аз ман пурсид, ки оё ман нашъа намегирам? Ман, ки дар ҳабсхона каму беш ба ин кор машғул будам, розӣ шудам. Ба хонаи ин яҳудӣ чи хеле ки шумо мегӯед, Мардхаев рафтем.

Нархро баланд гирифту ман пулам нарасид. Ҳар қадар илтиҷо кардам, нашъа надод. Он гоҳ ман таппончаро ба ёд оварда онро бароварда ба ӯ таҳдид кардам, ки вай ба ман дарафтоду тир холӣ шуда ӯ дар ҷояш афтид. Ман ин сӯ он сӯро кофта нашъа наёфтаму аз он ҷо баромада рафтам, – гӯён Ковалёв хомӯш шуд.

Светозаров дид, ки Ковалёв дурӯғ гуфта истодааст, лекин хост донад, ки вай то куҷо меравад. Аз ин рӯ боз пурсид:

– Дар бораи паррондани Соҳибов чӣ мегӯед?

– Ман ягон Соҳибовро намедонаму касеро дигар накуштаам. Кушторҳои пештара ҳам ба айби ман содир нашудаанд, – ҷавоб дод Ковалёв.

Он гоҳ намегӯед, ки чӣ тавр таппончаи шумо дар хонаи Соҳибов ёфт шуд?

– Инро ман намедонам. Аз хонаи яҳудӣ баромада аз тарс таппончаро ба як сӯ ҳаво додам. Шояд касе онро ёфта, ин Соҳибови мегуфтагиатонро паррондааст, – гуфт.

Светозаров дид, ки Ковалёвро бо дасти хушку холӣ доштан мумкин нест, боз ба ӯ саволи вазнинтаре дод.

– Шумо мегӯед, ки таппончаро аз вагони поезд аз касе харидед, вале мо маълум кардем, ки таппонча аз они

Соҳибови марҳум будааст. Чӣ тавр ин таппонча ба дасти шумо афтида боз гашта ба хонаи Соҳибов афтидааст ва ӯро бо ин таппонча паррондаанд?

Ковалёв каме фикр карду баъд ба гап даромад:

– Шояд ҳамин Соҳибови мегуфтагиатон таппончаро дар вагон фурӯхту баъд аз паси ман поида гашта, ҳамон рӯз ман таппончаро, ки партофтам, боз гирифта ба хонааш бурду бо сабабе худаш тир хӯрд. Ана, инашро акнун шумо кофта ёбед. Аз худи Соҳибов агар тавонед, пурсед, – заҳрханда карда гуфт Ковалёв.

Светозаров дид, ки Ковалёв одами ба зудӣ «ҷон медодагӣ» несту то далелҳои шайъии дигар наёбад, ӯро қоил кардан душвор аст. Аз ин рӯ, дер шудани вақтро баҳона карда Ковалёвро ба посбон супурд, ки ӯро ба КПЗ гирифта баранд. Баъди баромадани посбону Ковалёв ӯ ба Умарови то ҳол хомӯш буда рӯй овард.

– Дидед, ин падарсӯхта худро чӣ тавр нигоҳ медорад? Хуб медонад, ки мо шоҳид надорему чӣ тавр ки хоҳад воқеаро нақл мекунад. Мо маҷбурем, ки ба ӯ бовар кунем. Аз ин рӯ, дӯстон, бо ҳар роҳ далелҳои шайъии дигар ёфтан лозим аст. Бисёр хуб мешуд, ки мо ҷои хоби ин оворагардро муайян намуда, он ҷоро кофтуков карда ягон чизе меёфтем. Он гоҳ ӯ аз дасти мо халос намехӯрд, – гуфта Светозаров ба хаёл рафт.

Вале зуд ба худ омада ба Умаров рӯй овард:

– Гуфтагӣ барин, ҳамон духтарҳои бо Ковалёв дошта овардагӣ дар куҷоянд, онҳоро кӣ мепурсад?

– Онҳо дар утоқҳои ҳамсоя алоҳида-алоҳида нишаста, мунтазири моянд, – гуфт дар ҷавоб Умаров.

Вақте ки ин духтарҳоро пурсуҷӯ карданд, маълум шуд, ки онҳо як моҳ боз бо Ковалёв шинос буда, ӯ дар хонаи онҳо зиндагӣ мекардааст. Дар ин муддат якҷоя ба тарабхонаю дигар ҷойҳо рафта, ҳатто ба ҳар кадомаш ангуштарини тиллою ба Ороста бошад, барои рӯзҳои аввал ӯро дар хонааш ҷой додан, ҳалқаи тиллоӣ тӯҳфа кардааст.

Вақте ки хонаи ин духтарҳо ва Оростаро кофтанд, дар ҳаммомхонаи онҳо як даста пул, соати тиллоии мардона, шиму костюми нав, чанд куртаи мардона ва бисёр ашёҳои тиллоии занонаю мардона ёфтанд. Ин чизҳоро ба хешу табори Бирюковаю Мардхаев ва Соҳибов нишон доданд, онҳо зуд чизҳои худашонро ва ба қатл шудагон мансубро

шинохтанд.

Хусусан зани Соҳибов Сабоҳат ба кори онҳо ёрии калон дод. Вай соати тиллоӣ, шиму костюм ва куртаҳои шавҳарашро шинохта ҷойҳои нишонадори онҳоро нишон дод.

Баъди нисфи рӯз, вақте ки Ковалёвро барои пурсиш оварданд, ба ӯ дигар ғайр аз иқрор шудан илоҷи дигаре намонда буд. Вай чӣ тавр бо Бирюкова шинос шудан ва дар рӯзҳои аввали пулдориаш ӯро ба тарабхонаю хонаи Ороста бурданашро ва бепул мондану роҳи пулкобӣ ҷустанашро гуфта, сипас ба ҷое омад, ки чӣ тавр Бирюкова ӯро бо Татяна гуфтанӣ зан, ки аз хушдораш қасос гирифтанӣ будааст, шинос кард.

Светозаров номи Татяна ва аз хушдораш қасос гирифтанро шунида, дилаш таҳ зад. «Наход ҳамон завҷаи ман Татяна бошад?» – аз дил гузаронду боз ба гуфтаҳои Ковалёв гӯш дод.

– Татяна дар кӯчаи Беҳзод зиндагӣ мекунад. Дар ҳуҷраи 32, ошёнаи дуюм, – гуфта буд, ки гӯё аз сари Светозаров оби хунук рехта бошанд, баданаш ларзида рафт.

Ӯ базӯр худро ба даст гирифта, ба давоми нақли Ковалёв гӯш мекард.

Ковалев чӣ тавр дар вақти пулгирӣ аз беэҳтиётӣ аз дасти Татяна афтидани таппонча ва аз ӯ гирифтани таппончаро нақл кард.

Светозаров ба обу арақ ғӯтида худро нигоҳ медошт.

Вақте ки барои тақсими пул байни Бирюковаю Ковалёв ҷанҷол хест ва ӯ Ковалёвро ба милиса рафта хабар медиҳам, – гуфтани Бирюкова омад, аллакай Светозаров ба ҳолати аввалааш омада бодиққат ба нақли ӯ, ки дар лентаи магнитофон навишта мешуд, гӯш дод.

– Вақте ки Зоя маро аз милиса тарсонд, ман радиои хонаашро баланд карда ӯро тарсонданӣ шуда, ба тарафаш таппонча рост кардам, нохост тир баромада синаи Зояро сӯрох кард, – гуфта буд, ки сухани ӯро Светозаров бурида савол дод:

– Шумо, ки таппончаро бе тир гирифта будед, тирро аз куҷо ёфтед? – гуфта пурсид.

– Ҳа, гуфтагӣ барин ман шаш тирро ба 500 сӯм аз як аскарбача харидам. Дар назди гарнизони ҳарбии Душанбе. Лекин ӯро бинам ҳам, намешиносам. Маст будам, – гӯён

ҷавоб дод.

Баъд ба гапаш бо ишораи Светозаров давом дод.

– Баъди тир хӯрдани Зоя, ман ҳамаи хонаашро кофта пулу баъзе чизҳои қимматбаҳои дар киса меғунҷидагиашро гирифтаму берун баромадам, нисфи рӯз буд. Ба фикрам, касе ҳам дар хонаю кӯча маро надид. Дурусттараш, ман ҳеҷ касро надидам.

Оҳиста-оҳиста ба кӯчаи Комсомол рафта хостам, ки шустушӯй кунам. Зеро баъзе ҷойҳои куртаам доғи хун доштанду дастонам низ бӯи хун мекард. Ман аз тарс ба Зоя ёрӣ доданӣ шуда баъзе ҷойҳоямро хунолуд карда будам.

Светозаров боз гапи ӯро бурид.

– Дар вақти аз назар гузаронидани Бирюкова аз бадани ӯ нутфа ёфт шуд. Чаро шумо ӯро таҷовуз кардед? – гуфта пурсид.

– Ман? Ман Зояро таҷовуз кардам? Ин гапи беҳуда. Вай худаш касеро мехост, таҷовуз мекард. Пеш аз он воқеа рӯй додан мо бо ҳам наздик шуда будем. Баъди ним соати он вай ба таҳдид баромад, ки ин воқеа рӯй дод, – гуфт дар ҷавоб Ковалёв ва ба ишораи Светозаров боз ба гапаш давом дод. – Баъди аз ҳаммом баромаданам бисёр худро нороҳат ҳис карда ба хонаи Ороста омадам. Дар хонаи ӯ бо ин духтаре, ки имрӯз шумо маро дастгир кардед, вохӯрдам. Шаб дар он ҷо майнӯшӣ карда маишат кардему рӯзи дигар бо духтарҳо маслиҳат кардем, ки дар хонаи Ороста вомехӯрем. Ба онҳо сад сӯм додам, ки баъзе чизҳоро харида биёранд.

Дар кӯчаҳо сарсон гашта дилам бисёр хост, ки каме ҳам бошад аз ягон ҷо нашъа ёбаму табъамро хуш кунам.

Ман пеш аз ин аз Мардхаев чанд бор нашъа, шираи кукнору какаин харида будам. Бинобар ин ба хонаи ӯ раҳсипор шудам. Вай дар хонааш танҳо хоб буд. Радиоприёмникаш баланд садо медод, вай овози маро нашунид. Ба хонааш даромада дар ҳайрат мондам. Ин қадар дар хонааш қолинҳои зебо, молҳои гаронбаҳоро тал зада мехобид.

Ӯро аз хонаи дарунаш пайдо кардам. Аз афташ хуморӣ буд, ки базӯр ӯро ба худ овардам. Маро дида, аввал дашном доду баъд аз хонааш ронданӣ шуд. Ба зорию таваллои ман, ки бо чанд пуле бошад нашъа ё ягон чизи дигарашро мехарам гуфтам, эътиборе надода маро дашном дода, аз

хонааш тела зада пеш кардани̣ мешуд.

Таппонча ба ёдам расиду хостам, ки ӯро тарсонам, вале ӯ ба сари ман чизеро ҳаво дод. Ман ба ӯ тир холӣ кардам. Ӯ афтид. Ман хонаашро кофта , даҳ ҳазор сӯм ва чизҳои тиллоӣ ёфтам. Баъзе чизҳои дигарашро бо ҷойпӯшаш печонда гирифта ба хонаи Ороста омадам ва шабро бо он духтарҳо рӯз кардам. Духтарҳо пулдориамро фаҳмида, маро ба хонаашон таклиф карданд. Ман розӣ шуда чизу чораҳоямро ба хонаи онҳо бурда пулу чизҳои тиллоиро дар ташнобхона руст кардам.

Дар ҳамин вақт ваъдаи ба Татяна кардаам ба ёдам омаду аз рӯи суроғаи додаи ӯ ба хонаи кооперативии Соҳибов, ки аз хонаи ин духтарҳо он қадар дур набуд, раҳсипор шудам. Дар роҳ ба сарам омад, ки чӣ кор карда гуноҳи ду одами куштаамро ба сари Соҳибов занам.

Вай аҷалрасида ҳам аз куҷое нав омада будааст. Ман занг задам, ӯ дарро кушод. Ӯро тела карда ба хонааш даромадам ва аз рӯи нақшаи пештар кашидаам, таппончаро ба пешонааш монда то хонаи дарунаш бурдам. Радиояшро баланд монда ӯро дигар чизе ҳам нагуфта паррондам. Соату баъзе чизҳояшро гирифтаму боз ба хонаи ин духтарҳо омадам ва то рӯзи доштанатон бо онҳо бо навбат хуфтухоб мекардам, – гӯён оҳи вазнине кашида хомӯш шуд.

Светозаров баъзе лаҳзаҳои корро аниқ карду аз Умарову посбон хоҳиш кард, ки Ковалёвро гирифта баранд. Вай бисёр мехост, ки танҳо бошад, фикрҳои гуногун азобаш медоданд.

– Наход Татяна то ин дараҷа расида бошад-а?! Наход ба ғайр аз ӯро куштан дигар роҳе наёфтааст, ки қасос гирифтааст. Пулро аз куҷо ёфта, таппончаро аз куҷо пайдо карда бошад? – худ ба худ саволҳои беҷавоб медод Светозаров. Дар бораи Татяна фикр карда истода гузаштани вақтро ҳам нафаҳмида монд.Овози Татяна Миляева ӯро ба худ овард, ки «Борисҷон, охир ба ту чӣ шуд?» – гӯён ӯро такон медод.

– Ман қариб панҷ дақиқа боз дар ин ҷоям. Ту маро на мешунавию на гӯш мекунӣ.

Борис ба худ омада:

– Ҳа, Танялон, ин ту? Ман ба хаёл рафтам, бубахш, – гӯён ба пешвози Таня хест.

– Охир соат ҳафт шудаасту аз ту дарак нест. Имрӯз ба

кино рафтанӣ будем-ку, – бо ноз гуфт Татяна.

– Ҳа, ҳа, ман ҳозир! – гуфт Борис ва зуд коғазҳояшро аз рӯи миз ҷамъ карда ба сейфаш гузошту ҳардуи онҳо аз бинои прокуратура баромада ба сӯи кинотеатри «Ватан» роҳ пеш гирифтанд.

Рӯзи дигар Светозаров делоҳои нисбати қатли Бирюковаю Мардхаеву Соҳибовро саҳифабандӣ карда дӯхт ва онро бардошта ба назди сардори шӯъбаи тафтишоти прокуратура Давронбеков даромад.

Давронбеков аз пешравии кораш пурсид.

Борис дар бораи ба гуноҳаш иқроршавии Ковалёв сухан ронда дар охири суханаш:

– Мӯҳсин Давронбекович, ман дигар ҳуқуқи ин корро бурдан надорам, – гуфта ба сардораш нигарист.

Давронбеков ҳайрон монда:

– Чаро? – гуфта пурсид.

Светозаров гузориши хаттиашро ба ӯ дароз карда.

– Медонед, ташкилотчии куштори Соҳибов завҷаи аввалаи ман Татяна Морозова будааст. Аз ин рӯ, ман хоҳиш мекунам, ки корро ба дигар кас диҳед, – гӯён аз ҷояш хеста Давронбекови моту мабҳутшударо танҳо монда, аз утоқи кории ӯ баромад.

* * *

Тақдирро бинед, ки дар рӯзҳое, ки дар бинои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мурофиаи судии Ковалёв Василий Валентиновичу Морозова Татяна Павловна ва дигарон мегузашт, дар тарабхонаи меҳмонхонаи номдори «Вахш» тӯйи Светозарову Татяна Миляева бо тантана мегузашт. Ягона фарқи ин тӯйи зангирии Борис Светозаров аз пештарааш дар он буд, ки дар ин тӯй ҷойи Татяна Морозова ва хешу ақрабои ӯро Татяна Миляеваи ҷавону зебо бо хешу таборонаш гирифта буданду халос. Дигар ҳама одамони ба Борис наздику худӣ, хешу табор, падараш Егор Иванович бо хоҳарчааш Лилия, апаҳояш Светланаю Элвира бо шавҳарҳояшон, Анна-холаю дигар ёру дӯстон ҷамъ омада, то нисфи шаб дар зери мусиқии шӯхи рақсӣ месуруданду мерақсиданд. Ҳама шоду хурсанд буданд. Ба ин ду дилдода орзӯю ниятҳои нек мекарданд.

Егор Иванович Светозаров ин дафъа аз сабаби зиёд будани корҳои таъҷилиаш рӯзи дигар аз писару хешовандо-

наш узр хоста ба Астрахан ҳатман рафтанашро арз кард. Ваъда дод, ки вақт ёфта боз дар охирҳои сол омада хабар мегирад. Рухсатии меҳнатиашро бо онҳо мегузаронад. «Гар зиндагист, дида ба дидор мерасад» – гӯён бо онҳо хайрухуш карда Лилияро гирифта ба фурудгоҳ рафт. Ӯро то фурудгоҳ духтаронаш Светланаю Элвира ва Борису келини наваш Татяна гусел карданд. Пеш аз парвоз Светозарови калонӣ писараш Борисро ба гӯшае кашида:

– Писарам, ана дидӣ?! Дар кӯчаи мо ҳам тӯй мешудааст. Дар оянда низ ба ҳаёт бо чашмони кушода нигаристан зарур аст. Ҳаёт пастию баландиҳои зиёде дорад. Танҳо одам бояд наҳаросида роҳи росту дурусти худро ёфта, мардона ба он пеш равад. Беиродаҳо дар ин роҳҳои пасту баланду пурпечутоби зиндагӣ худро гум карда, бисёр овора шуда ҳаёташонро барбод медиҳанд.

Бо мардуми тоҷик наздик шав, нону намакашонро пос дор. Аз дастат ояд, ёрӣ деҳ, ман ҳам нияти боз ба Тоҷикистон баргаштанро дорам. Дили ман доимо ба мардуми оддию меҳрубону меҳмоннавози ин ҷо, заминҳои ҳосилхезу кӯҳу дараҳои ин ватани биҳиштмонанд кашол аст. Бисёр мехоҳам, ки ин ҷо бошам ва охири умрамро дар ин ҷо гузаронида, ин ҷо хок шавам. Охир Тоҷикистон ватани ману шумост. Обу хоки он маро ба сӯи худ мекашад. Ман бо ҳар роҳ ҳаракат мекунам, ки хоҳарчаат Лилияро гирифта ояму боз ба халқу кишвари тоҷик якҷоя хизмат кунем, – гӯён ба сӯи тайёра, ки саворшавӣ ба охир мерасид, шитофт.

Вале афсӯс, ки орзуҳои дар дил мепарваридаи Светозаров ҷомаи амал напӯшиданд. Ӯ дигар Тоҷикистонро, Тоҷикистоне, ки нисфи зиёди ҳаёташро дар он ҷо гузаронида фарзандонро ба камол расонд, меҳнат карда барои ободии он ҷон коҳонд, дида натавонист.

Чанд сол сипарӣ шуд. Рӯзе Борис Светозаров баъди кор ба хона омада, дар рӯи миз хати падарашро дида саросема онро кушод. Охир дер боз онҳо аз падар ягон хату хабар надоштанд. Хатро кушода ба хондан шурӯъ намуду таъби хуши Борис оҳиста-оҳиста хира шудан гирифт. Падар дар хаташ гӯё, ки васият мекарда бошад, навишта буд:

«Борисҷон, писарам! Ман дерест ранҷурам. Бо умеди оне, ки шифо меёбам, шуморо ташвиш надодам. Вале ин дарде, ки ба ман ёр шудааст, аз афташ ғарибгӯрам мекунад.

Табибон ҳар қадаре, ки ҳаракат доранд, дорую дармонашон дигар таъсир намекунад. Дар ин лаҳзаҳои вазнини ҳаётам аз ту чанд чизро хоҳиш мекунам.

Аввалан, хоҳарат Лилияро саробон шаву ӯро баъди сари ман магузор, ки хор шавад. Ҳатман ба зодгоҳаш Душанбе гирифта бар.

Мон бихонад, роҳашро муайян кунад. Ҳеҷ гоҳ аз Тоҷикистон ба ҷои дигар кӯч мабанд ва ба дигар хешу табор низ инро аз номи ман расон. Чунки Тоҷикистон ватани ману шумост. Шумо он ҷо тавлид ёфтед, модаратон дар он ҷо ба хок супорида шудааст. Нону намак, обу ҳавою хоки муқаддаси тоҷиконро пос доред. Онҳоро дӯст доред ва то он даме, ки ҳастед, хизматашонро ба ҷо оред. Мо ба онҳо дар ин солҳои тӯлонӣ ёру дӯсту хешу табор шудаем ва агар онҳо набахшанд, мо дар гӯрамон ҳам ором хоб намехобем.

Ва чизи аз ҳама охирине, ки аз ту мепурсам ва албатта, бояд ту онро ба ҷо орӣ, мабодо агар ман шифо наёбаму насиби обу донам дар ин мулки бароям ҳам азизу ҳам бегона канда шуда бошад, хоҳиш мекунам, ки аз хоки Ватан, аз Тоҷикистони бароям ниҳоят азизу қадрдонам як мушт хок оварда, дар болои қабрам рез, ки бӯи Ватан ба димоғам занаду ором бихобам. Ҳамаатонро гарм оғӯш гирифта мебӯсам.

Падаре, ки аз дилу ҷон шуморо дӯст медорад, Егор Светозаров. 09.01.77 с.»

Баъди чор рӯзи хатро навиштан Егор Иванович Светозаров аз олам гузашт.

Дили бузурге, ки моломоли меҳру муҳаббат нисбати хоки тоҷикону мардумонаш буд, аз задан монд.

Хабари марги падарро шунида Борис Светозаров охирин васияти падарро ба ҷо овард. Дар як халтача каме хоки Ватан, хоки муқаддаси Тоҷикистонро гирифту бо дили пур аз дарду алам ба Астрахан ба дафни падари бузургвораш раҳсипор шуд…

*Июл-октябри соли 1996,*
*шаҳри Душанбе.*

**Нарзулло Тиллозода**

**ХОКИ ВАТАН**

*(Қисса)*

Мусаввир *А. Муҳаммадиев*
Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабанд *М.Саидова*

Ба матбаа 14.10.2008 супурда шуд. Чопаш 16.10.2008 ба имзо расид. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 84х108 1/32. Ҷузъи чопии шартӣ 8,5. Адади нашр 1000 нусха. Супориши № 94.

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018. ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17 «а».

Дар матбааи ҶДММ «Эр-граф» ба табъ расидааст.
734036, ш.Душанбе, кӯчаи Р.Набиев, 218.